891.550
А 366

С. Айнӣ

# МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ

Ravshanfikr.tj

А366

С. Айни

# МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ
# БЕДИЛ

180117

НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН
СТАЛИНОБОД—1954

## МУҚАДДИМА

Бедил шоирест, ки то имрӯз шуҳрати ба худ хосе пайдо карда омадааст. Ӯ дар Осиёи Миёна, Ҳиндустон ва Афғонистон маълуму машҳур бошад ҳам, дар Эрон аз назари эътибор дур монда аст ва шарқшиносии Европаи Ғарбӣ ҳам барои шинохтану шиносондани ӯ кори тадқиқотии ба назар намоёне накардааст. Аммо дар Осиёи Миёна асарҳои ин шоири душворнависи тоҷикро на танҳо дар мадрасаҳо меомӯхтанд, балки онҳоро дар мактабҳои кӯҳна ба шогирдони хурдсол, ҳатто дар баъзе чойхонаи мамлакат ба бачагони ғайри тоҷик, ки забони ӯро намефаҳмиданд, низ маҷбуран мехононданд. Руҳониёни ислом Бедилро намунаи мистикаи муносиби мусулмонон медонистанд, ҷадидон бошанд, ӯро материалист ва ҳатто қариб революционер мешумурданд. Хулоса, ӯ ҳамеша дар қайди чунин зиддиятҳо буд.

Аввалин чизе, ки одатан дар вақти ном бурдани Бедил ба хотир меояд, забони хеле душворфаҳми вай аст. Донишманди ҳиндустонӣ Шиблии Нуъмонӣ, ки дар роҳи таҳқику тадқиқи услуби назми ҳиндию тоҷикӣ ҷидду ҷаҳди бисёр кардааст, қайд мекунад, ки аломатҳои асосии ин услуб чунинанд: 1) навӣ ва фавқулоддагии ташбеҳу тасвирҳо, ки хусусиятҳои шаклии асрҳо боз дар назми тоҷик расмшударо вайрон мекунанд, 2) ба ғоят мӯъҷазу мухтасар будани ин тасвиру ташбеҳҳо, ки баъзан ба тарзи як тавсифи аҷиби дар назари аввал тамоман бемавқеъ, баъзан дар шакли калимаи мураккаби аз ҷиҳати луғавӣ ғайриоддӣ оварда мешаванд.

Нуъмонӣ ба анъанаи дар Шарқ маъмулшуда пайравӣ карда, Бобо Фиғонӣ ном шоири ҳоло тамоман фаромӯшшударо саромади ин услуби «нав» ҳисоб мекунад, ки ӯ дар Табриз аз маддоҳони дарбори султон Яъқуб буда, дар соли 1516 ё 1519 вафот ёфтааст. Ин услуб гӯё дар Ҳиндустон ҷорӣ шуда, то рафт мураккабтар гардида, то Бедил ва Носиралии сирҳиндӣ расида будааст.

Ин ақидаро қабул кардан маҳол аст, вай асосан натиҷаи он аст, ки назми тоҷикию форсии асрҳои XVI—XVII дуруст омӯхта нашудааст. Дар ҳақиқат ин услуб фақат ба Ҳиндустон хос нест, балки он ҳатто аз асри XIV ҳам пештар пайдо шуда, дар районҳои хеле гуногуни нуфузи адабиёти тоҷик инкишоф ёфтааст ва бинобар ин «ихтирои» онро ба ягон шахси алоҳида нисбат додан мумкин нест.

Масъалаи доир ба сабабҳои пайдоиши ин услуб ҳоло кушода мемонад. Модоме,

ки он чандин асрҳо пеш сар задааст, онро Бедил маҳз барои пайдациш кардани «ақидаҳои озодфикрии» худ эҷод кардааст гуфта тахмин кардан дуруст нест. Сабаби пайдоиши ин услубро на аз ингуна хулосаҳои тахминӣ, балки аз рафти умумии тараққиёти адабиёти тоҷик ҷустан лозим аст. Аммо ба саволи доир ба пайдоиши он танҳо ҳамон вақт ҷавоб дода метавонем, ки кори омӯзиши адабиёти тоҷик аз доираи тадқиқоти библиографӣ (китобиётӣ) ва ҷамъкунии ҳаргуна ҳикояву латифаҳои маҳрум аз асоси таърихи ба пояи кори илмии ҳақиқӣ бароянд ва мо, ниҳоят, ба муҳокимаи масъалаи хусусияти услубҳои ҷудогона ва сабаби ивазшавии онҳо муваффақ шавем. Дуруст аст, ки дар вақти ҳозира ҳам дар навиштаҳои баъзе адабиётшиносон чунин даъвоҳое дида мешаванд, ки ин ё он мисраъ гӯё дорои ҳамаи хусусиятҳои услуби, фарз кунем, баъди Ҳофиз пайдошуда мебошад, аммо аз чӣ иборат будани ин хусусиятро ҳануз касе равшан нагуфтааст ва ин мафҳум аст, зеро дар бораи он хусусиятҳо мо фақат ҳамон вақт бо эътимод сухан ронда метавонем, ки матнҳои мӯътабари шоирону адибони тоҷикро ба даст дарорем. Аммо ин кор ҳам вақт ва ҳам ҷустуҷуи бисёр талаб мекунад, бинобар ин ҳоло як қисми калони корҳои тадқиқоти дар асоси нусхаҳои бадсифат ва номӯътабари чопи сангии Ҳиндустон ва Эрон бурда мешавад. Дар солҳои охир дар бобати тайёр кардани матни танқидии асарҳои муаллифони гузаштаи тоҷик қариб ҳеҷ кор карда нашуда ва аз ин рӯ барои пешрафти минбаъдаи корҳои тадқиқотӣ заминаи мусоид ба вуҷуд оварда нашудааст.

Ин китоб, ки ба хонандаи советӣ тақдим карда мешавад, ба фикри ман, дар таърихи филологияи тоҷик роли калоне бозӣ мекунад. Ин китоб пеш аз ҳама якӯмин очерки муфассали ҳаёти Бедил аст, ки дар асоси маъхазҳои гуногуни таърихӣ, аз як тараф, ва бештар, дар асоси гуфтаҳои худи шоир, аз тарафи дигар, тартиб дода шудааст. Ин очерк як қатор каҷфаҳмиҳоеро, ки қариб дар ҳар як асари оид ба Бедил дида мешаванд, бартараф менамояд.

Мумкин аст хонанда чунин савол диҳад: модоме, ки дар асарҳои худи Бедил барои тартиб додани очерки тарҷимаи ҳоли ӯ ба қадри кофӣ маълумоти даркорӣ бошад, пас аз чӣ сабаб то ин вақт ҳеҷ кас аз ин материалҳо истифода набурдааст? Ҷавоби ин савол мушкил нест. Чунки барои ҷудо карда гирифтани он маълумотҳо садҳо саҳифа матни душворфаҳми дастнавис ё чопи сангии хираю серғалатро хонда баромадан лозим меомад. Аз ӯҳдаи ин кор хеле кам касон баромада метавонистанд ва мафҳум аст, ки танҳо устоди забардасте ҳамчун С. Айнӣ, ки адабиёти гузаштаи халқи худ, забони он ва ҳамаи адабиёти дар ин забон навишташударо хуб медонад, ин корро бомуваффақият анҷом дода метавонист. Асари С. Айнӣ бо далелҳои тамоман эътимоднок нишон медиҳад, ки Бедил ҳаргиз чунин касе набуд, ки аз гаҳвора то лаҳад, бе тағйир монда бошад ва бинобар ин мо дар асарҳои вай дар баробари ақидаҳое, ки дар замони худаш, бешубҳа, аҳамияти калони прогрессивӣ доштанд, ҷаҳолатпарастии бемаъниеро ҳам мебинем.

С. Айнӣ маъхазҳоро истифода бурда, ба хонанда манзараи замони Бедилро ҳам нишон медиҳад ва равшан исбот мекунад, ки ҳаёт ва фаъолияти шоир ба воқеаҳои замони худаш чӣ андоза зич вобаста будааст. Ин ҷиҳаташ муҳим аст, ки С. Айнӣ

маҳдудияти таърихии Бедилро бо таъкид қайд карда гузаштааст. Қайд кардани ин ҷиҳат аз он сабаб муҳим аст, ки дар солҳои бистӯм душманони халқ, миллатчиёни буржуазӣ Бедилро ба осмони муболиға бардошта материалисти том, дарвинист ва ҳатто қариб арбоби революция ба қалам медоданд ва дар ин ҳол тарафҳои манфии эҷодиёти ӯро пардапӯш мекарданд. Бедилро ҳамчун шахсе, ки дар ҷунон замони муд-ҳиш ва хунин ҷасорат карда ба ҳимояи деҳқонони хонавайроншудаи ҳинду садо баланд кардааст, ҳурмат кардан кори дигар асту, ӯро ҳамчун намунаи шоёни таклид дар замони мо тасвир кардан кори дигар. С. Айнӣ дар ин китоб порчаҳои мунтахаби асари Бедилро ба хонандаи ҷавон тақдим карда, таъкид мекунад, ки онҳоро аз нуқтаи назари таърихӣ, ҳамчун ёдгори махсуси адабиёти кӯҳна омӯхтан лозим аст ва ҳаргиз намунаи лоиқи таклид шумурдан дуруст нест. Инро гаштаю баргашта таъкид кардан зарур аст, чунки мо ба адабиёти тоҷик чигуна таъсири бад бахшидани «бедилизм»-ро хуб медонем.

Китоби С. Айнӣ, ба фикри мо, ба адабиётшиносони тоҷик фоидаи калон мебах-шад. Намунаҳое, ки ӯ аз асарҳои Бедил ҷамъ кардааст, ҳамаи он чизҳои беҳтаринеро, ки аз куллиёти азими шоир пайдо кардан мумкин буд, дарбар гирифтаанд. Акнун ба тадқиқотчиёни ҷавони мо лозим намеояд, ки барои ёфта гирифтани ҷунин сатрҳои дар ҳақиқат гаронбаҳо худро овора карда ҳазорҳо байту мисраи кӯҳнашудаи нодар-кор ва душворфаҳмро аз назар гузаронанд. Ин китоб ҳамаи ингуна порчаҳои пурқи-мату даркориро бо тарзи навишти саҳеҳ ва яқинашон, бо эзоҳот ва қайдҳои даркориа-шон ба хонанда тақдим мекунад. Ягона чизе, ки мо ба хонандагон, хусусан ба ҷаво-нон, хотиррасон кардан мехоҳем, он аст, ки порчаҳои дар ин ҷо намуна овардашуда беҳтарин порчаҳои осори Бедил мебошанд ва зарбулмасали машҳури «мушт намунаи хирвор аст» ба ин маврид рост намеояд, яъне тамоми қисмҳои боқимондаи куллиётро-низ дар ҳамин савияи баланд аст гуфта тасаввур кардан дуруст нест.

Ба фикри ман ҳар як хонандаи имрӯза бо фикрҳои ҳақиқатан баланд ва пурқи-мати Бедил ошно шуда борҳо таассуф мекунад, ки онҳо дар чунин як шакли печ дар печи саргарангкунанда ифода карда шудаанд. Маҳз ҳамин шакли печ дар печу душворфаҳм монеъ мешавад, ки Бедил дар таърихи адабиёти тоҷик яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол кунад. Сохтакорӣ ҳамеша ба санъати ҳақиқӣ халал мерасонад.

С. Айнӣ дар тадқиқоти ҳаматарафаи худ ба як қатор саволҳои доир ба омӯзиши эҷодиёти Бедил ҷавоб додааст, вале як қатор саволҳои дигар ҳанӯз мунтазири ҷаво-банд ва умедворем, ки маҳз пайдоиши ин китоб ёрӣ мерасонад, ки ба он саволҳо ҳам ҷавоб гардонда шавад. Пеш аз ҳама дар бобати омӯхтани забони Бедил кор бурдан, таркиби луғавии он ва муносибати нисбат ба забони адабии умумии тоҷик доштаи онро муайян кардан лозим аст, донистан даркор аст, ки луғату иборахои арабӣ ва ҳиндуи дар забони шоир чӣ мавқеъ ва чӣ хусусият доранд. Омӯхтани синтаксиси Бедил, муайян кардани ин ки чигуна сохти ҷумла барои ӯ махсусан характернок аст ва таносуби синтаксис дар назм ва насри ӯ чигуна аст, низ аҳамияти калон дорад. Кори омӯзиши луғат боиси омӯзиши хусусиятҳои бадеии забон, характери образҳо ва ташбеҳу истиораҳо мешавад ва имконият медиҳад, ки дар бораи услуби шоир ҳам масъала гузошта шавад.

Ралле ки ба саволи аз чӣ иборат будани хусусияти услуби Бедил ҷавоби саҳеҳ

дода шуд, масъалаи муҳимми бо кадом сабабҳо ба амал омадани ингуна услубро ҳал кардан ва таърихи пайдоиши онро муайян намудан мумкин аст. Ниҳоят, боз ба як саволи дигаре ҳам, ки ман чандин сол боз медиҳам, ҷавоб ҳосил кардан лозим буд. Ин савол он аст, ки барои чи мактаби куҳнаи мусулмонӣ маҳз ба Бедил ин қадар сахт часпида буд? Вобаста ба ин боз саволи дигаре ҳаст, ки ба он фақат солхурдатарин хонандагони ин китоб ҷавоб дода метавонанд. Он саволи охирин на аст, ки дар мадраса ва мактаби куҳна Бедилро чӣ тавр меомӯхтанд, чӣ чизҳои вайро мехононданд ва агар чизҳои хонданшударо дар ҳақиқат шарҳ диҳанд, чӣ навъ шарҳ медоданд? Ба назари ман мерасад, ки ба яке аз ин саволҳои бисьёр чунин ҷавоб гардондан мумкин аст: саркардаҳои мактаби мусулмонӣ хуб медонистанд, ки дар асарҳои Бедил бисьёр фикрҳое ҳастанд, ки мумкин буд боиси як навъ «озодфикрӣ» ё «шаккокӣ» хонанда шаванд. Бинобар ин онҳо ба гардани ҳар як шогирд хондани асарҳои бағоят душвори ин муаллифро зӯр ба зӯракӣ бор мекарданд ва ин корро чунон мекарданд, ки нафаҳмида, кӯр-кӯрона хондани Бедил ба дили он шогирд мезад ва дар он дигар ҳеҷ майли ба сари худ омӯхтани эҷодиёти ин шоир намемонд. Маҳз барои ҳамин ҳам бояд бошад, ки асарҳои Бедилро бо хатҳои шикаст ва бенуқтаи хонданаш ниҳоят мушкил аз нусха ба нусха мекӯчонданд ва ҳамон тавр ҳам чоп мекарданд. Ингуна тадбир дар ҳақиқат боиси он мешуд, ки тамомкунандаи мактаб аз ин китоби пуразоб ҳамчун аз оташ метарсид. Оё чунин эзоҳ додани масъала дуруст аст ё не, инро фақат касе гуфта метавонад, ки худаш азобу кулфати ингуна бедилхониро бевосита аз сар гузаронида бошад ва мумкин аст, ки ба ин савол беҳтар аз ҳама хубтарин донандаи эҷодиёти Бедил худи С. Айнӣ ҷавоб диҳад.

Боварӣ дорем, ки чоп шуда баромадани ин китоб ба ҳамаи ин саволҳо ҷавоб гардонданро осон мекунад ва бо худи ҳамин ба пешрафти омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик ёрӣ мерасонад, ба ҳалли проблемаи ивазшавии услубҳо диққати тадқиқотчиёнро мекашад, яъне дар ин соҳа корҳои илми-тадқиқотиро ба пояи баланд мебардорад.

*Е. Бертельс*

Аъзо-корреспонденти
Академияи Фанҳои СССР.

Москва,
сентябри соли 1952.

# I

## МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР ДАР БОРАИ ЗАМОНИ БЕДИЛ

Мирзо Абдулқодири Бедил дар солҳои 1644—1721 зиндагонӣ кардааст ва дар муддати 77-сола ҳаёти худ замони 11 подшоҳро аз сар гузаронидааст, ки аз инҳо замони ду подшоҳ ба 63 соли айёми зиндагонии ӯ рост омада бошад, замони 9 подшоҳи дигарро дар 14 соли охири умри худ дидааст.

Барои равшантар нишон додани замони Бедил моро лозим аст, ки аввал баъзе воқеаҳои таърихии Ҳиндустонро мухтасаран ба ёд биёрем

Арабҳо дар аввалҳои асри исломӣ, забт кардани Ҳиндустон ва ҷорӣ кардани исломиятро дар он ҷо қасд карда бошанд ҳам, кори намоёне карда натавонистаанд. Исломиятро дар он ҷо дар аввалҳои асри XI Маҳмуди ғазнавӣ ҷорӣ кард гуфтан мумкин аст. Маҳмуд аз муқобилиятҳои дохилии синфӣ ва феодалӣ истифода бурда, дар сафарҳои гуногуни худ дар Ҳиндустон бисьёр бутхонаҳоро вайрон ва ба ҷои онҳо масҷидҳо бино кард, муҳоҷирони мусулмон бурд ва аз аҳолии маҳаллӣ ҳам хеле касро ба исломият даровард. Баъд аз ин ба муқобилиятҳои синфии зикршуда зиддиятҳои динӣ—душманиии байни ҳиндуён ва мусулмонон илова шуд.

Баъд аз вафоти Маҳмуд авлоди ӯ чанд гоҳе дар шимоли ғарбии Ҳиндустон ҳукумат ронда дар охир ҷои худро ба ғуриён доданд. Ғуриён ҷои ҳукмронии худро то Бангола васеъ карданд ва баъд аз он аз ҳукмронони исломӣ монанди Қутбшоҳиҳо, Халаҷиҳо ва Туғлуқшоҳиҳо дар он ҷо салтанат карданд.

Дар охирҳои асри XV аз нуктаи назари зиддиятҳои дохилӣ вазъияти Ҳиндустон хеле бад буд. Муборизаҳои дохилии феодалӣ ниҳоят дараҷа қувватнок гардида, дар байни ҳукмронони он мамлакат пай дар пай ҷангу хунрезӣ давом мекард, хоҷагии халқ хароб мегардид, зулми феодалӣ қувват мегирифт. Ин аҳвол муборизаи синфиро боз ҳам қувватнок менамуд. Дар натиҷаи ҳамаи ин мо дар қисми шимолӣ ва шимоли шарқии Ҳиндустон як давлати марказиятъёфтаро пайдо карда наметавонем, ки он дар вақти ҳуҷуми хориҷиён мамлакатро ба атрофи як марказ муттаҳид карда тавониста бошад. Агар ба ин аҳвол низоъҳои динӣ, махсусан зиддияти байни мусулмонон ва ҳиндуёнро илова кунем, аз ҷиҳати иқтисодӣ ва иқтидори сиёсӣ ба чӣ дараҷа бад будани вазъияти Ҳиндустони онвақтаро тасаввур кардан осон аст.

Набераи Темур Бобурмирзо баъд аз он ки ба муқобили шайбониён дар Осиёи Миёна ҳеҷгуна чорае дида натавониста ба Кобул ҳиҷрат карда буд, аз ҳамин зиддиятҳои дохилии Ҳиндустон истифода бурда ба он ҷо роҳ ёфт ва ба сари аҳолии меҳнатии он кулфатҳои нави беш аз пеш овард.

Баъд аз вафоти Бобур (937 ҳиҷрӣ—1531 милодӣ) писари бузурги ӯ Ҳумоюнподшоҳ бар тахт нишаста бошад ҳам, ба сабаби ихтилофи бародаронаш Шерхони афғон дар Ҳиндустон ғалаба карда, ӯ маҷбур шуд, ки ба Эрон гурезад. Ӯ дар Эрон аз шоҳ Таҳмосеби сафавӣ мадад гирифта дубора омада аввал Қандаҳор ва Кобулро гирифта, баъд аз ҷангу ҷидоли бисёр дар соли 962 ҳиҷрӣ (1555) дубора ба Ҳиндустон роҳ ёфта, аз авлоди Шерхони мазкур мамлакатро гирифт ва дар аввалҳои соли 963 (1556) баъд аз думоҳа салтанати дубораи Ҳиндустон аз бом афтода вафот намуд ва ба ҷои ӯ писараш—Акбар, ки дар ин вақт дар синни 13-солагӣ буд, ба тахти Ҳиндустон соҳиб шуд.

Дар ин ҷо ҳамин нуктаро қайд кардан даркор аст, ки ҳукуматҳои исломӣ, ки аз берун рафта дар Ҳиндустон ҳукмронӣ кардаанд, ҳамеша такьягоҳи асосиашон дар навбати аввал ҳамқабилаҳои худашон ва баъд аз он умуман мусулмонон ва хусусан мусулмонони муҳоҷир буда доимо ба ояндагони Эрон, Турон ва Арабистон имтиёзҳои калон додаанд.

Ин қоида ё одат дар замони темуриён боз ҳам зиёдатар ривоҷ гирифт ва ҳар касе ки аз Эрон ё аз Осиёи Миёна ба Ҳиндустон ме-

омад, хоҳ аз ҷумлаи уламо, шуаро ва машоих бошад ва хоҳ аз табақаи сипоҳ, дар Ҳиндустон ҳурмати калон ва мартабаҳои олӣ меёфт. Арбоби ҳукумат ва умуман муҳоҷирон якдигарашонро „ҳамвилоятӣ“, „аҳли вилоят“ гуфта ва ҳар чизи ба Эрон ва Осиёи Миёна мансубро низ „вилоятӣ“ масалан „аспи вилоятӣ“ меномиданд. Мардуми маҳаллии Ҳиндустон бошад, умуман муҳоҷирони Эрон ва Осиёи Миёнаро—хоҳ саид ва араб бошанд ва хоҳ тоҷик ва турк, „муғул“ мегуфтанд ва аз инҳо нафрат мекарданд (ҳамин таъбири мардуми маҳаллӣ, зоҳиран, сабаб шуд, ки ҳукумати темуриёни Ҳиндустон дар таърихи Европа ба номи „Ҳукумати Муғӯл“ гузашт).

Чун айёми ҳукумати темуриён дар Ҳиндустон дар вақти авҷ гирифтани низои шеаву суннӣ ва шохчаҳои зиёд пайдо кардани тариқатҳои машоих дар Эрон ва Осиёи Миёна рост омад, дар қатори муҳоҷирон, ин низоъҳои мазҳабӣ ва маслакӣ ҳам ба Ҳиндустон даромад ва монанди аҷирик ва ғумои аз ҷое ба ҷои дигар кӯчонидашуда зуд ривоҷ гирифтанд.

Дар вақти ин низоъҳо, осиёимиёнагиҳо, ки раҳбари ҳукумат (темуриён)-ро аз худашон дониста ва худро аз дигар муҳоҷирон болотар мешумурданд, дар паи нест кардани мазҳаби шеа ва дигар маслакҳои мухолифи худашон ва аҳли он бо таассуби сахт мекӯшиданд.

Ин аҳвол дар аввалҳои ҳукумати Акбар, ки бачаи хурдсол буд ва ҳанӯз шахсан ҳукуматро идора кардан наметавонист, ранги як фоҷиаи умумиро гирифт. Хусусан вақте ки аз уламои даври Шершоҳӣ—Шайх Абдулло ном, ки дар вақти Ҳумоюн шайхулислом буд ва дар даври Акбар лақаби „Махдумулмалик“ ёфт ва инчунин Шайх Абдулнабӣ ном, ки мартабаи садрӣ гирифт, низоъҳои мазҳабӣ ба авҷи аъло расид. Ин ду нафарро Акбар дар аввалҳои даври ҳукмронии худ чунон ҳурмат мекард, ки ҳатто як-ду бор шахсан худ кафши онҳоро пеш монд.

Ин ду нафар, мутаассиби сахт, ҷоҳпарасти гузаро ва аз ҳад зиёд сарватдӯст буда, тамоми корҳои мамлакатро, хоҳ динӣ бошад ва хоҳ молӣ ва маъмурӣ, ба дасти худ гирифтанд; шахсан ва ҳам ба воситаи одамони худ мамлакатро тороҷ мекарданд ва ҳар касеро ки аз вай нисбат ба худ ва корҳои худ мухолафат ҳис кунанд „шеа, рофизӣ, бадмазҳаб ва мулҳид“ гуфта зуд нест менамуданд.

Ин таассуб ва низоъхои мазҳабӣ дар байни авом гузашта боз ҳам фоҷианоктар шуд. Авоми муҳоҷирони Осиёи Миёна бо игвои ягон мулло ягон касро „бадмазҳаб“ гумон кунанд, даррав зада мекуштанд ва хонаашро тороҷ менамуданд ва ҷавобгар ҳам намешуданд.

Пас аз ба балогати ақлӣ расида дар корҳои давлатӣ—мамлакатдорӣ шахсан иштирок намудани Акбар ва ба дарбори подшоҳӣ кашида шудани одамони донишманд, ҳамчун шайх Абулфазл бинни Шайх Муборак, Ҳаким Фатҳуллои шерозӣ ва дигарҳо дар ин қисмат тағйироти калоне ба вуҷуд омад. Ин одамони Акбар донистанд, ки ин ҳол—душманӣ ва зиддиятҳои мазҳабӣ ҳукумати темуриёнро ба инқироз мебарад. Онҳо ба ин фикр омаданд, ки барои дар Ҳиндустон пойдор кардани ҳукумати темуриён, ки бо такьягоҳии мусулмонон ва муҳоҷирон рост меистод, на танҳо ихтилофи байни мусулмононро барҳам додан даркор аст, балки низоъи байни куфру исломро низ нест кардан лозим аст, то ки ҳукумат ба ҳиндуҳо ҳам такья карда тавонад.

Вақто ки онҳо Акбарро аз ҳақиқати масъала хабардор намуда, ӯро ба ислоҳоти молӣ, сиёсӣ ва динии мамлакат моил кунониданд, аз тарафи давлат кори ислоҳот шурӯъ шуд. Ҳар як ислоҳот, дар навбати худ, бо қоидаҳои илмӣ-фалсафавӣ ва динӣ мувофиқ кунонида мешуд. Пеш аз ҳама бо далелҳои шаръӣ муллоёни мутаассибро аз дарбори подшоҳӣ дур намуданд. Пас аз ин подшоҳро ба ҳамаи дин ва маслакҳои мамлакати Ҳиндустон бетараф қарор дода, ин корро „сулҳи кул“ эълон намуданд. Ва ин бетарафӣ дар айни ҳол „дини илоҳӣ“ ном ниҳода шуд.

Баъд аз эълон карда шудани „сулҳи кул“ ба ҳамаи аҳли динҳо аз тарафи давлат ба як чашм нигоҳ карданд. Дар низоъҳои мазҳабӣ ба ҳамин асос ҳукм бароварда шудан гирифт. Ба аристократия ва роҷаҳои ҳинду ҳам мартабаҳои калони давлатӣ дода шуд. Худи Акбар барои пурқувват шудани иҷрои „сулҳи кул“ аз ҳиндуҳо зан гирифт ва ба писаронаш ҳам аз онҳо зан гирифта дода, алоқаи хеширо ҳам мустаҳкам кард.

Аз тарафи давлати темуриёни Ҳинд фармон бароварда шуд, ки ҳамаи аҳли динҳо баробар буда, касе ба дини касе таарруз нанамояд, мусулмон, ҳинду, маҷусӣ, яҳудӣ ва насоро бо ҳам баробар ва дӯстона зиндагонӣ кунанд.

Инчунин уламои дарборӣ барои пешрафти ислоҳоти мегузаронидагии худ ҳамин тариқа қоидае ҷорӣ намуданд, ки ҳар бегоҳи ҷумъа уламо ва донишмандони ҳамаи дин ва мазҳабҳо дар дарбори подшоҳӣ ғун карда мешуданд, бо иштироки худи подшоҳ маҷлиси мунозира ташкил карда мешуд. Ҳар кас дар маҷлис баромада фикри худро баён мекард. Дар масъалаҳое ки байни намояндагони динҳо мухолифат пайдо мешуд, он ихтилофҳоро дар асоси далелҳои ақлӣ ҳал мекарданд.

Чораи дигаре ки дида шуд, оид ба ғуломдорӣ буд. Ғуломон, хоҳ асирони ҳарбӣ бошанд ва хоҳ зархарид, озод карда шуданд. Дар роҳи иҷрои ин кор чунин фикреро паҳн карданд, ки „бандаҳои худоро бандаҳои худ кардан сазовор нест". Дар ин вақт дар роҳи иҷрои мақсади боло паҳн шудани ин фикр таъсири калоне расонид.

Тадбири дигаре ки дар масъалаи таъмин намудани дӯстии байни мусулмонҳо ва ҳиндуҳо дар он вақт хеле кӯмак расонид, манъ карда шудани ҷизиягирӣ аз ҳиндуҳо буд.

Дар аввалҳои эълони „сулҳи кул" дар канорҳои мамлакат ҳанӯз ҳаракатҳои таассубкорона дар амал буданд. Лекин аз тарафи давлат ба ингуна ҳаракатҳо чораҳои сахт дида мешуданд.

Чунончи, дар Лоҳур Фӯлодбарлос ном касе Муллоаҳмад ном касеро ки шеамазҳаб буд, аз хонааш чеғ зада бароварда зада кушт. Вақто ки ин хабар маълум шуд, аз тарафи давлат фармон дода шуд, ки Фӯлодбарлосро дастгир карда ба пои фил баста дар шаҳри Лоҳур гардонда кушанд. Ин фармон ба амал омад ва аҳли таассуб аз тарс ором гирифтанд.

Дар як вилоят мусулмонон бо ҳиндуҳои санносӣ низоъ карда ғолиб омада, бутхонаи онҳоро вайрон намуданд. Аз тарафи давлат ба сарваршаи онҳо ҷазоҳои сахт дода шуд. Инчунин амр дода шуд, ки мусулмонон бутхонаи ҳиндуҳоро бо меҳнат ва харҷи худ мисли авваллааш иморат карда диҳанд. Ин фармон ҳам ба амал омад ва ингуна низоъҳо муваққатан ва рӯякӣ бошанд ҳам, барҳам хӯрданд.

Як миқдор китобҳои қадими ҳиндуҳо, аз ҷумла китоби „Моҳоборут", ки оид ба таърих ва ақидаҳои динии ҳиндуҳо буда ва 30 мақоларо дарбар мегирифт, ба забони тоҷикӣ тарҷима ва дар байни мусулмонон паҳн кунонида шуд. Инчунин баъзе шоирони ҳинду баъзе китобҳои ба тасаввуф оиди мусулмононро, баъзе ҳикояҳои таъри-

хн ва адабӣ ва аз ин ҷумла воқеаҳои Карбалоро ба забони ҳиндӣ тарҷума ва нашр карда дар миёнаи ҳиндуҳо паҳн карданд, ки ба ин восита дар миёнаи мусулмонон ва ҳиндуҳо як алоқаи адабӣ-маданӣ пайдо шуд.

Дар натиҷа дар айёми панҷоҳсола салтанат Акбар қаламрави худро васеъ кард. Бангола, Биҳор, Гуҷрот, Кашмир ва қабилаҳои ноороми кӯҳистонӣ, вилояти Дакан ва Роҷпутиён, ки ба ҳеҷ подшоҳ сар намефаровარданд, ба давлати темуриён дохил карда шуданд.

Чун давлат дар ин вақт дар натиҷаи чораҳои боло аристократия ва роҷаҳои ҳиндуҳоро ба худ наздик карда буд, бештарини ин ҷоҳо бе ҷанг ва ё бо андак ҷанг итоатро қабул менамуданд. Дар ҷангҳои кӯҳистони Ҳиндустон аз мусулмонон зиёдатар ҳиндуҳо кор мекарданд.

* * *

Баъд аз Акбар ба ҷои ӯ писараш—Ҷаҳонгир нишаст (1606). Ӯ ҳам айшдӯсти майпараст буд ва ҳам соддалавҳе ки ба каромоти шайх ва дарвешҳо боварӣ дошт. Бо вуҷуди ин дар доираи мамлакат асосҳои замони падари худро вайрон накард.

Ҷаҳонгир ба айшу нӯш тамоман додашуда, идораи мамлакатро ба Нури Ҷаҳонбегим, ки занаш буд, супурд.

Амалдоронро Нури Ҷаҳонбегим қабул мекард ва фармони даркориро ӯ медод ва дар туғрои фармонҳои ӯ ин ҷумла навишта мешуд: „Ҳукми алияи (олияи) маҳд-ульё Нури Ҷаҳон подшоҳ-бегим“.

Хутба ба номи Ҷаҳонгир бошад ҳам, сикка ба номи Нури Ҷаҳонбегим зада мешуд ва дар мӯҳри сикка ин байт нақш ёфта буд:

„Ба ҳукми шоҳи Ҷаҳонгир ёфт сад зевар
Ба номи Нури Ҷаҳон подшоҳ-бегим зар“.

Ин зан духтари яке аз муҳоҷирони эронӣ буда, Ҷаҳонгир ӯро дар замони шаҳзодагии худ дар ҳарами падараш дида ба ӯ муҳаббат пайдо карда буд. Баъд аз он ки бар тахти мамлакат нишаст, шавҳари аввалии ӯро кушонда ба ақди никоҳи худ дароварда буд.

Аммо дар охирҳои айёми салтанати Ҷаҳонгир, миёнаи писараш—Шоҳи Ҷаҳон, ки аз зани дигараш буд ва Нури Ҷаҳонбегим вайрон шуда

Шоҳи Ҷаҳон ба исьён кардан маҷбур шуд ва дар миёнаи падару писар чандин сол ҷанг давом кард.

Ҷаҳонгир баъд аз 21 сол подшоҳӣ кардан, дар соли 1036 ҳиҷрӣ (1627) вафот карда тоҷ ва тахт ба дасти писараш Шоҳи Ҷаҳон гузашт.

Шоҳи Ҷаҳон 30 сол подшоҳӣ кард. Дар замони ӯ хазинаи давлат хеле исроф шуд. Масалан: дар як иди наврӯзӣ як курури ҳаштод лак рупия, ки 18 миллион рупия мешавад, харҷ шуд. Бо ҳамаи ин авалҳои салтанати ӯ нисбатан ба осудагӣ гузашта, ҷангҳои хориҷӣ воқеъ нашуданд ва исьёнҳои дохилӣ бисьёр рӯй надоданд.

Қисми асосии биноҳои таърихии Ҳиндустон: масҷидҳо, мадрасаҳо, работҳо ва дахмаҳое ки ҳамагӣ аз санги мармар ва яшм сохта шудаанд, дар замони ҳамин ду подшоҳ ба вуҷуд омадаанд.

Тамоми ин корҳо бо ҷабру зулм ва бераҳмона истисмор карда шудани меҳнаткашони Ҳиндустон сурат мегирифтанд.

Шоҳи Ҷаҳон дар охирҳои ҳукумати худ ба Дорошукӯҳ ном фарзанди бузурги худ бештар меҳрубонӣ карда ӯро валиаҳди худ намуд. Ин кор ба писарони дигараш, хусусан ба Аврангзеб, ки қобилияти калони идоравӣ ва шуҷоати ҷибиллӣ дошт, бад таъсир карда онҳо дар паи исьён афтоданд. Аз миёнаи писаронаш Аврангзеби Оламгир шабу рӯз дар паи асбоби муҳориба ҷамъ кардан афтод, ки дар рӯзи вафоти падар тахтро аз бародари бузургаш бо зӯрӣ зада гирад.

Дорошукӯҳ бошад, на шуҷоъ буд ва на қобилияти идоравӣ дошт, ӯ аз подшоҳӣ зиёдтар ба „файласуфӣ“ қобилият дошт ва маслаки суфизми исломиро бо афкори донишмандони Ҳинд мувофиқ кунондани шуда китобе ҳам навишта буд.

Вақте ки Шоҳи Ҷаҳон дар охирҳои умраш дуру дароз бемор шуд, Дорошукӯҳ идораи мамлакатро тамоман ба дасти худ гирифта аз номи падар дар паи маҳв кардани бародарон, хусусан Аврангзеб афтод, ки ӯ дар тарафҳои Дакан ҳоким буд.

Шоҳшуҷоъ ном писари дигари Шоҳи Ҷаҳон ва Муродбахш ном писари чорӯмаш ҳам дар вақти бемории падар ба омода кардани асбоби салтанати худ кӯшиш мекарданд. Чун бемории Шоҳи Ҷаҳон сахт ва мурданаш овоза шуд, аввал Муродбахш ва баъд аз он Шоҳшуҷоъ хутба ва сиккаро ба номи худ карда, дар ҷоҳое ки ҳоким буданд, худро подшоҳ эълон карданд.

Аммо Аврангзеб даъвои подшоҳӣ ва эълони исьёнро ҳеҷ бар за-

бон нагирифта аз маркази ҳукумати худ, ки бинокардаи худ—шаҳри Аврангобод буд, бо тамоми қувваташ ба баҳонаи аёдати падараш ба тарафи пойтахт раҳсупор гашт.

Дорошукӯҳ ба манъ кардани падар нигоҳ накарда, ҳамаи қувваи подшоҳиро гирифта ба муқобили Аврангзеб баромада бошад ҳам, роҳи ӯро баста натавонист, балки дар ҷанг шикаст хӯрда ба саргурез шудан маҷбур гардид. Аврангзеб ба пойтахт—Деҳлӣ даромада падари пири бемори худро ҳабс намуда, худ подшоҳ шуд (соли 1068 ҳ., 1658 м., ки Бедил дар ин вақт 14-сола буд).

Бедил дар яке аз ёддоштҳои худаш, воқеаи бемории падарро шунида барои ба даст даровардани салтанат, сабуксарона ба пойтахт сафари ҳарбӣ сар кардани Шоҳшуҷоъро ҳикоя намуда, истеҳзокорона „...Аврангзеби Оламгир бар азми фармонравоии Деҳлӣ сабқат карда ва „ҳуқуқи хидмати падарро“ пеш аз дигарон ба ҷо овард“ гӯён ин воқеаро қайд кардааст.

Аврангзеб дар аввали кор бо дигар бародаронаш гургоштӣ карда, дар пай Дорошукӯҳ афтод ва баъд аз нест кардани ӯ, дигар бародаронашро ҳам дафъ намуда истиқлол пайдо кард.

Аврангзеб, чунон ки дар боло гуфта шуд, қобилияти идоравии дуруст дошт. Ба болои ин ӯ худро порсо тарошида ба айшу нӯш вақт сарф намекард. Лекин ӯ сифатҳои бади дигар дошт: якӯмин сифати бади ӯ ҳирси мол, дуюм таассуби ҷоҳилонаи диндорона, сеюм истибдод, инодкорӣ ва маслиҳатношунавӣ буд. Ӯ бо таассуби диндоронаи худ асосҳои дар замони ҳукмронии Акбар гузошташударо тамоман вайрон кард, аз аввали подшоҳии худ сар карда, уламои мутаассибро ривоҷ дод ва бо дастьёрии онҳо Дорошукӯҳро „мувофиқи шариат карда“ кушт. Уламои мазкур „Дорошукӯҳ дар китоби худ куфру исломро як кардааст ва

„Куфру ислом дар раҳаш пӯён,
Ваҳдаҳу лошарика лаҳ гӯён“

гуфта, бо баҳонаи „аз дини ислом баромадааст“ ба куштани ӯ фатво доданд ва ин фатво аз тарафи Оламгир ба як тарзи қабеҳона иҷро шуд.

Оламгир наздикони Дорошукӯҳро ва инчунин Шоҳсармад ном дарвешро ҳам, ки Дорошукӯҳ ба вай ихлос дошт, бо фатвои уламои мазкур қатл фармуд.

манъ карда шуда буд, аз нав ҷорӣ намуд.

Назар ба қавли муаллифи „Сиярулмутааххирин“ вақте ки Авранг-зеб ҳукми ҷизьягириро дар пойтахт эълон кард, ҳазорон-ҳазор ҳиндуҳои қашшок, ки ба додани ҷизья қодир набуданд, ба дарбори ӯ ариза бурданд. Аммо ӯ онҳоро ба дарбор роҳ надод ва арзашонро ҳам нашунид.

Рӯзи ҷумъа, ки подшоҳ бар тахти равон нишаста ба масҷиди ҷомеъ мерафт, ҳиндуҳо сари роҳи ӯро гирифта арзу доди забонӣ ва додхоҳӣ карданд ва назар ба таҳрири муаллифи мазкур „...аз чор сӯ ҳою ҳуи тазаллум ва истиғоса (ёриталабӣ) баланд гардида бар гунбази афлок печид ва кор ба ҷое расид, ки бо вуҷуди эҳтимоми шадид ва маҷрӯҳ шудани сару дасти мардум, тахти равони подшоҳ ду қадам пеш рафта бозмеистод, охир гузаштан ва пеш рафтан аз ҷое ки истода буд, мутааззир (номумкин) гашта ҷунбидан душвор шуд ва ҳар дам касрат ва издиҳом меафзуд...“.

Подшоҳ дид, ки ҳеҷ пеш рафтан мумкин нест, фармон дод, ки филҳои ҷангӣ ва савориро оварда саф баста ба тарафи додхоҳон ронанд. Чун фармон ба амал омад, назар ба қавли муаллифи мазкур „ҷамъе помоли афьёл (филҳо) ва аспони рамхӯрда гаштанд ва боқимондагон маъюс ва маҳрум гурехта дар хонаҳои худ хазиданд ва чору ночор тан ба адои ҷизья дардоданд“.

Дар замони Аврангзеб умуман зулми молӣ зиёд шуда буд, ҳокимон ва маъмурони маҳаллӣ худсар шуда, ҳар кас ба ҳар ранге ки тавонад мардумро тороҷ мекард. Назар ба қавли муаллифи мазкур „...раоё аз тааддии фавҷдорон ва ҳукком... ҷӯқ-ҷӯқ (гурӯҳ-гурӯҳ) ба ҳузур омада фарьёд ва вовайло менамуданд. Сивои ҳукми таҳқиқ ва иблоғи аҳкоми таҳдидомез,... сиёсати (ҷазои) золимон, ки боиси ибрати дигарон гардад, ба амал намеомад. Магар баъд аз субут, баъзе ба камии мансаб ва азли хидмат мағзуб гашта, баъд аз чанд рӯз ба василаи мураббиён боз ба ҳол мешуданд“.

Аврангзеб ҳарчанд сахтгир, интизомдӯст ва ҷангҷӯ бошад ҳам, дар замони ӯ исьёнҳои пай дар пай, ҷангҳои дурудароз, дуздӣ ва горатгарӣ ривоҷ гирифт.

Оламгир ба итоати забонии охирин подшоҳони Қутбшоҳияи Ҳайдарободи Дакан—султон Абулҳасан ва охирин подшоҳони Одилшоҳияи Беҷопур—Искандар, ки онҳо бо қоидаи феодализми онвақтаи

ба марказ расонда меистоданд, қаноат накарда хост, ки онҳоро тамоман нест кунад. Бинобар ин ӯ Ҳайдарободи Даканро „Дорулҷиҳод“ номида ба он тараф лашкар кашида 6 сол ба ин ҷанг машғул шуд. Ҳамин сабаб шуд, ки ба болои нооромии умумии мамлакат чандин сол—то ба марказ баргашта омадани Аврангзеб дар вилоятҳо ва музофотҳои атрофи пойтахт—Деҳлӣ ҳам ихтилол давом карда мардуми бисьёре кушта шуданд, ҷоҳои обод хароб шуд ва зиндамондагон аз зиндагӣ безор шуданд. Бедил ин аҳволро дар „Чорунсур“ дар зимни ҳикояти як сафари худ тасвир кардааст.

Дар замони Оламгир ғайр аз исьёнҳои ҳокимони атроф ва бародаронаш, писаронаш ҳам исьён карданд, писари калонаш—султон Муҳаммад исьён карда ба дасти падар гирифтор шуда дар зиндон мурд. Писари дигараш—Баҳодуршоҳ хаёли исьён надошта бошад ҳам, ӯро дар исьён тӯҳмат карда дар зиндон андохт ва зани ӯро ҳам то либоси баданаш ва зеварҳои сару рӯяш мусодира карда ба ӯ либоси зиндониён пӯшонида ҳабс намуд, писараш, зани ӯ ва наздиконашро ва аз ин ҷумла Мирзо Шукруллоҳи лақабаш Шокирхонро, ки дӯсти наздики Бедил аст, барои иқрор кунондан ба исьён дар зери шиканҷаи сахт гирифта азобҳои ҷисмонии тоқатнопазир дод.

Хулоса бо таъсири ҷангҳои дуру дарози бародарон, ихтилоли атроф ва ҷангҳое ки худи Оламгир бо якраҳагӣ, инодкорӣ ва истибдод эҷод карда буд,—мамлакат хароб, хазина холӣ, ғоратгарон ва ҳокимони атроф худсар шуда, аҳолӣ ба қаҳтиҳо ва гуруснагиҳои дуру дароз гирифтор гардида, асбоби инқирози давлати феодалии темуриён дар Ҳиндустон муҳайё гардид.

* * *

Аврангзеб баъд аз 48 сол (ба ҳисоби шамсӣ) подшоҳӣ кардан дар соли 1118 ҳиҷрӣ (1706) вафот намуд. (Бедил дар ин вақт 62-сола буд). Ба ҷои ӯ дар Деҳлӣ писари бузургаш Баҳодуршоҳ ва дар Дакан писари дуюмаш Аъзамшоҳ (Бедил дар айёми ҷавонии худ, дар вақти шоҳзодагии Аъзамшоҳ чанд гоҳе ба ӯ навкар шуда буд) эълони подшоҳӣ карданд, дар ҷанге ки дар байни Баҳодур ва Аъзам рӯй дод, Аъзамшоҳ бо писараш—Бедорбахт кушта шуд, баъд аз он баро-

ҳам, ӯ низ дар ҷанг кушта шуда подшоҳӣ ба Баҳодуршоҳ монд.

Баҳодуршоҳ—донишманд ва назар ба бародаронаш раҳмдил ва адолатпарвар буд. Аммо ӯ ки дар 67-солагӣ ба тахт нишаста 6 сол подшоҳӣ кард, мамлакатеро ки солҳо боз рӯ ба вайронӣ оварда буд, дуруст карда наметавонист. Ӯ дар вақте ки дар Лоҳур буд, дар аввалҳои соли 1124 ҳиҷрӣ (1713) дар аснои сафар вафот намуд (дар ин вақт Бедил 68-сола буд).

Чор нафар писарони ӯ ба болои тахту тоҷ бо ҳам дар ӯрдугоҳ ҷангиданд, аввал Азимушшаън худро подшоҳ эълон кард, ӯ дар ҷанги бо Муиззуддин кардааш шикаст хӯрда дар об ғарқ шуда мурд. Бародари дигараш Ҷаҳоншоҳ ба Муиззуддин муқобил баромада ӯ ҳам дар ҷанг кушта шуд ва баъд аз он бародари хурдаш Рафеулқадр муқобил баромада ӯ ҳам кушта шуд ва подшоҳӣ ба Муиззуддин Ҷаҳондоршоҳ монд.

Муиззуддин ҳамаи додарзодаҳояш ва дигар шоҳзодагони авлоди Аврангзебро, ки ба дасташ афтода буданд, кушт. Фақат Фаррухсияр—писари Азимушшаън, ки дар ӯрду ва пойтахт набуд, аз ин куштор саломат монд.

Айёми салтанати Муиззуддин як масхарабозӣ буд. Ӯ бо Лолкунур ном маъшуқаи худ шабу рӯз мастӣ мекард. Лолкунур филсавор бо соябони подшоҳӣ дар кӯча ва бозорҳо саёҳат менамуд. Бародарон ва хешовандони ӯ ба мансабҳои калон соҳиб шуданд. Ҳатто як дугонаи ӯ ҳар рӯз филсавор ва дар рикоби худ ясовулони чӯбдор давонда ба дарбор рафту омад мекард ва дар кӯчаҳои Деҳлӣ, худ бо забон ва одамонаш бо чӯб одамони бономусро таҳқир ва зарбу лат менамуданд.

Бедил ин рубоиро бояд дар ҳамон замон гуфта бошад:

Афсӯс, ки созӣ салтанат шуд фосид,
Гардид матои дину давлат косид.
Назми Ҳиндустон кунун мунҳасир аст
Бар дайюсу ланму ҳезу ҳосид.

Муиззуддин бо ҳамаи ин карру фар лоақал як соли пурра салтанат карда натавониста дар охирҳои соли 1124 ҳиҷрӣ дар ҷанге, ки бо бародарзодааш—Фаррухсияр карда буд, шикаст хӯрда аввал маҳбус ва баъд аз чанд рӯз кушта шуд.

Фуррухсияр писари Азимушшаън подшоҳиро ба даст даровардa амалдоронеро, ки аз онҳо норозӣ, ё бадгумон буд ва шоҳзодагонеро, ки ба дасташ афтод, кушта гӯё ки салтанати худро мустаҳкам кард.

Аммо худ ба дасти вазири аъзами худ Қутбулмулк—Саид Абдуллохон ва бародари ӯ—амирулумаро Ҳусайналихон, ки ин ду бародар аз саидҳои Боҳира буда, сабаби подшоҳии ӯ шуда буданд, асир буд.

Фаррухсияр ба ном подшоҳ бошад ҳам, ихтиёри мулку давлат тамоман дар дасти ин ду бародар буд. Инҳо мансабҳои калон ва манбаъҳои асосии даромад ва ихтиёри харҷу дахли мамлакатро ба дасти худ гирифта буданд, ки касе бе васотати инҳо ба мансабе намерасид ва подшоҳ ба ихтиёри худ коре кардан наметавонист. Ин саидҳо амалдорони кӯҳнаро зердаст ва сарпаст карда гирифта буданд ва касеро ки аз вай нисбат ба худ мухолафат ҳис кунанд, дарҳол нест мекарданд.

Фаррухсияр чанд гоҳе бо саидҳо мадоро карда, охир дар фикри нест намудани инҳо афтод. Аммо ӯ ҷуръате надошт, ки онҳоро аз амал фарорад, ё ба ҷое ронад. Оқибат саидҳо ба замири дили Фаррухсияр пай бурда, дар паи нест кардани ӯ афтоданд ва ӯро дар ҳарамсарой дастгир ва маҳбус намуда ба ҷои ӯ Шамсиддин абулбаракот, рафеуддараҷот (ҳамаи ин як исми бе мусаммо) писари Рафеулқадрро дар соли 1131 ҳиҷрӣ (1719) подшоҳ бардоштанд.

Ин ду бародар (саидҳо) дар вақти ин „подшоҳбозӣ" ҳамаи хазина ва дафинаи давлат ва асбоби салтанатро байни худ тақсим карда гирифта, васоити иқтидорашонро аз аввала ҳам зиёдатар намуданд, ҳатто ходимаҳо, канизакҳо ва парасторони боҷамоли ҳарамсарои подшоҳиро низ гирифта ба хонаҳои худ фиристоданд.

Рафеуддараҷот баъд аз се моҳ бардоштани номи подшоҳӣ ба аҷали худ мурд ва саидҳо ба ҷои ӯ бародараш—Рафеуддавларо подшоҳ сохтанд. Дар ин миён Некӯсияр ном шоҳзода ҳам дар яке аз вилоятҳо даъвии подшоҳӣ карда ба дасти саидҳо асир афтод. Рафеуддавла ҳам дар андак муддат ба аҷали худ вафот намуд ва саидҳо шаҳзода Равшанахтар—писари Хуҷистаахтар Ҷаҳоншоҳро ба номи лақаби „Абулфатҳ Носириддин Муҳаммадшоҳ" бар тахт нишонданд, ки Бедил дар соли дуюми ҷулуси ин подшоҳ—соли 1133 ҳиҷрӣ (1721) вафот намуд.

Муҳаммадшоҳ ҳам дар аввалҳои подшоҳии худ асири дасти са-

идҳо буд. Лекин ӯ қадаре ҷуръат ки дошт, бо дасти Низомулмулк Осафҷоҳ саидҳоро нест кард.

Номи Низомулмулк Осафҷоҳ Қамаруддин буда, писари Ғозиуддинхон Шаҳобиддин аст, ки падари ӯ Обидхон аз аъёнҳои Самарқанд аст. Обидхон дар замони Шоҳи Ҷаҳон аз Самарқанд ба Ҳиндустон рафта ба дарбори подшоҳи мазкур роҳ ёфта ба мартабаи калон расидааст.

Низомулмулк Осафҷоҳ донишманди бузург ва шоири забардаст буд. Дар идораи мамлакат иқтидори дуруст дошт. Ӯ аз ихлосмандони Бедил буда, дар вақти дар вилояти Дакан ҳоким буданаш— дар вақте ки пойтахт Деҳлӣ дар натиҷаи „подшоҳбозиҳо“ хароб ва аҳли дониш сарпаст буданд, ӯ номаи махсус ба Бедил, ки дар Деҳлӣ истиқомат дошт, навишта ӯро ба ҳузури худ даъват намуд. Аммо Бедил дар ҷавоб байти зеринро навишта фиристод ва даъвати ӯро рад кард.

Дунъё агар диҳанд нахезам зи ҷои хеш,
Ман бастаам ҳинои қаноат ба пои хеш.

Муҳаммадшоҳ аз дасти саидҳо халос шуда, иқтидор пайдо кард. Аммо дар раҳбарияти Низомулмулк барин вазири донишманд мамлакатро бо ақлу идрок идора карданро нахост. Ӯ ба айшу нӯш дода-шуда дар атрофи худ даллолони фаҳшиётро ғун карда, хазинаи давлатро ки зотан хароб шуда буд, боз ҳам хароботар кардан гирифт ва дар вилоятҳо ҳам ҳампешагони худро ҳоким кард.

Низомулмулк дид, ки ислоҳ кардани подшоҳ ва дарбори ӯ мумкин нест, ба маҳалли ҳукумати худ, ки вилояти Дакан буд ва он ҷоро аз дасти исьёнкорон бо шамшери худ ба даст даровarda буд, рафт ва подшоҳ ҳам ба итоати забонии вай қаноат кард.

Дар 30-сола айёми ҳукумати Муҳаммадшоҳ мамлакати Ҳиндустон тамоман хароб шуд. Хуҷуми Нодиршоҳ ба Ҳиндустон, ҳуҷуми Аҳмадшоҳи абдолӣ, ҳукуматҳои худӣ ташкил кардани афғонон дар чанд ҷои Ҳиндустон, сар бардоштани марҳа ном як қабилаи ҳиндуҳо ба муқобили давлати темурӣ, исьён кардани ҳокимон ва заминдорони атроф—ҳама дар замони ҳамин подшоҳ шуд.

Бепулии хазина ва бетартибии идора ба дараҷае расид, ки рӯзе Муҳаммадшоҳ Музаффаралихон ном касеро ба ҷое ҳоким карда фи-

дар дарьёҳои хун ғарқ шуда, аз озодӣ ва истиқлолияти худ ҷидо гардиданд.

Бедил ҳамеша тарафдори нест кардани фарқи байни куфру ислом—ҳиндую мусулмон шуда омад, ӯ дар як мухаммаси худ мегӯяд:

...Ислому куфр нест, яқин ё гумон туӣ!
Эй ғарраи тамиз, вуболи ҷаҳон туӣ!
Оина бишкану ҳамаро бегуноҳ гир!

Ӯ саломат мондани аҳолии мусулмони Ҳиндустонро мавқуфи саломат мондани ҳиндуҳо медонист ва ба мутаассибони ислом, ки ҳиндуҳоро дида наметавонистанд ва маҳкуми худ кардан мехостанд, хитоб карда мегуфт:

...Бе реша парокандагии дона аён аст,
Аз сабҳа маҷӯ рабт, чу зуннор намонад!

Аммо фитнагарони хиёнатгар майдони ҷанги куфру ислом ва дину мазҳабро кушоданд, халқи меҳнатиро сахт истисмор карданд, дар натиҷа истиқлоли ватанашонро аз даст доданд ва аҳолиро ғуломи империалистон гардониданд.

# II

## ТАРҶИМАИ ҲОЛИ БЕДИЛ

Аз ҷиҳати равшан ва муайян будани тарҷимаи ҳоли худ хеҷ як шоири классики тоҷик ба хушбахтии Бедил соҳиб нашудааст. Зеро соли таваллуди бештарин классикҳои мо номаълум буда, соли вафоти як қисмашон дар тазкира ва таърихҳо қайд шуда бошад ҳам, аксаре бо ду-се ривоят ва дар зери пардаи шакку гумон мондааст, замонашон ҳам аз тарафи касоне ки шоҳиди он вақт будаанд, батафсил навишта нашудааст ва ба сабаби аз замони мо бисьёр дур будан, тафтиш ва тадқики он замонҳо душвор аст.

Аммо қисми муҳимми тарҷимаи ҳоли ин мутафаккири бузург— Бедил, ҳатто соли таваллудаш ҳам аз тарафи худаш дар асарҳояш қайд гардида, як қисмаш аз тарафи тазкиранависоне ки дар замони ӯ зинда будаанд, ё дар замони ба ӯ наздик зиндагонӣ кардаанд, навишта шудааст ва инчунин аҳволи замонашро қисман дар асарҳои худаш акс кунондааст ва тафсилаш аз тарафи таърихнавис—Ғуломҳусайнхон бинни Хидояталихон, ки баъд аз даҳ соли вафоти Бедил дар Ҳиндустон таваллуд ёфта дар ҳамон муҳит зиндагонӣ кардааст, дар „Сиярулмутааххирин“ ном китобаш навишта шудааст.

Номи ин шоири файласуф Мирзо Абдулқодир, тахаллусаш Бедил ва лақаби аз тарафи аҳли адабиёт додашудааш Абулмаонӣ (падари маъниҳо) буда, дар шаҳри Азимободи Патна, ки аз музофоти вилоятҳои Биҳор ва Бангола мебошад, дар соли 1054 ҳиҷрӣ (1644 милодӣ) таваллуд ёфтааст.

Таърихи таваллуди ин шоири бузургро касе аз фозилони замони таваллудаш, бо илтимоси падараш, дар вакти зоида шуданаш бо ҳисоби Абҷад калимаҳои „файзи кудс“ ва „интихоб“ ёфта будааст, ки худи шоир баъд аз шуглаш ба шеъргӯй он калимаҳоро дар китъаи зерин ба назм овардааст:

Ба соле ки Бедил ба мулки зуҳур
Зи файзи азал тофт чун офтоб,
Бузурге хабар дод аз мавлидаш
Ки ҳам „файзи кудс“ асту ҳам „интихоб“.

Назар ба накли муаллифи тазкираи „Хизонаи Омира“—Ғуломалихони Озоди балгиромӣ, ки дар замони вафоти Бедил 17-сола буд, асли Бедил аз гурӯҳи (қабилаи) Арлос будааст.

Баъзе тазкиранависоне ки баъдтар аз замони Бедил зиндагонӣ кардаанд, калимаи „Арлос“-ро „Барлос“ қайд карда бобоҳои ӯро шаҳрисабзӣ қарор додаанд, ки он ҷо бошишгоҳи қабилаи Барлос буд.

Аммо аз он ҷо ки муаллифи тазкираи „Хизонаи Омира“—Ғуломалихон дар вакти вафоти Бедил 17-сола буда, баъд аз як соли вафоти ӯ ба ҷои вафоти ӯ—ба Деҳлӣ омадааст ва ба ӯ марсия ва таърих гуфта ва инчунин куллиёти ӯро бо ҳамсӯҳбатонаш мутолиа кардааст, мо сухани ӯро тарҷеҳ мекунем.

Инчунин дар охири куллиёти чопаи Бедил дар такризе ки вайро тасхеҳкунандаи он нусха таҳрир кардааст, ин калима ба шакли „Арлос“ қайд ёфтааст. Аммо шахсе дар паси калимаи „Арлос“ калимаи „чеғатоӣ“-ро ҳам ҳамроҳ кардааст.

Дар ҳар ҳол бояд яке аз бобоҳои Бедил аз Мовароуннаҳр ба Ҳиндустон кӯчида бошад. Аммо аз кадом шаҳр, ё вилояти Мовароуннаҳр будани он касро ва ба ӯ ба чанд восита (пушт) расидани Бедилро мо равшан карда наметавонем. Гумон кардан мумкин аст, ки бояд он кас аз ҷумлаи бобоҳои хеле дуртари соҳиби тарҷима бошад. Зеро агар Бедил ба он кас ба як, ё ду восита мерасид, Ғуломалихони Озод ин ҳолро қайд накарда намегузашт. Чунки ӯ дар тазкираи худ дар зикри шоироне ки бобоҳои наздикашон аз Эрон, ё аз Мовароуннаҳр кӯчидаанд, одатан ин хусусияти онҳоро равшан нишон дода худи онҳоро, ё падари онҳоро „Ҳиндустонзо“ (дар Ҳиндустон зоидашуда) буд мегӯяд.

донаш ҳаминро нишон медиҳад, ки бояд яке аз бобоҳои инҳо сардори бузург бошад. Чунки дар Ҳиндустон авлоди сардорони бузургро бо унвони эҳтиромии „Мирзо“ ном мебурданд ва инҳо як табақаи ҷудогона ба шумор мерафтанд. Худи Бедил ҳам дар як байти як ғазали худ унвони эҳтиромӣ будани ин калимаро зимнан ишорат карда, масхара дошта мегӯяд:

Дар маҳфиле ки иззат мавқуфи худфурӯшист,
Дигар касе чӣ бошад гар Мирзо набошад?

„Бедил“ дар адабиёти бадеӣ ба маънои „дил аз дастдода—ошиқ“ (ба муқобили „дилдор“, ки ба маънои „маъшуқ“ аст) кор фармуда мешавад. Шоир дар тахаллуси адабии худ ин калимаро шояд ба ҳамин маънӣ гирифта бошад.

Навкарӣ ва сипоҳигарӣ будани касби асосии падару бобоҳояшро худи Бедил дар „Чорунсур“ ба муносибати зикри хонадор ва навкар шудани худ зимнан гуфта мегузарад.

Назар ба нақли Бедил дар аввали „Чорунсур“ баъд аз давран ширхорагиаш падараш вафот карда ӯ ятим мондааст ва модараш ӯро дар вақти панҷсолу панҷмоҳагиаш ба мактаб фиристодааст. Ӯ дар сари соли ҳафтӯми умраш қуръонро хонда тамом карда саводи алифбои баровардааст. Баъд аз он ӯ то даҳсолагиаш хонданро давом дода қоидаҳои сарфу наҳви арабӣ ва назму насри форсиро омӯхтааст ва баъд аз он таҳсили мураттаб дидан ба ӯ муяссар нашудааст ва тарбияи умумии худро бештарин аз амаки худ—Мирзо Қаландар гирифта илмҳои расмӣ ва тасаввуфро аз мавлоно Шайх Камол, ки ҳам олими бузург ва ҳам аҳли тасаввуф буд, ба тарзи ғайри расмӣ омӯхтааст, тафсир, ҳадис ва адабиёти арабро дар пеши тағоии худ—Мирзо Зариф, ки ӯ низ олими бузург буд, гузаронидааст.

Назар ба ёддошти Бедил амаки ӯ—Мирзо Қаландар шуҷоъ, сахтирода, покизаахлоқ ва дӯстдори донишмандони ҳақиқӣ буда, касби асосиаш сипоҳигарӣ буд. Ӯ бовуҷуди бесаводӣ шоири хуб ва нурдон буд. Ӯ рӯзе ба мадраса рафта мунозараи ду муллоро, ки якдигарро дашном медоданд ва одатан бар болои як масъала меҷангиданд, дида аз онҳо ва аз мадраса нафрат кардааст ва ҳамон

гоҳ ба масъалае эҳтиёҷ афтад, қозӣ дар маҳкама намурдааст ва ҳар вакт насиҳат манзур бошад, воизро аз минбар гург набурдааст...“ гуфтааст ва Бедилро ба омӯхтани китоби зиндагӣ ва бисьёртар хондани асарҳои назмӣ ва насрии шоирон ва адибони бузурги гузашта далолат карда, чизҳои писандидаашро ба худаш хонда доданро ва худаш ҳам ба машқи шеър машғулӣ карданро ба ӯ тавсия намудааст.

Бедил дар „Чорунсур“ дар хотироти худ, дар бораи Мирзо Қаландар, баъд аз мурдани падараш то ба балоғат расиданаш, дар зери тарбияи ӯ будани худро ва аз вай бисьёр чизҳо омӯхтанашро ёдоварӣ карда дар охир мегӯяд: „...қатъи назар аз дигар фавоид, ламъаи назме ки имрӯз равнақафрӯзи конуни тахайюл аст, аз партавиқтибосиҳои табъи худододи ӯст ва кайфияти маънии ин замон, ки дудангези димоғи фитрат аст, аз ҷуръапарастиҳои хидмати нашъаэҷоди ӯ...“.

Бедил аввалин шеъри худро дар охирҳои мактабхониаш—дар вақти даҳсолагиаш гуфтааст. Назар ба ёддошти худаш дар аввали Унсури дуюми „Чорунсур“ (с. 47) ӯ дар мактаб ба муносибате ки яке аз ҳамдарсонаш дар зери забонаш қаранфул (қаламфури гардан) гузошта омада буд ва дар вақти гап заданаш аз даҳонаш бӯи хуши он меомад, ин рубоиро гуфтааст:

Ёрам ҳар гоҳ дар сухан меояд,
Бӯи аҷабеш аз даҳан меояд.
Ин бӯи қаранфул аст, ё накҳати гул,
Ё роеҳаи мушки Хӯтан меояд.

Баъд аз машҳур шудани ин рубоӣ баъзе касоне ки ба қобилияти инсонӣ боварӣ доштанд, аз Бедил будани ин рубоиро мумкин шуморида бошанд ҳам, як қисм касон аз як бачаи хурдсол сарзадани ингуна назмро, одатан, дур дониста ба назари инкор нигоҳ мекарданд.

Бедил назар ба ёддошти худаш то даҳ соли дигар (то бистсолагиаш) баъзе шеърҳои ба хотиромадаашро нанавиштааст, баъзе аз онҳоро навишта бошад ҳам, ба касе хонда надодааст ва агар хонда додан рост омада бошад, ба ягон шоири гузашта нисбат дода хондааст.

Бедил дар охири ин хотироти худ: „...фақир ин рубоиро аркони биноИ мавзунии (шоирии) худ медонад ва аз ҳамин чаҳор мисраъ унсури

мизоҷи шӯълаафсуни мехонад" мегуяд ва дар поени ин гуфтор ғазалеро менависад, ки матлааш ин аст:

Ҳосили тухми заиф аст он чи хирман дидаӣ!
Де шароре буд, агар имрӯз гулхан дидаӣ!

Хоҳ амаки Бедил—Мирзо Қаландар бошад, хоҳ тағоиаш—Мирзо Зариф ба маҷзубон[1] ва аҳли тасаввуф ихлосманд буданд. Мирзо Қаландар ҳатто худаш ҳам бо таклиди маҷзубон гоҳо риёзатҳои шоққа (пурмашаққат) мекашид ва дар тасхирот кӯшиш мекард. Бедил аз маҷзубоне, ки дар хонаи инҳо бо онҳо ҳамсӯҳбат шудааст, шаш нафарро ном ба ном зикр карда, ҳар кадомашонро ба некӣ ёд мекунад ва холатҳои аз онҳо мушоҳидакардаашро бо тааҷҷуб нақл менамояд.

Дар он вактҳо Бедил дар зери таъсири онҳо мемонад, дар фикри „тасхири дев, парӣ ва аҷина" меафтад.

Дар миёнаи он маҷзубоне, ки Бедил онҳоро дидааст, донишмандон ҳам буданд—баъзе аз онҳо шоир, баъзеашон адабиётшинос, баъзеашон файласуф ва арбоби тасаввуф, баъзеашон донандаи адабиёт ва фалсафаи Ҳинди қадим ва баъзеашон мутахассиси забон ва адабиёти араб буданд.

Бедил аз ҳар кадоми он маҷзубон дар соҳаи тахассуси худашон фоида бурдааст, ки он ҳодисаҳоро дар „Чорунсур" батафсил ёдоварӣ мекунад. Аз ин ҷумла Шоҳмулук ном як маҷзуб шеръҳои ба забони ҳиндӣ гуфтаи худро бо шарҳаш ба тарзи имло ба Бедил нависонда ба ӯ медиҳад ва ӯро ба шеъргӯӣ ташвиқ мекунад. Дар шеър бо пуррагии мазмун, сангин кардани лафзро шарт мегузорад. Шоҳмулуки маҷзуб, инсон вақте комил мешавад, ки шоир бошад ва „...имтиёзи рутбаи хавос аз авом... ба нисбати баландӣ ва пастии сухан аст, на ба эътибори бузургӣ ва кӯчакии сару гардан..." мегӯяд.

Бедил тавсияҳои Шоҳмулукро дар бораи шеър дар ин рубоӣ хулоса мекунад:

Хомушнафасе ки табъи мавзун дорад,
Сад ғунча баҳор аз дили пурхун дорад.
Тасхири паризоди сухан осон нест,
Ин ҷо нафаси сӯхта афсун дорад.

---

[1] Маҷзубон—тоифае аз аҳли сулуканд, ки ба фармоиши зоҳири шариат он қадар амал намекарданд ва риёзати шоққаро воситаи ба худо—ба ҳақиқат расидан медонистанд ва дар зоҳири аҳвол девонавор мегаштанд. Маслаки маҷзубӣ ҳам монанди ҳамаи шоху шохчаҳои дин ба заҳролуд кардани майнаи халқ нигаронида шудааст.

руз бародарзодаи худ—
гоҳ ба масъалае эҳтиёҷ
ҳар вакт насиҳат манзур
гуфтааст ва Бедилро ба о
асарҳои назмӣ ва насрии
карда, чизҳои писандидаг
ба машқи шеър машғулӣ

Бедил дар „Чорунсу
ландар, баъд аз мурдани
тарбияи ӯ будани худро
рӣ карда дар охир мегу
назме ки имрӯз равнақаф
босиҳои табъи худододи
гези димоғи фитрат аст, а

Бедил аввалин шеъри
даҳсолагиаш гуфтааст.
дуюми „Чорунсур“ (с. 47
дарсонаш дар зери забо
омада буд ва дар вакти
ин рубоиро гуфтааст:

афтад, козӣ дар маҳкама намурдааст ва
бошад, воизро аз минбар гург набурдааст...“
мӯхтани китоби зиндагӣ ва бисьёртар хондани
шоирон ва адибони бузурги гузашта далолат
шро ба худаш хонда доданро ва худаш ҳам
карданро ба ӯ тавсия намудааст.

“ дар хотироти худ, дар боран Мирзо Қа-
падараш то ба балоғат расиданаш, дар зери
ва аз вай бисьёр чизҳо омӯхтанашро ёдова-
яд: „...қатъи назар аз дигар фавоид, ламъаи
рӯзи конуни тахайюл аст, аз партавиқти-
ӯст ва кайфияти маънии ин замон, ки дудан-
з ҷуръапарастиҳои хидмати нашъаэҷоди ӯ...“.
худро дар охирҳои мактабхониаш—дар вақти
Назар ба ёддошти худаш дар аввали Унсури
ӯ дар мактаб ба муносибате ки яке аз ҳам-
аш қаранфул (қаламфури гардан) гузошта
ап заданаш аз даҳонаш бӯи хуши он меомад,

Ёрам ...ар гоҳ дар сухан меояд,
Бӯи аҷ...беш аз даҳан меояд.
Ин бӯи ... каранфул аст, ё накҳати гул,
Ё роех...и мушки Хутан меояд.

Баъд аз машҳур шуд
инсонӣ боварӣ доштанд, а
рида бошанд ҳам, як ки
ингуна назмро, одатан, ду
данд.

Бедил назар ба ёддош
гиаш) баъзе шеърҳои ба
ҳоро навишта бошад ҳам,
рост омада бошад, ба яго

Бедил дар охири ин х
нои мавзунии (шоирии) ху

ани ин рубой баъзе касоне ки ба қобилияти
з Бедил будани ин рубоиро мумкин шумо-
м касон аз як бачаи хурдсол сарзадани
р дониста ба назари инкор нигоҳ мекар-

ти худаш то даҳ соли дигар (то бистсола-
хотиромадаашро нанавиштааст, баъзе аз он-
ба касе хонда надодааст ва агар хонда додан
н шоири гузашта нисбат дода хондааст.
тироти худ: „...фақир ин рубоиро аркони би-
д медонад ва аз ҳамин чаҳор мисраъ унсури

леро менависад, ки матлааш ин аст:

Ҳосили тухми занф аст он чи хирман дидаӣ!
Де шароре буд, агар имрӯз гулхан дидаӣ!

Хоҳ амаки Бедил—Мирзо Қаландар бошад, хоҳ тағоиаш—Мирзо Зариф ба маҷзубон[1] ва аҳли тасаввуф ихлосманд буданд. Мирзо Қаландар ҳатто худаш ҳам бо тақлиди маҷзубон гоҳо риёзатҳои шокка (пурмашаққат) мекашид ва дар тасхирот кӯшиш мекард. Бедил аз маҷзубоне, ки дар хонаи инҳо бо онҳо ҳамсӯҳбат шудааст, шаш нафарро ном ба ном зикр карда, ҳар кадомашонро ба некӣ ёд мекунад ва холатҳои аз онҳо мушоҳидакардаашро бо тааҷҷуб нақл менамояд.

Дар он вақтҳо Бедил дар зери таъсири онҳо мемонад, дар фикри „тасхири дев, парӣ ва аҷина“ меафтад.

Дар миёнаи он маҷзубоне, ки Бедил онҳоро дидааст, донишмандон ҳам буданд—баъзе аз онҳо шоир, баъзеашон адабиётшинос, баъзеашон файласуф ва арбоби тасаввуф, баъзеашон донандаи адабиёт ва фалсафаи Ҳинди қадим ва баъзеашон мутахассиси забон ва адабиёти араб буданд.

Бедил аз ҳар кадоми он маҷзубон дар соҳаи тахассуси худашон фоида бурдааст, ки он ҳодисаҳоро дар „Чорунсур“ батафсил ёдоварӣ мекунад. Аз ин ҷумла Шоҳмулук ном як маҷзуб шеърҳои ба забони ҳиндӣ гуфтаи худро бо шарҳаш ба тарзи имло ба Бедил нависонда ба ӯ медиҳад ва ӯро ба шеъргӯӣ ташвиқ мекунад. Дар шеър бо пуррагии мазмун, сангин кардани лафзро шарт мегузорад. Шоҳмулуки маҷзуб, инсон вақте комил мешавад, ки шоир бошад ва „...имтиёзи рутбаи хавос аз авом... ба нисбати баландӣ ва пастии сухан аст, на ба эътибори бузургӣ ва кӯчакии сару гардан...“ мегӯяд.

Бедил тавсияҳои Шоҳмулукро дар бораи шеър дар ин рубоӣ хулоса мекунад:

Хомушнафасе ки табъи мавзун дорад,
Сад ғунча баҳор аз диҷи пурхун дорад.
Тасхири паризоди сухан осон нест,
Ин ҷо нафаси сӯхта афсун дорад.

---

[1] Маҷзубон—тоифае аз аҳли сулуканд, ки ба фармоиши зоҳири шариат он қадар амал намекарданд ва риёзати шоққаро воситаи ба худо—ба ҳақиқат расидан медонистанд ва дар зоҳири аҳвол девонавор мегаштанд. Маслаки маҷзубӣ ҳам монанди ҳамаи шоху шохчаҳои дин ба заҳролуд кардани майнаи халқ нигаронида шудааст.

Дар соли 1071 хиҷрӣ (1661 милодӣ) дар вақти 17-солагии худ, Бедил аз Патна ба Удеса сафар мекунад. Дар ин сафар ӯро тағоиаш Мирзо Зариф аз амакаш Мирзо Қаландар рухсат гирифта ҳамроҳи худ мебарад.

Бедил дар вилояти Удеса 3 сол—то 20-солагиаш мемонад, бо Шоҳқосими маҷзуб ҳам дар он ҷо шинос мешавад. Тафсир ва ҳадисро ҳам дар пеши Мирзо Зариф дар он ҷо мехонад. Аз улуми арабӣ ва фалсафа ва тасаввуф аз Шоҳқосими мазкур ҳам дар он ҷо фоида мебарад.

Аз рафти таҳрироти Бедил дар ин бора, маълум мешавад, ки Мирзо Зариф асосан олим ва дӯстдори донишмандон ва аҳли тасаввуф ва маҷзубон буда, мадори маишаташ бо хариду фурӯш—бо тиҷорат будааст.

Бедил бо ҳамроҳии Мирзо Зариф чанд гоҳ аз шаҳри Катак, ки маркази вилояти Удеса аст, ба қасабаи Гусорӣ, ки аз он ҷо шашрӯза роҳ аст, рафта истода, ба сабаби гармии аз ҳад зиёди ҳаво бемори сахт шуда мехобад, ки ҳамаи ин ҳолатҳоро дар Унсури Якӯми „Чорунсур“ ёдоварӣ мекунад.

Бедил дар 21-солагии худ ба ҳаваси зиндагонии озод афтода аз ҳимоят ва васояти амаку тағоӣ баромада аз вилояти Биҳор ба шаҳри Деҳлӣ, ки пойтахти мамлакати Ҳиндустон аст, сафар мекунад. Ҳарчанд ӯ ин сафари худро дар асарҳои худ ба тарзи ёддошт қайд накарда бошад ҳам, аз як қитъаи таърихӣ, ки дар ин маврид гуфтааст ва дар куллиёташ дар қатори қитъа ва таърихҳо дарҷ ёфтааст, ин ҳол маълум мешавад. Он қитъа ин аст:

Аз мулки Биҳор сӯи Деҳлӣ
Чун ашк равон шудем бекас,...
Соли таърихи ин азимат
Дарьёб ки „роҳбар худо бас“

Ҷумлаи „роҳбар худо бас“ ки моддаи таърих аст, ба ҳисоби Абҷад 1075 ҳиҷрӣ мешавад, ки ин ба 21-солагии шоир баробар буда, ба соли 1665 милодӣ мувофиқ аст.

Баъд аз сафар кардани Бедил аз Биҳор ба Деҳлӣ, дар худи ҳамон сол тағоиаш—Мирзо Зариф ва баъд аз як сол амакаш—Мирзо Қаландар вафот мекунад, ки Бедил дар вафоти ҳар кадоми инҳо марсия ва таърих ба назм оварда дилсӯзӣ намуда онҳоро ба некӣ ёд мекунад.

Бедил дар кишвари шарқии Ҳиндустон—дар вилояти зоидашудааш, бо таъсири сӯҳбати маҷзубон ва аҳли тасаввуф дар фикри тарку таҷрид ва дарвешӣ афтода бошад ҳам, аз он ҷо ки дар қайди алоқа ва риояи хешу табор ва дар зери таъминот ва васояти пурраи амаку тағоӣ буд, ин фикри худро тамоман ба амал оварда наметавонист ва зоҳири аҳволаш ҳам ба он тоифа (тоифаи маҷзубон) ҳеҷ монандӣ надошт.

Аммо вақте ки ӯ аз васояти хешу табор озод шуда аз Биҳор ба Деҳлӣ—ба як шаҳри бегона омад, тамоман ба тарзи маҷзубон ва дарвешон зиндагонӣ сар кард, ҳатто дар Деҳлӣ чандгоҳ ба мақсади риёзати шоққа (риёзати пурмашаққат) кашидан, аз таомхӯрии оддӣ парҳез карда, дар ҳар шабона рӯз ба як мушт нахӯди хом қаноат менамуд.

Дар он вақтҳо ӯ дар натиҷаи гуруснагии дуру дарози аз ҳад зиёд, дар хаёлот печид. Назар ба ҳикояти худаш, дар аснои ингуна риёзати шоққа, ӯ шабе ба бозор баромад, бозор, раста ва дӯконҳо ва молу матоъҳо ба назараш ба тарзи аҷиб ҷилва намуданд. Дар вақти бозгашт аз ин тамошо ӯ гумон мекард, ки бар ҳаво баланд шуда рафта истодааст, ҳаргоҳ ӯ аз рафтор бозмеистод, ин ҳолат барҳам мехӯрд, вақте ки ба роҳ рафтан сар мекард, боз ҳамон хаёл рӯй медод.

Торикии шаб, воҳимаи аз ҳад зиёд ва танҳоӣ—ин ҳолати хаёлиро ба назараш боз ҳам ваҳшатангезтар ва даҳшатхезтар намуда, ӯро зиёдатар дар тарсу ҳарос андохт, ӯ аз роҳи бозор, худро ба паскӯчаи маҳаллаҳо кашид, аммо дар он ҷо ҳам ин ҳолат давом кард, ҳатто дар ҳаво ҳамин дараҷа баланд мешуд, ки гӯё аз болу девори ҳавлиҳо болотар рафта, рӯи ҳавлиҳо ва боғчаҳоро медид. Дар он вақт ба хонаи яке аз шиносоҳояш даромада аз ташвиши ин ҳолат ором гирифт, ӯ ин аҳволро дар Унсури Чорӯми „Чорунсур“ аз охири саҳифаи 116 сар карда батафсил ҳикоят кардааст.

Ҳарчанд ин ҷо ҷояш нест ва ҳанӯз мо баёни саргузаштҳои ҷавонӣ ва ҳолатҳои изтиробии Бедилро тамом накардаем, барои рафъи шубҳаи хонандагон ҳамин нуктаро қайд кардан даркор аст, ки ӯ баъд аз ба камол расиданаш аз ингуна таҳайюлот тамоман пок шудааст ва дар фалсафаҳои худ мегӯяд, ки ҳолатҳое ки бо таъсири риёзати шоққа ва гуруснагии аз ҳад зиёд ба одам рӯй медиҳад, ҳамагӣ хаёлоти маҳз аст ва дар охири ҳамин нуқта, ки дар поёни саҳифаи 47 „Руқаот“ дарҷ шудааст: „...агар хуш ҳаст бояд фаҳмид, ки ғайри

ашьёи махсусан муайян ҳарчи дар хаёл партав андозад, во ҳимаи савдой аст, ва хилофи коидаи офоқ (дуньёи мавчуд), он чи дар назарҳо ташаккул ёбад—ғубори биной" гуён он нуктаи фалсафии худро тамом мекунад.

Бедил дар аввалҳои зиндагонии худ дар Деҳлӣ ба ғайр аз касоне ки бо мачзубон алоқаманд буданд, бо дигар касе рафту ой надошт. Назар ба ҳикояташ баъд аз як соли дар Деҳлӣ буданаш—дар соли 1076 ҳичрӣ (дар вақти 22-солагиаш) рӯзе ба хонаи як дӯсташ ба меҳмонӣ меравад. Ҳозирони он мачлис ҳамагӣ аз мачзубҳо гап мезананд.

Ногоҳ ба он мачлис Шоҳкобулӣ ном мачзуб даромада меояд ва дар паҳлуи Бедил нишаста дар таомхӯрӣ бо ӯ ҳамкоса мешавад ва баъд аз ду-се луқма хӯрдан аз чо мехезад ва Бедилро аз даст гирифта ҳамроҳи худ мебарад ва аз шаҳр бароварда ба вайронаи худ медарорад.

Назар ба ҳикояи Бедил дар он чо аз намози аср то як поси шаб бе ҳарфу гап рӯй ба рӯи ҳам менишинанд. Баъд аз он мачзуб сар бардошта қаҳқаҳазанон механдад ва поҳояшро дароз карда меёзад ва мегӯяд: „Ин чо кушоди чашм ғайр аз ҳайрат чизе надорад, бояд хобид ва бедорӣ чуз ташвиш бор намеорад, бояд вокашид!".

Бедилро беихтиёр хоб мерабояд. Вақте бедор мешавад, ки рӯз шудааст. Аммо аз Шоҳкобулӣ дар он вайрона асаре нест.

Бедил дар паи кофтукови он мачзуб Деҳлӣ ва атрофашро тай мезанад, аммо аз вай асаре намеёбад, дар охир бо иштиёқи дубора ёфта дидани ӯ девонавор дар дашту кӯҳсор ду сол мегардад. Назар ба таъбири худи Бедил „шӯри саҳронавардии гирдбодро аз ҳалқабагӯшони хидмати саргаштагии худ мехонад ва ҳавои кӯҳпаймоии нолаpo сар бар хатти дуди димоғ менишонад...".

Дар аснои ин саҳрогардиҳо бо таъсири гармии беамони Ҳиндустон шоир ба дарди чашми сахте гирифтор мешавад ва он озорро бо ин рубой тасвир менамояд:

„Азбас дидам кашидани дард ба чашм,
Хун мекунадам шунидани дард ба чашм.
Дарди дигар аз назар ниҳон мебошад,
Дарди чашм аст дидани дард ба чашм".

Дар ин биёбонгардӣ вақте ки аз водии Бандароин мегузарад, гармии ҳаво ба дарачае мерасад, ки дигар тобу тавони ҳаракаташ на-

мемонад. Акнун сояе даркор аст, ки қадаре ором гирад. Ба мақсади ёфтани оромгоҳе рафта ба шаҳри Митҳаро медарояд, аз раста мегузарад, аммо бинобар бегонагӣ касе ӯро ба нишастани сари дӯконе таклиф наменамояд ва назар ба таъбири худаш дар он раста „ғайри ҷинси мурувват, аз ҳар кумош муҳайё ва омода“ буд.

Аммо руфугаре[1] ки дӯкончаи танге дошт ва дар он ҷо ғайр аз худаш як одами дигар базӯр мегунҷид, ҳайронӣ ва саргардонии ин беморро — Бедилро дида раҳмаш меояд ва дар гӯшаи дӯконаш ҷо медиҳад.

Дар ҳамин вақт касе омада ба пеши дӯкони руфугар рост меистад. Аммо Бедил, ки чашмбаста буд, кӣ будани он одамро имтиёз намекунад. Руфугар ба он кас мегӯяд: „Агар шумо ҳам ин ҷо нишастан хоҳед, ман ҷои худро медиҳам“. Оянда мегӯяд: „Ин дардманд аз дӯстони ман аст, як-ду нафас пурсиши аҳвол лозим аст“.

Бедил аз овозаш мефаҳмад, ки он кас Шоҳкобулӣ будааст. Якбора дар изтироб меафтад. Руфугар ба маҷзуб ҷо дода худ меравад. Маҷзуб ба Бедил рӯ ба рӯ нишаста, пеш аз он ки шоир ба ӯ салом диҳад ва арзи эҳтиром намояд, батаъкид мефармояд: „Соате бихоб! Мо нишастаем, олами бехудӣ ҳам айни шуур аст ва суҳбати хоб низ оинаи ҳузур!“.

Бо ин хитоб Бедилро ҳамон лаҳза хоб мерабояд ва гӯё баъд аз соате чашм мекушояд, ки асари дард дар чашм намондааст, аммо аз Шоҳкобулӣ ҳам дар он ҷо асаре нест.

Бедилро шӯри девонагӣ дубора авҷ мегирад ва баъд аз ду соли дигар, ки ӯ 26-сола шуда буд, қадаре ором меёбад. Дар ин вақт ошноёни ӯ иловаи девонатабиатӣ ва сарсаригардии ӯро хонадорӣ медонанд ва ӯро бо панду насиҳат хонадор мекунанд.

Бедил, назар ба ҳикояи худаш, баъд аз хонадор шудан, маҷбур мешавад, ки барои таъмини маишат касбе кунад. Аммо касбҳои амсолаш (ки ё шеърфурӯшӣ, ё савдо ва тиҷорат буд) ба ӯ писанд намеафтад ва бо таъбири худаш ӯ „мутатаббеи суннати обо (пайрави равиши бобоҳо) шуда“ сипоҳ мешавад (назар ба нақли муаллифи тазкираи „Хизонаи Омира“ — Ғуломалихони Озод ӯ ба писари Аврангзеби Оламгир — Аъзамшоҳ дар замони шоҳзодагиаш чанд вақт навкарӣ кардааст ва ба мансабе расидааст).

[1] Руфугар — касест ки ҷоҳои куязадаи қолин ва дигар чизҳои пашминро монанди аввалиаш дуруст мекунад.

Бедил баъд аз ду соли хонадорӣ ва сипоҳигариаш (дар 28-солагиаш) рӯзе аз бозори Деҳлӣ савора мегузашт, ки мардум тааҷҷубкунон ба ӯ ва ба қафои ӯ нигоҳ мекарданд. Чун диққат мекунад мешунавад, ки касе аз роҳи тааҷҷуб мегуфт: „Ёрон, тамошо кунед, ки девонае аз ақиби ин савор давида меояд ва ба усули гомӣ (қадамӣ) фарас (асп) чӣ қисм қадами рақс мекушояд?“ Чун Бедил пас нигоҳ мекунад, мебинад, ки Шоҳкобулӣ аз дунболаш давида омада истодааст.

Ӯ якбора худро аз асп мепартояд ва бо маҷзуб вохӯрдӣ карда, ҳар ду ба як дӯкони холӣ даромада рӯ ба рӯи ҳам менишинанд ва соате бо ҳам бо забони тасаввуф маҷзубона сӯҳбат мекунанд. Баъд аз он маҷзуб асроромезона ба ӯ нигоҳе карда меистад ва Бедилро хоб мебарад. Вақте ки ҳушьёр мешавад, маҷзубро дар рӯ ба рӯи худ намебинад.

Бедил ин саргузашти худро дар „Чорунсур“ аз охиртари саҳифаи 63 то охири саҳифаи 68[1] батафсил таҳрир кардааст ва дар охир, бист сол боз аз вай хабар надоштанашро қайд мекунад.

Хонандагони мо ба осонӣ пай бурда метавонанд, ки ҳикояи зикршуда аз саргузашти ҳақиқӣ дида ба афсона бештар монанд аст. Ба фикри мо, таъсироте, ки Шоҳкобулӣ ба Бедил кардааст, ғайр аз гипнотизм чизе нест ва дар ин сурат ҳам танҳо дар натиҷаи хоби яксоата сиҳат шудани дарди чашми муаллифро ақл қабул намекунад. Аммо дар замони Бедил амалиёти гипнотизм бисьёр бошад ҳам, агар онгуна кор аз мусулмон сарзанад „кароимот“ ва агар ғайри мусулмон онгуна таъсир бакор барад „сеҳру ҷоду“ мегуфтанд. Аз оҳанги таҳрири Бедил маълум мешавад, ки ӯ ҳам дар он вақт—дар вақти ҷавониаш ба таъсироти Шоҳкобулӣ ба сифати „кароимот“ баҳо додааст. Аммо баъд аз васеъ шудани доираи фикри фалсафавиаш, чунон ки дар боло қайд гардид, ба ингуна корҳо ба чашми танқид нигоҳ мекардагӣ шуд ва ингуна корҳои аз одат берунро асрори ҳанӯз кашфнашудаи ҳаёт гуфта монд.

Шоҳкобулӣ охирин маҷзубест, ки мо дар ёддоштҳои Бедил мебинем. Ӯ баъд аз 28-солагиаш дар саргузашти худаш ба ягон маҷзуб

---

[1] Инро бояд ба назар гирифт, ки дар нусхаи чопаи Куллиёти Бедил дар саҳифабандӣ рақамҳои 63 то 72 ду бор такрор ёфтааст. Ин рақами 63—68, ки мо дар ин ҷо ба нақли саргузашти Бедил нишон додем, 63—68 аввалӣ аст. *А.*

дустонаи ӯ боз чандин сол давом мекунад, ки ин ҳол аз оҳанги таҳрири сафари худаш аз Деҳлӣ ба Лоҳур равшан маълум мешавад. Ҳарчанд таърихи ин сафари худро дар сари таҳрири ин воқеа қайд накардааст, аз ин қитъаи таърихӣ ки:

Шавкро аз азимати Лоҳур
Нозукиҳои муждаи шодист,
Яъне аз домгоҳ афсурдан
Чанд гомам навиди озодист.
Соли таърихи ин азимати шавқ
Бе такаллуф шунав: „худо ҳодист".

дар мавриди ҳамин сафари худ гуфтааст ва дар Куллиёташ дар кисми қитъа ва таърихҳо дарҷ шудааст, равшан маълум мешавад, ки ин воқеа дар соли 1085 ҳиҷрӣ (дар соли 1674 милодӣ), яъне ба ҳисоби шамсӣ дар вақти 30-сола будани муаллиф рӯйдода буда аст.

Бедил, дар Унсури Чорӯми „Чорунсур" дар саҳифаи 108 аз ҳошияи китоб, баёни ин сафари худро бо ин таъбирот сар мекунад:

„Вақте ғубори қофилаи таҷаррудам аз соҳати арсаи Деҳлӣ ба сайри Панҷоб домани аҷз шикаст, дарои маҳмили хаёл ба пешоҳангии сафари Лоҳур камари шавқ барбаст. Гарди танҳоӣ лашкаре буд, ҳазор алами фатҳ дар рикоби шикастаболӣ ва ранги бекасӣ оламе дошт чандин баҳори ҷамъият дар ғубори ошуфтаҳолӣ. Иқболи бесарупоӣ кулоҳи саргаштагӣ аз ҷанибаткашони (аз ҷилавдорони) фалаки даввор мерабуд ва шукӯҳи урьёнтанӣ муқобили найзадорони хуршед оннан арзи иқтидор мезудуд. Ба оини маҷозиб (ба тарзи маҷзубон) сангу хишти пеши поафтодаро таълими гилбозӣ парвоз мекардам (аз болои роҳ гирифта ҳаво медодам) ва хоку гили ба роҳнишастаро бар кушоди саъи ҳаво бармеовардам (яъне хоку лои роҳро ба ҳаво паронда роҳ мерафтам)...".

Аз Деҳлӣ то Лоҳур, ки савора аз як моҳ зиёдатар роҳ рафтан даркор аст, пиёда ва яккаву танҳо сайр кардан ғайр аз тақлиди маҷзубон ва ҳаракати маҷзубона дигар кор шуда наметавонист.

Бедил дар як ҷои ин саргузашти худ: „бо ҳамаи қатъи асбоби алоиқ дар наёми беистеъдодӣ (бебизоатӣ) қаламтароше доштам чун табиати гавдан дами тезӣ рехта..." мегӯяд. Ҳамаи асбобу алоиқро ғайр

аз як кордча, ки вай ҳам кунд ва дамбаргашта аст, тарк карда ба роҳ баромадан кори маҷзубон аст.

Бедил дар ёддоштҳои худ боз ҳамингуна як сафари худро қайд кардааст, ки аз вай ҳам бӯи шӯридамизоҷӣ меояд. Ҳарчанд таърихи он сафарашро нанавиштааст, аммо аз он ҷо, ки дар қатори ҳамин сафари Лоҳур қайд кардааст, тахмин кардан мумкин аст, ки бояд таърихҳои ин ду сафар ҳам монанди мазмунашон боҳам наздик бошанд. Баёни он сафари худро ба тарзи зерин сар мекунад: „Ҳамчунон вақте дар саводи Акбарпура, ки ба музофоти Митҳаро мансуб аст, инони бесарупой гусехта будам ва гарди беихтиёрӣ ангехта, ба кушоди боли сеҳрпарвоз эҳтизозе доштам ва ба ворастагиҳои гирдбод қадам бар димоғи ҳаво мегузоштам...“.

Мо якчанд сафарҳои дигари Бедилро медонем, ки баъзеҳошон бо таърих ва баъзе бе таърих мебошанд ва дар мавридаш аз онҳо ёдоварӣ хоҳем кард, аммо ҳеҷ қадоми онҳо ба ин ду сафар на услубан ва на мазмунан ҳеҷ монандӣ надоранд.

Дар боло, дар 26-солагӣ баъд аз хонадор шудан ба сипоҳигарӣ даромадани Бедил ба асоси ёддоштҳои худаш қайд карда шуд ва инчунин аз таҳрироти боло то ду сол—то 28-солагиаш ба ин кор давом кардани ӯ низ маълум гардид. Аммо мо на дар ёддоштҳои худи муаллиф ва на дар тазкираҳо чанд сол дар ин кор (дар навкарӣ) монданашро намедонем.

Муаллифи тазкираи „Хизонаи Омира“—Ғуломалихон дар китоби мазкур дар зикри Бедил ҳамин қадар мегӯяд, ки дар аввалҳои ҷавонӣ ба навкарии шоҳзода Аъзам—писари Аврангзеби Оламгир рӯзгор мегузаронид ва ба мансабе сарафрозӣ дошт. Яке аз ошноёни Бедил шоир будани ӯро ба шоҳзода хабар дод. Шоҳзода фармуд, ки „қасидае дар мадҳи мо гӯяд, то ки ба вай инъоме кунем. Вақте ки ин хабар ба Мирзо (Бедил) расид, ӯ рад кард. Ҳарчанд дӯстонаш илтимос карданд, қабул нанамуд ва ҳамон соат алоқаи навкариро қатъ кард (мазмунан аз саҳифаи 152 „Хизонаи Омира“).

Ин муаллиф ҳам ки аз ҳамзамонони ҷавони Бедил аст, чанд муддат навкарӣ кардани ӯро муайян нагуфтааст. Мо бо тахмин гуфта метавонем, ки бояд аз 3 ё 4 сол беш навкарӣ накарда бошад. Чунон ки дар боло қайд шуд, аз 26-солагӣ то 28-солагӣ—ду сол навкарӣ кардани Бедил аз ёддоштҳои худаш муайян аст. Баъд аз он бояд дар

байни 28-солагӣ ва 30-солагиаш навкариро тарк карда бошад. Чунки агар ӯ дар 30-солагӣ ҳам навкар мебуд, аз Деҳлӣ ба Лоҳур ба тарзи маҷзубон—сарупобараҳна ва пиёда сафар намекард, ки ин сафараш дар ҳамон давраи умраш рост омадааст. Аҷаб нест, ки баъд аз тарки навкарӣ бевосита онгуна сафарро пеш гирифта бошад, то ки дигар аз вай расму одати дуньёро талаб накунанд.

Сафари аз Деҳлӣ ба Лоҳур ва инчунин саёҳати Акбарпура ҳақиқатан ҳам қаландарона буд.

Ба подшоҳон қасидагӯӣ накардан ва умуман дар шеърҳои худ мансабдорон ва сарватмандонро аз ҷиҳати мансаб ва сарваташон мадҳ накарда ва ба шоирони маддоҳ нафрат баён намудан—маслаки доимии Бедил буд. Дар ин хусус китъаи зеринро дар „Чорунсур" мехонем:

Эй басо маънии равшан, ки зи ҳирси шуаро
Хоки ҷавлонгаҳи аспу хари аҳли ҷоҳ аст.
В-эй басо нусха, ки дар мактаби ташвиши тамаъ
Рӯсиёҳи абад аз мадҳи амиру шоҳ аст.
Марҷеи маънии ин сустхаёлон дарьёб!
То бидонӣ чӣ қадар фитраташон кӯтоҳ аст.
Силамуштоқи гадотабъ зи мазмуни баланд—
Гар ҳама пой бар афлок ниҳад—дар ҷоҳ аст.

*(„Чорунсур", с. 46).*

Инчунин дар охири як қасида ин хусусияти худро изҳор намуда, қасидагӯёни машҳур—Заҳиру Анвариро сахт танқид менамояд ва умуман ба шеъре ки бо роҳи тамаъ гуфта шуда бошад, нафрат баён мекунад, ки мо дар ин ҷо аз он порча ҳам мисоли зеринро нишон медиҳем:

...Бедил, ман он наям ки шавам тоҷири камол,
Ҷое, ки хосу ом суханрост муштарӣ.
Дар арсаи баён нафасе гарм мекунам,
Бе даъвии фазилату лофи суханварӣ.
Маҳкуми бениёзии шавқам, на маҳви фикр,
Озодам аз таҳайюли авҳомгустарӣ.
Аз ҳеҷ кас наям силандеш бешу кам,
Маддоҳи фитратам, на Заҳирам, на Анварӣ!
Шеъре ки дар дил орзуи гадья парварад,
Бар маъниаш бишо... у ба алфози ӯ би...

*(„Қасоид", ҳошия, с. 37).*

Аз дарбори подшоҳон ва амалдорон дур гузидани Бедилро Ғуломалихони Озод ҳам дар „Хизонаи Омира“ тасдиқ мекунад ва баъд аз он ки аз навкарии шоҳзода Аъзамшоҳ дур шудани ӯро ҳикоя мекунад, мегӯяд: „Чун Мирзо (Бедил) худро аз дари ағниё кашид, ҳақ таоло умарои асрро бар остони ӯ фиристод...“

Бо „аркони салтанат“ чигуна муносабат доштани Бедилро мо дар поёнтар хоҳем дид; ҳоло тарҷимаи аҳволи ӯро мувофиқи тартиби синну солаш давом медиҳем:

Бедил дар айёми зиндагонии худ бо донишмандони ҳинду ҳам рафоқати дӯстона кард, фалсафаи бараҳманони қадими Ҳиндро ҳам хуб омӯхт ва рафта-рафта онҳоро „ҳаммашраб—ҳаммаслаки худ“ мешумурдагӣ шуд. Чунончи, ӯ дар „Чорунсур“ дар яке аз ёддоштҳои худ мегӯяд: „...дар сафари роҳи Бобоҳасани Абдол яке аз бароҳима (бараҳманон) бо фақир Бедил рафоқат дошт ва ба ҳасаби (аз ҷиҳати) мувофақати машраби ахлоқ, тухми муҳаббате дар мазраи эътиқод мекошт...“ („Чорунсур“, с. 17).

Инчунин Бедил Атуб Чату ном рассоми ҳиндуро, ки расми ӯро кашидааст, тавсиф карда омада, дар як ҷо мегӯяд: „...бо фақир муддатҳо ранги ошноияш баҳори мувофақат дошт...“.

Аз ёддоштҳои Бедил маълум мешавад, ки равиши дарвешона ва маҷзубонаи ӯ баъд аз 31—32-солагиаш давом накардааст. Чунки мо дар саргузаштҳои ӯ баъд аз ин давраи умраш мулоқоти ӯро бо ягон маҷзуб ва ё ягон сафари ӯро ба тарзи қаландарона рост оварда натавонистем. Аз ин аҳвол тахмин кардан мумкин аст, ки ӯ дар охирҳои айёми ҷавониаш сарсаригардӣ ва сарсариёна фикркуниро тарк карда ба як роҳи мунтазам даромадааст.

Аммо ин роҳ чигуна роҳ буд?—Дар аввалҳо ин роҳ роҳи суфизми исломӣ буд. Баъд аз он ӯ рафта-рафта ба роҳи татбиқ кардани суфизми исломӣ бо фалсафаҳои бараҳманони қадими Ҳинд даромад ва дар охир ӯ як файласуфе шуда баромад, ки дар одамҳо аз ҷиҳати дин ва миллат ҳеҷ фарқ намегузорад ва ислому куфрро баробар медонад. Чунон ки мо дар боло нишон додем, дар як мухаммаси ӯ ин бандро мехонем:

Нанги камолу нуқси замину замон туӣ!
Тӯҳматгари хатои ниҳону аён туӣ!
Ислому куфр нест, яқин ё гумон туӣ!

Эй ғарр аи тамиз, вуболи ҷаҳон туӣ!
Оина бишкану ҳамаро бегуноҳ гир!

*(„Нукот", с. 10, банди 3.)*

Бедил дар ин давраи ҳаёташ зиндагии дубораи одамҳоро инкор кард, охират, ҷаннат ва дӯзахро, ки асоси ҳамаи дину мазҳабҳо аст, хаёлоти пуч ва афсонаи беасос шумурд. Чунончи, ӯ дар як банди як мухаммаси худ мегӯяд:

То чанд кашӣ захмати карруфари дунъё?
То кай равӣ аз ҳуш ба афсонаи уқбо?
Хатми ҳаваси пуч кун, аз хеш бурун о!
Фурсат шамари тӯст, чи имрӯзу чи фардо!
Ҳар гаҳ ту намондӣ, ҳама якбор намонад!

*(„Нукот", с. 72, банди 7.)*

Ё ин ки дар як ҷои „Ирфон" мегӯяд:

Эй дилат ғофил аз биҳишти сурур!
Пучбофист завқи ҷаннату ҳур.
З-ин ҳавасҳои изтиробфусун,
Офият чанд поймоли ҷунун?

*(„Ирфон", ҳошияи с. 86).*

Бедил амали некро ҷаннат ва амали бадро дӯзах медонад ва ғайр аз ин, ҷаннату дӯзах нест мегӯяд ва ин маъниро дар „Ирфон" ба тарзи зерин ифода мекунад:

Хулду дӯзах куҷост, чашм бимол?
Ҷуз ҳусули натоиҷи аъмол!
Амали нек ҳар қадар корӣ,
Ҳама фирдавс бор меорӣ!
Ҳар куҷо феъли зишт истодаст,
Бе такаллуф ҷаҳаннамэҷодаст...
Чашм бар дастгоҳи худ во кун!
Ҳайрати кори худ тамошо кун!
Ин ду кайфият аз ҷаҳони қадим,
Ту баровардаӣ ба хулду ҷаҳим!

*(„Ирфон", с. 94).*

Зиндагонии Бедил ҳам баъд аз ба як роҳи мунтазам даромадани ҳаракати фикриаш ба як интизом даромад. Мо дар боло дар 26-солагӣ хонадор шудани Бедилро дида гузаштем. Аммо бо оилааш чигуна

муомала карданашро ва бо вай чӣ муносибат доштанашро намедонем. Мо дар ин хусус ҳамин қадарро медонем, ки дӯстонаш ӯро барои халос кардан аз сарсаригардӣ ва равиши маҷзубона, ба тарзи маҷбурӣ хонадор кунонданд. Дар с. 66 „Чорунсур“ хонадор шуданашро бо ҷумлаҳои „ин ҷо илоҷи дунбал бо нештар во намудан буд ... хоссаи табиати башарист, ки аз оташ ба об гурезад ва аз об ба оташ овезад...“ ифода менамояд, ки аз ин таъбирҳо аз зиндагонии оилавиаш норозӣ буданаш равшан маълум мешавад. Аммо вақте ки ҳаракати фикриаш ба интизом даромад, ба оиладорӣ ҳам дил баст. Мо ин ҳолро аз як мактубаш, ки баъд аз 12-сола хонадорӣ ба муносибати вафоти занаш навиштааст, мефаҳмем. Ӯ дар ин мактуб мегӯяд:

„...Аз даст рафтани домани давлате ки силсилаи мувофақаташ дувоздаҳ сол муҳаррики ишратоҳангии сози анфос буд, чашми ибратро якбора бар рӯи идбори танҳоӣ ва бекасӣ кушуд. На сӯҳбати мушфиқе ки ба илоҷи тафриқаи дил (парешонии дил) тавон пардохт ва на тоқати ҳаракате ки ба шуғли сайру сафар тарҳи оворагӣ тавон андохт...“.

Бедил дар вақти вафоти зани аввалинаш, ки бо вай дар 26-солагӣ хонадор шуда 12 сол зиндагонӣ кардааст, 38-сола буд. Баъд аз вафоти вай дубора хонадор шуданашро ӯ ҳикоя намекунад. Лекин мо аз сафар кардани ӯ бо оилааш аз Митҳаро ва Исломобод ба Деҳлӣ дар 41-солагиаш ва аз фарзанд ёфтанаш дар 64-солагиаш медонем, ки ӯ дубора хонадор шуда будааст.

Бедил дар тамоми зиндагии худ, он ҳам дар айёми пирӣ—дар 64-солагиаш як писар ёфт, ки ба ӯ Абдулхолиқ ном дод. Аммо ин писар ҳам дар вақте ки нав раҳравон шуда буд, мурд. Мо таърихи таваллуди ин фарзандро ва ягона будани ӯро аз як мактубаш мефаҳмем:

Бедил ба Шокирхон ном дӯсташ, ки таваллуди ин навзодро табрик карда будааст, менависад:

„...Умрҳо андешаи ниёзпеша наққошии коргоҳи дуо дошт ва ба ҳукми қусури (кӯтоҳии) истеъдод, чун килки тасвир, ҷуз ранги инфиол саре намеафрошт (яъне фарзанд намешуд). Иноти устоди қидам нақши тозае ба арсаи иршод овард, ки баъд аз ин ашколи пардаи даавот, ҳарчанд ба арзи нимрухие (заминаи расм) ҷаҳд намояд ғайр аз сурати мустақил пеш наёяд... дар зуҳури ин натиҷаи аҷз аз

афкори мушфиқони бериё таърихҳои бетаъдод (бешумор) ба маротиби таҳрир пайваст...“ („Рукаот“, аз охири ҳошияи с. 50 сар шуда дар с. 51 тамом мешавад).

Бедил дар ин мактуб ду таърих—„оинаи файзи кудс“, „сарчӯши шароби азалӣ“-ро ки Оқилхон ном ёфта ба ӯ тақдим кардааст, менависад. Аз ҳар кадоми ин таърихҳо ба ҳисоби абҷад 1120 ҳиҷрӣ мебарояд, ки ба соли 1708 баробар аст ва ин рақам дар он вақт 64-сола будани ин падари мӯҳтарамро нишон медиҳад.

Дар вақти тахминан дунимсола будан вафот кардани ин ягона фарзанди худро Бедил дар ин рубой нақл мекунад:

Абдулхолик, оҳ ба дайри фонӣ
Дер омаду зуд кард болафшонӣ.
З-ин мисраъ таърихи видоаш дарьёфт:
Субҳи нӯҳӯм аз моҳи рабеулсонӣ.

Як нуқтаи муҳим, ки аз ҷумлаи асосҳои зиндагии одамҳо ва тамоми ҷондорон аст, таъмини маишат мебошад. Мо бояд дар ин порча ба болои манбаи маош ва сарчашмаи дафъи эҳтиёҷоти моддии Бедил истода гузарем:

Бедилро, чунон ки худ мегӯяд, дар давраи хурдсолиаш то ба балоғат расидан амаки меҳрубонаш—Мирзо Қаландар парвариш кард ва баъд аз калонтар шудан гоҳо дар тарбияи тағоии олимаш—Мирзо Зариф ҳам афтод.

Мирзо Қаландар навкар, Мирзо Зариф олим ва аҳли тиҷорат буда зиндагонии онҳо бад намегузашт. Мо ин ҳолро аз зиёфатҳои калони Мирзо Қаландар ва аз ёрмандиҳое ки Мирзо Зариф ба фақирон ва маҷзубон мекард, медонем. Ҳардуи онҳо ҳам шахсан одамони некдил ва хайрхоҳ буда ба болои ин Бедилро ки падарона дӯст медоштанд, албатта дар тарбияи моддии вай кӯтоҳиро роҳ намедоданд ва ҳатто ӯро дар сайру сафарҳояш бо хидматгор ҳам таъмин мекарданд.

Бедил ҳам вақте ки калонтар шуд, ба қадри иқтидораш ба корҳои онҳо ёрӣ медод, дар сафарҳои ҳарбии Мирзо Қаландар оилаи ӯро саровонӣ мекард ва дар сафарҳои тиҷоратии Мирзо Зариф ба ӯ ҳамроҳӣ ва ёрмандӣ менамуд.

Вақте ки Бедил аз ҳимоят ва васояти хешовандони мушфиқаш баромада дар ҳаваси зиндагонии озод афтода қаландарона аз Биҳор

ҳолро аз як фоҷиаи гуруснагӣ, ки дар шаҳри Акбаробод гузаронидааст, медонем. Назар ба ҳикояи худи вай, ки ин ёддошти худро дар саҳифаи 117 (118) „Чорунсур" навиштааст, ӯ дар он шаҳр чанде дар гӯшаи танҳоӣ мондааст. Аз хӯрданӣ танҳо як миқдор катерои суда, ки як навъи талқон аст, доштааст. Ҳар рӯз дар як коса об як каф аз он талқон ҳамроҳ мекардааст, ки баъд аз фурсате ҳал шуда медамидааст. Ҳамин як коса талқон об, ё атолаи хом хӯроки ҳаррӯзаи ӯ будааст.

Баъд аз чанд вақт он талқон ҳам тамом шудааст ва чанде аз паҳлу ба паҳлу гардида тамоман хобидааст. Рӯзе аз гуруснагӣ тамоман бетоқат шуда ба кӯча баромадааст ва аз бозор гузашта то лаби дарьё рафтааст. Назар ба қавли худаш ӯ вазъияте надошт, ки одамон ӯро мӯҳтоҷ гумон кунанд ва инчунин ӯ ҳеҷгоҳ аз касе чизе пурсиданро ба гардан нагирифта буд.

Ӯ хостааст, ки қадаре об нӯшад, аммо назар ба таъбири худаш „дар он ҳол хӯрдани об равған бар оташ пошидан буд". Ночор боз роҳи вайронаи худро пеш гирифтааст. Аммо вақте ки ба дарвозаи хона наздик мерасад, ба ӯ гардиши сар рӯй медиҳад. Ӯ фикр мекунад, ки агар афтода монад, мардум ба атрофи вай ғун мешаванд ва бадтар ӯро ноором мекунанд ва ӯ расво мешавад. Бинобар ин ӯ ба зери девори иморати вайронае рафта такья карда менишинад. Баъд аз лаҳзае гардиши сар ором гирифта нафаскашиаш ба эътидол меояд. Дар ин вақт аз зери он девори вайрона як тангаи давраи акбарӣ меёбад, ки вай нисбат ба тангаи замониаш панҷ баробар қимат доштааст. Ин танга, назар ба таъбири худи Бедил „умрҳо гузашта ки дар гили таъмири он бино интизори эҳтиёҷи Бедил мекашид" ва он танга муддате воситаи таъмини маишаташ шудааст.

Умуман ин давраи ҳаёти Бедил дарвешона буда, дар боби хӯрду хӯрок ҳам монанди қаландарон ба тарзи „ҳарчи пеш ояд, хуш ояд" зиндагонӣ мекард.

Баъд аз хонадор шудан, чунон ки дар боло ишора рафт, таъмини маишаташ бо маоши навкарӣ буд ва баъд аз он ки тарки навкарӣ кард, бо сахтӣ ҳам бошад, бо роҳи меҳнати адабӣ ва китобат рӯз мегузаронид. Шоирони сарватманд девонашонро бо тасҳеҳ ба вай китобат мекунонданд, китобҳои дастнависи кӯҳнаро ба воситаи вай дуруст

мекунондаанд. Дар ин бора мо аз мактубҳои ӯ ки дар „Руқаот“ дарҷ шудаанд, мисолҳо меёбем. Чунончи, мо дар охири саҳифаи 5 „Руқаот“ мактубе мебинем, ки вай ин пешаи Бедилро ба хубӣ исбот мекунад. Бедил ин мактубро ба касе навиштааст, ки ӯ ба вай як аҷзои пӯсидаро фиристода, агар мумкин бошадислоҳашро ва агар ислоҳпазир набошад, аз рӯяш нусха бардошта доданашро пурсида будааст.

Бедил ин мактуби худро ба ин тартиб сар мекунад: „Ибратнигоҳо! Ин матни ҳошияи қадим, ки „табаррукан“ дар китобхона нигоҳ доштаанд, на қобили он аст, ки аз рӯяш нусха тавон бардошт ва нашоистаи ин ки ба завқи ислоҳи он тазъеъ бар авқоти таваҷҷӯҳ бояд гумошт“.

Бедил дар ин мактуб варақҳои пароканда, пӯсида ва кирмзадаи он нусхаро бо бадхатӣ ва ғалатнависии котибаш пурра тасвир карда, дар охир мегӯяд: „Савобе беҳ аз ин нест, ки ба тавaққӯи ислоҳаш азоб бар табъи бедимоғон нагуморанд ва ба сиҳҳаташ бемории мизоҷи бедилон раво надоранд“.

Дар он вақтҳо аз дӯстони Бедил шоирони амалдор буданд, ки девонашонро дар пеши ӯ мегузоштанд ва ҳар ғазали тозае гӯянд ба ӯ фиристода аз вай, агар писандад баъд аз ислоҳ ба девонашон дарҷ карданро илтимос мекарданд, яъне онҳо аз Бедил ҳам ба сифати устодӣ ва ҳам ба сифати котиби нусханавис фоида мебурданд.

Мо дар ин хусус дар саҳифаи 50 „Руқаот“ мактубе мебинем, ки Бедил он мактубро ба Ҳусайнқулихон навиштааст. Дар унвони ин мактуб ин ҷумлаҳоро мехонем: „Ҷавоби Ҳусайнқулихон Баҳодурхони даврон дар мутолааи ашъори эшон ва ислоҳи он ва дохили девон намудан, ки пеши фақир гузошта буданд“.

Бедил дар ин мактуб баъд аз назокатҳои расмӣ, расидани ашъор ва мутолааи онро навишта дар охир мегӯяд: „...дар баъзе алфоз, ки тақдим ва таъхир дар кор дошт қалами ниёзрақам сар бар хатти таҳрири суҷуд гузошт ва ба муқтазои мавқеъшиносӣ як қалам (ҳамагӣ) бо аҷзои девони балоғатунвон пайваст...“.

Албатта ингуна одамон бо номи тӯҳфа ва ҳадья музди меҳнати Бедилро адо мекарданд, ки манбаи асосии таъмини маишаташ аз ҳамингуна роҳҳо буд.

Бедил бовуҷуди соҳиби оила будан то 41-солагиаш ҷои истиқо-

мати доимӣ надошт: маҳалла ба маҳалла, ҳатто шаҳр ба шаҳр кӯчида мегашт. Мо дар ин хусус мактуберо ки ба кадом кас навишта шуданаш маълум нест, дар саҳифаи 29 „Рукаот" мебинем. Бедил дар ин мактуб мегӯяд „...Фарьёдрасо! Ба ҳасаби (ба ҷиҳати) инкилоби аҳволи олам хосса таҳлукаи навоҳии Исломобод ки дар ин айём поси номуси соҳибкудратон ҳам дар он сарзамин бетааззуре (бедушворие) нест, то ба ғурабои бедасту по чи расад—маовинати фазли эзидиро шомили ҳоли ҳайратмаол андешида бо пошикастае чанд (бо аъзои оила), ки бори гардани зиндагианд, рахти саломатӣ берун кашид ва бисту ҳафтӯми ҷимодиюлохир дохили дорулхилофа (Деҳлӣ) гардид... „Баъд аз ин муаллиф ба зиёрати касе хурсандӣ мекунад, ки аз рафти сухан бояд падари он касест, ки ин мактуб ба ӯ навишта шудааст ва дар охиртари мактуб мегӯяд:

„...Харчанд ризқи муқаддар дар ҳама ҳол ба ҳама ҷо муайян ва муқаррар аст, аммо ошьёни ҷамъияти парешонболӣ мафкуд ва номуяссар. Агар дар ин савод (шаҳри Деҳлӣ) мавзие канори дарьё, ё лаби наҳр ба саҳулат (ба осонӣ) дари иттифоқ кушояд, потакьяе ихтиёр намояд ва мобақии муддати мӯҳлате ки аз назари якин мухтафӣ аст (яъне бақияи умр, ки кай тамом шуданаш номаълум аст) бе ташвиши тағьири макон басар барад". Дар охири ин мактуб ин байтро менависад:

Мадди умрам чун нигаҳ, Бедил ба ҳайронӣ гузашт,
Гӯшаи чашме нашуд пайдо ки ҷо пайдо кунам[1].

Мо дар қатори саргузаштҳои Бедил дар саҳифаи 128 „Чорунсур", аз Митҳаро ба Деҳлӣ бо аҳли оила сафар кардани ӯро медонем. Ин сафари ӯ назар ба қайди худаш дар соли 1096, дар вақте буд, ки Оламгир барои тасхири Дакан рафта буд ва дар Митҳаро ва дигар вилоятҳои атрофи Деҳлӣ ихтилол, қатлу ғорат ва беинтизомӣ рӯй дода, чанд сол давом карда буд. Ин сафаре ки аз вай дар 27-ми ҷимодиюлохир ба Деҳлӣ дохил шуданаш хабар медиҳад, ҳамон сафар аст. Ва таърихи он сафар чунон ки дар боло нишон дода шуд, дар 1096 ҳиҷрӣ буда (1685 милодӣ) ба 41-солагии муаллиф рост меояд.

---

[1] Ҳарчанд Бедил, дар натиҷаи ин мактуб ба даст даромадан ё надаромадани ҳавлиро дар ҷое қайд накардааст, аз гузориши аҳволаш маълум мешавад, ки ӯ баъд аз ин мактуб соҳиби ҳавлӣ шуд, чунки баъд аз он замон ба тарзи доимӣ ба Деҳлӣ монданаш ва дар хонаи худ мадфун шуданаш ҳаминро нишон медиҳад.

Ҳар қадар ки синни Бедил калонтар шуда шӯҳраташ ҳам зиёда тар паҳн гардид, таъминоти моддиаш ҳам ба ҳамон нисбат хуб шудан гирифт. Мо дар „Руқаот“ бисьёр мактубҳои Бедилро аз назар гузаронидем, ки онҳо дар ҷавоби ҳокимони вилоятҳо ва сараскарон буда, шеъри худро барои дида додан ва ислоҳ кардан ба ӯ фиристодаанд.

Бедил дар пойтахт—дар ҷои бошишгоҳи худ ҳам шогирди бисьёре дошт, фақирҳои ин шогирдон дар хонаи худи Бедил дар тарбияи ӯ зиндагонӣ кунанд, сарватмандонашон ба ӯ ёрмандии моддӣ мекарданд.

Мо аз ин ҷумла, ба тариқи мисол, Мирмуҳаммад-аҳсани Эҷоди сомонавиро нишон медиҳем. Назар ба нақли муаллифи тазкираи „Хизонаи Омира“ ӯ аз ватанаш ба Деҳлӣ омада, чанде бо Бедил умр гузаронид.

Шогирдони Бедил танҳо аз мусулмонон набуда, ҳиндуҳоро ҳам ӯ тарбия ва таълим мекард. Назар ба қавли муаллифи тазкираи „Хизонаи Омира“ Ғуломалихони Озод Аниндироми Мухлистахаллус, ки шоири дуруст буд, аз шогирдони Бедил аст. Муаллифи тазкира ин хусусро аз тазкираи „Маҷмауннафоис“, ки асари Сироҷиддин Алихони Орзӯтахаллус аст, нақл карда мегӯяд, ки Хони Орзӯ дар „Маҷмауннафоис“ менависад. „...ӯ (яъне Аниндиром) дар унфувони (дар аввали) ҷавонӣ ашъори худро аз назари Мирзо Абдулқодири Бедили марҳум гузаронида, аз он замон бо ин оҷиз (бо Орзу) машҳур ва махлут аст“.

Аз як фикраи „Маҷмауннафоис“ маълум мешавад, ки Аниндиром аз Бедил ба замми тарбияи адабӣ тарбияи ахлоқӣ ҳам гирифтааст. Муаллифи мазкур дар тазкираи номбаршуда гуфтааст: „боиси будани фақир дар Шоҳиҷаҳонобод—Деҳлӣ ихлоси ӯст (Аниндиром). Аз муддати сӣ сол то альявм сарриштаи камоли муҳаббат ва мувaддатро аз даст надода алғараз дар ин ҷузви замон аз мунтахаботи рӯзгор аст“

Бедил вақте ки аз байни ҳокимон ва ҳокимзодагони вилоятҳо шогирд ва дӯстони самимии бисьёр пайдо кард, шоирони фақирро, ки ба ӯ алоқа доштанд, ба он дӯстонаш тақдим карда ёрии онҳоро дар ҳаққи инҳо илтимос менамудагӣ шуд. Чунончи, ӯ бо мактубҳои худ, Муҳаммад Ошиқи Ҳиммат, Мирзо Сӯҳроби Равнақ ва Муҳаммадаҳсани Эҷодро ба дӯстонаш бо илтимоси ёрмандӣ тақдим мекунад.

Дар охири мактубе ки ба Ҳусенқулихон навишта Эҷодро ба ӯ

тақдим кардааст, мегӯяд: „...сарчашмаи зулоли иттиҳод—Мирмуҳаммадаҳсани Эҷод ба оинадории ниёзи Бедил чеҳракушои имтиёзи маҳфили ҳузур бод“.

Дар мактубе ки ба касе Равнақро тавсия кардааст, мегӯяд: „...баҳорпирои гулшани маонӣ, анҷуманорои бисоти нуктадонӣ, сархуши нашъаи мутлақ—Мирзо Сӯҳроби Равнақ, ки бо ламъаи сутури (сатрҳои) насраш нафаси субҳро ба ғубори хиҷлат печидан аст ва дар ҳасрати матонати назмаш мавҷи гавҳарро об аз буни дандон чакидан, бо он ки ҷавҳари шуҷоат чун теғ аз носияаш (пешонӣ) равшан аст ва нашъаи таҳаввур чун бода аз табиаташ мубарҳан (зоҳир). Ба фазоиле ки шаммае аз он ба арз расид, оростагии тамом дорад, шоиста он ки ин қисм равшантинатеро аз мунсаликони (аз қатори) ҷаноби хуршединтисоб дурӣ нафармоянд ва аз ин олам (аз ин ҷумла) баландфитратеро лозими боргоҳи осмонҷоҳ тасаввур намоянд. Тарбияти арбоби дониш самараи аҷри азим дорад...“.

Аз мактубҳои ҷавобии Бедил маълум мешавад, ки дӯстонаш ба ӯ равғани гул, атр, бодом ва сумани парварда, ҳалила, ҷадвор, харбузаву тарбуз ва дигар меваҳои махсуси Ҳиндустон барин чизҳое мефиристодаанд, ки инҳо қимати кирой—арзанда надошта бошанд ҳам, ҳурмати одамеро ки ин чизҳо ба ӯ фиристода шудаанд, нишон медиҳанд.

Дар чанд мактуб мо шоли сиёҳ, либосвориҳои шолӣ, алоча ва сарпечи зартор барин чизҳоро дидем, ки инҳо ба замми қиматашон ифодаи ҳурматро ҳам мекунанд. Аммо дар қатори ҳадья ва тӯҳфаҳо, пули нақд ҳеҷ дида нашуд.

Мо дар саҳифаи 24 „Руқаот“ як мактуби ҷавобии Бедилро хондем, ки ӯ дар он мактуб баъд аз шикоят кардан аз бепаноҳии мазлумон мегӯяд „...дар қабули инъоми амин ба ҳукми итоатҳои қадим сар бар хатти амр гузоштан аст...“.

Аз ин фирқа ҳаминро фаҳмидан мумкин аст, ки яке аз бузургмансабони ҳамон замон инъоми калоне фиристода қабулашро илтимос кардааст ва шоир ҳам на ба сабаби эҳтиёҷ, балки барои итоат кардан ба фармони фиристанда он ҳадьяро қабул мекунад. Аҷаб нест, ки ин инъом тӯҳфаи нақдии калон бошад.

Дар ҳар ҳол мо Бедилро дар миёнсолагӣ ва калонсолиаш аз ҷиҳати таъминоти моддӣ осуда ҳис мекунем. Ин мулоҳизаи моро бо



*Манзараи кашида шудани сурати Бедил аз тарафи Атуб Чату ном суратка-ши ҳинду. Ин лавҳа кори Аҳмади Дониш аст, ки аз „Чорунсур"-и бо дасти худ китобаткардаи ӯ кӯчонда шуд.*

мактубе ба хонаи худ даъват кардани ӯ як ғиччакнавозро таъкид мекунад. Ин мактуб, ки дар охири саҳифаи 31 „Рукаот“ дарҷ шудааст, ба тарзи зерин таҳрир ёфтааст:

„Мухлиснавозо! Агар ҳусни бесохтаи ғиҷҷак ба ороиши гесуи тор силсилаперои нағамоти вифоқ шуда бошад (яъне агар ғиҷҷак таъмир ёфта қобили навохтан шуда бошад) бенавоёни маҳфилиорз ӯро садоворе мавсули мақомоти сурур гардонанд, ки нафаси мутараддид чун камонча муқайяди ҳароши сина аст ва нигоҳи мунтазир чун мӯи чиникоса маҳви чашм. Мизроби шавқро мутаҳаррик ва замзамаи таманноро мутасоид (болорав) ангоранд ва ҷамии мутараннимони анҷумани ҳузурро дамсози даавоти ихлос шуморанд. Зиёда оҳанги иштиёқ аст. Вассалом“. Ин „мутараннимони анҷумани ҳузур“ он касонеанд, ки ба меҳмонии шоир ҳозиранд ва мунтазири ғиҷҷакнавоз.

Албатта бояд даъвати аҳли соз як бор ва тасодуфӣ набошад. Гоҳ-гоҳ ҳам бошад чандеро ба меҳмонӣ даъват карда, аҳли соз оварда базм ташкил намудан бе фаровонии асбоби маишат муяссар намешавад.

* * *

Мо дар ин порча мазмуни мактубҳои Бедилро ва ба асоси ин мактубҳо муносибати ӯро бо ҳамзамононаш дида мегузарем:

Мактубҳои Бедил умуман нозукона ва эҳтиромкорона буда, мундариҷоташон изҳори ташаккур аз тӯҳфаҳо, хурсандӣ аз адолат ва халқпарварии он касе ки мактуб ба ӯ меравад, шикоят аз зулми аҳли ҳукумат, тавсия ба мағрур нашудан ба ҷоҳу мансаб, далолат ба тарбияи аҳли дониш ва монанди инҳоанд.

Чунончи, дар ҷавоби як ҳокими калон, ки ба ӯ мураббо фиристодааст, менависад: „Шукри атиёти мураббо аз ҳар буни мӯи мустаманд забоне эҷод мекунад, ки ҳаргиз ба саъи забти нафас талхии нанги хомӯшӣ натавонад кашид ва ҳарчанд лаби ҷуръат барҳам бандад, қивоми ширинии сано баландтар хоҳад шунид...

Рафъи инқилоби ҳар давре ба зоти истиқомат-оёти собитқадамони тариқи вафо вобаста аст ва ҳалли мушкили ҳар бедасту пое дар камини ишорати шафқатнигоҳон нишаста. Дар ин авқот (вақтҳо) арсаи ахлоқ аз фишори дилҳои танг он сӯи тахайюл бисоти вусъат

чидааст ва тимсоли умеди якдигар як қалам бо сафои оинаи мурувват аз миён бурида. Ғуборе бар фарқи олам нашикаста, ки касе чашм ба ҳоли шикастае тавонад кушуд ва шӯри қиёмате дар гӯшҳо нанишаста, ки димоғи шунидан ба фарьёди бенавое вафо тавонад намуд...".

Бедил дар як мактубаш, ки ба кадом кас навиштанаш маълум нест, аммо аз рафти сухан маълум мешавад, ки дар ҷавоби хати ягон ҳокими вилоят навиштааст, норозӣ будани худро аз сахтии аҳволи аҳолии он ҷо ишора мекунад. Ӯ дар ин мактуби худ, ки дар охири с. 27 „Руқаот" дарҷ шудааст, менависад, ки шумо маро дер боз хат нанавиштӣ гуфтаед, „...ғуборе дар он ҷо бол намеафшонад, ки аз тапишҳои дили ҳасратманзил паёме нарасонад ва насиме дар он ҳудуд намегузарад, ки аз нафаси улфатқафас вадиати дуое набарад, ба доди ҳар мазлуме ки вомерасанд, илоҷи тазаллуми Бедил аст ва фарьёди ҳар шикастае ки мешунаванд, ғайр аз афсонаи ин бенаво ботил...".

Бедил дар ин мактуб ба доди ҳар мазлум расидани он ҳокимро як меҳрубонӣ кардан ба худаш мешуморад ва худро бо додхохон як медонад ва зимнан гӯё „агар шумо маро хурсанд кардан хоҳед, ба доди мазлумон расед!" мегӯяд.

Дар саҳифаи 33 „Руқаот" як мактуби дарозе ҳаст, ки ба кадом кас навишта шуданаш маълум нест. Аммо аз мазмуни мактуб маълум мешавад, ки ба яке аз бузургони аҳли дарбори Аврангзеби Оламгир навиштааст. Аз рӯи ҳикояи худи Бедил дар ин мактуб ҳафт сол аз он пеш Мир Атикуллоҳи Кука ном аз аҳли дарбор аз забони подшоҳ ба Бедил расондааст, ки ӯ аз асарҳояш ба ҳузур фиристонад. Баъд аз як сол боз ин хоҳиши подшоҳ такрор ёфтааст. Баъд аз он Бедил нусхаи насрие тартиб дода, ба подшоҳ фиристодааст (Бедил мазмуни он нусхаро дар мактуб намегӯяд. Аммо аз вазъи аҳволи Бедил тахмин кардан мумкин аст, ки бояд он нусха дар бораи насиҳати подшоҳ бошад). Аммо дергоҳ рад ва ё қабул ёфтани он чиз ба муаллиф маълум нашудааст. Дар ин наздикиҳо боз подшоҳ ба Бедил хабар расондааст, ки як ариза навишта ба дарбор вобаста шавад. Бедил ариза навишта хоҳиш кардааст, ки ӯро ба дарбор талаб накунанд.

Дар ин мактуб аз он аҳли дарбор илтимос мекунад, ки агар мавридаш

шавад, ба подшоҳ расонад, ки Бедил як оҷизи барҷомондааст, ӯ аз ӯҳдаи хидмати дарбор намебарояд ва дар охири ин мактуб ин ибораҳоро менависад: „...ҳар гоҳ тақаррубе ба зуҳур пайвандад, дар истеъфои ҷароими замингирӣ (дар бахшиши гуноҳҳои гӯшагирӣ) ҳамин қадар маъруз доранд ва дуогӯро марҳуни эҳсонҳои худ шуморанд...“.

Аз мактубе ки аз ҳошияи с. 17 „Руқаот“ сар шуда, дар аввали с. 18 тамом мешавад, назари муаллиф ба подшоҳ ва бузургони дарбори ӯ равшан мебарояд. Ин мактубро Бедил дар мавриди фатҳ шудани Ҳайдаробод аз тарафи Аврангзеби Оламгир ба Шукруллохон ном дӯсти худаш, ки дар он ҷанг иштирок доштааст, менависад ва дар ин мактуб таърихи фатҳи Ҳайдарободро ҳам ки ба ҳисоби абҷад 1098 мебарояд, қайд мекунад ва дар охири ин мактуб мегӯяд: „...Андешаи дуогӯ баҳонаҷӯи тақрибӣ аст, ки тӯҳфаи фикрае (фикраи таърих) дар пеш гузорад, ё мисрае дар он ҷаноб маъруз дорад (яъне мақсади ман аз таърих навишта фиристодан бо шумо алоқаи мукотаба аст), вагарна чӣ „наввобу“ кадом „мустатоб?“, балки чӣ „Оламгиру“ кадом „бадри мунир?“ („бадри мунир“ калимаест, ки Оламгир дар як тарафи рупия ҳаминро нақш мекард, ки иборат аз худаш аст).

Мактубҳои Бедил ҳарчанд нозукона ва эҳтиромкорона бошанд ҳам, дар зимни ин эҳтиромот ва назокат аз гуфтани сухани ҳақ худдорӣ намекунад ва агар лозим донад, кор фармудани ҳеҷгуна калимаҳои дурушти сахтро низ дареғ намедорад, ҷасорати адабӣ ва ҳамийяти ҷибиллиро, ки дар табиати ӯ монанди як узви ботинӣ ҷойгир шудааст, дар зимни таъбироти нозук бо камоли равшанӣ намоён мекунад.

Чунончи, яке аз ҳокимон ё мансабдорони калон байтеро ки ба ӯ қофия ёфтан душвор будааст, ба Бедил фиристода аз ӯ ба он байт назира гуфтанро илтимос мекунад. Шоир байте чанд ба он вазну қофия навишта бо ин мактуб мефиристонад:

„... (фақир) ҳасбулиршоди мансубони ҷаноби рабубият (мувофиқи роҳнамоии ҷаноби тарбиягар) ба фикри бадеҳа пардохт ва ба умеди қабул табъи маъниписанд табиатро мустаидди маъмурӣ шинохт. Лекин бонии ғазал (ғазале ки барои пайравӣ фиристода шудааст) диққате ба маърази (ба намоишгоҳи) таваҳҳум оварда, ки аз ӯҳдаи он ҳамон худаш тавонад барояд.

Сайри фитратҳои сухантарозони ин аср бе тамошое нест, хосса

(хусусан) абнои дувал (максад арбоби давлат) ки лофи камоле дар ин фан (дар фанни суханшиносӣ) ҳам дошта бошанд...“

Шоир баъд аз ин ба ин мазмун як латифа менависад. Назар ба ҳикояи ӯ дар замони қадим як подшоҳ будааст, ӯ шоирони замони худро ғун карда фармудааст, ки шеъре нависанд, ки қофия ва дигар қоидаҳои шеърие надошта бошад. Шоирон аз гуфтани ингуна „шеър“ оҷиз омадаанд. Подшоҳ ҳамаи онҳоро ҷазо додааст..

Баъд аз он касе як саҳифа коғази сафедро ба подшоҳ тақдим карда гуфтааст, ки „дар ин коғаз қасидае навиштаам, ки ғайр аз қофия ва қоидаҳои расмии шеър, хат ва ҳарфҳои расмӣ ҳам надорад“.

Муаллиф баъд аз ин латифа мегӯяд: „алҳол низ дабистони имкон аз ин ҷинси табоеъ холӣ нест..“ (с. 17 „Руқаот“).

Бедил дар мактубҳое ки ба номи Шукруллохон ва Шокирхон менависад, онҳоро бисьёр эҳтиром мекунад. Ин ду кас ҳам ки ё бародар ва ё бародарзодагони ҳамдигаранд, дар ҳақиқат шогирдони Бедил буда, ӯро аз ҳад зиёд самимона хурмат мекардаанд.

Касе Бедилро айб карда гуфтааст, ки ӯ ба шогирдони худ мактубҳои тамаллуққорона менависад, ки ин даноат—пастӣ аст. Бедил ба он кас ҷавобан менависад, ки онҳо ҳарчанд ба ман шогирданд ва бандавор хат нависанд ҳам, дар ҳақиқат ман ба онҳо устод нестам, ман он ҳақношиносе нестам, ки ҳар кас маро эҳтиром кунад, ман даъвии устодӣ карда ӯро дар зери пои худ гирам. Касе ки маро эҳтиром мекунад, ман низ ӯро ҳурмат мекунам ва дар охири ин мактуб (с. 41 „Руқаот“), ин ҷумлаҳоро менависад: „...дар ҳар сурат кучакдилиҳои мо (хоксории мо) иқтизо намуд, ки ҳар сагу гурбаро носеҳи атвори мо бояд буд. Мазо момазо (гузашт, ҳар чӣ гузашт). Баъд аз ин ба истиғфор бояд кӯшид (аз таъна кардани ман тавба бояд кард), вагарна медонед, ки **Бедил—Абдулқодир** аст! Вассалом“.

Бедил бо касоне ки ба воситаи мактуб алоқаи адабӣ мекунад, мақсади тарбияву таълимро ҳеҷ фурӯгузор намекунад. Чунончи, дар мактубе ки дар с. 4 „Руқаот“ дарҷ шудааст, дар асарҳои адабӣ лозим будани риояи ҳам лафз ва ҳам маъниро таъкид менамояд ва дар як ҷои он мактуб дар ин бора мегӯяд:

„... Ҷамъе ки аз таровати ранги алфоз назаре об медиҳанд, лавҳи гамиз як қалам аз дарки маонӣ шустаанд ва гурӯҳе ки ба бӯи маънӣ кӯси тардимоғӣ мезананд рангинии ниҳоли иборат асло дар назари

инсофашон нараста. Бар ин тақдир маънӣ замзамаест мӯҳтаҷиби (зери пардаи) сози мавҳум ва иборат созе муштамили (дарбаргирандаи) нағамоти номафҳум.

**Қитъа**

Баски нуксон бо мизоҷи халқ дорад иртибот,
Аз камоли ҷомеият оламе бегонаанд,
Масти ботин маънӣ андешид бе осори лафз,
Махви зоҳир лафз диду ҳарфе аз маънӣ нахонд."

Инчунин мактубҳои Бедил ба Шукруллохон, Шокирхон, Хусайнкулихон ва Қайюмхон номон бештарин хислатҳои тарбиявӣ доранд. Мо дар ин ҷо аз мактубҳои ӯ ба Ҳусайнкулихон як мисол меорем:

Ҳусайнқулихон як ғазал дар як вазни мушкил гуфта барои дида баёни фикр ва ислоҳ кардан ба Бедил фиристодааст. Бедил дар ҷавоб дар зимни таърифи он ғазал ислоҳ карданашро нозукона ифода намуда, он шахсро ба бисьёртар хондани асарҳои назмӣ ва насрии худаш даъват мекунад. Ӯ дар ин хусус ингуна менависад:

„...Дар зимни мутолааи навозишнома андешаи суҷуд реша ба фаҳми хар гули маънӣ, ки пардохт, ҷуз кайфияти рангу бӯи баҳористони камол нашинохт. Хосса дар замини „назаркушо", ки рабти ҳамворияш андаке печиш дошт, ғайр аз табъи салим ва фикри матин бар аксари табоеъ эҳтимоли лағзиш мегумошт. Офарин, бар табъи маъниофарин!.."

Мактубҳои Бедил бештарин беноманд ва ба номи кадом кас навишта шуданашон маълум нест. Бештарини он мактубҳое ки ном доранд, ба номи Шукруллохон ва Шокирхонанд, ки инҳо аз амалдорони бузург бошанд ҳам, ба шоир фикран наздик ва аз шогирдони дерин ва дӯстони самимии ӯянд.

Як қисми мактубҳо ба номи Ҳусайнқулихон ва Қайюмхонанд, ки муносабати инҳо бо Бедил муносабати устодӣ ва шогирдӣ аст. Якчанд мактубҳо ба касони гуногунанд, ки дар мавридҳои гуногун ва бештарин дар ҷавоби мактуби онҳо навишта шудаанд.

Бештарин мактубҳои Бедил хоҳ ба номи касе бошанд, хоҳ бе ном, чунон ки дар боло ишора рафт, хислати тарбиявӣ доранд.

* * *

Аз асарҳои Бедил, ки таърихашон маълум аст, ҳам аз мактубҳояш маълум мешавад, ки ӯ баъд аз чиҳилсолагии худ як қисми вақти худ-

муҳимми дигари соатҳои ҳаёти худро ба тарбияву таълими ҷавонони қобил бахшидааст. Инчунин ин ҳам маълум шуд, ки шогирдони ӯ танҳо шогирдони шифоҳӣ набуда, як қисми муҳимми шогирдонашро ба тарзи ғоибона ба воситаи мукотаба тарбия намудааст.

Аммо ӯ дар охиртарини умраш, ки аҳволи сиёсии Ҳиндустон, чунон ки дар қисми аҳволи замонаш қайд шуд, бад гардида аҳволи иқтисодии халқ ҳам тамоман дар парокандагӣ афтод ва ба сабаби ҷангҳои дохилӣ, исьёнҳои атроф ва подшоҳбозиҳои пайдарҳам бисьёр одам, аз ин ҷумла хеле донишмандон ва ҷавонони пурқобилият кушта ва талаф шуданд, сахт дилтангӣ ба ӯ рӯй дод, ки ин ҳолат қисман дар баъзе мактубҳояш акс кардааст.

Чунончи дар як мактубаш, ки дар саҳифаи 23 „Руқаот“ дарҷ шудааст, аз камьёбии суханфаҳмон шикоят карда менависад:

„...Аз дарди танҳоӣ ки рафиқи табиати ваҳшатнасиб аст, чи нигорад ки бо вуҷуди касрати як олам ошно аз қаҳти суханфаҳм муқими анҷумани тасвир зистан аст... Нафасшумори авқоти ҷамъият инқадар муғтанам (ғанимат) медонад, ки гоҳе аз забони хома бо давот гарми сари гӯшӣ (гӯшакӣ) мегардад ва гоҳе ба сӯҳбати китобе ҳамдарси маънихамӯшӣ мешавад...“ ва дар охири ҳамин мактуб менависад „...афсӯс маъние ки аз ҷайби шикоятҳои рӯзгор сар барорад...“

Дар як мактуб, ки дар с. 35 „Руқаот“ дарҷ шудааст, ингуна менависад: „...ба як-ду байти ҳолӣ диле ки ғайр аз худаш пурӣ мутасаввар нест, холӣ менамояд ва ба як ду мазмуни расмӣ тӯмори расмӣ, ки ғайр аз печидагӣ хеҷ надорад вомекушояд“ ва баъд аз ин, байтҳои зеринро менависад:

Ғубори яъсам, ба ҳар тапидан ҳазор бедод менигорам,
Ба сурма фарсуд хома, аммо ҳанӯз фарьёд менигорам.
Димоғи назме надорам акнун, ки резам аз нӯки хома берун,
Зи набзи дил ҷаста мисрае хун ба неши фассод[1] менигорам.

Дар як мактуб, ба муносибати вафоти Миёнлаълмуҳаммад, ки яке аз донишмандони ҳамзамонаш буд, ин сатрҳоро менависад:

„Маънипаноҳо! Ба арз расида бошад, ки чароғи маҳфили ахлоқ Миёнлаълмуҳаммад ба ҳукми доманфишонии фурсати анфос кисвати

[1] Фассод—рагзан.

тони ашфоқ бо шикасти ранги эътибор чӯшид. Шахси зиндагитимсоли фано аз оинаи зуҳури ҳар кас бе воситаи аворизи (оризаҳои) асбоб чилвагар аст (яъне мумкин аст, ки ҳар кас бе ягон сабаб ва оризае бимирад), аммо диққати таммулро дар вуқӯи осори ин кайфият (вафот) ғубори сабабе дар назар. Ин чо он чи маълуми назокатогоҳони маънитаҳқиқ гардид, ғайр аз ин ҳақиқат ба инкишоф нарасид, ки табаияти ноқадрдонон шиканчаи марги соҳибдилон мебошад ва итоати ноқисон далели фанои комилсифатон.

Дар ҳама ҳол зиндагии мавҳум ба қабули таҳаккуми дунон (пасттинатон) намеарзад, зиёда чуз сучуди таслим ва ризо чӣ варзад?".

Дар охири ҳамин мактуб ин порчаро менависад:

Магӯ гузаштарафиқон зи дил фаромӯшанд!
Кадом доғ ки дар пардааш намечӯшанд!
Чароғи анчумани ҳайрати назар буданд,
Кунун ба пардаи дил доғҳои хомӯшанд.
Нарафтаанд аз ин базм то сухан боқист,
Зи дида рафта, валекин ҳанӯз дар гӯшанд.

Яке аҳволи пурфочиае ки дар охирҳои умри Бедил дар Ҳиндустон рӯй дод, авч гирифтани низои ҳинду ва мусулмон буд. Хусусан баъд аз ҳаракатҳои мутаассибонаи Аврангзеби Оламгир, низои байни ҳинду ва мусулмон дар ҳар сари чандгоҳ рӯй дода меистода бошад ҳам, бо он сахтие ки дар охирҳои умри Бедил воқеъ шудан гирифт, пештар нашуда буд.

Яке аз ингуна фочиаҳо дар шаҳри Аҳмадободи Гучрот воқеъ шуд, ки халқи як шаҳр (ҳиндую мусулмон) қариб тамоман якдигарро куштанд. Дигаре дар шаҳри Кашмир, дар соли 1132, яъне чанд моҳ пештар аз вафоти Бедил воқеъ шуд, ки фочиаи ин ҳодиса аз фочиаи Аҳмадобод зиёдтар буд.

Ба Бедил, ки дар таълимоти худ дар байни ҳинду ва мусулмон ҳеч фарқ намегузошт, куфру исломро баробар мешумурд ва саодати ватани худаш—Ҳиндустонро дар ҳамин иттифоқи ҳиндую мусулмон медонист, ин ҳодисаҳо таъсир накарда намемонданд.

Аммо ин пири сахтиродаи қавирӯҳ бо ҳамаи ингуна таъсироти бади рӯҳонӣ ва бовучуди ин ки ба ҳисоби шамсӣ 77 сол ва ба ҳисоби ҳичрӣ 79 сол дар дунъё зиндагонӣ карда буд, дар охири умраш

пири барҷомонда шуда намонд ва дар вақти вафоташ бемории сахти дуру дарозро ҳам аз сар нагузаронид.

Мо ин ҳолатро аз як қайди муаллифи тазкираи „Хизонаи Омира“ медонем. Муаллифи мазкур дар тазкираи мазкур дар зикри Бедил мегӯяд „...Чун наввоб Осафҷоҳ дар санаи 1133 ҳиҷрӣ (1721 милодӣ) бар кишвари Дакан мусаллат шуд, номаи талаб ба Мирзо навишт. Мирзо дар ҷавоб, ин байт ба қалам овард:

Дунъё агар диҳанд нахезам зи ҷои хеш,
Ман бастаам ҳинои қаноат ба пои хеш“.

Мо аз рӯи қайди ҳамин муаллиф дар зикри наввоб Осафҷоҳ ҳам аз таъкиди муаллифи таърихи „Сиярулмутааххирин“ медонем, ки ин наввоб Осафҷоҳ, ки номаш Қамариддин буда набераи Обидхони самарқандӣ аст, ба Саидҳо, ки Муҳаммадшоҳро дар зери асорати худ нигоҳ медоштанд, исьён карда дар аввалҳои соли 1133 ҳиҷрӣ Даканро ба даст даровэрда буд; мо аз рӯи қайди муаллифи тазкираи мазкур инро ҳам медонем, ки Мирзо Абдулқодири Бедил дар 3-ми моҳи сафари соли 1133 вафот кардааст; мо аз қайди таърихи „Сиярулмутааххирин“ инро низ медонем, ки ҷанги мобайни Муҳаммадшоҳ ва амалдоронаш—Хусайналихон ва Саид Абдулло дар байни роҳи Дакан ва Шоҳиҷаҳонобод (Деҳлӣ) дар аввалҳои моҳи зилҳиҷҷаи соли 1132 сар шуда бо кушта шудани Хусайналихон ва асир шудани Саид Абдулло, дар 16 моҳи муҳаррами соли 1133 тамом гардида подшоҳ аз ин сафар 22 муҳаррами соли мазкур ба пойтахт даромад.

Ба болои ин ҳама ҳуҷҷатҳо агар масофаи байни Дакан ва Шоҳиҷаҳонобод (Деҳлӣ)-ро, ки ҷои истиқомат ва вафоти Бедил аст, ба назар гирем ва инчунин мувофиқи қайди „Сиярулмутааххирин“ (с. 444) дар аввали моҳи сафари соли мазкур аз назари подшоҳ гузаштани аризаи ҳокими Дакан—Низомулмулк наввоби Осафҷоҳро, ки даъваткунандаи Бедил аст, ба далелҳои мазкур илова намоем, бо равшанӣ исбот меёбад, ки номаи наввоб Осафҷоҳи мазкур дар бораи даъвати Бедил ба ӯ ду ё се рӯз пеш аз вафоташ расидааст.

Бедил, ки дар рад кардани даъвати Осафҷоҳи мазкур пирӣ, барҷомондагӣ ва ё бемории худро сабаб нишон надода бо байти дар боло қайдшуда, дар нарафтан ба Дакан қаноаткории худро далел нишон

медиҳад, маълум мешавад, ки ӯ худро дар рӯзҳои вафоташ ҳам бардам ва пурқувват ҳис мекардааст.

Дар ҳар ҳол, Бедил хоҳ бемори сахт шуда бошад, хоҳ не, дар замоне ки дар байни шоҳзодагон, ҳокимони вилоятҳо ва дар миёнаи аҳли дарбор ҷангу ҷидол шиддат гирифта бисьёр касон ва аз ин ҷумла шоирон ҳам (дар Ҳиндустон дар замони темуриён бештарин шоирон ҳам амалдор ва навкар буданд) кушта ва талаф мешуданд ва хуни мардуми бегуноҳ мисли об рехта хонаҳошон хокистар мешуд, назар ба қавли муаллифи тазкираи „Хизонаи Омира“ (с. 153) дар сеюми моҳи сафари соли 1133 ҳиҷрӣ дар Деҳлӣ дар хонаи худ вафот ёфта дар саҳни ҳавлии худ мадфун гардид.

Муаллифи тазкираи мазкур, ки дар он вақт 17-сола буд, дар вафоти ин шоири бузурги файласуф қитъаи таърихии зеринро гуфтааст:

Сару саркардаи арбоби сухан
Аз ғамободи ҷаҳон хуррам рафт,
Гуфт таърихи вафоташ Озод:
**„Мирзо Бедил аз олам рафт“**

Агар мо мисраи охирини ин қитъаро, ки моддаи таърих аст, бо алифбои араб навишта ба ҳисоби абҷад шуморем, 1133 ҳиҷрӣ мебарояд, ки ба соли 1721 милодӣ баробар аст, агар мо ба 11 қавс ва 3-ми декабрь рост омадани 3-ми сафари соли мазкурро ба назар гирем, муайян мегардад, ки Мирзо Абдулқодири Бедил дар 3-ми декабри соли 1721 вафот ёфта будааст.

Дар замони пештара, хусусан дар Ҳиндустон, дар хонаи худ дафн карда шудани донишмандони калон одат буд. Бинобар ин дар саҳни хонаи худ мадфун шудани ин файласуфи бузург ҷои тааҷҷуб нест.

Куллиёти осори ин суханвари донишгустар, ки бо дастхати худ тартиб дода буд, дар хонаи худаш маҳфуз буд. Ҳар сол дар рӯзи вафоташ, ки ин рӯзро „Рӯзи арси Мирзо“ меномиданд, шоирон ва донишмандони Шоҳиҷаҳонобод ба сари қабраш ғун мешуданд, он куллиётро барорда дар миёнаи маҷлис гузошта мехонданд ва муҳокима мекарданд ва ба ин восита, он „дили дар пайкари сухан ҳаракаткунандаро“ ёдоварӣ менамуданд.

Ҳоло мо намедонем, ки он хона, он турбат, он куллиёт ва он одат—ҳанӯз барқарор аст, ё ин ки он ватандӯсти бузургро, ки барои

саодати Ҳиндустон иттифоқи ҳиндую мусулмонро лозим медонист ва дар таълимоти худ лузуми дӯстии ин ду гурӯҳро талқин мекард— ҳамватанонаш тамоман аз ёд фаромӯш кардаанд?

Лекин мо метавонем мисраъҳоеро, ки ӯ дар вафоти Миёнлаълмуҳаммад гуфтааст, бо андак тағьир дар ҳаққи худаш такрор намоем:

...Чароғи анҷумани ҳайрати назар буд ӯ,
Кунун ба пардаи дил доғҳои хомӯш аст.
Нарафтааст аз ин базм то сухан боқист,
Зи дида рафта, валекин ҳанӯз дар гӯш аст.

# III

## ЭҶОДИЁТИ БЕДИЛ

*Шеърам, ки ба сад забон фуруд омадааст,*
*Дар чандин вақту он фуруд омадааст.*
*Таврот набуд, то бигӯям ки ҳама*
*Якбора зи осмон фуруд омадааст.*

*Бедил*

Эҷодиёти Бедил маҳсулоти тамоми давраи фаъолияти адабии ҳаёти ӯст. Азбаски ӯ дар даҳсолагӣ ба шеъргӯӣ сар карда, чунон ки дар тарҷимаи ҳолаш гузашт, то рӯзҳои вафоташ ин пешаро давом кунондааст, давраи фаъолияти адабии ӯ 67 соли пурраро дарбар мегирад, ки бояд ин давлат ба кам шоир муяссар шуда бошад.

Ин шоири бузурги пурбаракати дарозумр, дар муддати дарози ин фаъолияти адабии худ, мувофиқи Куллиёти осораш, ки дар дасти мост, асарҳои зеринро ба вуҷуд овардааст:

1. „Дебоча", 2. „Ирфон", 3. „Тури маърифат", 4. „Нукот", 5. „Ишорот ва ҳикоёт", 6. „Руқаот", 7. „Чорунсур", 8. „Муҳити аъзам", 9. „Тилисми ҳайрат", 10. „Ғазалиёт", 11. „Рубоиёт", 12. „Қасоид", 13. „Қитаот ва қитъаҳои таърихӣ", 14. „Таркибот ва тарҷиот" (таркиббанд ва тарҷеъбандҳо); 15. „Ташбеҳот ва тамсилот". Ҳар кадоми ин асарҳо дар матбаа бо рақамҳои алоҳида чоп шудаанд.

Аз ин номбаршудагон „Ирфон", „Тури маърифат". „Ишорот ва ҳикоёт", „Муҳити аъзам", „Тилисми ҳайрат", „Ғазалиёт", „Рубоиёт", „Қасоид", „Қитаот", „Таркибот ва тарҷиот", „Ташбеҳот ва тамсилот" асарҳои манзуманд, ки ҳамаи инҳо тахминан яксаду бист ҳазор мис-

раъро дарбар гирифтаанд. Агар мо ғазал, рубой, мухаммас, мурабба, маснавӣ ва дигар порчаҳои шеърии ин шоири пурмаҳсулро, ки бо онҳо асарҳои насрии худро зинат додааст, даҳ ҳазор мисраъ ҳисоб кунем, маҳсулоти назмии ӯ яксаду сӣ ҳазор мисраъ мешавад.

Аз ин манзумот „Ғазалиёт", „Рубоиёт", „Қасоид", „Қитаот ва қитъаҳои таърихӣ", „Таркибот ва тарҷиот", „Ташбеҳот ва тамсилот"-ро ки тахминан 75 ҳазор мисраъро дарбар мегиранд, аз даҳсолагиаш сар карда то 77-солагиаш—то рӯзҳои вафоташ дар замонҳои гуногун, дар шароит ва аҳволи гуногун ва дар ҳолатҳои рӯҳии гуногун гуфта ва навиштааст.

Бинобар ин мо дар ин қисми ашъори Бедил аз ҷиҳати фикр ва идея мазмунҳои зидди якдигарро мебинем. Масалан дар як байт, ё рубой шоир як диндори тамоми аҳкоми шариатро риоякунанда шуда намояд, дар як байт ва ё рубоии дигар ӯ аҳли тасаввуфи тарафдори ваҳдати вуҷуд, ё ин ки файласуфи ғайр аз чизҳои ба назарнамоянда ҳама чизро инкоркунанда шуда ҷилва менамояд.

Агар мо тарҷимаи аҳвол ва муҳити зиндагониеро, ки Бедил дар давраҳои гуногуни ҳаёташ дар вай зиндагӣ кардааст, ба назар гирем, ин зиддиятҳои фикрии ӯ натанҳо аҷиб наменамоянд, балки табиӣ ва як қонуни мантиқӣ шуда менамоянд.

Ҳамин аст, ки ин донишманди рӯҳшинос, барои дар тааҷҷуб намонондани хонандагон ва омӯзандагони худ ба сабаби зиддиятҳои фикриаш, ин рубоиро навиштааст:

Шеърам ки ба сад забон фуруд омадааст,
Дар чандин вақту он фуруд омадааст.
Таврот набуд, то бигӯям ки ҳама
Якбора зи осмон фуруд омадааст.

Албатта дар ин рубой мақсади шоир аз „сад забон" садгуна фикрҳои гуногуни зидди якдигар аст, ки ин мӯҳтоҷ ба ягон далел нест.

Сабаб ҳамин аст, ки дар як ҷо:

Ё афорит, ҷаҳоне дигар,
Ҷой кам нест маконе дигар!

гӯён бо таъсири ин байтҳо ҷину париро дафъ кардан мехоҳад ва дар ҷои дигар:

Дидем ба имтиҳони ҳиссу ҳаракот:
Осори парӣ набуд чизе ҷуз ваҳм,
Таркиби башар надошт ғайр аз хатарот.

гуён вуҷуди чинну париро тамоман инкор мекунад ва асарҳои онҳоро ғайр аз ваҳм чизи дигаре намешуморад.

Ё ин ки, дар қасидаҳое ки дар ҳамди худо, наъти пайғамбар ва алқоби чорьёр гуфтааст, чунон диндор аст, ки қоидаҳои динро то меъроҷ, азоби қабр, зиндагии дубора, ҷаннату дӯзах тамоман риоя мекунад, аммо дар қасидае ки ба инсон бахшидааст, ҳама чизро аз вай ва ҳар чизро худи вай мешуморад:

Эй шамъи базми қудс, надонам чӣ мазҳарӣ?
К-аз ваҳм гоҳ равшану гоҳе муқаддарӣ!

гуён ба инсон хитобан ин қасидаро сар мекунад ва рафта-рафта:

Дар чор рукни даҳр туӣ ҳайрати зуҳур,
Дар ҳафт баҳри чарх ту ноёб гавҳарӣ!
Аз ҳар шае, ки ақли ту фаҳмид, афзалӣ!
Аз ҳар макон, ки фаҳми ту пай бурд, бартарӣ!
Ҳар ҷо нигоҳ меравад, он ҷо ту рафтаӣ!
Ҳар сӯ хаёл мепарад, он сӯ ту мепарӣ!..
Кавну макон гулест ба домони ҳимматат,
Худро агар иҳота кунӣ—чархи дигарӣ!..
Олам ҳама мусаххари амри замири туст!
Эй бехабар, ту аз чӣ ҳаворо мусаххарӣ?!

мегӯяд.

Шоир дар бораи инсон бисьёр менависад, ба болои ҷоҳпарастӣ, ҳавопарастии ӯ як камбудии калони дигаре ки дар вай меёбад, бандаи чизи офаридаи худ будани ӯст. Дар ин бора ин рубоиро мегӯяд:

Инсон ки фалакхост сарафкандаи ӯ,
Дар ҳайрати худ гум аст донандаи ӯ:
Дорад хосияте ки дар хориҷу зеҳн—
Ҳар чиз ки офарид, шуд бандаи ӯ.

Маълум аст, ки чизе ки инсон дар зеҳни худ офаридааст (халқ кардааст) худо ва муқаддасоти динӣ аст ва ҳар чизе ки ӯ дар хориҷ—дар дуньёи ба назарнамоён офаридааст, илоҳҳои бутпарастон ва бутҳоест, ки одамон худ сохта худ мепарастиданд ва банда-

гӣ мекарданд ва инчунин подшоҳонанд, ки онҳоро низ худи инсонҳо сохта баровардаанд.

Дар як рубоии дигар ҷаннату дӯзахро таваҳҳум ва фиребдиҳандаи мардум, интизорбарандаи неъмати ҷаннат ва тарсандаи азоби ҷаҳаннамро „меҳмони хаёл“ мешуморад:

Бедил, ба бисоти фурсати баркниқоб<br>
Моро ду се рӯзе ба таваҳҳум дарьёб!<br>
Ҳайрони фиребро чӣ хулду чӣ ҷаҳим?<br>
Меҳмони хаёлро чӣ неъмат, чӣ азоб?

Дар рубоии дигар ин маъниро боз равшантар ифода мекунад:

Ҷамъе ба ғурури хулду ризвон задаанд,<br>
Ҷамъе ба ҷунуни дину имон задаанд,<br>
Аз ваҳм пур аст чорсӯи имкон,<br>
Ин „некматоъ“ бар чӣ дӯкон задаанд?

Дар як рубоӣ қиссаи Шайтону Одамро ки қариб дар ҳамаи динҳои китобӣ як ранг нақл меёбад, афсонаи бемантиқи бетамизона бофташуда медонад:

Афсонаи бетамизии оламро<br>
Фаҳме куну вогузор бешу камро.<br>
Шайтон гардид қобили тавқи ғазаб,<br>
Берун карданд аз биҳишт Одамро?!

Дар яке аз рубоиҳояш афсонаҳои диниро натиҷаи овозаандозии одамони бекор мешуморад:

Ҳар сониҳае ки шуд ба афсона далел,<br>
Бекории халқ шӯҳраташрост кафил,<br>
Мусо то ҳол мешикофад дарьё!<br>
Фиръавн ҳанӯз меҳӯрад ғӯтта ба Нил!

Азбаски девонҳои ашъори шоирони Шарқ ба тартиби алифбои қофия ҷамъ карда мешаванд, на ба тартиби таърихӣ гуфта шудани он шеърҳо, хонанда метавонад дар як саҳифа ду байт, ё ду рубоии зидди якдигарро хонад, ки якеро шоир дар понздаҳсолагиаш гуфтааст, дигариро масалан дар панҷоҳсолагӣ.

Лекин дар ғазал ва рубоӣ барин порчаҳои шеърӣ, ки таърихашон маълум нест, хонанда намедонад, ки Бедил шеърҳои диндоронаи худ-

ро аввал гуфтааст, ё порчаҳои зиддидиниашро. Аммо агар мо тарҷимаи ҳоли ин шоири дарозумрро ба назар орем, ҳукм кардан метавонем, ки порчаҳои диндоронан худро дар аввалҳои ҷавонӣ, порчаҳои дарвешона ва қаландаронаи худро дар ҷӯши ҷавонӣ ва овони маҷзубӣ ва шеърҳои фалсафавӣ ва зиддидиниашро баъд аз камол ёфтан гуфтааст.

Зеро, чунон ки дар тарҷимаи ҳолаш гузашт, ин шоири баландистеъдод дар айёми бачагӣ ва аввалҳои ҷавониаш дар зери тарбияи Шайх Камол буд, ки ӯ қоидаҳои дини исломро дар ақида ва дар амал сахт нигоҳ медошт, баъд аз он шоир дар зери таъсири маҷзубон афтода дарвешӣ ва тарки дуньёро пеш гирифт, баъд аз он ғарқи суфизми исломӣ шуда ба тарафи ваҳдати вуҷуд майлон кард ва сонитар дар натиҷаи тафтиши фалсафаи ҳинди қадим ва бо татбиқи суфизми исломӣ бо фалсафаи ҳинд, як файласуфе шуд, ки дар байни куфру ислом ҳеҷ фарқ намегузорад, дар охир як файласуфи ҳаётӣ шуда эҷодиёти худро ба дуньёи зинда—ба зиндагонии халқ, ба ҷамъият бахшид.

Асарҳои назмӣ ва насрии Бедил—монанди „Ирфон“, „Чорунсур“, „Тилисми ҳайрат“ ва дигарҳо, ки таърихи таълифашон маълум аст, ҳолати рӯҳия ва савияи фикрияи шоирро, ки дар вақти таълифи онҳо дошт, тамоман акс кунондаанд. „Ирфон“ ки таълифи охириумрии муаллиф аст (9 сол пеш аз вафоташ) қариб тамоман ба ҷамъият бахшида шудааст.

Мо ба ҳамин далел қиёс кардан метавонем, ки аз асарҳои бетаърихи ин шоир кадомаш, ки фикран пурратар ва ба зиндагӣ наздиктар бошад, ҳамон қадар сонитар эҷод ёфтааст.

Нафрат аз тамаъ, ишқи озодӣ, исботи фазилати карам ва ӣсор (тарки манфиати худ барои нафъи дигарон), нафрат аз хушомадгӯӣ ва маддоҳӣ—хусусан маддоҳии подшоҳон ва сарватмандон, нафрат аз зулм, дилсӯзӣ дар ҳаққи мазлумон, нафрат ба ғурур ва ҷоҳпарастӣ—инҳо хислатҳоеанд, ки мо аз хурдсолии ин инсони комил то охири умраш дар ӯ мебинем, ки дар эҷодиёти гуногунзамони вай акс кардаанд.

Фақат фарқ дар ин ҷо аст, ки дар асарҳои аввалини ӯ ин хислатҳояш ба тарзи содда ва ибтидоӣ акс карда бошанд, дар асарҳое ки шоир баъд аз ба камол расиданаш эҷод кардааст, пурра ва бо далелҳои иҷтимоӣ ба субут расида, тасвир ёфтаанд.

Дар хурдсолӣ ба Бедил ҷойгир шудани ингуна хислатҳо ҳам тасодуфӣ ва бесабаб нест, амаки Бедил—Мирзо Қаландар, ки назар ба тасвири муаллиф ин хислатҳоро доро буд, ҳамаи инҳоро ба бародарзодаи хурдсоли худ, ки тарбияашро ба ӯҳдаи худ гирифта буд, гузаронид. Чунон ки дар тарҷимаи ҳоли Бедил гузашт, ӯ ҳатто шоирии худро ҳам аз асари тарбияи он амаки меҳрубони бесаводи худ медонад.

Бедил, дар як рубоии худ ба золимон, бо яроке ки онҳо кор мефармоянд, муқобалат карданро мефармояд:

Золим пӯшад либоси хунбофтаро,
То зер кунад хасми забун ёфтаро,
Бо сангдилон шиори худ сахтӣ кун!
Бардор ба охан, оҳани тофтаро!

Дар як рубоие ки дар ёддоштҳои соли 1096 (1685) дар 41 солагии худ навиштанаш маълум аст, ҳамин маъниро такроран ифода мекунад:

Бедил, ба ғаним касри шон нанмой!
То тир тавон шудан—камон нанмой!
Хосияти ин маърака оҷизкушӣ аст,
Инҷо, зинҳор, нотавон нанмой!

Дар як рубоии дигар ба золим хитоб карда мегӯяд·

Эй нони ту гарм аз тафи дилҳои кабоб!
Аз хиҷлати зулм боядат гаштан об!
То коми ту молид як ангушт асал,
Буньёди ҳазор хона гаштаст хароб.

Дар як рубоӣ умуман подшоҳонро масхара дошта мегӯяд:

Дуньё ки фусуни ною нӯше будаст,
Ҳар вакт ба коми хомҷӯше будаст,
Инҷо Заҳҳок мордӯше будаст,
Искандар ҳам дарозгӯше будаст.

Дар як рубоии дигар подшоҳро аз ҷиҳати манфиати халқ як ҷизи нодаркор мешумурад ва ин маъниро бо як таъбири хандаовар ва ҳатто аз рӯи одоби таҳрири имрӯза беадабона ифода мекунад:

Дар кишвари эътибор кадри хар чиз,
Дорад дархӯрди ҳоҷати халқ тамиз,
Ҳарчанд ки кӯси салтанат буқ занад,
Бар нафхгирифта меъдае нест чу тиз.

Рафта-рафта муқобалати ӯ ба синфи хоким шиддат мегирад ва онҳоро, ҳарчанд баъзи ҳоҷати кас аз онхо раво гардад ҳам, боби гарданзадан мешуморад:

Ин кавм, ки узви зонди марду зананд,
Биттабъ харош бар ҷигархо фиканапд,
Ҳарчанд, ки корхо кушояд з-эшон,
Чун нохуи ҷумла боби гардан зананд.

Дар як рубоии дигар ин маъниро ба ин тариқа ифода мекунад:

Шохон ки зи худсарӣ ҷахонтасхиранд,
Дар дахли умури хақ халалтахмиранд,
Ин бекорони ғаҷрап ҷоху хашам,
Ангушти зиёди панҷаи тақдиранд.

Яъне подшоҳонро, назар ба ақидаи авом, тақдир бар сари халқ оварда бошад ҳам, ангушти барзиёди панҷаи тақдиранд. Ангушти барзиёдро дар хар панҷа, ки бошад бурида партофтан лозим аст.

Ғурур, ҷоҳпарастӣ, худситоӣ, ҳасад ва бӯҳтони синфи ҳокими замони худро дар як рубоӣ хулоса карда мегӯяд:

Як сӯ шӯри карруфару иззату шон
Як сӯ хасаду даъвиву хирсу бӯхтон,
Бар хеҷ чӣ ҳангома наёростаанд,
Ин масхараҳои чорсуи имкон!

Дар як байти як ғазали худ ғурури подшоҳонро ба ин тариқа масхара медорад:

Чӣ миқдор ороиши ханда дорад
Кафе хокӯ онгаҳ димоғи худоӣ?

Дар ин ғазал умуман ба ғурур муқобил мебарояд:

...Матан бар ғуруре ки монанди оташ
Равӣ шуълае ҷанду хокистар оӣ!

Дар ин анчуман ғайри ибрат чи дорад,
Ғурури най—хиҷлати бӯрьёи?!

Мо аз тарҷимаи аҳволи Бедил медонем, ки дар даҳсолагии ӯ, нафрат аз мадраса ва дарсҳои расмиро ба вай амакаш—Мирзо Қаландар талқин кард. Дар Бедил ин нафрат рӯз то рӯз инкишоф ёфта то охири умраш давом намуд.

Дар ин бора дар Рубоиёт мегӯяд:

Дар мадраса ҷамъе ки фароҳам гаштанд,
Медонӣ аз кучо мукаррам гаштанд?
Полону ҷулу фисор мехост харе,
Аз бесомонӣ охир одам гаштанд.

Дар рубоии дигар мегӯяд:

Эй лафзи ҷадид, маънии тоза барор!
Эй ҳусни фасурда, андаке ғоза барор!
Бигсил раги мабҳаси ҳудусу қидамат!
Ин нусхаи кӯҳнаро зи шероза барор!

Дар рубоии дигар боз ҳамин маъниро такрор мекунад:

Эй ғафлатмашрабони нодоникеш!
В-аз ноқисфитратӣ камолот андеш!
Умрест ки дар баҳси ҳудусу қидамед!
З-ин беш махонед насабномаи хеш!

Аз нафрат баён кардани шоир ба мадраса ва ба илмҳои расмӣ, хусусан ба баҳси ҳудусу қидами олам, ки яке аз муҳимтарин дарсҳои мадрасаи кӯҳнаи исломӣ буд, гумон карда нашавад, ки ӯ монанди сӯфиёни ҷоҳил зидди илму дониш будааст. Ингуна гумон албатта нодуруст мешуд. Чунки ӯ ҳамеша дар асарҳои худ одамонро ба омӯхтани илмҳои ҳақиқӣ ва ҳикмат ташвиқ мекунад. Чунончи, дар яке аз рубоиҳои худ мегӯяд:

То фазлу ҳунар оинапардоз нашуд,
З-иқбол дари ба рӯи кас боз нашуд,
Фӯлод ба оҳан шараф аз ҷавҳар ёфт,
Беилм зи ҷинси хеш мумтоз нашуд.

Дар бораи илму ҳикмат, дар „Ирфон“ боз батафсилтар гап мезанад:

...Чист меъроҷи огаҳӣ ин ҷо?
Иқтидори иҳотаи ашьё!
Ин наво ҷуз ба сози ҳикмат нест,
Ғайр аз ин сурати иҳотат нест...
Ҳикмат он ҷо ки нест оннадор
Сувари илмро кам аст осор...
Илм умре ба хун кашад таабаш,
То ба ҳикмат расад пайи талабаш.
Лек ҳикмат ба ҳар куҷо гул кард,
Ҳукми аҷзои илмро кул кард...

Бедил ҷанг ва низоъҳои диниро на аз барои дин, балки барои ғарази дуньёӣ мешуморад ва дар ин бора мегӯяд:

Умрест ки дар арсаи найранги ғараз,
Дорад баду нек сулҳ, ё ҷанги ғараз.
Гар рабти каломи куфру дин дарьёбӣ—
Созӣ ҳама кук аст ба оҳанги ғараз.

Шоир барои манфиати ҳам куфру ҳам ислом созиш кардани ин ду фиркаро лозим медонад, махсусан ба мусулмонон: „агар зуннор бошад, донаҳои тасбеҳи шумо пош хоҳад хӯрд“ мегӯяд. Албатта мақсади ӯ иттиҳоди ҳинду ва мусулмони Ҳиндустон аст. Ин маъниро дар як банди аз мухаммасҳои худ ба ин тариқа ифода мекунад:

То сози нафас воситаи шӯри ҷаҳон аст,
То базъи ҷасад оннаи улфати ҷон аст,
Ҷамъияти дилҳо алами болфишон аст,
Бе реша парокандагии дона аён аст,
Аз сабҳа маҷӯ рабт, чу зуннор набошад.

Бедил дар ҷамъият ба якдигар ёрмандӣ карданро манфиати ҳар ду тараф медонад ва дар ин хусус ин рубоиро мегӯяд:

Гар офият аст, в-ар шикастаст ин ҷо,
Аз соғари аъмоли ту маст аст ин ҷо,
Дастат гирад, касе ки гирӣ дасташ,
Музди ҳама кас даст ба даст аст ин ҷо.

Шоир ба гардани дигарон партофтани бори худро низ нодуруст медонад ва дар ин маънӣ ин қитъаро мегӯяд:

Ба як дурӯза сару барги зиндагӣ маписанд,
Ки баҳри халқ паи суди худ зиён боши!
Агар ғубор шавӣ маҳви домани худ бош!
Чунон мабош, ки ташвиши дигарон бошӣ!
Нафас бидузду сабукрӯҳ зиндагонӣ кун!
Мабод бар дили оинае гарон боши!

Шеърфурӯшӣ накардан, арбоби давлат ва аҳли сарватро мадҳ накардан ҳам, аз хислатҳои якумрии Бедил аст. Ӯ ин хислати худро дар ҷоҳои гуногуни асарҳои худ изҳор, шоирони маддоҳро рад ва инкор мекунад. Чунончи дар як рубой мегӯяд:

Бедил, аз табъи назм бӯе дорам,
Яъне маънисиришт хӯе дорам,
Не васфи „туе", на мадҳи „ӯе" дорам,
Бо фурсати шавқ гуфтугӯе дорам.

Дар як рубоии дигар мегӯяд:

Бедил, моро харзадарой шон нест,
Мадҳи миру ситоиши султон нест,
З-ин даст каломе ки зи мо мешунавӣ,
Ғайр аз исори хидмати ёрон нест.

Шоир дар ин рубой гуфтан мехоҳад, ки „ман мадҳу ситоиши арбоби давлатро намекунам ва ин пеша аз хислати ман нест. Агар дар шеърҳои ман мадҳияеро бинӣ, вайро ман на барои тамаъ гуфтаам, балки ба яке аз ёронам нисор кардаам.

Бедил шоирони шоҳпарастро сахт мезанад ва дар ин маънӣ дар як порча маснавии худ мегӯяд:

Эй ки таърифи салотин кардай!
Машки таълими шаётин кардай!
Чист таълими шаётин?—Ҳуббӣ ҷоҳ!
Эй, шаётин муршидаг, рӯят сиёҳ!..

Дар як қитъааш ҳам, чунон ки дар боло қайд шуд, шоирони маддоҳро сахт танқид мекунад:

Эй басо маънии равшан ки зи ҳирси шуаро
Хоки ҷавлонгаҳи аспу хари аҳли ҷоҳ аст,
В-е басо нусха, ки дар мактаби ташвиши тамаъ
Рӯсиёҳи абад аз мадҳи амиру шоҳ аст.
Марҷеи маънии ин сустхаёлон дарьёб!
То бидонӣ чӣ қадар фитраташон кӯтоҳ аст!

Гар хама пой бар афлок ниҳад, дар чоҳ аст.

Шоир дар охири як қасидааш, ки ба инсон хитобан сар карда дар ай фазилат ва камбудиҳои одамро тасвир кардааст, шоирони маддоҳ аҳир ва Анвариро сахт мазаммат мекунад.

Маълум аст, ки Заҳир ва Анварӣ аз устодони адабиёти тоҷик уда, дар айни замон маддоҳи бисьёр гузаро ҳам мебошанд, ки ҳеҷ адҳиянавис, дараҷаи муболиғаи худро ба пасттарин пояи инҳо расон- а натавонистааст.

Бедил дар танқиди худ ба тарзи мисол ҳаминҳоро интихоб карда уё зимнан ифода кардааст, ки „санъат ҳар қадар ки баланд бошад, агар ай ба ягон ғояи паст олат шавад, ба сахттарин таҳқир сазовор аст“.

Саъдӣ ҳам дар муқаддимаи „Бӯстон“ ба мазмуни як байти мад- ҳиягии Заҳир бо ин байти худ:

Чӣ лозим ки нух курсии осмон
Ниҳам зери пои Қизиларсалон...

ишора намуда, зимнан мадҳиягӯии ӯро танқид мекунад. Аммо тан- қиди Бедил рӯйрост ва оммафаҳм аст.

Бедил ки Заҳир ва Анвариро ҷасурона танқид мекунад, ошиқ ва мухлиси Саъдӣ аст. Чунки Саъдӣ ба зимми ин ки устоди бузург аст, ба мадҳи подшоҳон сар нафаровардааст. Тасодуфӣ нест, ки Бедил дар ҳаққи асарҳои ӯ мегӯяд:

Аз гулу сунбул ба назму насри Саъдӣ қонеам,
Ин маонӣ дар „Гулистон“ бештар дорад баҳор.

Дар охирҳои умри Бедил чунон ки дар аҳволи замонаш ва тарҷи- маи ҳолаш гузашт, аҳволи сиёсии Ҳиндустон бисьёр бад шуд. Дар миёнаи шоҳон, шоҳзодагон, аҳли дарбор, амалдорон ва ҳокимони вилоятҳо ҳар рӯз ҷангу ҷидоли тозае барпо мешуд, дар ҳар гӯшаи мамлакат ва пойтахт ҳар рӯз як подшоҳ бар сари кор меомад. Дар табиати арбоби давлат, аҳли ҳукумат ва сипоҳ сифати одамият ҳеҷ намонда ва ба ҷои он ваҳшонияти даррандагӣ, кина, ҳасад, адоват,

хилагарӣ, зулм, толон-тороҷ, номардӣ ва пастӣ авҷ гирифта буд. Атрофи подшоҳонро занони бадахлоқ фурӯ гирифта буданд.

Ҳамаи ин аҳвол дар шеърҳои ин шоири донишманд акс кардааст. Ӯ дар ин бора дар як рубоии худ мегӯяд:

Имрӯз ки ҷӯши инқилоби замон аст,
Ҳар ҷо афвоҷи ҳез „лашкаршикан“ аст,
Оғӯш кушуда захм бар захми дигар,
Ин арса пур аз наёми шамшерзан аст.

Дар як рубоии дигар ин аҳволро боз ҳам равшантар ифода мекунад:

Афсӯс ки сози салтанат шуд фосид,
Гардид матои дину давлат косид,
Назми Ҳиндустон кунун мунҳасир аст,
Бар дайюсу лаиму ҳезу косид.

Ба Бедил аз ҳама зиёдтар ин ҳолат бад таъсир мекард, ки одамони соддадиле ки ба доираи ҳукумат дахл надоштанд, ба ин аҳвол аҳамият намедоданд. Онҳо ақида доштанд, ки „охирзамон шуда аст, зуд қиёмат қоим хоҳад шуд, дар он вақт мо чӣ хоҳем кард. Мо бояд ғами охиратро хӯрем, корҳои дунё бошад, хоҳ нек аст ва хоҳ бад, даргузар аст“.

Шоири рӯҳшинос ба ҳамингуна одамон хитоб карда мегӯяд:

Эй мурдаи интизори маҳшар бурдан!
Ҳайф аст ба ҳар фасонаат хун хӯрдан!
Дар сурати офоқ назар кун к-инҷо—
Ҳар рӯз қиёмат асту ҳар шаб мурдан.

Шоири дурбини оташкалам боз ҳам бадтар шудани натиҷаи он аҳволро бо забони софи ҳамафаҳм ва бо ташбеҳҳои равшани дилчасп дар як қасидааш ба ҳамватанони худ хабар медиҳад:

Вақти он аст, ки аз гардиши гардуни фалак.
Нақши меҳр аз вараки рӯи замин гардад фак..

Талхии зулм халоват ба завоик сӯзад,
Аз сари хони вафо махв шавад ҳаққи намак.
Ҳасрати нӯш—ба бемор диҳад ҷоми аҷал,
Муждаи мархам—бар захм кунад ҳарфи газак...
Вахми аблаҳ алами ноз фарозад ба симок,
Саъи доно шиканад кӯси фазилат ба самак.
Шерро пӯст чу рубоҳ шавад офати ҷон,
Рубаро мако диҳад сӯи палангон шерак[1]...
Ҳар хаёле ки ба зулматгаҳи ваҳм аст ниҳон,
Ҳамчу хуршед аён аст ба чашми зирак...

Бедил назари сиёсӣ ва иҷтимоии худро ба берунтар аз Ҳиндустон ҳам меандозад, чун дар ҳама ҷо ҷаҳонгирони Ғарбро омодаи истило ва аҳолии Шарқро дар хоби ғафлат мебинад, ин рӯбоиро месарояд:

Аз маркази Ҳинд, то хати Мӯлтонаш,
В-аз ҳадди Ироку Язд то Кошонаш—
Дар ҳар маъмурае ки кардем гузар
Дидем аввал саводи гӯристонаш.

Бедил ки ҳамаи табақаҳои муфтхӯри иҷтимоии замони худ—подшоҳон, ҳокимон, зоҳидон, шайхон ва дигаронро аз як сар бо қалами тунду тез задааст, савдогарон ва аҳли доду гирифтро ҳам аз ёд набаровардааст ва дар як рубоии худ табақаи тиҷоратро ингуна тасвир мекунад:

Машриқ то Мағрибу араб, то ба аҷам,
Дидем муомалоти аҳли олам—
Чун шишаи[2] соат ҳама дар доду сутуд
Хокест ки мекунанд дар косаи ҳам.

Мо то ҳол бар болои ғазалиёт, рубоиёт ва баъзе қасидаҳои Бедил, ки таърихи эҷодашон маълум нест, гап задем. Акнун ба тарзи кӯтоҳ ҳам бошад, бар болои он асарҳояш ки таърихи таълифашон маълум

---

[1] Шерак додан—таъбири халқии тоҷикӣ буда, ба маънои „барангехтан" аст.

[2] Дар ин ҷо мақсад аз шишаи соат—соати қадимист, ки дар даруни як шиша рег рехта ва шишаи дигарро ба вай пайванд дода месохтанд. Бо гузаштани рег аз шишае ба шишаи дигар вақт муайян мешуд. Дар ваннаи баъзе истиғоҳатгоҳҳо ҳанӯз ҳамин соат дар амал аст.

аст, ё ин ки замони ба вуҷуд омадаашонро тахминан муайян кардан мумкин аст, гап мезанем:

1) **„Тилисми ҳайрат“**—ин асари якӯми манзуми Бедил аст, ки ба тарзи китоби алоҳида таълиф ёфтааст. Ин китоб дар шакли маснавӣ ва дар вазни „баҳри ҳазаҷи мусаддаси мақсур“ гуфта шудааст, ки ҳар мисрааш ба „мафоилан, мафоилан, мафоил“ ё ин ки ба „мафоилан мафоилан, фаулан“ баробар меояд.

Ҳаҷми ин манзума 7500 мисраъ ва мавзӯаш вуҷуди ҷисмонӣ ва рӯҳонии одам буда „Тилисми ҳайрат“ киноя аз вай аст.

Муаллиф дар таърихи таълифи ин асари худ дар муқаддима:

...Сари андеша то дуздид дар ҷайб,
Бурун овард „ганҷ“ аз „олами ғайб“

мегӯяд.

Аз „олами ғайб“ ки ба ҳисоби абҷад 1153 мебошад, агар сари „андеша“ ки як аст дуздида ва „ганҷ“ ҳам ки 73 мебошад, бароварда шавад, 1079 мемонад, ки соли матлуб аст. Ин рақам дар асоси санаи ҳиҷрӣ аст, ба соли 1669 милодӣ баробар буда, ба синни 25-солагии шоир рост меояд.

Шоир дар ин асар рӯҳи инсониро ба подшоҳе монанд мекунад, ки аз олами тақаддус (аз олами пок—олами илоҳӣ) фуруд меояд ва як маъмурае (мамлакате)-ро, ки асосаш хоку боду оташу об аст, яъне ҷисмро ба даст медарорад ва ба атрофи ӯ балғам, хун, сафро ва савдо—ба сифати чор ҳоким, ки дар зоҳир бо ҳам мувофиқ буда, дар ботин ба якдигар мухолифанд—ғун мешаванд.

Хулоса шоир дар ин асари худ ҳолатҳои рӯҳии инсон ва аъзои ҷисмонии ӯро бо истилоҳоти аҳли тасаввуф таъбир намуда таълимоти ахлоқӣ медиҳад ва дар рафти сухан аз шоир бехудиҳои маҷзубона ҳам намоён шуда меистад, ки ин ҳолат, ба ҳолати рӯҳияе ки ӯ дар вақти таълифи ин асар дошт, тамоман мувофиқ аст.

Аз ҷиҳати санъати шеърӣ, байтҳои „Тилисми ҳайрат“ хеле баланд, равон, содда ва дилчаспанд.

Аз „Руқаот“ ном асари муаллиф маълум мешавад, ки „Тилисми ҳайрат“ дар аввалҳои таълиф ёфтанаш дар байни арбоби сухани он замон он қадар эътибор пайдо накарда будааст. Шоир ин навзоди нахустини худро бо мактубе ба як донишманди шеършинос, ки пеш аз он бо вай шахсан шиносой надошт, барои тақриз фиристода, дар

он мактуб ин маъниро изҳор мекунад ва аз ӯ баҳои муносиб мепурсад.

Аз як мактуби дигари муаллиф маълум мешавад, ки он шахс ин китобро писандида бо мактубе таҳсин кардааст. Бедил дар мактуби мазкур ин ҷумлаҳоро менависад: „...Тилисми ҳайрат“ ба таваҷҷӯҳи хонсоҳиби маънимcallback муанвани кайфиёти иқбол гардид... Файзандуз маъние ки табъи таҷаллишуҳудаш бипсандад ва саодатунвон каломе ки ба тахсини забони ҳақтарҷимон пайвандад“.

2) „**Муҳити аъзам**“—ин асари манзум ҳам дар шакли маснавӣ ва дар вазни „мутақорибӣ мусаммани мақсур“, ки ҳар мисрааш ба „фаулан фаулан фаулан фаул“ баробар меояд, навишта шудааст ва ҳаҷмаш тахминан 9 ҳазор мисраъ мебошад.

Ин асар дар услуби соқиномаҳо буда мазмунан ба таълимоти суфия бахшида шудааст. Аз ҷиҳати мундариҷа ин асар ҳикоятҳоеро ки ба зиндагониҳои аҳли тасаввуф оид аст, инчунин тасвири май, хум, ҷом, най, танбур ва дигар асбоби мусиқиро бо рамзҳои суфизм дарбар гирифтааст.

Аз рӯи таърихи муаммоӣ, ки муаллиф дар аввали ин асар қайд кардааст, таърихи таълифаш 1092 ҳиҷрӣ буда ба 1681 милодӣ—ба 37-солагии муаллиф рост меояд, ки бо аҳволи рӯҳияи ҳамонзамониаш мувофиқ аст. Чунки Бедил дар он вақтҳо маҷзубиро тарк карда ба зиндагонии ороми аҳли тасаввуф даромада буд.

Шоир ин асари худро бо як қисми ашъораш ба яке аз аҳли тасаввуф бо як мактуб фиристода дар он мактуб навиштааст: „...Муҳити аъзам“-ро ки соқиномаест мухтараи афкори дуогӯй, бо мунтахабе аз ғазалиёти хаёли рангу бӯ василаи омурзиш тасаввур намуда ба боргоҳи қабули маъзарат фиристод ..“.

3) „**Тури маърифат**“—ин асари манзум ҳам, дар шакли маснавӣ ва ҳамвазни „Тилисми ҳайрат“ буда, ҳар мисрааш ба „мафоилан, мафоилан, фаулан“ баробар аст. Ҳаҷми ин манзум қариб 3 ҳазор мисраъ буда, дар мундариҷоти худ асосан кӯҳистони Байротро тасвир мекунад.

Аз муқаддима ва хотимаи ин асар маълум мешавад, ки шоир ин манзумаро ба номи Шукруллохон ном касе бахшидааст. Аз ҷоҳои гуногуни „Руқаот“ ва ҳам аз баъзе порчаҳои шеърии муаллиф маълум мешавад, ки Шукруллохон аз ҳокимони бузурги Ҳиндустон аст,

дар айни замон шогирди Бедил, шоири забардаст ва донишманди намоён аст. Муносибати Бедил бо ӯ харчанд ба сифати муносибати устодӣ ва шогирдӣ ҳам бошад, Бедил ӯро мисли як донишманди бузург бисьёр эҳтиром мекунад ва маълум мешавад, ки ӯ ҳамфикр ва дӯсти самимии шоир аст.

Аз мукаддимаи „Тури маърифат“ маълум мешавад, ки Шукруллохон як вакт дар тарафҳои кӯҳистони мазкур ҳоким, ё сараскар шуда рафта будааст, дар он вактҳо Бедил ҳам ба тарзи саёҳат ба ҳамон тарафҳо ворид шудааст. Шукруллохон дар бораи манзараҳои дилрабои он кӯҳистон ҳамон вактҳо чанд байт гуфта будааст. Бедил баъд аз чанд сол ба тарзи ёддошти ҳамон саёҳат дар вазни ҳамон байтҳои Шукруллохон ин асарро навишта ба ӯ бахшидааст.

Ҳарчанд Бедил таърихи таълифи ин асари худро дар ҷое кайд накарда бошад ҳам, аз мактубе ки шоир ин асарро бо вай ба Шукруллохон фиристодааст, маълум мешавад, ки ин манзума дар солҳои 1098 ҳиҷрӣ (дар соли 1687 милодӣ—дар 43-солагии шоир) навишта шудааст. Чунки дар мактубе ки ин асар бо вай ба Шукруллохон фиристода шудааст, таърихи фатҳи Ҳайдаробод ҳам ҳаст, ки 1098 ҳиҷрӣ мебошад.

Ин асар аз ҷиҳати мазмун аз „Тилисми ҳайрат“ ва „Муҳити аъзам“ тамоман фарк дорад. Фарки аввал ҳамин аст, ки ин манзума бе ҳамди худо ва наъти пайғамбар сар мешавад; дуюм ин аст, ки чунон ки аз номаш маълум аст, шоир дар ин манзума кӯҳистони Байротро ба кӯҳи Тури Мусо мукобил мегузорад, чунки номи кӯҳи Мусо „Тури таҷаллии нури илоҳӣ“ бошад, ба ин кӯҳ дар ин асар „Тури таҷаллии маърифат“ ном дода шудааст.

Назар ба тасвири муаллиф „конуни якин“ ӯро ба саёҳати кӯҳистон ташвик мекунад: „ту дуньёро бин, табиатро шинос“ мегӯяд ва ба шунидан каноат накарданро тавсия менамояд ва бо ин байтҳо хитоби „конуни якин“ ба шоир давом мекунад:

> ... Ҳамоно кӯрӣ аст, эй хӯшдушман!
> Ки диданҳот гум шуд дар шунидан.
> Ба барки гуфтугӯи оташи Тур,
> Димоғи хасрате месӯзӣ аз дур.
> Гузашт он барк, эй ғофил, зи таҷдид
> Чароғони дигар ҳам метавон дид...

Сабакхои хаёли хом то чанд?
Варакгардонии авҳом то чанд?..
Ба дил то кай тавон занги ҳавас кошт,
Ки Искандар аҷаб оинае дошт?..
Агар тахти Сулаймон бод мебурд,
Туро баҳри чӣ бояд хоку хун хӯрд?..
Ҳама аз олами бангат хаёланд,
Ҳуҷуми нақши тасвири маҳоланд...
Ба ҷурми дургардиҳои фаҳм аст,
Ки хуш аз маърифат қонеъ ба ваҳм аст...
Ба авҷи чарх агар натвон расидан,
Кӣ шуд монеъ зи пеши пой дидан?..
Зи ҷаннат то шавӣ афсонапардоз,
Дари хоке ба рӯи сина кун боз!..
Ба дурон гар расиданхост мушкил,
Зи наздикон набояд буд гофил.
Агар таҳқиқи маънӣ нусхаорост,
Ба ҳар ҷо чашм во кардӣ, тамошост.
Кунун дар кӯҳи Байрот обу рангест,
Ки ҳар сангаш ба дил бурдан Фарангест...

Шоир дар ин манзума кӯҳи Байротро бо сабзаву гулу лолаҳояш ва бо сангҳояш, ҳам бо обҳои маъдании вай ва бо борони мавсимии он ҷо ки „баршгол“ мегӯянд, бо санъати аълои шеърӣ тасвир мекунад. Дар тасвири табиати он ҷо дар бораи рӯҳи мутлақ—рӯҳи табиӣ, рӯҳи наботӣ ба тарзе ки дар ин бора дар „Чорунсур“ батафсил гап задааст, фикри худро ба тарзи кӯтоҳ, лекин бо мисоли табиати он ҷо ифода мекунад.

Агар муаллиф дар „Тилисми ҳайрат“ рӯҳро ба сифати як „подшоҳи аз олами тақаддус фурудомада“ тасвир карда бошад, дар ин ҷо вайро аз аҷзои замин мешуморад. Фақат дар ифодаҳои худ дар ин ҷо як оҳанге кор мефармояд, ки гӯё ӯ табииётро бо илоҳиёт (бо таълимоти берун аз табиат) мувофиқ кунонда истодааст.

Дар ин асар мо равшан мебинем, ки шоир аз фалсафаи суфизми исломӣ як дараҷа дур шуда ба фалсафаи дуньёи зинда наздик рафта истодааст.

Сифати шеърии ин асар дар ҷое ки табиатро тасвир мекунад, бисьёр баланд ва содда буда, дар ҷоҳое ки таълимоти фалсафавии худро ифода мекунад, табиӣ як дараҷа душвор ва печ дар печ аст.

4) Яке аз асарҳои манзуми Бедил **„Ишорот ва ҳикоёт“** аст, ки дар шакли маснавӣ, аммо дар вазнҳои гуногун тартиб ёфтааст.

Ин манзума чунон ки аз ҷиҳати вазн гуногун аст, аз ҷиҳати мундариҷа ҳам гуногун аст. Бештарини масъалаҳое ки шоир дар ин асар ба болояш сухан меронад, оид ба тасаввуф буда, гоҳо монанди тарки таваккул таълимоти ахлоқии дуньёи зинда ҳам медиҳад, гоҳо монанди баҳор табиатро ҳам тасвир мекунад ва барои таъкиди матлаб аз зиндагӣ ҳикоятҳои манзум ҳам менависад.

Ин асар аз ҷиҳати ҳаҷм 2600 мисраъ буда, таърихи тартибаш маълум нест, аз мазмуни мундариҷаҳояш ва аз порча-порча будани онҳо маълум шуда меистад, ки муаллиф инҳоро дар як вақт нанавиштааст, балки коғазпораҳои парокандаанд, ки дар як муддати дароз (бештарин дар айёми ҷавонӣ то миёнсолагӣ, дар вақтҳои гуногун сиёҳ карда шудаанд) баъд аз он аз тарафи муаллиф ё ягон каси дигар дар шакли китоби ҷудогона тартиб ёфтаанд.

5) **„Таркибот ва тарҷеот“**, ҳам **„Ташбеҳот ва тамсилот“**-ро ҳарчанд чопачиҳо алоҳида ном дода бошанд ҳам, инҳо монанди рубоиёт, қасоид ва китъаҳо ҷузъи девон ба шумор мераванд, чунон ки ғазалҳо ва рубоиҳо дар тамоми гузориши умр навишта мешаванд, инҳо ҳам дар вақтҳои гуногун навишта шудаанд. Дар „Таркибот ва тарҷеот“ ки муаллиф бо забони тасаввуф ва диндорӣ гап мезанад, маълум мешавад, ки дар аввалҳои ҷавониаш эҷод ёфтаанд.

6) **„Нукот“**—ин асар асосан наср буда бо порчаҳои бисьёри шеърӣ—бо рубоиҳо, китъаҳо, ғазалҳо, маснавиҳо, мухаммасҳо ва мурабба ъҳои мустазод зинат ёфтааст. „Нукот“ аз ҷиҳати мундариҷа, ҳам масъалаҳои тасаввуфро, ҳам татбиқи суфизм бо фалсафаҳои ҳиндро, ҳам таълимоти ахлоқии диниро, ҳам ахлоқи дуньёи зинда ва ҷамъиятро, ҳам фалсафаро ва шеърҳои зиддидинӣ ва инкори охиратро дарбар гирифтааст.

Аз мундариҷоти гуногунаш маълум мешавад, ки ин асар ҳам дар давраҳои гуногуни ҳаёти муаллиф таълиф ёфта, баъд аз он тартиб дода шудааст. Дар ҳар ҳол масъалаҳои зиддидинӣ ва фалсафаҳои ҳаётӣ дар ин асар хеле ҳукмрон аст, ки бояд ин қисми китоб дар замонҳои пириаш навишта шуда бошад.

Чунончи, мо дар мухаммасҳои „Нукот“ бандҳои зеринро мехонем. Шоир одамонро ба таҳқиқи дуньёи зинда даъват карда мегӯяд:

Ҳайф аст гӯямат рахи хуршеду моҳ гир!
Бо домани хаёл сафеду сиёҳ гир!
Лахте ғубори вусъати ин домгоҳ гир!
Мижгон кушо—чаҳон тахи боли нигоҳ гир!
Сайдат ба зери пост, зи шоҳин кулоҳ гир!

Дар ҳамин мухаммас куфру исломро инкор мекунад, яъне бо номи кофиру мусулмон ду фирқа карда муқобили ҳам гузоштани одамҳоро рад менамояд ва аз чиҳати ақидаи динӣ гунаҳгор шумурдани касеро нодуруст медонад ва ингуна корҳоро чизҳои сохтаю бофтабаровардаи одамон ва хатою нуксони онон ҳисоб мекунад, ки мо инро дар чанд мисоли боло дидем.

Дар саҳифаи 11 „Нукот“ дар бораи инкори охират ва зиндагии дубора ин бандро менависад:

То чанд кашӣ заҳмати каррvфари дунъё?
То кай равӣ аз хуш ба афсонаи укбо?
Хатми ҳаваси пуч кун, аз хеш бурун о!
Фурсат шумури туст, чӣ имрӯзу чӣ фардо,
Ҳар гаҳ ту намондӣ, ҳама якбор намонад.

Дар „Нукот“ (с. 4) масъалаи ба сабаби гуруснагии аз ҳад зиёд ба назари аҳли риёзати шокка (пурмашаққат) намудани чизҳои хаёлиро ба тарзе ки дар с. 47 „Руқаот“ навиштааст, аммо қадаре кӯтоҳтар такрор мекунад (ё ин ки дар „Руқаот“ ин масъала такрор ёфтааст).

7) Як асари калони насрии Бедил, ки бо порчаҳои назмӣ зинат ёфтааст, **„Чорунсур“** аст. Ҳарчанд муаллиф, таърихи таълифи ин асари худро дар чое қайд накарда бошад ҳам, аз аввалҳои ин китоб маълум мешавад, ки дар вақти 41 солагии худ (дар соли 168[illegible]) таълифашро сар кардааст, азбаски дар саҳифаи 69 ҳамин китоб (охирҳои Унсури дуюм, рақами 69 ӯми якӯм, чопи Бамбай)[1] аз мулоқоти охиринаш бо Шоҳкобулии мачзуб 20 сол гузаштанро қайд кардааст ва мо медонем, ки мулоқоти охирини ӯ бо мачзуби мазкур дар вақти 28-солагии муаллиф буд. Маълум мешавад, ки таълифи ин китоб камаш то панчоҳсолагии муаллиф,—яъне то соли 1694 давом кардааст.

Муаллиф дар ин асар бештарин ёддоштҳои худро, ки ба тарбия ва тарчимаи ҳолаш дахлдоранд, қайд мекунад. Аз замони ширхорагии

[1] Дар нусхаи чоп рақамҳои 63—73 дубор такрор ёфтааст.

шоир сар карда то мактабхониаш, шеъри аввалинаш, сайру сафарҳояш, аҳволи хешу табораш, муаллимонаш ва ҳамсӯҳбатонаш дар ин китоб ёфт мешаванд.

Муаллиф ин ёддоштҳои худро бо оҳанги он таассуроте ки дар вақти вуқӯи онҳо гирифтааст, менависад ва гӯё дар вақти таҳрир, ҳолати вуқӯи онҳоро зинда мекунад. Дар ин бора дар охири як ёддошти худ ин рубоиро:

> Бедил, нафаси сӯхта андӯхтаам,
> Доғи кӯҳане батозагӣ сӯхтаам,
> З-он шамъ ки сӯхт дӯш дар маҳфили умр,
> Имшаб кафи хокистаре афрӯхтаам,

менависад, ки мазмуни ин, ба ҳамаи он ёддоштҳое ки дар „Чорунсур“ зикр ёфтаанд, оид аст.

Дар „Чорунсур“ ба болои масъалаҳои фалсафӣ дарозтар меистад, дар бораи рӯҳи мутлақ, рӯҳи наботӣ, рӯҳи ҳайвонӣ ва рӯҳи инсонӣ батафсилтар гап мезанад. Барои такомули рӯҳонӣ ва ҷисмонии ҳар ҷондор ва аз ин ҷумла инсон ғизои мӯътадилро лозим медонад. Бақои абадии шахсии ҳар чизро ва аз ин ҷумла инсонро рад мекунад, бақои авоми олами инсонро монанди соири ҳайвонот то пойдор будани қувваи ҷисмониаш медонад, яъне вақте ки қувваи ҷисмониаш тамом шуд, мемирад ва нест шуда меравад мегӯяд ва бақои хавоси ин оламро ба андозаи асарҳои нек, ки аз вай боқӣ мондааст, ҳисоб мекунад. Яъне агар касе бинои хайре барпо карда бошад, то пойдор будани он бино он шахсро боқӣ ва зинда мешуморад. Таълими таҳзиби ахлоқ ва таълимоти ҳикмат барин сифатҳои неки маънавиро бақои абадии соҳибони ин сифатҳо ҳисоб мекунад (азбаски дар мунтахабот оид ба ин масъалаҳо намуна гирифта шуд, дар ин ҷо аз матни муаллиф мисол овардан лозим дида нашуд. *С. А*).

Хулоса „Чорунсур“ барои шинохтани замон ва шахси ин файласуфи бузург, ҳам барои омӯхтани фалсафаҳои ӯ ягона сарчашмаи пурбаҳост.

8) Асари дигари муҳимми насрии Бедил **„Руқаот“** аст, ки аз ҷиҳати мундариҷа маҷмӯаи мактубҳои ӯст. „Руқаот“ ҳам монанди асарҳои насрии дигараш бо порчаҳои назмӣ ороиш ёфтааст.

Азбаски ҳамаи мактубҳои як одам ба ҳамзамонаш, дар як сол ё дар ягон муддати муайян навишта намешаванд, табиист, ки „Руқаот“

ба сифати як китоби ягона, таърихи таълиф надорад ва монанди „Нукот“ ба даврахои гуногуни ҳаёти муаллиф оид аст. Азбаски дар „Руқаот“ тамоми мактубҳои шоир дарҷ наёфтааст, мо дар ин китоб мактубҳоеро мебинем, ки аз 26-солагиаш то ба охири умраш дахл доранд.

Бештарини ин мактубҳо ба он касоне навишта шудаанд, ки бо муаллиф алоқаи адабӣ ва фикрӣ доштаанд ва аксарашон аз ин шоири бузург таълимоти шеърии ғоибона мегирифтаанд. Дар ин ҷо бояд ҳаминро қайд кунем, ки ғайр аз як мактубе ки муаллиф бо вай аввалин асари худ—„Тилисми ҳайрат“-ро барои фикргирӣ ба як донишманд фиристодааст ва як мактубе ки ба ғиҷҷакнавоз навиштааст, ҳамаи дигар мактубҳояш дар ҷавоби мактубҳои касон навишта шудаанд. Яъне ғайр аз як-ду мактуб, мо мактуби дигареро надидем, ки худи шоир сар карда ба касе навишта бошад.

„Руқаот“-и Бедил барои шинохтани ӯ ва донистани чигунагии муносибати ӯ бо алоқамандонаш ва як қисми ҳамзамононаш ёрии муҳим мерасонад.

Дар охиртари „Руқаот“, дар байни мактубҳо чандин нукта дарҷ ёфтааст, ки муаллиф дар онҳо фикрҳои фалсафавии дар „Чорунсур“ ва „Нукот“ навиштаашро таъкид мекунад.

Инчунин дар „Руқаот“ нуктаи зерин ҳам дида шуд, ки дар дигар асарҳояш нест:

„Дар таайюнободи зуҳур (дар мавҷудот) ҳар шакли муайян айни ҳақиқати худ аст, ба истиороти ғайр шубҳа матарош, қатраро дарьё маяндеш ва бар дарьё гарди қатра мапош!“ Дар охири ин нукта ин рубоиро навиштааст:

> Эй оинаи муайянат сурати кор!
> Таъвилу тасарруф аз табиат бардор!
> Таҳқиқ ин аст, мобақи лӯъбу ҳавас,
> Якро ду нишон мадеҳ, дуро як маш мор!

Худи ҳамин нукта ва ҳамин рубой ҳам чӣ қадар ҳақиқатпараст будани ин файласуфро нишон медиҳад.

Дар „Руқаот“ дар қатори нуктаҳо ин латифаро ҳам навиштааст, ки дар охирҳои умраш ба тасаввуф ба чӣ назар нигоҳ карданашро равшан нишон медиҳад:

„Аз қаландаре пурсиданд, ки „маърифат[1] чист?". Гуфт—натиҷаи бекорӣ, ки агар шугле дигар даст баҳам медод, ҳеҷ кас дар ин хаёл намеафтод". Дар охири ин латифа ин рубой ҳам дарҷ шудааст:

Гар кобили касбу амале мезодем,
Дар вартаи фикри худ намеафтодем.
Дидем ки дасти мо ба ҷое нарасид,
Аз саъйи ҷунун доди гиребон додем.

9) **„Ирфон"**—ин асари манзуми бисьёр муҳимми ин шоири файласуф аст. „Ирфон" дар шакли маснавӣ ва бо вазне ки ҳар мисрааш ба якбор „фоилотун мафоилан фаилан" баробар меояд, навишта шудааст.

„Ирфон", чунон ки дар охири ин асар худи шоир қайд кардааст, 11 ҳазор байт (22 ҳазор мисраъ) буда таълифаш дар соли 1124 ҳиҷрӣ (1712 милодӣ) дар вақти 68-солагии муаллиф, яъне нӯҳ сол пеш аз вафоташ ба анҷом расидааст.

Ба ин ҳисоб „Ирфон" чунон ки муҳимтарин асари ин шоири бузург аст, инчунин дар байни асарҳои ба шакли китоби ҷудогона навиштаи ӯ аз ҷиҳати ҳаҷм бузургтарин ва аз ҷиҳати таърихи таълиф охиртарин асари ӯст.

Муаллиф ҳарчанд дар аввал ва охири ин китоб якчанд саҳифаро ба мазоқи аҳли тасаввуф мувофиқи маслаки ваҳдати вуҷуд навишта бошад ҳам, мундариҷоти асосиаш достонҳои адабии ҳаётӣ, афсонаҳои ибратбахши фикркушо, баёни хилқати ашьё, таърихи ҷамъияти инсонӣ ва ташаккули салтанат ва фалсафаҳои муаллиф аст.

Муаллиф дар аввали китоб, чунон ки дар боло ишора карда шуд, якчанд саҳифаро мувофиқи мазоқи суфизм менависад, ақл аз ин масъалаҳо дар ҳайрат афтода ҳақиқатро аз офтоб мепурсад, офтоб дар ҷавоб саргузашти як донишманди порсоеро, ки даҳ писар дошт ва дар вақти мурданаш писаронашро ба ҳимматбаланд шудан васият карда буд, инчунин саргузашти он писарон ва сӯҳбатҳои илмӣ ва фикриро, ки дар байни онҳо мешавад, ҳикоя мекунад.

Вақте ки шоир ба тарзи гурез суханро ба офтоб медиҳад, беҳтарин воқеаҳои ҳаётӣ ва фалсафавӣ пеш меояд.

---

[1] Маърифатро дар ин ҷо мувофиқи истилоҳи суфизм—„маърифати илоҳӣ" фаҳмидан даркор аст, ки назар ба таълимоти ин маслак ин маърифат ба воситаи сар ба гиребон кашида муроқаба карда нишастан ҳосил мешавад.

Харчанд муаллиф дар чанд ҷой суҳбати писарони он донишманд-ро ёд карда дар аввал ва охири китоб офтобро ном бурда бошад ҳам, хонанда ҳар порчаи ин китобро як достон, ё як ҳикоя ва ё як афсонаи мустақил ҳис мекунад ва гумон мекунад, ки ин асар иборат аз маҷмӯаи ҳикоя ва достонҳои ҷудогона аст.

Муаллиф дар с. 27 ин асар дар бораи ташаккули замин ва тасвири ӯ ва ҳам дар бораи бошандагонаш мегӯяд:

... Тахнишин шуд кафе азон дарьё,
Кураи хок гашт чехракушо..
Ҳама з-ин ошьён парафшонанд,
Рангу бӯи ҳамин гулистонанд.
Аз бухоре к-азу суъуд кунад,
Сад фалак шӯхии намуд кунад.
Ҳар ду олам ба рӯи ҳам резад,
То ғуборе зи пастияш хезад.
Мушти хоке азин макон баргир,
Сад укулу нуфус кун таъмир!..
То ҷаҳоне зи худ бурун орад,
Адам ин ҷо зуҳур мекорад...
То нагардӣ адам ҷаҳон нашавӣ,
Хок ногашта ҷисму ҷон нашавӣ!..
Ба тааммул агар кунӣ исбот,
Ҷуз адам нест марҷеи амвот,
Боз эҷоди эътибори намуд
Аз адам дорад обрӯи вуҷуд.
Асли ҳар фарқу[1] иттиҳод ин ҷост,
Олами марҷеу муод[2] ин ҷост,
Зиҳаёте[3] ки кост, ё афзуд,
Ҳам аз ӯ ҷасту ҳам дар ӯ осуд,
Халқе аз пардааш аён гардид,
Рафту ҳам дар дилаш ниҳон гардид.
Он фаное к-азӯ бақо гул кард,
Аз ҳамин маркази фано гул кард...

Шоир дар бораи хилқати мавҷудот гап зада омада, дар саҳифаи ?0 дар бораи ин ки наботот ғизои асосии одаму ҳайвон аст ва ғизо [illegible] бақост, ин байтҳоро менависад:

[1] Фарқ—дар ин ҷо ба маънои ҷудоӣ.
[2] Марҷеу муод—ҷои бозгашт.
[3] Зиҳаёт—соҳибҳаёт, ҷондор

Аз набот ончи чилвасомон шуд,
Ризқи ҳайвону қути инсон шуд.
Гарчи қути сибоъ[1] ҳайвон аст,
Боз он чо набот пинҳон аст.
Ин ҳама эътибори чуну чаро—
Аз бақо ҷӯшаду, бақо—зи ғизо...

Дар саҳифаи 31 дар хусуси як чизи ваҳмӣ будани „парӣ“ мегӯяд

Аз шуҳуди парӣ магӯю мапурс!
Гули боғи хаёл бӯю мапурс!
Бодаеро ки шиша авҳом аст,
Арз ранге агар диҳад ном аст...
Ламъаи бинишат агар тез аст,
Нӯҳ фалак шишаи париҳез[2] аст.
Гар яқин чашми хуш бикшояд,
Санг ҳам ҷуз парет нанмояд.
Шаш ҷиҳат шӯхии парӣ пайдост,
Лек чашми паришинос куҷост?

Дар ин асар дар бораи инсон бисьёр гап мезанад, ӯро мавҷуди асосии дуньё мешуморад, ба ӯ таълимоти ахлоқӣ медиҳад ва душвор будани „одам шудан“-ро ба ӯ мефаҳмонад. Инчунин барои таъмини маишат ба ягон касбу кор машғул шудани инсонро лозим медонад, бекориро мазаммат мекунад ва таваккулро рад менамояд, ки мо дар мунтахабот намунаҳои ингуна гуфторҳои шоирро гирифтем.

Шоир дар бораи кор, бекорӣ ва таваккул чандин масал ва ҳикояҳои мустақил навиштааст. Аз ин ҷумла саргузашти тавонгареро нақл мекунад, ки баъд аз дорой ба нодорӣ меафтад. Сахтӣ ва гуруснагӣ мекашад, аммо аз кор кардан ор мекунад ва гӯша гирифта бо таваккул зиндагонӣ карданро хоста барои дастур гирифтан ба пеши донишманде меравад.

Шоир ҷавоби донишмандро ба он кас, бо байтҳои зерин ифода мекунад:

---

[1] Сибоъ—ҳайвоноти дарранда.

[2] Дар ақидаи аҳли хурофот, гӯё, парӣ дар даруни шиша меистад. Дар ин мисраъ ба тарзи истиора кор фармуда шудани „шиша“ ба ҳамин муносабат аст.

Чуз таваккул ба ҳар чи хоҳӣ кӯш!
Ҳеч чо з-ин саҳифаи такмил[1],
Чилвагар нест маънии таътил.[2]

Ва дар охири ин боб ин байтро менависад:

Аввалу охир он чи шуд маълум,
Кору бор аст, мобақӣ маъдум.

Дар ин масъала чи қадар аҳамият додани ин файласуфи чамъиятшинос аз ҳамин маълум аст, ки як ҳазору чорсад мисраи „Ирфон"-ро ба ҳамин боб бахшидааст. Агар масъалаи деҳқониро, ки муаллиф дар паси ҳамин боб ва аз чумлаи корҳои пурбаракати дунъё гуфта навиштааст, ба ин зам кунем, ин рақам сечанд меафзояд.

Шоир дар хулосаи ин боб одамонро ба ягон кор машғул гардида, ба воситаи он ба халос шудан аз эҳтиёч ва аз хориву зорип нодорӣ тавсия мекунад ва сабаби бисьёр кулфатҳои фарзанди одам ва боиси ба мақсад норасиданҳоро бекорӣ мешуморад ва дар ин бора дар ҳошияи саҳифаи 67 ин байтро менависад:

... Доғ гаштан—гули бараҳнасарист,
Сӯхтан—бори нахли бесамарист...

Бедил дар ҳамин асар, дар паси ҳамин боб, дар қатори касбу корҳои дунъё аввал ба болои деҳқон ва деҳқонӣ меистад ва ба ин шугл бисьёр аҳамият медиҳад. Дар ин маънӣ ҳикояи як подшоҳро меорад, ки ӯ аз вазири худ чӣ будани „чаннат"-ро мепурсад.

Вазир дар чавоб афсона будани чаннатро мегӯяд, ин афсонаро ҳам монанди афсонаҳои дигар беасос намешуморад ва мисоли он чаннати афсонагиро дар ҳақиқат дар дунъё меёбад—ин, назар ба чавоби он вазир зиндагонии деҳқонӣ аст.

Аммо шоири файласуф ин ҳикояро бо ҳамин чавоб тамом намекунад, балки монанди як шиносандаи таърихи чамъият, баъд аз пайдо шудани чамъияти деҳқонӣ, пайдо шудани муфтхӯрон ва аз байни муфтхӯрон баромадани феодалҳои майдаро ва тороч кардани онҳо деҳқононро ва баъд аз он дар натичаи чангу чидоли байни ин феодалҳои хурд, баромадани салтанат—феодалҳои калонро тасвир меку-

[1] Саҳифаи такмил—киноя аз дунъё.
[2] Таътил—бекорӣ.

... Дар забонаш чу дашнаи кассоб,
Ғайри куштан набуд кори савоб.
Доғи дилҳо чу шӯъла дар домаи,
Хуни дилҳо чу теғ дар гардан.
В-ар ба бечорае назар мекард,
Мижа болу пари шарар мекард...
Нарасидӣ шабе, к-азон бадхоҳ—
Наншшастӣ ҷаҳон ба рӯзи сиёҳ...

Дар бораи аҳли дарбор ва маъмурони он подшоҳ мегӯяд:

...Паи имдоди зулми якдигар
Қабзаи теғу дасташ ханҷар...

Дар бораи он зану марди мазлум мегӯяд:

... Маҳмилорон саъи нокомӣ,
Хонабардӯши бесаранҷомӣ,
Карда бар табъашон кафи бебарг
Шаҳру деҳ тангтар зи фурсати марг..
Мард бемору аврат обистан,
Ноумедӣ ба ҳар сифат раҳзан.

Шоир на танҳо дар ин чанд мисраъ, балки дар тамоми ин достон ва достонҳои дигараш золиму мазлум, дороӣ ва нодориро бо камоли кушодагӣ муқобили ҳам мегузорад ва бо камоли дилсӯзӣ табақаи мазлумро ҳимоят мекунад.

Файласуфи мӯшикоф ҳамаи зулмҳои дар дуньё пайдошавандаро аз тарафи давлатмандон ва соҳибҷоҳон медонад ва дар ин маънӣ ба тарзи умумӣ ин байтҳоро мегӯяд:

... Аз фақирон ба кас ситам нарасид,
Гардани аҷз ҷуз ба ҳам нарасид.
З-аҳли ҷоҳ ин ҷунун бурун задааст,
Ки ҷаҳон ҷоми дил ба хун задааст.
Зулм бедастгоҳ гул накунад,
Дар заифӣ ҷуз оҳ гул накунад.

Бедил мувофиқи талаби замони худаш барои интизоми мамлакат подшоҳро лозим медонад. Лекин дар подшоҳ адл ва халқпарвариро шарт мекунад. Дар ин бора дар „Ирфон“ ба номи „Комде ва Мудан“ достоне навиштааст, ки ин достон ҳам аз ҷиҳати шакл, ҳам аз ҷиҳа-

ти мазмун ва ҳам аз ҷиҳати идея ҳақ дорад, ки дар қатори беҳтарин афсонаҳои ишқии Шарқ гузарад ва ҳатто аз ҷиҳати ҳусни хотима—хубии тамомият аз ҳамаи онҳо пешӣ дорад.

Достонҳои „Фарҳод ва Ширин“ ва „Лайливу Маҷнун“ ҳақиқатан достонҳои пурфоҷиаи лирикианд ва ҳар дуи ин достонро ҳам қариб ҳамаи классикҳои машҳури Шарқ ва пайравони онҳо—ҳаваскорон бо ҷараёнҳои гуногун навиштаанд. Азбаски ин достонҳо дар байни мо бисьёр забонзад шудаанд ва мазмуни онҳоро қариб ҳамаи мардуми Шарқ аз ёд медонанд, ба назари мо як ҳикояи оддӣ барин шуда мондаанд.

Аммо ин достоне ки Бедили ихтироъкор навиштааст, ба болои ин ки бисьёр дилчасп аст, аз афсонаҳои Ҳиндустон буда, ба назари дигар аҳолии Шарқ тамоман нав аст.

Як фарқи дигар дар ин ҷо аст, ки Фарҳоду Ширин ва Лайливу Маҷнун бо фоҷиа давом карда бо фоҷиа тамом мешаванд, ки ин ҳол дар охири кор хонандаро ба маъюсӣ ва маҳзунӣ меандозад. Аммо достони „Комде ва Мудан“ дар вақте ки дили хонанда ба болои тақдири қаҳрамонони ҳикоя ларзида меистад ва ҳатто афсӯсхӯрона ба нокомии онҳо қаноат ҳосил мекунад, ба як ногоҳ, лекин ба як роҳи табиӣ—бо тадбири тиббии донишмандон ба мุроду мақсадашон мерасанд.

Шоир ҳам ин ҳусни хотимаи мазмунии достонро бо як ҳусни хотимаи шоиронаи халқӣ ороиш медиҳад, ки ин ба болои нур нур мефизояд. Ӯ дар охири ин достон мегӯяд:

... Гул дамиданд, ё баҳор шуданд,
Кас чӣ донад чӣ ошкор шуданд?
Гуфтугӯ монд аз ин баён бе барг,
Гашт ин ҷо фасона шодимарг.

Мардум, касеро ки аз шиддати шодии ногаҳонӣ мемирад, „шодимарг шуд“ мегӯянд. Шоир ҳам бо як шодии ногаҳонӣ ба охир расидани достонро „шодимарг шудани он“ мешуморад, ки ин як ифодаи дилчаспи халқӣ аст.

Файласуфи зиндагишинос дар ин достон ҳам зулмро бо адл, мазлумро бо золим ва нодориро ба дороӣ муқобил мегузорад.

Дар достон, подшоҳи золиме ки Комде—маҳбуба, аз раққосони ӯ буд, дар ҳаққи Мудан, ки сурудгӯй буда ошиқи Комде аст, зулм ме-

кунад ва ӯро аз шаҳр меронад. Подшоҳи одиле тарафдории Мудан-ро карда ба он подшоҳ ҷанг эълон мекунад ва дар ҷанг подшоҳи золим шикаст хӯрда кушта мешавад.

Шоир баъд аз тасвири пурҳаяҷони ин ҷанг мағлубияти он подшоҳро бо боварии пурра ба мағлубияти золимҳо, бо ин байтҳо ифода менамояд:

...Лек аз он ҷо ки золими манкуб,
Нест анҷоми кор ҷуз мағлуб...
Хоки он бевафо ба хун тар шуд,
Подшоҳи Мудан музаффар шуд.

Шоир дар ин асар дар бораи Искандар ва Арасту гап зада омада Арастуро дар бораи вазъи ҳикмат муаллими аввал мешуморад, лекин ба ҳикматҳое ки Арасту кашф кардааст, қаноат кардан дуруст нест мегӯяд ва хонандаро ба касби илму ҳикмат ташвиқ мекунад ва дар ин зимн дар бораи худ менависад:

... Ман ҳам аз касби илм хурсандам,
Лек бо мақсадест пайвандам,
К-аз усули мадорики ҳикмат,
Оламеро барорам аз ғафлат...

Шоир дар ин боб дар бораи рӯҳи табиӣ, рӯҳи наботӣ, рӯҳи ҳайвонӣ ва рӯҳи инсонӣ гап зада омада дар бораи ҷисм мегӯяд:

Ҷисми аслӣ ҳамин кафи хок аст,
Ки муҳити рамӯзи афлок аст.
Марҷаи халқу манбаи ашкол,
Маркази илму масдари аъмол.
Нақшбанди ҳаво дар ин парда,
Оламеро ба сурат оварда...

Муаллиф дар бораи хилқати ҷамодот, набототу ҳайвонот гап зада омада ба болои инсон меистад ва инсонро шакли ба камолрасидаи мавҷудот мешуморад ва ин тафсилотро бо ин байтҳо хулоса мекунад:

... Ин қадар к-аз нафас кашидам дуд,
Шӯъла тамҳиди нури инсон буд.

Аз маволид[1] огаҳат кардам,
То ба инсон кашонат овардам.
Бишкан оинаҳои ваҳму кисс!
Нури худро ба офтоб шинос!..

Бедил дар фалсафаҳои худ мувофиқи назарияи ҳикмати қадим ддаи асосии пайдоиши мавчудотро обу оташу боду хок—чор унсур донад ва бодро рӯҳ мешуморад ва он бодро ба шакли бухори аз мин болошаванда тасвир менамояд. Ҳар мавчуд ба сабаби хароб удани қувваи чисмонӣ мемирад ва нест мешавад ва аз моддаҳои аф-рда ва пошхӯрдаи вай боз мисли ҳамон мавчуд, мавчуди дигаре йдо мешавад мегӯяд. Чунончи, дар боло дар боби ташаккули замин да шуд:

... То чахоне зи худ бурун орад,
Адам ин чо зухур меорад...
Ба тааммул агар куни небот,
Чуз адам нест марчеи амвот,
Боз эчоди эътибори намуд,
Аз адам дорад обрӯи вучуд...

гуяд.

Ба муносабати ин фикри худ ба масъалаи таносух мегузарад. Та-сухро мувофиқи ақидаи ҳиндуҳо тасвир мекунад. Назар ба ақидаи ҳо одам, вақте ки мурд рӯҳи вай, агар одами некӯкор бошад ба сми ягон одами калон даромада дубора ба дуньё омада роҳат ме-над ва агар бадкирдор бошад ба андозаи гуноҳи худ ба чисми ягон йвон даромада азоб мекашад. Масалан агар гуноҳаш бисьёр вазнин шад, ба пайкари саг ва хук, агар миёна бошад ба чисми, масалан, р ва сабуктар бошад ба часади ягон парранда медарояд.

Шоир дар ин бора аз зиндагонии ҳиндуҳо чандин афсона ва ҳи-яҳоро нақл мекунад, „азбаски инҳо—мегӯяд—дар китобҳои ако-ашон хонда ва аз падару бобоҳошон шунида ба таносух сахт ақида йдо кардаанд, ин афсонаҳоро воқиӣ мешуморанд".

Лекин дар зимни ҳамин ақидаи фосиди ибтидоии соддадилонаи ндуҳо бӯе аз ҳақиқат ҳам меёбад. Ин ҳақиқат — аз моддаҳои ҳои нестшуда пайдо шудани чизҳои нав аст. „Аммо ҳиндуҳо бо

[1] Маволид—чамодот, наботот ва ҳайвонот.

таъсири ақидаашон ҳамин ҳақиқатро ба шакли даромадани рӯҳе аз ҷисме ба ҷисми дигар оварда бовар кардаанд"[1] мегӯяд ва дар ин бора ин байтҳоро менависад:

... Ҳиндувонро ба олами эҷод,
Табъ мағлуби ин хаёл афтод—
Ки пас аз интиқол аз ин пайкар
Рӯҳ дорад ҳулули ҷисми дигар,
Хоҳ аз он интиқол бар ҳайвон—
Моил афтод, хоҳ бар инсон,
Ҳам дар он ҷисм сурати ҳолаш
Мерасад бар ҷазои аъмолаш...

Ба ин муносабат, ба таносух чи қадар боварии сахт доштани ҳиндуҳоро дар зимни як ҳикояте, ки аз як ҳиндуи дӯсти худаш нақл кардааст, шарҳ медиҳад. Хулосаи мазмуни он ҳикоят ин аст, ки падари он ҳинду қарздори худро баъд аз вафоташ дар шакли зоғе дидааст ва он зоғ ҳар рӯз пеши қарзхоҳи худ омада оби мурдори ӯро хӯрда нолаву зорӣ мекардааст.

Вақте ки он қарзхоҳ бо тавсияи бараҳман қарзашро ба қарздори фавтидаи худ мебахшад, он зоғ дигар ба пеши ӯ намеояд. Гӯё ӯ аз гуноҳи молимардумхӯрӣ пок шуда ба ягон ҷисми беҳтар даромада рафтааст.

Шоир ба одам чи қадар таъсири сахт кардани ақидаро бо мисоли сӯхтани ҳиндузан худро бо мурдаи шавҳараш эзоҳ медиҳад ва дар ин бора ҳикояеро ки мо мазмунашро дар охири қисми аҳволи ватани муаллиф нақл кардем, менависад.

Бедил дар ин асар дар бораи маъданиёт ва флузот гап зада омада ба болои зар (тилло) меистад ва баъд аз баён кардани ин ки ҳирси зар дар димоғи бисьёр одамон ҷой гирифтааст, якчанд ҳикоя дар бораи зарьёбӣ ва кимиёгарии хаёлӣ оварда, дар бораи нисбати зар ва сангҳои қиматбаҳо ба нон, ин байтҳоро менависад:

Одамиро ба олами имкон,
Нест чизе зарууртар аз нон,
Шахси ҳастӣ агар дӯкон дорад,
Моя аз дастгоҳи нон дорад.

---

[1] Аз саҳифаҳои 112—115 „Ирфон", аз масъалаҳои таносух мазмунан гирифта шуд.

Хоҳ зар, хоҳ мол, хоҳе ганч,
Нон гули зиндагист, боқӣ ранч.
Он чи бе ӯ бако наёяд рост.
Ғайри нон харчи гуфтаанд хатост.
Ҳар кучо симу зар ба сомон аст,
Дар ҳақикат захираи нон аст...
Зар гами нон хӯрад, на нон гами зар,
Гар бувад нон, ба зар барот мабар!
Нон ки аз вай ҳаёт бобарг аст,
Чун шавад гум ҳақиқати марг аст
Шоҳ бе нон агар нафас шумурад,
Гӯ, билесад нигину санг хӯрад.
Бо ҳама шавкату каруфари ганч,
Нон агар нест, хок бар сари ганч!..

Бедил дар бораи одамоне, ки худашонро каноаткор нишон дода з талоши маош бозмеистанд ва пастҳимматии худро бо номи каноаторӣ пӯшондан мехоҳанд, дар с. 152 ин байтҳоро менависад:

Оламеро каноат афсурдаст.
Хоки камҳимматӣ фурӯ бурдаст.
Лофи ёрон зи ҳиммат аст ин ҷо,
Лек ҳиммат кучову лоф куҷо?
Халқи ғофил аз ин дурӯза маош
Ба каноат шикаста ранги талош...
Мард бояд ки дар чаҳони маош,
Ҳимматаш норасо нагардад фош.
Сар ҳамон беҳ ки гар ба нарх расад,
Ё шавад хок, ё ба чарх расад.
В-арна ин сар ки бори гардани мост,
Аз хаёлоти пуч по ба ҳавост.

Шоир дар бораи сайри хаёлӣ якчанд афсона менависад, аз он ҷумла саргузашти як бараҳмани қадимиро менависад, ки ӯ гӯё дар об барои ғусл ғӯтта мезанад ва аз як олами дигар сар мебарорад, дар он чо ӯро подшоҳ мекунанд, чандин сол ҳашамати подшоҳӣ меронад. Баъд аз он ӯро аз тахт меронанд, ӯ боз дар об ғӯтта мезанад ва аз ҷои аввалаи худ сар мебарорад, ба хонаи худ рафта мебинад, ки зану фарзандаш ба корҳое ки дар вақти рафтани ӯ доштанд, машғуланд ва аз ғоиб шуда рафтани ӯ ҳеч хабар надоранд, яъне ҳамон қадар саргузашти ӯ дар як лаҳза гузаштааст.

Шоир ингуна афсонаҳоро махсуси ҳиндуҳо намедонад ва қиссаи меърочро ба ёд оварда дар миёнаи ин ду ақида муносабати наздик мебинад. Дар охири афсонаи сайри хаёлии бараҳман ва дар вақти сар кардани ёдоварии қиссаи меъроҷ дар с. 155 шоир ин байтҳоро менависад:

Эй якинчавхари хаёлу шуҳуд,
Огаҳинашъаи хафову намуд!
Дари фирдавси маърифат во кун!
Ранги ҳусни дигар тамошо кун!
То бидонӣ к-аз ин гули асрор
Боғи мо низ дошгаст баҳор.
Балки рангинии кадиму чадид,
Аз ниҳоли баҳори мо болид.
Ту манindор, к-ин муомала буд
Сарфи бозори эътиқоди ҳануд.
То аз ин ранг ихтирои хаёл
Мезанад дар димоғҳо пару бол.
Назри он кас, ки мояаш дин аст,
Нақди имони муслимин ин аст...

Шоир дар охири китоб, дар ҳошияи с. 165 суханро боз ба болои офтоб оварда мегӯяд:

...Чун ба ин нуктаи камоланчом,
Достон кард офтоб тамом,
Ақл шуд маҳрами ҳақиқати хеш,
Раст аз авҳоми фикри дурандеш...

Муаллиф баъд аз ин якчанд байт мувофиқи мазоқи аҳли тасаввуф навишта дар бораи худ ва ин асари худ мегӯяд:

Бедил, имрӯз к-ин чаридан роз,
Нақши анчом баст бар огоз,
Хостам доди интихоб диҳам,
Аз тамошо нигоҳе об диҳам,
Он шарар к-аз маонияш афрӯхт,
Хирмани чуръати шуурам сухт,
Ки чӣ гул кард аз табиати ман?
Чӣ чунун буд дар вадиати ман?
Сурмае будам аз ғубори адам,
Ин хӯрушам чӣ сон расид баҳам?
Шахс маъдуму чӯши ин асрор?
Шамъ хомӯшу ин қадар анвор?

На қалам, не баён, на хона, на даст,
Ин тилисми набастанақш кӣ баст?
Дил ба хун метапад зи таҳрирам,
Лаб нафас мегазад зи такрирам...

* * *

Мо дар охири қисми эҷодиёти ин шоири философ ба болои як ғазали ӯ меистем, ки дар вай ба тарзи мисол масъалаи аз маймун расида баромадани одамро қайд кардааст. Дар ин ғазал, ки дар Ғазалиёти чопи Бамбай дар с. 160 ва дар ин маҷмӯа дар охири асарҳои интихобии ин шоир қайд шудааст, ин масъаларо ба тарзи зерин дар миён гузоштааст:

...Ҳеч шакле бе ҳаюло қобили сурат нашуд,
Одамӣ ҳам пеш аз он к-одам шавад бӯзина буд.

Маълум аст, ки дар ҳикмати қадим моддаи аслӣ ва асосии хилқати чизҳоро ҳаюло ном чизе мешуморанд, ки ҳар чиз бо таркиби оташу обу боду хок дар вай ташаккул ёфта, сурати худро пайдо мекунад.

Муаллиф ки ба ҳамин назария боварӣ дорад, барои исботи ин, „чунончи одам, пеш аз пайдо кардани сурати одамият бӯзина буд“ мегӯяд.

Бо ҳамаи ин мо ҳеҷгоҳ намегӯем, ки Бедил ин назарияро ихтироъ кардааст, ё ба тарзе ки дар асри XIX аз тарафи Дарвин ба сурати илмӣ дар муҳокимаи донишмандон гузошта шуд, фикр кардааст. Лекин мумкин аст, ки ин назария дар афсонаҳои ҳинди қадим бошад ва Бедил, ки қиссаҳои ҳинди қадимро бисьёр омӯхтааст, аз ин афсона барои исботи фаъолияти ҳаюло ва сурат, ки барои ӯ хеле муҳим аст, фоида бурда бошад.

Мо акнун баъд ин нуктаро муҳокама карда гузарем, ки шоир барои исботи ақидаи худ—назарияи ҳаюлою сурат, аз ин афсонаи ҳақиқатзо бо тарзи шоиронаи хушк фоида бурдааст, ё ин ки дар вай бӯе аз ҳақиқат пай бурдааст?

Мо гумон мекунем, ки Бедил, ин масъаларо ҳарчанд ба тарзи илмӣ фикр накарда бошад ҳам, дар ин назария нишонае аз ҳақиқат дидааст. Чунки ӯ дар таълимоти худ дар бораи хилқат ҳамеша қоидаи такомули тадриҷӣ (эволюция)-ро пайравӣ мекунад. Агар мо гуф-

таҳои муаллифро дар ин масъала, ки ҳам дар „Чорунсур“, ҳам дар „Нукот“ ва ҳам дар „Ирфон“ дар чандин ҷо, чандин бор такрор кардааст, хулоса намоем, ба тарзи зерин мешавад:

Дар оламй хилқат аввал ҷамодот, баъд аз он наботот ва баъд аз он ҳайвонот пайдо шуд ва баъд аз он Одам, ки мақсади аслии офариниш аст, шакл пайдо кард, мегӯяд.

Дар „Ирфон“ дар боби ҳикмат баъд аз дуру дароз ва батакрор шарҳ додани ин масъала, дар с. 112 (чунон ки мо дар боло қайд кардем) чунин мегӯяд:

...Аз мавопид огаҳат кардам,
То ба инсон кашонат овардам.
Бишкан оинаҳои ваҳму қиёс,
Нури худро ба офтоб шинос...

Дар ҳамин саҳифа боз ин байтҳоро менависад:

...Ин мавопид дар ҷаҳони шуур,
Зодагонанд аз машимаи нур....
Ширхорони вусъи ҳавсалаанд,
Парваришхоҳи сунъи комилаанд...
Баҳри такмил мулҳамаанд ҳама,
Чун шаванд огаҳ, одаманд ҳама...
Дар тамошогаҳи баҳорасар,
Ҳар чи шуд зеби обу ранги сувар,
Маҳрамон то гули яқин чиданд,
Ҷисми инсон муайянаш диданд...

Инчунин дар ҳамин маънй дар поинтари ҳамин саҳифа ин байтҳоро менависад:

...З-ин хазону баҳори зулмату нур,
Инқилобест дар мизоҷи зуҳур,
Мехурушад ба завқ санги дигар,
Шишаи ҳар як аз таранги дигар.
Васли инсон гули муроди ҳама,
Боиси фарқу иттиҳоди ҳама.
То куҷо субҳи муддао хандад,
К-ин чаман нақши рангу бӯ бандад...
Баъз оварда рӯ ба қурби висол[1],
Баъз аз дур монда маҳви хаёл.

---

[1] Аз ин висол—васли инсонро фаҳмидан даркор аст, ки шоир дар боло ҳамин „васли инсон“-ро „гули муроди ҳама“ (ҳамаи мавҷудот) гуфтааст.

Баъди халк аз ҷаҳони такмилаш.
Он ҷамоду наботу хайвон аст,
Ки ба чандин тапиш парафшон аст.
То ба манзил намерасад рахрав,
Ногузир аст дар ғами такудав.
Наравад з-ин муҳити пахновар,
Заҳмати мавҷ бе вусули гухар.
Бахри таҳкикро сару по нест,
Ҷуз дар инсон канор пайдо нест...

Назар ба эзоҳи китобҳои луғат ва мувофиқи шарҳе ки дар ин ҷо худи шоир додааст, „расх" дар як ҷо истода мондан буда, ин сифати ҷамодест, ки дар ҳолати ҷамодӣ мондааст ва аз вай болотар рафта натавонистааст; „фасх"—ба маънои шикастан ва баргаштан аз ният буда, дар ин ҷо сифати растаниест, ки баъд аз қасди тараққӣ нияти худро шикаста дар ҳолати наботӣ мондааст; ва „масх" гардидан аз сурате ба сурати дигар буда, дар ин ҷо сифати ҳайвонест, ки барои гардидан ба сурати инсон кӯшиш мекунад.

Ман гумон мекунам, ки баъд аз ин шарҳ мақсади шоири файласуф аз байтҳои дар боло қайд кардашуда ба осонӣ маълум мешавад, яъне шоир мегӯяд, ки ҳар кадом ҷамодот набот—растанӣ шуданро, ва ҳар кадом наботот ҳайвон шуданро ва ҳар кадом ҳайвонот инсон шуданро мехоҳад ва дар ин роҳ таку дав мекунад, аммо баъзе ба мақсад мерасад ва баъзе ба сабаби нуқсони қобилият, ё шароит, ба мақсади худ расидан наметавонад. Аммо дар ҳар ҳол то инсон шудан кӯшиши маволид—ҷамодот, наботот ва ҳайвонот давом мекунад.

Шоир боз дар ҳамин саҳифа дар поёнтар мегӯяд:

...Санг то одамӣ ҳиҷоб басест,
Ранҷи тағйиру инқилоб басест.
Сад таносух занад мизоҷи ҳаҷар,
Ки фитад қуръааш ба номи башар..
То тасаллигаҳи камоли сувар.
Сад хаюлост ҷайби хасратдар.
Санг гирад бадал ба ранги набот,
Орад он раста бар ҳавос барот.[1]

[1] Мақсади муаллиф дар ин мисраъ аз „растании бар ҳавос—бар ҳисҳо барот оварда" ҳайвон аст, ки ҳаргоҳ ҳавоси вай пурра шавад, чунон ки дар байти баъд аз ин мисраъ мегӯяд, инсон мешавад.

Боз гирад хавос кувват и том,
Ёбад он зихаёт инсон ном...
Умрхо бояд он фасурда шиям,
Ки бизояд ба сурати одам...

Шоир дар с. 113 „Ирфон“ дар шарҳ ва эзоҳи ин масъала д
намуда, ин байтҳоро менависад:

Накши таҳкик шубҳаунвон нест,
Шакли одам кашидан осон нест...

Дар ҳамин саҳифа дар бораи аз ҷамодӣ ба наботӣ ва аз н
ба ҳайвонӣ гузаштани мавҷудотро баён карда омада, дар бора
вонст мегӯяд:

... Назди донишварони илму аён,
Масх азон аст олами хайвон,
Ки зи шакли кавии самъу басар,
Нест аз имтиёзи томаш асар.
Дасту поҳо никоби сумзада шак,
Нутк яксар бадал ба бонги нахак.
Чашм махсусу „дид“ аз он маҷхул,
Гӯш пайдою „хуш“ аз он маъзул,
Лаб ба дарси камол—харзахурӯш,
Сар зи мағзи тамиз—пунба ба гӯш.
Панҷа дар забти кор—бодшикор,
По ба роҳи сулук—каҷрафтор,
Дум магасрони ранҷи пушту камар,
Нохуни по—кафили хориши сар,
Нафасоро, вале танаффус фард,
Сохиби дил, вале диле бедард,
Дорад ин ҷо зи ғафлату дангӣ,
Роҳи ҷавлони маърифат тангӣ
То ба ин дастгох рӯ овард,
Хирсу бӯзина ҳаҷви[1] инсон кард...

Баъд аз хондани ин байтҳои муаллиф дар бораи хилқат, хе
гумон намекунад, ки шоир дар байте ки аз маймун расида ба
дани инсонро кайд кардааст, ин мисолро монанди як афсона
асос гирифта бошад, балки дар он афсона ҳақиқатро пай бурда

[1] Дар ин ҷо калимаи „ҳаҷв“ро ба маънои карикатура фахмидан дарко
яъне хайвонот инсон шудан мехост, аммо натавонист ва аз байни худ хирсу б
ро расонд, ки онхо шакли карикатурии инсон мебошанд.

ман дар назди донишмандони қадим як ҳақиқати дигар аст, фоида бурдааст.

Байтҳое ки шоир дар ин ғазал, пеш аз байти мазкур ва ҳам баъд аз вай навиштааст, низ ин фикрро тақвия мекунанд. Шоир пеш аз байти мазкур, байти зеринро навиштааст:

Ибтизоли боғи имкон ранги гардидан надошт,
Ҳар гуле, к-имсол омад дар назар—порина буд.

Шоир дар ин байт гуфтан мехоҳад, ки „нигоҳдории дуньёи мавчудот ҳеҷ дигаргун намешавад ва ҳама чиз худро нигоҳ медорад, яъне олами мавҷудот ба тамоман нест шуда рафтани ягон чизи худ, ҳеҷ роҳ намедиҳад, ҳар мавчуде ки мо имсол мебинем, ҳақиқатан ҳамон мавҷудест, ки порсол дидаем, яъне дар асоси мавҷудоти гузашта ва аз моддаҳои пошхӯрдаи онҳо мавҷудоти нав пайдо мешаванд.

Инчунин шоир дар поёнтари ҳамин ғазал ин байтро навиштааст:

Хок шуд фитрат ба пасти, лек мижгон барнадошт,
В-арна аз мо то ба боми осмон як зина буд.

Шоир бо ин байт гуфтан мехоҳад, ки қобилияти илмии инсон баланд аст, лекин афсӯс, ки ин қобилият тарбия наёфта дар пастӣ монд ва чашм кушода ба авҷи дониш нигоҳ накард, вагарна инсоният метавонист, ки бо як зина—бо як кӯшиши ҷиддӣ ба осмони маърифат—ба қуллаи ҳақиқат барояд.

## МУНОСИБАТИ ЭҶОДИЁТ ВА ТАФАККУРОТИ БЕДИЛ БА ДАВРАҲОИ ҲАЁТАШ

Пеш аз тамом кардани ин қисм, мо бояд як нуқтаи муҳиммеро ки дар фаъолияти адабии ин шоири пурмаҳсул дидем, қайд карда гузарем:

Мо дар таърих бисьёр шоирон ва олимонро медонем, ки дар вақти ҷавониашон ҳаргуна ақидаҳои чап ва фикрҳои зиддидиниро талқин кардаанд ва дар вақти пирӣ ба маъюсӣ афтода диндор шуда мурдаанд. Чунончи, Имом Муҳаммади Ғаззолии машҳур дар вақти ҷӯши ҷавониаш ба даҳригӣ майл кард, дар фалсафа китобҳо

навишта дар онҳо фикрҳои зиддидиниро талқин намуд. Аммо дар охирҳои умраш сӯфии соф шуд, дар бораи тасаввуфи исломӣ китобҳо таълиф кард ва аз ҳикмат ва фалсафа тавба намуда асарҳои фалсафии худро нест кард.

Аммо дар Бедил мо акси ин қоидаи умумиро мебинем. Бедил, чунон ки дар тарҷимаи ҳолаш ва таҳлили асарҳояш дидем, дар бачагӣ диндор, дар ҷӯши ҷавонӣ маҷзуб ва дарвеш, дар охирҳои ҷавониаш мутасаввиф ва дар охир файласуфи ба зиндагӣ наздик гардид ва ин ҳолати охирии ӯ то охири умраш давом намуд.

Агар „Тилисми ҳайрат" ва „Ирфон"-ро ки шоир якӯмашро дар 25-солагиаш ва дуюмашро дар 68-солагиаш навиштааст, дар як ҷо монда ба якдигарашон татбиқ карда мутолиа кунем, ин такомули фикрии муаллифро равшан мебинем.

Ғазалеро ҳам ки дар вай байти аз „маймун расида баромадани инсон" дарҷ шудааст, мо тахмин карда метавонем, ки шоир дар охирҳои умраш навиштааст.

## ЗАБОН, УСЛУБ ВА САНЪАТИ ШЕЪРИИ БЕДИЛ

Агар мо забони шеърии Бедилро аз нуктаи назари луғатҳои ҷудогона, якка-якка мулоҳиза кунем, ин забон хеле содда менамояд.

Вай дар шеърҳояш суханҳои гуфтугӯии халқи тоҷикро бисьёр кор мефармояд. Чунончи: „ҳай кардан" ба маънои рондани асп ва дигар ҳайвонот, „сар додан" ба маънои озод кардан, „киро намекунад" ба маънои намеарзад, „ишкел" ба маънои занҷири пойбанд, „дина" ба ҷои „дирӯз", „ҳаққи намак", „газак" (дар бораи ҷароҳат), „сабзак" ба маънои сиёҳчатоб, „шерак додан" ба маънои барангехтан, „ғалтак" ба маънои як чизи ғеланда, „кӯдак" ба маънои тифл, „наъразанак" ба маънои „наъразанон", „каллак" ба маънои дарахти шохбурида, „чашмак задан" ба маънои ишора кардан бо чашм, „рафтаҳоро салавот" ба маънои „гузаштаро ба ёд наёвардан", „бағалак" ба маънои як реши ҳалоккунандаи аспу хар, ки дар бағал пайдо мешавад, „тунбак" асбоби мусиқӣ, ки аз сафол сохта бар рӯяш пуст мекашанд ва бо даст монанди дойра менавозанд, „халпак" ба

маънои мушгирак, „чақчақу вақ-вақ“ ба маънои беҳудагӯӣ ва монанди инҳоро кор мефармояд.

Аммо вакте ки сухан бар болои ҷумлабандӣ, ташбеҳот, киноя ва истиорот омад, забони Бедил, душвортарин забони адабии тоҷик мегардад. Масалан дар як байт мегӯяд:

Гул ба дасту по кӣ баст имшаб, ки чун ранги ҳино—
Бӯсамуштоқон чаманҳо зери лаб хун кардаанд.

Шоир дар ин байт гуфтан мехоҳад, ки „маъшуқа ба дасту пои худ гул бастааст, ба ин сабаб бӯсамуштоқон—ошиқоне ки дасту пои ӯро бӯсидан мехостанд, чаманҳоро дар зери лаб гирифта— бӯсида хун карда ба ранги ҳино гардондаанд, то ки маъшуқа дар вақти ба пою дасти худ гул бастан, шояд гулҳои ба ранги ҳиногардидаи ин чаманҳоро бандад ва ба ин восита бӯсиши ин бӯсамуштоқон ҳам ба дасту пои ӯ бирасад“.

Албатта шоир дар қатори ингуна шеърҳои душворфаҳми печ дар печ монанди байтҳои зерин шеърҳои содда, равон, дилчасп ва бо ташбеҳҳои нав зинатдодашуда ҳам бисьёр дорад:

Эй хаёли қоматат охи заифонро асо!
Бар рухат наззораҳоро лағзиш аз ҷӯши сафо!
Ҳамчу оина ҳазорон чашми ҳайрон рӯ-барӯ,
Ҳамчу кокул як ҷаҳон ҷамъи парешон дар қафо!
Абруи мушкинат аз бори тағофул гашта хам,
Монда зулфи саркашат з-андешаи дилҳо дуто!
Аз сафои оразат ҷон мечакад гоҳи арақ,
Аз шикасти турраат дил медамад ҷои садо...

Инчунин рубоиҳои соддаи оммафаҳмаш ҳам бисьёранд, чунончи:

Дар пеши табиб омад он аблаҳи лур,
Яъне: „Шикамам ҳамеша дорад қур-қур,
Ҳар чиз, ки мехӯрам намегардад ҳазм“.
Фармуд: „Аввал ҳазм кун, он гоҳ бихӯр!“.

Аз ҷӯши софӣ ва суфтагии рӯи маъшуқа лағзиши наззораҳо, монанди оина дар рӯбарӯи ӯ будани чашмони ҳайрон, монанди кокул дар қафо будани ҷамъи парешон, аз бори тағофул хам шудани абрӯ, аз андешаи дилҳо дуто шудани зулф, аз софии ораз дар вақти арақ

чон чакидан, аз шикасти зулф чон садо дил дамидан, ки дар он чо дили бастаашуда бисёр аст—ҳақиқатан ташбеҳҳои нав, дилчасп ва содданд.

Ташбеҳҳои нави Бедил, киноя ва истиораҳои экдкоронаи ӯ махсуси ғазалиёт ва рубоиёташ набуда, дар достонҳои ишқиаш ки шеъро боз ҳам авҷ гиронидааст. Лекин дар достонҳо ин ташбеҳҳо ба дарачаи ғазалиёт содда набуда қадаре душворфаҳманд.

Чунончи: дар саҳифаи 67 „Ирфон" ошиқиро бо мисраъҳои зерин тасвир мекунад:

Ошиқӣ чист?-Доғи маҳрумӣ!
Гули худрӯи боғи маҳрумӣ!
Як қалам ранг, лек бохтаӣ,
Сар ба сар дил, вале гудохтаӣ.
Панҷае—ноумеди гирон,
Пайкаре—фарши нотавонон,
Лаби арзе, ки мурда гуфторвш,
Пои шавқе, ки рафта рафторвш...

Дар ҳамин саҳифа воқеаи аз бозор бо пули бисёр каниза-ки маҳрӯеро харида ба хонаи худ бурдани тавонгареро, ба сабаби парда дар рӯи он канизак кашидан аз тамошо маҳрум мондани ҳавасқоро-неро, ки аз бепулӣ ба харидор шудан ҷасорат накарда ба нигоҳе қа-ноат мекарданд ва дар роҳ аз паси он нозанин, бо ҳасрат рафтани ин маҳрумонро шоир бо ин мисраъҳо ифода мекунад:

...Хоҷае бекорон савдо шуд.
Чашм гардиду бар рухаш во шуд.
Чун фалак хона аз гуҳар орост.
Ба хавони нисори ӯ бархост...
Яъне он ҳусни беникоб хариц.
Ба хазор анҷум офтоб харид.
Бурқае аз ҳарири ранги баҳор
Карда фонуси он чамандуҳсор.
Ҳусни бепарда хилваторо шуд,
Маънии чилвагар муаммо шуд.
Ғорате зад ба корвони нигоҳ
Ҳар тараф тахта шуд дӯкони нигоҳ.
Сохт барқи чароғ бо фонус,
Чӯши парвона шуд кафи афсус.

Маҳмили орзу равон гардид,
Бехудиҳо чарасфиғон гардид.
Рехт дар домани харидораш
Мавҷи гавҳар—ғубори рафтораш.
Бехт бар фарқи як ҷаҳон муштоқ,
Кулфати яъс—гарди шоми фироқ,
Рафт то ҷилвагоҳи истиғно,
Шамъ дар пешу анҷуман ба қафо..
Ашкҳо—нолаи наи мижгон,
Дил—ғубори шикастани домон.
Ҳама карданд пеши якдигар,
Хок аз кисаи тиҳӣ бар сар.
Оқибат хел-хел баргаштанд,
Қатра рафтанду сел баргаштанд.

Аммо забони насри Бедил аз ҳад зиёда душвор аст, чунон ки дар сарсухани интихоби намунаҳои насраш гуфта шуд, ҷумлаҳои дарози силсиладор бо ташбеҳҳои мураккаб ва истиораҳои печ дар печ, насри ин адиби душворписандро ба дараҷаи нофаҳмой расондаанд. Хусусан вақте ки ингуна ҷумлаҳо истилоҳоти фалсафавиро дарбар гиранд, боз ҳам душвортар мешаванд, зеро ки бештарини онҳо ғайр аз маъниҳои машҳури луғавиашон маъниҳои махсуси истилоҳиро ифода мекунанд, ки мутолиакунанда дар вақти хондан сари каловаи фаҳмишро гум мекунад.

Хуб аст, ки ин устод ҷумлаҳои насриашро бо саҷъҳо ва бо калимаҳои ҳамоҳанг мурассаъ мекунад ва ҳаҷми фикраҳои иловагӣ ва ёрирасонро бештарин баробар меорад. Агар хонанда бо ёрии саҷъҳо сари ҷумла ва фикраҳоро муайян карда равад, як дараҷа ба фаҳмиш роҳ меёбад. Мо дар ин хусус аз саҳифаи 9 „Нукот“ нуктаи зеринро мисол меорем:

„Табоеъро тақлиди авзои якдигар роҳзани таҳқиқ аст ва табиияти одот ва русум монеи сарманзили тавфиқ. Аксари истеъдодҳо дар ҳиҷоби қувва аз феъл маҳрум монад ва яке аз онҳо инони хаёл ба арсаи вуқӯъ нагардонад. Фурсати сари зону онқадар дур набохта ки ба саъи дастҳои барҳамсуда овозаш тавон дод ва кулфати тазьеи авқот бар рӯи ҳақиқат деворе барнаёварда, ки ба чокҳои гиребони надомат роҳе тавон кушод. Ҷамъияти дил ба шарти узлат ҳамаро муяссар аст, агар ҳамсӯҳбатон маъзур доранд ва мутолиаи нусхаи тасаллӣ ҳар

кас дар бағал дорад, агар ҳамдарсон ба ҳоли худ вогузоранд. Об дар ҳар табъе ки роҳ ёфт, моили таклифи тарӣ намудан аст, оташ бар ҳар мизоҷе ки ғолиб афтод саргарми дӯкони ҳарорат кушудан. Дайриёнро ба ҳукми тасаллути русум сар аз ҷайб барнаёварда дар хурӯши нокус ғӯттахорист ва масҷидиёнро сарҳисоби идрок нафас ногардида таълиқаи сабҳашуморӣ, на бараҳманро аз кашокаши доми ихтилоти зуннор тааллуқ гусистан то ба тааммул кӯшад, ки нокуси дайристони фитрат чӣ оҳанг дорад ва на шайхро аз офоти руҷӯи халқ ба ҳисори танҳоӣ гурехтан, то фаҳм намояд, ки лаббайки тапидангоҳи каъбаи дил чӣ сабҳа мешуморад. Ночор накде ки дар гиреҳи хеш набастаанд, аз кисаи ғайр мешуморанд ва саре, ки ба хаёли худ надуздидаанд, аз гиребони дигарон бармеоранд. Аз ғулғулободи офоти офаткадаи ину он магар дар гиребони хомӯшӣ гурезӣ, то бе таклиди забонҳо ҳарфе тавонӣ фаҳмид ва аз садамазори ғулистони ваҳму занн гӯши илтиҷо бигирӣ, то аз пардаи ғайб навое тавонӣ шунид“.

Баъзе тазкиранависон ва танкидчиён мегӯянд, ки Бедил барои ифодаи таълимоти фалсафавиаш ба ихтиёр кардани ин услуб маҷбур шудааст. Ин фикр як дараҷа дуруст аст. Чунки ифодаи маъниҳои дақиқи махсус, таъбирҳои душвори махсусро талаб мекунад, хусусан вақте ки муаллиф маъниҳои фалсафавиро дар пардаи суфизм печондан хоҳад, ин печ дар печӣ дучанд мегардад.

Лекин мо ин ҳолро дар мактубҳои оддӣ ва дар таҳрири саргузаштҳояш ҳам мебинем. Чунончи: дар як мактуби худ ин ҷумлаҳоро менависад:

„...Сомиаро навиди хуррамӣ ба сомоне мавсул гардонид ки босира низ аз паҳлуи он димоғи тамошои баҳор расонид. Ҳарчанд ба таваҳҳуми дурӣ пардаи дида пӯст бар тан медарад ки чаро ҳарфи дафе дар он анҷуман нагардид ва тори нигоҳ ба ҳайрат об мегардад ки аз чӣ маҳрумӣ бар созе аз он бисот напечид, аммо ба ҳукми иттиҳоди яқинӣ чароғе дар он маҳфил натобид ки партави чашмаке бар дили муштоқ наяндохт ва оҳанге дар он ҷо наболид ки таманноро ба самои замзамаи ҳузур нанавохт...“.

Инчунин: дар мавриди накли ба челонгар барои ислоҳ кардан додани қаламтароши каҷ ва кунди худ ин ҷумлаҳоро менависад:

„Дар наёми беистеъдодӣ қаламтароше доштам чун табиати кавдан дами тезӣ рехта ва чун оби ба чоҳистода бо зангорҳои нософӣ

омехта. Хор-хори андешаиислоҳаш аксарӣ ба хотир мехалид ва тааммули номавзунии миёнаш хароше ба сафҳаи хаёл мерасонид. Ба ҳукми иктизои замони вифок дар сарои Накӯдар суроғи оҳангаре чанд ёфтам, ба барқи оҳанге нафаси мунаффих накби дӯкончаи ҳузурашон во шикофтам, ба тофтагиҳои кӯраи дилгармӣ сиёҳӣ аз заголи мизоҷҳои афсурда мезудуданд ва ба таъсири сӯҳони ахлоқ ноҳамворӣ аз табъҳои дурушт мерабуданд...".

Дар хусуси забони Бедил ҳамзамононаш ҳам суханҳо доранд. Аз ин ҷумла Сироҷиддин Алихони Орзутахаллуси акбарободӣ, ки дар вақти вафоти Бедил 31-сола буд ва ӯ шоири забардаст ва забондони машҳури Ҳиндустон буда, китобҳои „Сироҷуллуғот“ ва „Чароғи ҳидоят“ аз таълифоти ӯст, дар бораи забони Бедил гап задааст. Орзӯ дар „Маҷмауннафоис“ ном тазкиратушшуарои худ мегӯяд „...Чун Мирзо (Бедил) аз роҳи қудрат тасарруфоти намоён дар форсӣ намуда мардуми вилоят (аҳолии Осиёи Миёна ва Эрон) ва косалесони инҳо, ки аз аҳли ҳинданд дар каломи ин бузургвор суханҳо доранд. Ва фақир дар сиҳҳати тасарруфи соҳибқудратони Ҳинд ҳеҷ сухан надорад, балки қоил аст, чунончи дар рисолаи „Доди сухан“ ба бароҳин (бо далелҳо) собит намуда, ҳарчанд худ тасарруф намекунад эҳтиётан...“.

Соҳиби тазкираи „Хизонаи омира“ дар ин бора дар тазкираи мазкур гуфтааст: „Мирзо (Мирзо Бедил) дар забони форсӣ (тоҷикӣ) чизҳои ғариб ихтироъ намуда, ки аҳли муҳовара (забондонон) қабул надоранд... ғайри форсӣ, ки тақлиди забони форсӣ кунад, бе мувофақати асл чигуна мақбули аҳли муҳовара тавонад шуд? Масалан: Мирзо мухаммасе дар марсияи фарзанди худ дорад ва дар он ҷо мегӯяд:

Ҳар гаҳ ду қадам хиром мекошт,
Аз ангуштам асо ба каф дошт.

„хиром коштан“ аҷаб чизест?“.

Дар бораи тасарруфот ва ихтироотн Бедил дар забон, албатта сухани Орзӯ дуруст аст, ки ӯ дар форсӣ (тоҷикӣ) забондонтарини аҳли Ҳиндустони ҳамон замон аст.

Мо тоҷикони Осиёи Миёна, ки аз забони ин устод шикоят мекунем, норизоии мо аз тарзи ҷумлабандии ӯ дар наср ва аз ташбеҳот ва истиороти мураккаб ва печ дар печи ӯ дар назм аст. Аммо ихтироотн дилчаспи ӯро табрик ва таҳсин менамоем.

Ғуломалихони Озод дар поёни эътирози дар боло нақлкардашуда сухани худро давом дода мегӯяд:

„Мирзо ашъори мувофиқи қоидаи фасоҳат низ бисьёр дорад, агар соҳибистеъдоде аз куллиёти ӯ он ашъорро чудо кунад, нусхаи аъчозе даст баҳам медиҳад. Сухансанчи мутафаннин (универсал) аст, ғазал ва маснавӣ ва рубоӣ ва қасида ва ҳамчунин насрро ба тарзи хос метирозад".

Албатта ҳамаи шеъри як шоир ҳечгоҳ якдаст ва хуб намебарояд ва пасту баланд мешавад. Хусусан дар ашъори монанди Бедил як шоир, ки дар давраи қариб ҳафтод сол ва дар замонҳои гуногун гуфта шудаанд, чунон ки дар мазмун гуногунӣ воқеъ шуданаш табиист, дар санъат ҳам воқеъ шудани гуногунӣ табиӣ ба шумор меравад. Худи шоир ин хусусро ҳис карда дар дебоча мегӯяд:

Бедил, дар нусхаи рамузи ашъор,
Айбам накунӣ ба нуктаҳои бекор,
Хуш дор, ки дар назми вучуди инсон,
Чун нохуну мӯст узви беҳис бисьёр.

Иқтидори шеърии Бедил бисьёр баланд ва табъи ӯ дар шеъргӯӣ аз ҳад зиёд равон ва дар маҳсулдиҳӣ ҳиммати ӯ олист. Агар дар ғазал ҳадди миёнаи шоирони дигар ҳафт байт ва бисьёраш 9 байт бошад, Бедил ғазалҳои 9-байтӣ кам дорад ва бештарини ғазалҳои ӯ 15-байтӣ аст, ки 30 мисраъ мешавад. Бештарин дар як вазну қофия аз ду-се то чор ғазал мегӯяд. Инчунин қасидаҳои Бедил 150 байт ва 170 байтро дарбар мегиранд. Дар охири як қасидааш, ки 129 байт—258 мисраъ аст, аз дароз кардан, худдорӣ намуданашро қайд мекунад.

Дар рубоиёти ӯ дарч шудани 3500 рубоӣ, ки 14 ҳазор мисраъ мешавад, ба чӣ дарача сермаҳсул будани ин устодро нишон медиҳад. Ва ҳол он ки душвортарини шаклҳои шеъри точикӣ рубоист. Зеро рубоӣ як вазни ба худ махсус дорад, ки ҳамаи рубоиҳо дар он вазн гуфта мешаванд (чунон ки баъзеҳо гумон мекунанд, ҳар 4 мисраъ рубоӣ шудан намегирад); дуюм бояд як мақсади мустақили пурра дар он чор мисраъ ифода ёбад. Бинобар ин аст, ки рубоиёти шоирон дар девонашон чои бисьёр хурдеро мегирад.

Иқтидори Бедил дар вазнҳои ғайримаъруф, ки дар куллиёташ

дар зери унвони „номатбӯъ“ дарҷ шудаанд, боз ҳам зиёдатар намоён мегардад.

Масалан, дар вазни баҳри комил, ки ҳар мисраъ ба чор бор „мутафоилан“ баробар меояд ва дар вазни баҳри мутадорик, ки ҳар мисраъаш ба чор бор „мутафоилатан“ баробар аст, ҳамчунон ғазалҳои 13—15 байтӣ менависад ва бештаринашон ҳам равон аст.

Бедил дар баъзе лафзбозиҳои шеърӣ, ки аз асрҳои XV ва XVI сар карда ба адабиёти мо ба номи „санъат“ даромад, низ шуғл карда аст.

Масалан: бо ҳарфҳои бенуқтаи алифбои арабӣ шеърҳои сермисраъ ва насрҳои дароз менависад. Дар ин бора аз саҳифаи 28 „Руқаот“ ин чанд байтро намуна меорем:

Дил агар маҳви муддао гардад,
Дард дар коми мо даво гардад.
Гусилад гар хавас салосили ваҳм
Кӯҳу саҳро ҳама ҳаво гардад.
Маҳв гардад саводи мисраи сарв,
Мадди оҳам агар расо гардад...

Инчунин ин рубоии бенуқта ҳам сазовори дидан аст:

Ҳар дам ҳавас олудаи сад саҳро гард,
Ҳар ламҳа дил омодаи сад олам дард.
Дар даҳр ки гул кард саросар васвос,
Дорам саҳаросо ҳама оҳу дами сард.

Ҳарчанд ингуна кор ҳеҷгоҳ ба санъат дохил нашавад ҳам, аз алифбои араб, ки ҳамагӣ 28 ҳарф аст, 14 ҳарф бароварда партофта бо дигараш шеърҳо навиштан иқтидори ҷудогонаро талаб мекунад.

Бедил бо қоидаи „муфрад ва мураккаб“ ҳам шеърҳо навишта аст. Дар ин қоида шоир бояд шеъре нависад, ки лафзҳои вай бо тартиби муайян (масалан: як ҳарфи танҳо навишташуданӣ ва ду ҳарфи пайваста навишташуданӣ) муфрад ва мураккаб ояд (азбаски дар алифбои нав ингуна тартибҳо маълум намешавад, мисол овардан лозим дида нашуд).

Инчунин ин рубоии саволу ҷавоб ҳам сазовори диққат аст:

Де хуфт!—Кӣ?—Ноқа!—Дар куҷо хуфт?—Ба гил!
Кардам!—Чӣ?—Фиғон!—Аз чӣ?—Ба ёди манзил!
Дод!—Аз кӣ?—Зи худ!—Чаро?—Зи саъйи ботил.
К-афтод!—Чи? - Бор!—Аз кӣ?—Зи сар!—Бар кӣ?—Ба дил!

(Маълум мешавад, ки марсияи саволу ҷавоби Қоонӣ дар ин роҳ таҷрибаи ягона набудааст).

Аз рафти каломи тазкира ва таърихнависони Ҳиндустон маълум мешавад, ки аҳли исломи он ҷо ба се гурӯҳ тақсим меёбанд: 1) мусулмононе ки аз аҳолии аслии Ҳиндустон мебошанд; 2) Ҳиндустонзоҳо, инҳо касонеанд, ки падару бобоҳошон аз Осиёи Миёна ва Эрон ба Ҳиндустон муҳоҷир шуда рафтаанд, аммо худашон дар он ҷо таваллуд ёфтаанд; 3) вилоятзоҳо, инҳо касонеанд, ки дар Осиёи Миёна, ё Эрон зоида шуда, худашон муҳоҷир шуда ба Ҳиндустон рафтаанд.

Аз ин се гурӯҳ, забони модарии ду гурӯҳи аввалӣ забони ҳиндӣ буда, забони тоҷикиро ба сифати як забони адабии умумӣ аз мактаб, аз муҳовара ва мутолаа меомӯзанд. Аммо инҳо ҳамеша забони шоирони вилоятзоро (осиёимиёнагӣ ва эрониро) забони пухта ва забони рости аслӣ медонанд ва сухан, ё таркиберо, ки дар шеъри вилоятзоҳо надида бошанд, хато мешуморанд.

Яке аз бобокалонҳои Бедил аз Осиёи Миёна рафта бошад ҳам, падару бобоҳои наздикаш ҳиндустонзо буданд, бинобар ин забони модарии ӯ забони ҳиндӣ буд. Азбаски ӯ дар Азимобод таваллуд ёфта, рӯзҳои аввалии ҷавониашро ҳам дар ҳамон тарафҳои шарқӣ гузаронидааст, бояд забони модарии ӯ забони Бангола бошад. Азбаски дар Ҳиндустон забони ӯрду як забони умумӣ аст ва шоирони ҳинду дар он забон низ шеър мегӯянд, бояд ӯ забони ӯрдуро ҳам донад. Ин маъниро навишта гирифтани ӯ шеърҳои Шоҳмулуки маҷзубро, ки дар забони ҳиндӣ буд ва мадҳ карданаш он шеърҳоро—тасдиқ мекунад.

Азбаски ӯ бисьёр чизҳоро аз китобҳои қадимии ҳиндуҳо нақл мекунад, бояд ӯ забони ҳинди қадимро ҳам донад.

Дар ҳар ҳол ӯ забони тоҷикиро аз мактаб ва мутолаа омӯхтааст. Бинобар ин Ғуломалихони Озод, чунон ки дар боло нақл ёфт, дар ҳаққи забони ӯ „...ғайри форсӣ ки тақлиди забони форсӣ кунад, бе мувофақати асл (забони вилоятзоҳо) чигуна мақбули аҳли муҳовара мешавад?“ мегӯяд. Бинобар ин аст, ки Сироҷиддин Алихони Орзӯ, чунон ки дар боло нақл ёфт, тасарруфоти дар забон кардаи Бедилро дуруст шумурда мардуми вилоят—осиёимиёнагӣ ва эронӣ ва косалесони онҳо, ки аз аҳли ҳинданд, дар каломи ин бузургвор суханҳо доранд“ мегӯяд.

Хулосае ки мо аз ин тафсилот мебарорем, ин аст: Бедил, ки бо

вуҷуди забони модариаш ҳиндӣ будан, тоҷикиро аз мактаб ва мутолаа омӯхта як куллиёти калонро бо ҳамаи шаклҳои анъанавӣ ва ихтироиаш дар ин забон ба вуҷуд овардааст, ҳақиқатан як қобилияти бисьёр бузурги илму адабиёт ва забон будааст.

## МАКТАБИ БЕДИЛ ДАР УСЛУБИ АДАБӢ

Тарзу услуби Бедил ба худаш хос аст. Тарзи нав будани услуби Бедил дар замони худаш маълум ва машҳур шуда буд. Дар ин хусус Ғуломалихони Озод дар ду ҷои „Хизонаи омира“ гап мезанад, як бор дар зикри Бедил дар саҳифаи 153, чунон ки дар боло нақл карда шуд, дар ин ҷо „ғазал ва маснавӣ ва рубоӣ ва қасида ва ҳамчунин насрро ба тарзи хос метирозад“ мегӯяд; дигар бор, дар зикри Орзӯ, дар саҳифаи 317 „...Носиралӣ ва Мирзо Бедил тарҳи суханро ба оини тоза андохтанд ва ин ҷавҳари қобилро ба сурати назарфиреб ҷилвагар сохтанд“ мегӯяд.

Дар ғазалиёт ба ин тарзи нав бо Бедил ширкат доштани Носиралии сарҳиндӣ дуруст аст. Аммо дар маснавӣ тарзи ӯ аз услуби Бедил бисьёр фарқ дорад. Маснавиҳои Бедил душворфаҳмтар ва мазмунан бештарин дар пардаи тасаввуф бошад ҳам фалсафавӣ ва иҷтимоист, аммо маснавиҳои Носиралӣ соддатар буда, мазмунан дар мазоқи аҳли тасаввуф гуфта шудаанд, ҳатто маснавиҳои ӯро сӯфиён дар хонақоҳҳо мехонданд. Назар ба қавли Ғуломалихон „...Аҳли Бағдод забони арабӣ ва форсӣ—ҳардуро медонанд, сӯфиёни он ҷо дар маҷолиси завқ ва самоъ аз забони арабӣ бештар ашъори Ибнулфоризи Мисрӣ ва аз забони форсӣ аксар маснавии Носиралӣ мехонанд“ („Хизонаи Омира“ с. 328).

Дар ғазалиёт ҳам, ихтирооте ки Бедил дар ташбиҳҳо ва кинояву истиорот кард, чунон ки мо намунаҳояшро нақл кардем, махсуси ӯ шуда мемонад.

Дар наср бошад, ягон порчаи наср аз Носиралӣ ба мо нарасидааст, ки дар ин бобат ба якдигар чӣ қадар монандӣ доштани ин ду эҷодкор муайян карда шавад.

Носиралӣ 5 сол пеш аз таваллуди Бедил зоида шуда ва 24 сол пеш аз вафоташ фавтидааст. Азбаски Бедил аз даҳсолагиаш ба шеъргӯӣ даромадааст, бояд фаъолияти адабии инҳо баробар сар шуда бо-

шад. Бинобар ин мо аз ҷиҳати замон муайян карда наметавонем, ки кадомашон они дигарро тақлид кардаанд. Аммо азбаски Бедил аз хурдсолӣ қобилияти ихтироъкории худро нишон додааст, тахмин кардан мумкин аст, ки бояд Носиралӣ Бедилро тақлид карда бошад.

Дар ҳар ҳол пайравони Бедил, хоҳ дар назм бошад, хоҳ дар наср, ин тарзи навро аз номи Бедил қабул кардаанд ва ривоҷ додаанд. Адабиётшиносон ҳам ба ин тарз „бедилона" „бедилӣ" (бедилизм) ном ниҳодаанд, ки ин дар байни пасояндагони Бедил як мактаби алоҳида ба шумор меравад.

## ТАЪСИРИ БЕДИЛ ДАР ОСИЁИ МИЁНА

Тақлиди Бедил дар назм ва дар наср аз ҳама ҷо зиёдатар дар Осиёи Миёна ривоҷ гирифт ва то Революцияи Кабири Октябрь давом кард. Аз шоирони ин сарзамин бисьёр касон Бедилро тақлид кардаанд, лекин ҳатто забардасттаринашон ҳам санъати худро ба ин шоири нозукхаёл расонда натавонистанд. Бедил ин хусусияти услуби худро дуруст шинохта байти зеринро гуфта буд:

Муддаӣ, даргузар аз даъвии тарзи Бедил!
Сеҳр мушкил ки ба кайфияти эъҷоз расад.

Аз тақлидгарони Бедил баъзе шоирон, санъати худро ба дараҷаи „сеҳр" расонда бошанд ҳам, бар болои онҳо асарҳои Бедил мартабаи эъҷозӣ—мӯъҷизагии худро нигоҳ дошта монданд.

Як камбудии калони пайравони Бедил дар ин буд, ки онҳо Бедилро дар шакл ва услуб тақлид кардаанд, аз мазмуни шеъри Бедил танҳо тасаввуфро сармашқи худ қарор додаанд, аммо мазмунҳои фалсафавӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Бедилро нафаҳмидаанд ва ё ин ки фаҳмидан нахостаанд. Ва ҳол он ки тасаввуф дар асарҳои охирини Бедил як мазмуни туфайлӣ буда, мақсади ҳақиқии ӯ, чунон ки дар таҳлили асарҳояш шарҳ дода шуд, масъалаҳои фалсафавӣ ва иҷтимоӣ буд.

Шакл ва услуби Бедил, ки инро шоири мизоҷшинос, дар Ҳиндустон, дар вақти истибдоди сахти феодализм ва дар замони ҳукмронии хурофоти динӣ ва таассуби мазҳабӣ ихтироъ карда буд, ба сабаби душворфаҳмиаш қобилияти умумӣ шудан надошт ва нашуд. Бинобар ин баъзе шоироне ҳам ки услуби Бедилро бо муваффақият тақлид

карда намунаҳои дуруст дода буданд, дар охир аз ин роҳ баргашта ба оммафаҳм кардани асарҳои худ кӯшиш намуданд.

Аз шоирони тоҷики Осиёи Миёна Сарир, Сират, Исо (бухороӣ), Асирии хуҷандӣ, Ҷавҳарии ӯротеппагӣ Бедилро бо муваффақият тақлид кардаанд.

Нависанда ва шоири мутафаккири асри XIX Бухоро—Аҳмади Дониш (вафоташ 1897) Бедилро бисёр дӯст медошт ва баъзе чизҳои душворфаҳми ӯро шарҳ мекард. Аммо худ на дар назм ва на дар наср услуби ӯро тақлид намекард ва ҳамсӯҳбатони худро аз тақлид кардани ӯ манъ менамуд ва ба тарзи ҳазл мегуфт: „Бедил пайғамбар аст, мӯъчизаро дар ихтиёри пайғамбар гузоштан даркор аст. Шумо валӣ шуда каромот нишон диҳед ҳам мешавад“.

Бояд аз таъсири ҳамингуна сӯҳбатҳо бошад, аз шоирони дар боло номбурдашуда Сарир, Сират ва Исо баъд аз он ки умри ҷавониашонро ба тақлиди Бедил сарф карданд, дар пирӣ шеъри худро содда карданд.

Асирии хуҷандӣ Бедилро ҳам дар назм, ҳам дар наср ва ҳам дар мазмун бомуваффақият тақлид кард. Назм ва насри ӯ аз танқиди уламои расмӣ ва урфу одати феодализм пур буд. Ӯ ҳам дар гуфтор (дар асарҳои худ) ва ҳам дар кирдор (дар зиндагиаш) ба урфу одати динӣ ба назари танқид нигоҳ мекард.

Аз шоирони тоҷик Нақибхони Туғрали заҳматободӣ ҳам услуби Бедилро тақлид кард, ба чандин ғазали Бедил назира гуфт. Ӯ дар тақлиди Бедил онқадар муваффақият наёфта бошад ҳам, ин кори худро то охири умраш (1919) давом кунонид.

Аз шоирони тоҷик охирин намояндаи пайравони Бедил Зуфархони Ҷавҳарии ӯротеппагӣ буд, ки ӯ 16 феврали соли 1945 вафот намуд. Ҷавҳарӣ дар лирика Бедилро бомуваффақият тақлид намуд. Баъд аз революцияи Октябрь, хусусан пас аз барпо шудани республикаи Советии Тоҷикистон ӯ ба сифати як шоири советӣ ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҷиҳати мазмун хеле чизҳои оммафаҳм дода бошад ҳам, дар лирика то охири умраш дар пайравии Бедил собит монд.

Бедил дар байни оммаи халқи Осиёи Миёна, хусусан дар байни тоҷикон ва ӯзбекон шӯҳрати калон дорад. Аз вақте ки нусхаи дастнависи асарҳои ӯ ба ин сарзамин омадааст, мунтахаби ғазалиёт ва

рубоиёташ ба мактабҳои ибтидоии кӯҳна даромадааст. Дар мактабҳои кӯҳна баъд аз қуръон ва дарсҳои динӣ аз адабиёти тоҷикӣ якӯм Хоҷа Ҳофиз, дуюм Мирзо Бедилро мехононданд. Мунтахаби девони Бедилро дар мактабҳо бо расми хатти худаш—бо хатти шикасти бедилӣ хононда шогирдонро ба хонда тавонистани онгуна хат ҳам водор мекарданд. Албатта, ба талабаи хурдсол ёд додани шеърҳои душворфаҳми Бедил як кӯшиши бефоида буд.

Дар мадрасаҳои Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд аз ҳаваскорони бедилдӯст davраҳои алоҳида ташкил карда ва дар атрофи ягон бедилшинос ғун шуда, дар шабҳои таътил бедилхонӣ мекарданд.

Дар Ленинобод (Хуҷанди пештара), ҳатто дар чойхонаҳо, куллиёт ё девони ғазалиёти Бедил ёфт мешуд, ки босаводони бедилдӯст дар давраи чойнӯшӣ бедилхонӣ мекарданд ва бесаводон ба онҳо гӯш дода ба қадри фаҳмашон фоида мебурданд.

Бештарин ғазалҳое, ки мо дар ин маҷмӯа дарҷ кардаем, ғазалҳоеанд, ки ҳофизони халқӣ месуруданд ва то имрӯз месароянд ва ба воситаи онҳо дар хотири омма нақш бастаанд.

Аммо Бедил шӯҳрати ҳақиқии худро дар байни оммаи халқҳо дар замони ҳукумати советӣ ёфт, ки мазмуни фалсафавӣ ва иҷтимоии асарҳои ӯ аз инҳисори (монополияи) тасаввуфчиён халос шуда ба омма расид.

## НУСХАИ АСЛИИ КУЛЛИЁТИ БЕДИЛ ВА ТАҲРИФИ ОН

Нусхаи аслии куллиёти Бедил он нусхаест, ки бо дастхатти худи шоир ва аз тарафи худаш тартиб ёфта, баъд аз вафоташ дар сари қабраш, ки дар хонаи истиқоматии худаш буд, гузошта шуда буд. Дар ин бора Ғуломалихони Озод дар саҳифаи 153 „Хизонаи Омира“ ин сатрро навиштааст: „...Куллиёташ назман ва насран мобайни навад ва сад ҳазор байт аст. Девони ғазали Мирзо манқул аз куллиёте аст, ки бар сари мазори ӯ мебошад“.

Бедил дар зиндагии худ барои таҳриф наёфтан ва ғалат нашудани асарҳояш бисьёр кӯшиш мекард ва ҳар кадом аз дӯстонаш, ки ягон асарашро талаб кунанд, заҳмати нусхабардориро ба гардани худ мегирифт ва таъкид мекард, ки ба ягон котиб нусха нагиронанд.

Чунончи: дар саҳифаи 12 „Руқаот“ дар мактубе ин маъниро ба як дӯсти худ ба тарзи илтимос таъкид менамояд:

„Уруҷи иқболи сухан мунҳасир аст дар он мартаба, ки табъи соҳибдиле масрури латоифаш тавонад гардид, ё нигоҳи соҳибназаре бар тааммули маънияш тавонад печид. Лиллаҳулҳамд соҳиби кадрдони мо ба афкори ин бесарупо таваҷҷуҳе мефармоянд ва ба лутфи амим таҳсине менамоянд. Аммо орзуи мустаманд мунтазири уммедест, ки ба саҳулат он чи манзури назари шавкасар гардад, хидмати таҳрири он ба дигаре муфавваз набошад (супурда нашавад). Дар сурате, ки худ ба тасвид (ба нусхабардорӣ) майл намоянд, ҳам таваҷҷӯҳи том дар боби маонӣ ҳосил аст, ва ҳам дар ин зимн қабули илтимоси Бедил...“.

Лекин ин ҳама кӯшиши шоир дар борап рост ва дуруст паҳн шудани асарҳои худаш бефоида рафт. Нусханависони камсавод бисьёр калима ва ҳарфҳоро ғалат навиштанд. Ин бас набуд, ки баъзе сохтакорони ноинсоф барои ҳаргуна мақсадҳои фосид ба номи ин мутафаккири бузург порчаҳои шеър сохтанд ва соддадилони шеършиносон порчаҳоро ба куллиёти ӯ даровcovered даровардаанд.

Дар хотимаи табъи куллиёти Бедил, ки дар Бамбай дар соли 1299 ҳиҷрӣ (1882 милодӣ) чоп шудааст, хотиманавис ин ҷумлаҳоро фахркунон менависад: „...Аввалан манқулун-анҳ (нусхае, ки аз вай нусхаи чоп бардошта шудааст) нусхаи саҳеҳа (рост) буд, сониян ба ҳар диёре, ки каломи Бедилро ёфтанд, фароҳам оварданд...“.

Инсоф бояд кард, аввалан, модом ки нусхае, ки аз вай нусхаи чопӣ бардошта шудааст, нусхаи рост бошад, аз ҳар диёр сухани Бедилро фароҳам овардан чӣ даркор буд?! Дуюм, модом ки нусхаи аслӣ он нусхаест, ки бо дастхатти худи шоир навишта шуда дар сари қабраш гузошта шудааст, мебоист нусхаи чопӣ аз вай бардошта гирифта мешуд. Агар он нусха нест шуда бошад, ё ин ки ба даст надарояд, аз нусхае ки бевосита, ё ин ки ба воситаҳои мӯътамад аз вай бардошта шудааст, фоида бурдан лозим буд. Дар ҳар ҳол аз ҳар диёр ба номи сухани Бедил ҳар чизе, ки ёфт шавад, фароҳам оварда ба „нусхаи саҳеҳа“ ҳамроҳ карда чоп намуда баровардан, куллиёти Бедилро бо порчаҳои шубҳанок пур кардан аст.

Сабаб ҳамин аст, ки дар нусхаи куллиёти Бедил чизҳое даромадаанд, ки бо мулоҳиза ва муҳокимаи чуқуртар асари ин шоир набудани онҳо маълум мешаванд.

Аз ин ҷумла ҳаҷви рофизиён аст. Дар чанд ҷои нусхаи чопаи куллиёти Бедил ва хусусан дар рубоиёт ҳаҷви рофизиён ҳаст. Ин ҳаҷвҳо чунон беадабона ва бо алфози қабеҳа тартиб ёфтаанд, ки шӯрапуштони кӯчагӣ ҳам аз гуфту шуниди онгуна суханҳо шарм медоранд.

Охир, файласуфе, ки байни куфру ислом фарқ намегузорад ва зоҳидонро бинобар мазҳабпарастиашон:

Май чорагари кулфати зӯҳҳод нагардид,
Тӯфон магар аз ӯҳдаи мазҳаб бадарояд?

гӯён танқид мекунад, инчунин:

Рӯзе ду дар ин анҷумани лаҳву лааб
Ҷамъияти ҳоли хешро бош сабаб!
Аз илму амал макӯш ҷуз бар ахлоқ,
В-аз мазҳабу миллат магузин ғайри адаб,

гӯён ахлоқи некро аз ҳаргуна илму амал афзалтар ва одобро аз мазҳабу миллат болотар мешуморад, на ин ки ба таассуби мазҳаб афтода дар ҳаҷви ғайри мазҳаби падару бобои худ ҳамон қадар калимаҳои беадабонаро кор фармояд?

Агар ҳаҷви рофизиён дар як, ё ду ҷои куллиёт вомехӯрд, тахмин кардан мумкин буд, ки шояд шоир дар ягон давраи ҳаёташ дар таъсири низоъҳои мазҳабӣ афтода он ҳаҷвияро гуфта бошад. Ва ҳол он ки онгуна ҳаҷв дар бисёр ҷои куллиёт дида мешавад. Пас маълум мешавад, ки ин кор тасодуфӣ набуда қасдӣ аст ва натиҷаи як қасди бад аст.

Пас ин қасди бадро кӣ кардааст? Чунон ки дар боло исбот ёфт, Бедил накардааст, балки он касоне, ки дар низоъҳои мазҳабӣ манфиатдор мебошанд, аз нуфуз ва обрӯи Бедил фоида бурда онгуна ҳаҷвияҳоро ба номи ӯ сохтаанд ва он чопачиёне ки „каломи Бедилро аз ҳар диёр фароҳам овардаанд“ он ҳаҷвияҳои қабеҳро ҳам, ба номи ӯ, ба куллиёташ даровардаанд.

Чунон ки дар шарҳи аҳволи замони Бедил баён карда шуд, дар аввалҳои давраи темуриёни Ҳиндустон ба воситаи муҳоҷирони Эрон ва Осиёи Миёна низои шеаву суннӣ ҳам ба Ҳиндустон даромад. Ин низоъ дар аввалҳои даври Акбар, ки бачаи хурдсол буд, ба воситаи уламо ва вазирони мутаассиб боло гирифт. Вақте ки сулҳи кул эълон

карда шуд, ингуна низоъҳои мазҳабӣ ва динӣ нисбатан паст шуданд. Лекин дар замони ворисони Акбар боз кам-кам онгуна низоъҳо ба рӯи кор омадан гирифтанд ва дар аҳди Оламгир, ки суннии мутаассиб буд, ривоҷ ёфтанд, баъд аз сари ӯ, ки ҳукумат тамоман аз интизом баромад, ҷангу ҷидоли ҳиндую мусулмон ва шеаву суннӣ боз ҳам шиддат ёфт.

Дар ҳамон замонҳо онгуна низоъҳо дар Эрон, дар Хуросон ва Осиёи Миёна хам авҷ гирифта буданд. Хоҳ дар Ҳиндустон бошад, хоҳ дар Осиёи Миёна—онгуна ҳаҷвияҳо сохта шуда ба тарзе, ки дар боло гуфта шуд, „аз ҳар диёр фароҳам оварда“ ба куллиёти ӯ дохил карда шуданд.

„Мавлоноҳои“ бисьёре ки дар тасҳеҳи нусхаи чопаи куллиёт мутасаддӣ шуда буданд ва дар хотимаи чоп бо алқоби тантанадор ёд карда шудаанд, аввалан худи онҳо аз ингуна низоъҳо берун набуданд, дуюм ин ки аксари онҳо онқадар муҳокима надоштанд, ки савобро аз хато ва дурустро аз ғалат имтиёз намоянд. Агар онҳо имтиёзе медоштанд, нусхаи чопа, ҳеҷ набошад, бо он қадар хатои китобат, ки ҳар хонандаи босавод ҳис карда меистад, чоп шуда намебаромад.

# ҚИСМИ ДУЮМ

*НАМУНАИ*
*АСАРҲОИ БЕДИЛ*

I[1]

# АЗ „ИРФОН“

## Достони Комде ва Мудан

Мутриби сози иқтидороҳанг
Мезанад нағмаи дигар бар чанг,
Ки дар иқлими Ҳинд шоҳе буд,
Гулнигину чаманкулоҳе буд;
Равнақи мулкаш аз тарабсозӣ
Ҳамчу гулшан ба ҷӯши гулбозӣ;
Ғулғули табли чоҳ—нағмахурӯш,
Ҷӯши гарди ҳашам—баҳороғӯш;
Дар замонаш зи нашъаи иқбол
Ҷоми май буд гардиши маҳу сол;
Рӯзаш—оинаи суманбӯён,
Шом—гесӯи анбаринмӯён.
Комде ном лӯъбати найранг
Дошт раққосаи тарабоҳанг,
Сад қиёмат зи шӯхияш гарде,
Сад баҳор аз гулаш раҳоварде.
Дар мақоме ки рақси мавзун дошт,
Хели товус гирди Маҷнун дошт.

[1] Ин достон дар „Ирфон“ аз саҳифаи 121 то 134 давом мекунад. Мо ба тарзе ки ба мазмуни ҳикоя халал нарасонад, интихоб карда гирифтем.

Ҷоми давраш ба ҳаркати ҳамвор
Ҳар куҷо дошт гардиши паргор.
Хатти соғар зи рашк хун мехӯрд,
Шӯъла ҷаввола мешуду мемурд.
Гар ба абрӯ шудӣ ишоранавоз,
Дар хами чанг мехазид овоз;
В-ар ба ангушт менамуд ишъор,
Об мешуд навои мусиқор;
Азми рақсаш ба қоматоройӣ
Ҳар куҷо кард фитнапаймоӣ;
Наргисашро ба гардиши андоз
Ду ҷаҳон бисмили муҳаррафи ноз;
То ба тоби камар шикаст кулоҳ,
Шӯри дилҳо гусихт риштаи оҳ...
Гар зи шӯхӣ гулаш арақ мекард,
Зӯҳра сад ҷо ниқоб шақ мекард;
То садояш фусунасар мегашт,
Аз адам умри рафта бармегашт.
Ҳосилуламр он биҳиштнамуд,
Харчи буд—офати ду олам буд!
Базми шаҳ бе руҳаш ҳузур надошт,
Бо ҳазорон чароғ нур надошт.
Ҳамчунон мутрибе Мудан номе,
Сархуши нашъае, тарабҷоме,
Дошт дар олами саводи[1] дигар,
Кӯси иқболи иштиҳори[2] ҳунар.
Илми мусиқиаш ба авҷи камол,
Бадри созаш тиҳӣ зи нуқси хилол;
Таҳту фавқи ҷаҳон—баму зераш[3],
Карда сайди каманд тасхираш...
Ҳар куҷо базми нағма мерост,
Зинда мемурду мурда бармехост.
Бо чунин ҷавҳареш дар ҳама ҳол

[1] Савод—дар ин ҷо ба маънои мамлакат, сарзамин, шаҳр.
[2] Иштиҳор—шӯҳрат.
[3] Баму зер—дар мусиқӣ оҳанги пасту баланд ва ғафсу борик;

Комде буд хор-хори хаёл.
Мешунид аз ҳунарварон яксар
Сифати он ниҳоли фитнасамар,
Аз навоҳои пардаи ахбор
Бехудӣ дошт захмааш[1] дар тор.
Ҷилваҳо дар либоси гуфтушунуд,
Гӯш медиду чашм ҳайрон буд.
Ҳар чи з-он шӯх хӯрд дар гӯшаш,
Буд таклифи рафтани хушаш.
Метапидаш дилу надошт паре,
Ки кашад сӯи он диёр саре.
Оқибат шӯри ҳасрати дидор,
Чун навояш бурун фиканд аз тор,
Бар димоғаш зад инқилоб чунун,
Хонд ваҳшат ба ғурбаташ афсун:
Бесару почу ашк хонабадӯш
Аз тапишҳои дил кушуд оғӯш,
Муддате маҳмили талош кашид,
То ба он шаҳри дилфиреб расид...

* * *

Тарабиншои иттифоқи замон
Ба наи хома рехт ранги баён,
Ки Мудан чун ба он диёр расид,
Ба чаман муждаи баҳор расид,
То расад сози нағмааш ба хурӯш,
Кард овози по навозиши гӯш...
Ҳама ҷо шӯхрааст дар ҳама ҳол
Саҳари офтоб дар дунбол.
Ба бисоте ки навбаҳор расад,
Рангу бӯяш аз иштиҳор расад.
Мақдамаш руфт аз он савод малол,
Кард ҳар сӯ сурураш истиқбол.

[1] Захманохунак—нохуни сунъӣ, ки бо вай торхои созро менавозанд.

Комде аз тараннуми хабараш,
Ракси бисмил[1] фишурд болу параш.
Лек бе амри шаҳ маҷол надошт,
Ҷуръати хоҳиши висол надошт.
Комилони бисоти илму фунун
Аз вурудаш заданд ҷоми шугун[2],
Нағмапардози базми шоҳ шуданд,
Ба сад оҳанг бозхоҳ шуданд,
К-„аз фалон гулшани биҳиштқафас
Андалебе фишонда боли ҳавас,
Дар тарабгоҳи мо зи авҷи қабул
Ҳамчу ваҳьяш фитода боли нузул;
Ба ҷамол—орзуи аҳли ҳузур,
Ба камол—интихоби илми сурур;
Ғулғулаш ҳар куҷо дамида фусун
Бодпаймост мандали[3] гардуч,
Бо навояш зи сози шармалам
Дафи ноҳид ҷабҳа шуста ба нам...
Ҳар куҷо ӯ тарона пардозад,
Сур ҷуз гарди сурма нафрозад,
Шӯри ҳар парда махви ҳайрати ӯст,
Бами ҳар соз зери хиҷлати ӯст...
Комдеро агар касест ҳариф,
Бар ҳамин мисраъ аст хатми радиф...
Оҳ азон табъи бехудитимсол,
Ки зи тазминашон нагирад фол“.
Баски дар васфи ӯ ғулӯ[4] карданд,
Шохро масти орзу карданд...

---

[1] Ракси бисмил—як навъ рақсест, ки раққос дар вақти бозӣ бо ҳаракатҳои худ ҳолати мурғи гарданбуридаи ҳанӯз ҷонаш набаромадаро нишон медиҳад.

[2] Шугун—фоли нек, муборак шумурдани чизе. Ин калима—дар забони зиндаи тоҷик ба шакли „шавгун“ кор фармуда мешавад.

[3] Мандал—I) доирае ки ҷодугарон ба атрофи худ кашанд; II) дар забони ҳиндӣ номи як навъ нақора. Шоир дар ин ҷо ҳар дуи ин маъниҳоро ҳам дар назар гирифтааст.

[4] Ғулӯ кардан—аз ҳад гузаронидан.

Фурсати интизор тангӣ кард,
Мӯҳлати вақт бедарангӣ кард:
Ҳукми тартиби маҷлиси гулу мул
Рехт дар гӯши ҳозирон ғулғул...
Пас ба фармони он баҳори ҳашам
Ҷӯши гул зад шаробу нағма ба ҳам,
Созу барги тараб муҳайё шуд,
Растухези нишот барпо шуд...
Маҷлисорои равнақи таъкид,
Он қадар дастгоҳи мино чид,
К-омад он ҷо суроғи шишаталаб
Олами бехудӣ ба дӯши Ҳалаб[1]...
Сад тараб сарфи як фараҳ гардид,
Сад харобот як қадаҳ гардид,
Шуд ба ранге баҳори гул хирман,
Ки ғалат кард ранг роҳи чаман.
Партави иттифоқи шамъу чароғ
Кард хуршедро ситамкаши доғ...
Зулмати даҳр ғӯта хӯрд ба нур,
Оламе шуд ба равшанӣ мастур...
Даррасиданд соқиёни тараб,
Ҷоми май дар кафу хаё бар лаб.
Тез карнанд мутрибони чигил
Нохуни дастгоҳи ковиши дил.
Қулқули шиша гашт раҳзани хуш,
Ғулғули чанг шуд қиёмати гӯш.
Мавҷ зад з-он тараннуму қулқул
Ишрат аз бому дар чу ранг аз гул.
Бехудон санг бар ҳиҷоб заданд,
Сояҳо ҷоми офтоб заданд...
Ранги май то занад ба соғарҳо,
Нашъа мекард реша дар сарҳо...
Нашъа гар майли нотавонӣ дошт,

[1] Маънои ин байт ба ҳамин асос ёфтааст, ки дар вақтҳои пеш шаҳри Ҳалаб дар кори шишагарӣ ном бароварда буд.

Хатти паймона нардбонӣ дошт.
Майкашӣ он қадар ба ҷӯш омад,
Ки хуми чарх дар хурӯш омад...
Олами обдарбағал—бати май[1],
Дафтари шӯъладаргиреҳ—хати най...
Рабти оҳанги созу мавҷи шароб
Ҷӯш мезад ба ҳам чу риштаву тоб...

* * *

Шоҳ он дам ки тарҳи ҷашн андохт,
Халке оинаи ҳавас пардохт,
Мутрибон ғайри айш насруданд,
Соқиён ҷуз тараб напаймуданд.
Шаш ҷиҳат аз фусуни нӯшо-нӯш,
Мавҷҳо зад муҳити нашъафурӯш.
Вақти он шуд ки Комдеву Мудан
Вараҷи сунъро[2] диҳанд шикан,
То расад дар тарабсарои хузур
Нусхаи дил ба интихоби сурур.
Гашт аз шавқи он ду раҳзани хуш
Гӯшҳо чашму чашмҳо ҳама гӯш,
К-ин ҷунуннағмаҳо чӣ оғозанд?
Дар саноеъ чӣ сеҳр пардозанд?
Аввалин соғари шуурребо
Ба Мудан кард ҳукми шавқ ато.
Омад он сози пардаи найранг
Шӯри чандин ҳазор фитна ба ҷанг,
Ҳамчу паргори нокушудақадам,
Карда поҳо ба якдигар тавъам,
Даст дар паҳлуи бағал дуздид,
Як алиф шакли най бурун ҷӯшид;

---

[1] Б а т—ба маънои мурғобӣ буда, „бати май" соғарест ба шакли мурғобӣ, ки дар замони пеш майнӯшони дарьёдаркаш шаробро дар ҳамингуна соғар менӯшиданд.
[2] С у н ъ—санъаг.

Дар назаргоҳи шоҳи айшэчод
Ба аламдорин камол истод.
На ба лаб аз тараннум оҳанге,
На нафасро зи зеру бам ранге...
Муддате маҳви бехурӯшӣ буд,
Шамъи ҳангомаи хамӯшӣ буд.
Дошт забти нафас дар он аҳвол
Нақби ковиш ба пардаҳои хаёл.
Лек касро набуд баҳраи ҳуш,
То чӣ мехонад ин фусуни хамӯш.
Баски вазъи тааммул аз ҳад бурд,
Оламеро ба изтироб афсурд.
Ҳозиронро нафас ба тангӣ зад,
Орзӯ бар шикастарангӣ зад.
Сабр чонкоҳу ваҳшат афзун буд,
Тоқати интизор мачнун буд,
К-аз саропош чӯш зад ҳуе,
Дуди дил—тобдода гесӯе.
Аз масомоти[1] ӯ кушуд оғӯш
Чунбони анйа[2] ҳазор ранг хурӯш.
Созҳо саркашид аз он пайкар
Ҳар яке олами навои дигар:
Арғунун арза дод пахлуяш;
Чанг гул кард вазъи зонуяш;
Мағзи уд аз кадуи сар чӯшид;
Риштаи чангро ба мӯ пӯшид.
Пас ба ҳар узви он чунунпардоз,
Баст сеҳри нафас бирешими соз...
Аз лаби сеҳркор гашт тараф
Ҳар табассум ба сад чалочули даф,
Шӯри аъсоби аз назар мастур,
Нағма ангехт чун раги танбӯр...

[1] Масомот—сӯроххои майдае ки дар пӯсти бадани одамӣ ҳастанд.

[2] Найанбон—номи созест, ки аз най ва чарм месозанд ва сӯроҳҳои бисьёр дорад.

Ҳамчунон муддатеш тӯфон буд,
Шаш ҷиҳат ғарқи чашми ҳайрон буд...
Гашт аз он сеҳркори шӯълаҳузур
Анҷуман бӯтаи гудози шуур.
Ҳуши ҳуззор[1] пар бурун овард,
Ошьёнҳои ранг холӣ кард.
Ҳар як аз хеш пеш тохта буд,
То ба худ ворасад—гудохта буд...
Ранг мерафту гарди таҳсин дошт,
Бехудӣ офарини рангин дошт.
Гарчи маҳфил ба сози ҳайрат буд,
Комде пештози ҳайрат буд.
Гардиши чашми қадрдонназараш
Нозҳо дошт назри гирди сараш,
Хами абрӯи марҳаботамҳид
Бар саропош саҷда мепошид.
Буд шаҳро ҳамоиле[2] дар бар,
Обрӯ силки[3] як муҳит гуҳар[4]...
Аз канори худаш бурун овард
Бару дӯшаш мукаллали[5] он кард...
Ҳар куҷо шуд камол оинадор,
Бурд сабр аз табиати ҳамкор...
Он қиёмат к-азӯ мушоҳида кард,
Шавқ бар Комде ҳуҷум овард,
Эҳтизозе[6] зи пайкараш ҷӯшид,
Ки ҷаҳонро ба ваҷди[7] дил пӯшид.
Бо ду олам ҷунуни ҳушгудоз
Бар дурахшид барқи шӯълаи ноз,

---

[1] Ҳуззор—хозирон.

[2] Ҳамоил—чизе ки аз бозӯ ва гардан овезанд, дар ин ҷо шаддаи марвориде мурод аст, ки подшоҳони Ҳинд барои зинат ба гардани худ меовехтанд.

[3] Силк—риштае ки ба вай марворид мегузаронанд.

[4] Дар ин байт шоир мегӯяд, ки ҳамоили подшоҳ чунон пуркимат буд, ки ба як дарьё гавхар обрӯ мебахшид.

[5] Мукаллал—дар ин ҷо ба маънои дурахшон.

[6] Эхтизоз—ҷунбиш аз хушҳолӣ.

[7] Ваҷд—ҳолати завқ ва шодӣ.

Як мухарраф[1] ниёзи сад бисмил;
Кард тоби миёни сабргусил
Чашми маст аз ишораи абрӯ
Зад сало[2] бар ҳазор дашт оҳу;
Ғунчааш то табассуме мекошт,
Чун саҳар домани ҳаво гул дошт;
Дасти рангин агар нишон медод,
Ба хурӯши ҳино забон медод;
Об мегашт, чун равон мешуд,
Чарх то мезад, осмон мешуд;
Рафта-рафта забона зад тавраш,
Гашт ҷаввола[3] шӯълаи давраш;
То ба ҷое расид ҷавлонаш,
К-аз қадам рафт фарқи домонаш,
Фахм орому рам муаммо шуд,
Пой домону доманаш по шуд...
Шамъе истода буду партави он
Ҳар тараф медавид болафшон;
Дошт дар кисвати ниёзи дигар,
Пеши ҳар фард рақси нози дигар;
То ба андоз даст меафрошт,
Гардани ҳар яке ҳамоил дошт;
Шӯхӣ он дам ки мекушуд оғӯш,
Буд лабрези ноз ҳар бару дӯш.
Маҳфил оинахона буд он ҷо,
Ки ҷуз ӯ кас наменамуд он ҷо
Яъне аз шӯхияш қарибу баид[4]
Ҳама кас дар бари худаш медид...
Лек бар анҷуман ҷунун зада буд,
Ҷоми идрокҳо ба хун зада буд,
Ҳама ғофил зи сеҳркории ӯ,
Ки чӣ дорад ҷунуннигории ӯ?

---

[1] Мухарраф—дар ин ҷо ба маънии шамшери каҷ.
[2] Сало—даъват.
[3] Ҷаввола—гардиши оташӣ, ки аз тез гардондани оташ ба назар менамояд.
[4] Баид—дур.

Мудан азбаски маҳви кораш буд,
Наъл дар оташи[1] нисораш буд,
Он ҳамоил ки подшоҳи ғаюр,
Карда будаш тирози гардани ур[2],
Бехудӣ карду по зи сар нашнохт,
Пеши пояш ба сад ниёз андохт:
К-он чи ман дорам аз сарафрозӣ
Беҳ ки халхоли[3] пои худ созӣ!
Сар ҳам ин ҷо нисор дар даст аст,
Лек аз шарми нокасӣ паст аст".
З-ин адо ранги шоҳ баргардид,
Шабнами лутфҳо шарар гардид,
Тофт чини ҷабини барқғазаб,
Оташ афтод дар бисоти тараб...
Ба димоғи ғурур зад тоҷаш,
Дод фармон ба заҷру ихроҷаш,
Ки „ба базми шаҳони мулки виқор,
Ҷуз адаб кист то биёбад бор?
Мутриберо ба ин тарона задан
Нест ҷуз теғ селии гардан!
Поси ташрифи[4] шаҳ надоштанаш
Сар ба дор аст—сарфароштанаш!
Кори ин хунгирифтаи худсар
Нагузоранд бар замони дигар!
Зуд аз ин кишвараш бурун оранд!
Аз ғубораш суроғ бардоранд!
З-ин ҷунунсози беадабоҳанг,
Гар бимонад нишони пои даранг,
Шаҳна[5] ронад ба теғи барқдамаш.

---

[1] Наъл дар оташ—киноя аз бекарор. Агар номи касеро дар наъл навишта дар оташ гузоранд, гӯё он кас беқарор мешудааст. Ин ибора ба ҳамин маънӣ аз ҳамин хурофот гирифта шудааст.

[2] Ур—бараҳна, урьён.

[3] Халхол—побанди зеварӣ.

[4] Ташриф—ин ҷо ба маънои хилъати инъомӣ.

[5] Шаҳна—миршаб.

То сараш пеш созад аз қадамаш.
Ҳар кӣ роҳи шафоаташ пӯяд,
Бояд ӯ ҳам зи сар қадам ҷӯяд![1]
В-он ки афсуни мӯҳлаташ хонад,
Зиндагӣ бо нафас бурун ронад!"
Шуд забонҳо ба арзи ҷуръат лол,
Ғайри таслим чора гашт маҳол...
Рабти сози нишот барҳам хӯрд,
Ҳар яке роҳе аз фирор супурд.
Даррасиданд ҷӯки[2] сарҳангон
Ба ситам бетаҳошиоҳангон[3],
Соғари ҳурматаш нагун карданд,
Ураш аз анҷуман бурун карданд.
Даҳр бо он таронаи ғулғул,
Бар сараш ногаҳон шикаст дуҳул.
З-он бисоташ ба ранги шамъи ҳамӯш,
Зиллату тирагӣ кашид ба дӯш.
Ончунон омадан, чунин рафтан,
Дошт аз нанг бар замин рафтан.
Мекашид он гурӯҳи беоҳанг,[4]
Рӯ ба хокаш ба ранги гесӯи чанг[5].
Комде ҳар тараф „Мудан“ гӯён,
Буд чун ашк дар қафо пӯён.
Кӯчаҳо дод чок бар ҷигараш,
То расонид хешро ба сараш.
Пеши он золимон ҷабин молид,
Гесӯи ноз бар замин молид,
К-„эй ҷаҳон масти даври ҷоми шумо!
Бод чандин замон ба коми шумо!

---

[1] Яъне ҳар касе ки ӯро шафоат кардан хоҳад, сари ӯ ҳам ба ҷои қадамаш мегузарад, яъне бурида шуда ғелида меравад.

[2] Ҷӯк—гурӯҳ.

[3] Бетаҳоши—бе яксӯшавӣ—бетахошиоҳангон—устуваристандагон дар қасди худ.

[4] Беоханч—дар ин ҷо ба маънои номувофиқ.

[5] Гесӯи чанг—киноя аз шилшилаҳои даври ҷанг аст, ки ҳамеша ба тарафи замин овезонанд.

Вақфи ман дар рамақсарои нафас,
Фурсати зиндагист имшабу бас.
То саҳар поси хотирам доред!
Субҳдам бо манаш бурун оред!
Ки хатоям вуболи гардани ӯст,
Оташам шӯълакори домани ӯст!
Нози ман ин қадар ҷунун овард,
Ки зи пероҳанаш бурун овард.
Гар, на доман занад нафас ба чароғ,
Аз чӣ дудаш кунад ситамкаши доғ?
Ҷурми ҳусн аст, ишқ озод аст,
Нақши Ширин балои Фарҳод аст!
Шамъ агар оташаш наяфрӯзад,
Рахти парвонаро кӣ месӯзад?
Ман гунаҳ кардам, ӯ уқубат бурд,
Мижа лағжид, ашк агар по хӯрд.
Мӯҳлате вақфи илтифот кунед!
Раҳмате мояи наҷот кунед!
Даври кӯтоҳии шаб он ҳама нест,
Нафаси субҳ то лаб он ҳама нест.
Ин ғарибӣ диёри нокомист,
Гарди саҳрои ибратанҷомист.
Аз мукофот[1] агар ҳазар доред,
З-ин ситамкушта даст бардоред...“
Ба амонхоҳии уқубаташон,
Ганҷи зар кард назри ришваташон.
З-ин мавоиз[2] таронаҳо сар кард,
То ба мӯҳлат ба хонааш овард.
Шамъ равшан шуду фурӯғ надошт,
Лофи партав ба ҷуз дурӯғ надошт...
То саҳар ин ду шамъ меафрӯхт,
Шӯъла пайдо набуду дил месӯхт;
Бар рухи ҳам агар нигоҳе буд,

[1] Мукофот—ин калима дар луғат умуман подоши амал—хоҳ нек аст, хоҳ бад бошад ҳам, дар адабиёти қадим ба маънои подоши амали бад кор фармуда мешавад.

[2] Мавоиз—мавъизаҳо—ваъз ва насиҳатҳо.

Хасратандуди ашку охе буд;
В-ар нафас боли ҳарф меафшонд,
Вараҳи ранграфта мегардонд,...
Буд дар чашми хокхӯрда нигоҳ,
Сурма дунболадори бахти сиёҳ;
Нола то во кунад ниқоби тааб,
Дуди дил мегирифт равзани лаб;
Ба нисори видоъ аз дили шақ[1],
Ҳама шаб ашк мекашид табақ;
Дар ғамободи яъс мезад бол
Ба сад андӯҳи шом субҳи висол.
Бар касе нагзарад зи сад мотам
Он чи аз васлашон гузашт ба ҳам...
Комде мезад аз пари бисмил
Ҳар нафас оташи дигар бар дил,
Дошт аз аҷзи бехудиэҷод,
Ба забони шикастадил фарьёд:
К-„эй ғариби ситамкаши айём!
Гарди субҳи тараб шикаста ба шом!
Ғурбат оташнишини аҳволат!
Бекасӣ доғи сурати ҳолат!
Кардӣ аз баҳри ман вадои ватан,
Хок бар фарқи ошноии ман!
Боядам тарфи доманат гирам,
Дар ҳавои ту парфишон мирам!
Сояворам ҷабинхироми вафо,
Лек метарсам аз ҷунуни қазо,
Ки занад ногаҳон дар ин дафтар
Ғайрати шоҳ оташе дигар.
Гар ба ин азм бишканам доман,
Бар ту резад ғубори ҷуръати ман.
Варна з-ин ҳастиям нафас хиҷил аст,
Хуни қурбонии вафо биҳил аст...
Гар бимирам, умеди васл куҷост?
В-ар бимонам, бақо тилисми балост!

[1] Шак—чок.

Доғи навмедии дили решам,
Мурдаву зинда—мушкили хешам!
На туро ихтиёри фурсати ноз,
На маро мӯҳлати замони ниёз...
Лек уммеди сабри рафта зи чанг
Метапад дар ғубори ин оҳанг,
Ки ба ҳар чо расад паи сафарат,
Нарамад аз ғубори ман назарат!
Гар зи васли гуле расӣ ба мурод,
Ранги бахтам фаромуши ту мабод!
В-ар насиме вазад ба гулзоре,
Аз ҳавас ёдам оварӣ боре!
Ки „даме пеш аз ин ба ин андоз
Бисмиле буд парфишони ниёз".
Ҷӯи обе агар равон ёбӣ,
Ё зи сарчашмае нишон ёбӣ,
Бар табу тоби ман кунӣ назаре,
Ки „ба ин ранг буд чашми таре"!
Дил ба ҳар нағмае ки шод кунӣ,
Аз мани навҳасоз ёд кунӣ!
Доштам дастгоҳи муште гард,
Доман афшонданат қиёмат кард.
Эй саропои ман парешонат!
Баъд аз ин ман куҷову домонат?
Меравӣ чун нигаҳ зи чашми тарам,
Бе нигаҳ баъд аз ин киро нигарам?
Рафт ранг аз гулам, чӣ боғ аст ин?
Рехт май бар замин, чӣ доғ аст ин?
Дар бари ҷон туию ҷон бо туст!
Дар дилӣ, лек дил ҳамон бо туст!
Бе дилу ҷон чигуна хоҳам зист?
Бар сарам бояд об гашту гирист!..
Кош, боле зи ранг гирам вом[1],
То расонам ба гулшанат пайғом.

---

[1] Вом—қарз.

Лек ҷуз хун шудан надорам соз,
Пеш рафтаст рангам аз парвоз.
Аз кӣ пурсам хабар ки бо дили ман
Ба куҷо бурд ишк маҳмили ман?
Бар мани норасои бепарубол
Ҳам ту раҳме кунӣ магар ба хаёл:
Ба насиме расониям хабаре
То нафас чинад аз бақо асаре...
Зиндагӣ гар чи доғи ҷонкоҳ аст,
Аз паёми ту тозагиҳоҳ аст..."
Шамъи яъсаш гудозе иншо кард,
Ки шунидан дари фиғон во кард,...
Ки Мудан з-он навои яъсоҳанг,
Дод минои дил ба гарди таранг[1].
Оташи Комде кабобаш кард,
Шарми он дилшикаста обаш кард.
Ба нами чашм ҷайби барқ дарид,
Ашк гул кард, лек шӯъла чакид.
Ба ҷунуни дили мушавваш зад,
Ҷамъ кард инфиолу[2] оташ зад:
К-„эй ҳавои ту барқи офати ман!
Шӯри ман, доғи сад қиёмати ман!
Гар харобам вагар ба ҳоли худам,
Ватановораи хаёли худам.
Он хаёлам туӣ ки дар ҳама ҳол
То ба маргам фитода дар дунбол.
Бе рухат сар ба сангу по дар неш,
Сайри рӯзи сиёҳ дорам пеш.
Дашту дар ғӯта хӯрда дар шаби ман,
Ба сиёҳӣ фасурда кавкаби ман.
Бе чароғам, зи дарду доғ мапурс!
Мебарам доғат аз чароғ, мапурс!..
Аз шумори қадам дар ин ҳомун,

[1] Таранг—дар ин ҷо мувофиқи истеъмоли аҳли Ҳиндустон, монанди „чаранг" ...ози шикастани шиша ва садои ба ҳам хӯрдани чизҳои металлӣ аст.
[2] Инфиол—дар ин ҷо ба маънои таассурот.

Мезанам по ба хоби бахти нагун.
Фикри ҷаҳди дигар надорам пеш,
Мекунам боз чашми ахтари хеш...
Аз хиҷолат дари ҷунун задаам,
Обам, аммо ба ҷӯши хун задаам.
Арзи хиҷлатбаёние дорам,
Дар арақ тарзабоние дорам:
Эй дилат бениёзи арзи ниёз!
Нафишонӣ ба сабр домани ноз!
Ҳар ки дар сабр даст бар дил баст,
Оина бо тараб муқобил баст.
Беқарорист дар ҷаҳони асаф,
Сурати рафтани мурод аз каф.
Коми дил дар канор дорад сабр
Ки зи ташвиш ор дорад сабр.
Дар сабурӣ шитобро раҳ нест,
Он висол асту ҳар кас огаҳ нест.
Сабр мегӯяд аз раҳи таскин,
К-эй талаб, домани мурод аст ин!..

Баъди талқини сабри яъснаворд
Посухе чанд назри ибрат кард:
К-„ин ҷунунфитратони ғарраи ҷо[illegible]
Аз ҳавас бар ҳаво фиканда кулоҳ,
Хамчу шамъ аз димоғи пучхаёл
Огаҳӣ нестшон зи доғи маол[1].
Баски бебокии нумӯ доранд,
Ба ҳаё сар фурӯ намеоранд.
Ин нумӯ ғайри беҳаёӣ нест,
Ҷавҳари ибратошноӣ нест.
Мағз ку, то саре фуруд оранд?
Пеши иқболи дил суҷуд оранд?
Чист иқбол?—Пешбин будан,
Осмон доштан, замин будан...

[1] **Маол**—дар ин ҷо ба маънои анҷоми кор.

Ба ғуруи „сарӣ“[1] дар ин бозор,
Ғафлат аз халқашон кашида канор.
Рӯзи эшон сиёҳ то нашавад,
Дида огоҳи пеши по нашавад.
Шамъро то саҳар намеояд,
Пеши по дар назар намеояд...
Чанд дарди сари димоғи ҳашам,
Шарм дор аз хаёли таблу алам!
Натавон ёфт бо ҳама ғавғо,
Мағзи гӯши дуҳул ба ғайри ҳаво...
Хайф бошад зи мағзи хӯрдаҳаво
Ба заифон баланд чиданҳо!..
Оламе дар тахайюли ҷабарут[2],
Дорад аз пашми ганда[3] боди бурут.
Хок бар фарқи раъяту[4] ҳашамаш!
Тиз[5] дар риши парчаму[6] аламаш!
Дар гадову шаҳи ғуруроин,
Фарқе афканда ҳиффату[7] тамкин...
Дастгоҳи шаҳони сар ба ҳаво,
Нест ҳамкаффаи[8] виқори гадо...
Ҳиммат он ҷо ки баста аст камар,
Мӯр бар шер бурдааст зафар...
Арақи саъи мард дар ҳама ҳол,
Нест бе обьёрии иқбол.
Кӯшиши мард агар қадам соядл,
Осмон бо замин ба ҳам соядл.
Нанги ҳиммат хаёли бешу кам аст,
Ғайрат он ҷо ки ҷӯшзад—ҳашам аст.

---

[1] Сарӣ—сардорӣ.

[2] Ҷабарут—азамат, бузургӣ.

[3] Пашми ганда—мӯи зери ноф ва зери бағал.

[4] Раъят—байрақ.

[5] Тиз—боде ки аз паси одам ва хайвон мебарояд.

[6] Парчам—пӯпаки абрешимин, ё думи гови кӯҳӣ—қутос, ки бар сари байрақ мебастанд.

[7] Хиффат—сабукӣ.

[8] Каффа—паллаи тарозу.

Пас дарин арсаи талошғубор,
Нест саъи касе ба яъс дучор.
Ман ҳам охир тазаррӯе[1] дорам,
Масти ашкам тачаррӯе[2] дорам:
Умрҳо шуд зи пардаи ранге
Хӯрда бар гӯши шавқам оҳанге.
Яъне аз мӯъбадони[3] фаррухфол
Мужда дорам, ки дар ҳудуди Шимол,
Нахли файзест дар биёбоне,
Тубиюл[4] аслу[5] сидра[6] ағсоне[7]
Орзу решаи давидаи ӯ,
Коми дил меваи расидаи ӯ...
Гар фитад доманаш ба дасти чанор,
Панча ёзад ба гӯшмоли баҳор,
Шохи беде гараш кашад дар бар
Бар наёяд ҳамаш зи бори самар.
Ҳар ки дар сояаш қарор гирифт,
Чатри[8] хуршедаш эътибор гирифт.
Ҳар ки бе пову сар расид он чо,
Бе такаллуф ба бар расид он чо..
Меравам то ба он дарахт расам,
Шояд аз сояаш ба бахт расам.
Пеши ҳиммат гадоие дорам,
Саъи бахтозмоие дорам.
Гар расидам чаҳон ба коми ман аст,
Бода ҳар чост вақфи чоми ман аст,
В-ар набурдам ба муддао роҳе.
Рафта бошам ба чодаи оҳе".

---

[1] Тазаррӯъ—зорӣ.
[2] Тачаррӯъ—чуръанӯшӣ, андакнӯшӣ.
[3] Мӯъбад—донишманд (дар забони паҳлавӣ).
[4] Туби—номи дарахти афсонавӣ дар чаннат.
[5] Асл—дар ин чо ба маънои реша.
[6] Сидра—номи як дарахти афсонавӣ дар осмон.
[7] Ағсон—шохҳои дарахт.
[8] Чатр—соябон.

Пас баровард аз канор гуле,
Сеҳррангу фусунбаҳор гуле,
„К-ин тилисми нафасшумори ман аст,
Мухбири умри мустаори[1] ман аст.
Набарӣ, эй баҳори нозсамар!
Заҳмати қосиду паёми дигар!
Гоҳ-гоҳе ба даъвати иқбол
Назаре кун чамантирози хаёл!
Хабари ман ба ҳар қабули тааб,
Аз ҳамин номаи кушуда талаб!
То дарин гул зи хуррамӣ асар аст,
Ҳастиям аз сабот сарфабар аст,
Чун ба рангаш занад шикастан чанг,
Шишаамро расида гир ба санг!“[2]
Шамъи фурсат фасонахонӣ дошт,
Ба сад андарз[3] тарзабонӣ дошт,
Ки ба шӯри раҳил зад нафасе,
Номаи субҳ дар бағал чарасе,
Корвони ҳузури сӯзу гудоз,
Бори анҷом баст бар оғоз,
Аз саропои он вадоъкамин
Парфишон шуд нигоҳи бозпасин,
Маҳмили чоки дил кашида ба дӯш,
Чун саҳар як вадоу сад оғӯш,
Паи нахли умед фол гирифт,
Ба таваккул раҳи Шимол гирифт.

* * *

Навҳасози ҷудоии ҷонкоҳ
Мекушояд раҳе[4] ба арсаи роҳ,
К-он тазаллумғубори дашти ситам,
Ҷараси[5] корвони водии ғам,

---

[1] Мустаор—ориятӣ.
[2] Яъне маро вафотъёфта ҳисоб кун.
[3] Андарз—панд, насиҳат.
[4] Раҳ—дар ин ҷо ба маънои мақом ва ҳавои мусиқӣ.
[5] Ҷарас—зангӯлаи шутур.

Ногузири табиати маъзур,
Гашт аз васли Комде маҳҷур...
Ба сад оҳанги изтироб ҷарас
Маҳмилаш мекашид нолаву бас,
Ҳар кадам ранҷи пеши по мебурд,
Ҳайраташ рӯй бар қафо мебурд...
Муддате по ба дӯши обила дошт,
Хори саҳро ғизои ҳавсала дошт.
Мерасидӣ ба ҳар табу тобаш,
Аз гудози ҷигар дами обаш.
Бар хасу хор сина мемолид,
То ба он нахли комбахш расид.
Дӯхт бо решааш зеҳи доман,
Кард дар сояаш чу соя ватан.
Рӯзгоре ба нолаҳои ҳазин,
Хост коми дили умедкамин...
Шӯри сад дашту дар ба ҳам овард,
То ҷунунро ба хона даъват кард.
Бехудӣ гашт мутриби созаш,
Рабти қонун гусехт овозаш.
Ҳар қадар лаб ба нола мефарсуд,
Сурати Комде мухотаб буд.
Бод барге зи шох меҷунбонд,
Оҳаш аз яъс бол меафшонд.
К-„эй санам ин қадар машав чолок!
Кафи ту ноз гашту даф бебок!“
Гар ғизоле ба гирд рам мезад,
Шӯълаҳо дар дилаш алам мезад:
„Сӯхтӣ ин қадар рамидан чист?
Кас дарин дашт нест ваҳшати кист“ ?
...Гаҳ чу масрӯъ[1] дасту по мезад,
Бар худ аз бехудӣ сало мезад:
К-„эй Мудан, рахт азин бисот мабар!
Соате рақси Комде бингар!“

[1] Масрӯъ—касе ки ба бемории саръ гирифтор бошад.

Ба забони ҷунун суханҳо дошт,
Ҳайратошӯб анҷуманҳо дошт,
Ҳар замон маънии дигар мебаст,
Ҳар нафас мисрае дигар меҷаст.
Гоҳ гуфтӣ зи олами воҳи[1]:
„Комде, омадам чӣ мехоҳӣ?!
Нестам он қадар ҷудо аз ту,
Ки кашам хиҷлати „биё!“ аз ту“
Гоҳ гуфтӣ: „Саломи ман бирасад,
Аз ту бар ту паёми ман бирасад.
Рафтаам, лек дар қабои туам,
Дурам, аммо ҳамон ба ҷои туам“
Гоҳ гуфтӣ: „Ба дил хазидан чист?
Хор агар нестӣ халидан чист?
То кай озори роҳатам додан?
Ин қадар дар ҳалокам афтодан?“
Гоҳ гуфтӣ: „Зи рақс вомондӣ,
Ки ба ман домане наяфшондӣ!
Орзӯ мурд аз гаронии дил,
Тапиш афшурд дар пари бисмил“
Гоҳ гуфтӣ: „Таронае сар кун!
Хотирам ҷамъ нест абтар кун!
Даъвии тоқат интизоркуш аст,
Боду шерозаи ғубор хуш аст“
Гоҳ гуфтӣ: „Ба дил чӣ мекардӣ?
Ки ба ҷисмам қиёмат овардӣ!
Бо муруввat надоштаст ҳисоб
Саъи вайронии ду хонахароб“
Гоҳ гуфтӣ: „Дил ошнои ту нест
Ин мақоми ман аст ҷои ту нест.
Гар, на аз баҳри рафтан омадаӣ,
Пас чаро ҳамраҳи ман омадаӣ?!
Гоҳ гуфтӣ: „Биё баҳам сӯзем!

---

[1] Воҳӣ—дар асли луғат маънии ин калима „суст“ аст, аммо дар адабиёт дар бораи суханҳои беасл, беасос ва бемаънӣ кор фармуда мешавад.

Тирарӯзем, шамъе афрӯзем!
Зулмати даҳр, гӯ, нагирад рам!
Хона равшан кунем аз оташи ҳам"
Гоҳ гуфтӣ: „Куҷост меҳру чӣ кин?
Соате аз барам ҷудо биншин!
Соя аз меҳр ранг мебозад,
Қурби оташ ба мӯ намесозад"
Гоҳ гуфтӣ: „Биёву зуд биё!
Бехудӣ аз худам рабуд, биё!
Фурсатоғоии ғубори саҳар
Нест маҳмилкаши дами дигар"
Гоҳ гуфтӣ: „Хабар мапурс аз ман!
Бедимоғам, дигар мапурс аз ман!
Он қадарҳо нарафтаам аз хеш,
Ки ба овоз додан оям пеш"
Гоҳ гуфтӣ: „Чӣ мекунад нигаҳат?
Ки шудам сурма дар ғубори раҳат!
Бар тағофул бисоти ноз мачин!
Огаҳӣ муфти фурсат аст, бубин!"
Гоҳ гуфтӣ: „Табассумат чун аст?
Ки нафас бар лабам раги хун аст!
Он ҳилол аз чӣ ранг дорад ҷом?
З-он саҳар рӯзи кист ташнаи шом?"...
Гоҳ гуфтӣ: „Зи паҳлуям бархез!
Беш азин хуни ман зи ғусса марез!
Рабти улфат гули надонат шуд,
Ин муҳаббат нашуд, қиёмат шуд"...
Гоҳ гуфтӣ: „Машав муоянаам!
То халал нафканӣ дар оинаам!
Тӯи ин ҷо, на арзи раъноӣ,
Дар чунин хилват аз чӣ меоӣ?"
Гоҳ „ҳон!" дошт, гоҳ „не" мегуфт,
Ҳар чӣ мегуфт „Комде!" мегуфт.
Гар саволе вагар ҷавобе дошт,
„Комде!—Комде" хитобе дошт...
Ҳосили қисса он ки он бедил

Дошт дар сояи шаҷар[1] манзил.
Шавқи бетоб тарҷимонаш буд,
Номи маъшуқа бар забонаш буд.
Шӯри он сози имтидодкаманд[2]
Доми таъсир бар ҷиҳот[3] афканд
Ваҳшу[4] тайри[5] саводи он саҳро
Баст минқору лаб зи савту садо,
Баски бо созаш ошно гаштанд.
Як қалам[6] „Комде"-наво гаштанд.
Сад забон маҳви як сабақ гардид,
„Мантиқуттайр"[7] як варақ гардид.
Месуруданд бо ҳазор оҳанг
Номи он фитнаи ба дил зада чанг.
Қурби соле бар ин баҳор гузашт
Ҳама як фасли интизор гузашт.
Бе хӯру хоб умр бурд ба сар,
То зи тобу табаш намонд асар.
Бе ғизой ба ҳам зад аҷзояш,
Хӯрд нохӯрдан оби аъзояш.
Ранги тоқат шикасту тоб гудохт
Гуфтугӯ маҳв шуд, ҳисоб гудохт.
Нола афтод дар шумори нафас,
Субҳи хамьёза шуд ғубори нафас,
Ба мақоме расид заъфи куво,
Ки зи имдоди ҳам нишаст ҷудо,

---

[1] Шаҷар—дарахт.

[2] Имтидодкаманд—дарозкаманд, камандаш дароз.

[3] Ҷиҳот—ҷиҳатҳо, сӯҳо.

[4] Ваҳш—ваҳшиҳо.

[5] Тайр—паррандаҳо.

[6] Як калам—яксара, ҳамагӣ.

[7] Мантиқуттайр—маънии ин сухан „забони мурғон" буда, номи асари машҳури Фаридуддини Аттор аст, ки дар вай аз забони мурғон ҳикояҳои гуногун карда шудааст. Шоир дар ин байт гуфтан мехоҳад, ки „ҳамаи мурғон" „Комде" мегуфтанд, азбаски дар ин ҷо ҳамаи мурғон дар бораи як ҳикоя—Комде гап мезананд, ҳикояҳои гуногуни „Мантиқуттайр", ки аз забони мурғони гуногун накл ёфтааст, як варақ шуд—яъне як ҳикоя шуд".

На ба лаб кудрати нафас дорӣ,
На ба нохун умеди сархорӣ.
Мерасидаш чу субҳ бо ҳама таб
Дар шабу рӯз як нафас то лаб...
Гарчи аз умр созу барг надошт,
Зиндаи ишқ буду марг надошт...

* * *

Қиссапардози сурати аҳвол
Гуфт баъд аз тамаддуди[1] як сол,
Сипарӣ[2] шуд замони навмедӣ,
Шаб баромад ба нури хуршедӣ:
Подшоҳе ба иттифоки[3] шикор
Кард бар самти он савод гузор,
Инкилобе дар он биёбон дид,
Ки ба сад шӯри ҳашр натвон дид,
Аз ҷиҳоташ ғубори ғам мезод,
Ҷӯши тангӣ фишори дил медод.
Ҳар насиме ки бар димоғаш хӯрд
Дил ба бӯи баҳор доғаш бурд,
Гар гуле з-он фазо намоён буд,
Ранг чун чоки дил ба домон буд,
Сабза гар мезад аз тароват ҷӯш,
Буд мижгони ашк дар оғӯш,...
Ҳайъати ҷодаҳои хобида,
Оҳе аз заъф хок лесида,
Риштаи ноумедии сoзе,
Ба кашокаш гусиста овозе,
Гард чандон ки парфишонӣ дошт,
Тапиши дил ҷунунъиконӣ дошт...
Чун ба зеру бами туюр[4] расид,
Нағмае ғайри „Комде“ нашунид.

---

[1] Тамаддуд—дарозкашӣ.
[2] Сипарӣ шуд—гузашт.
[3] Иттифок—дар ин ҷо ба маънои тасодуф.
[4] Туюр—паррандаҳо.

Тӯтиву зоғ то танини[1] магас
Карда парвози як наво ба қафас.
Шӯри ин сози Комдеоҳанг
Зад ба домони изтиробаш чанг,
Фаҳми он нағма беқарораш кард,
Ҳасрати дил тапишсавораш кард.
Гашт бо ҳозирони пои рикоб[2],
Беқаророна гармҷӯши хитоб:
„К-ин наво дил ба дард меорад,
Бӯе аз оҳи сард меорад,
Ҳар тараф шӯри „Комде“,—чӣ навост?
Ин иборат таронаи чӣ балост?“
Табъро мастн носабурӣ[3] дид,
Саъи тафтиши он зарурӣ дид.
Рахши таҳқикро инон сар дод,
Ҷустуҷӯро ба ҳар макон сар дод,
Ҳамчунон мекашид бӯи вусул,
То шуд он нахл ошьёни нузул.
Дид шахсе ба пои нахл нагун,
Решае карда сар зи хок бурун,
Муталошӣ[4] ба ҳасрат аҷзояш,
Хӯрда ошуфтагӣ саропояш,
Баски хусбида[5] бе ғизо, бар ҳам—
Рафта чун соя фарқу пушту шикам,
Хушкӣ аз бас фишурда пайкари ӯ,
Решавораш намонда нои гулӯ,
Мурда, аммо нафас каминасар,
Зинда дар хоку, хок карда ба сар,
Тапише хуфта дар таби нафасе,
Пари ранге шикаста дар кафасе.

---

[1] Танин—садои ғинг-ғинг.

[2] Ҳозирони пои рикоб—касоне ки дар вақти савора сайру сафар карда-ни подшоҳ ба ӯ ҳамроҳ бошанд.

[3] Носабурӣ—бесабрӣ.

[4] Муталошӣ—пошхӯрда;

[5] Хусбида—хобида.

Пешаш аз борагӣ[1] фуруд омад,
Абри раҳмат ба хушкрӯд омад.
Бар заифеш эҳтиёт гумошт,
Сар зи хокаш ба сад адаб бардошт.
Аз тараҳҳум раҳи тадорук чуст,
Кард дил обу гардаш аз тан шуст,
Рехт тадбири маслиҳатгораш,
Шарбате дар гулӯи бемораш.
Реша афсурда буд, обаш дод,
Шамъ мешуд хамӯш, тобаш дод,
То нафас аз намаш лабе тар кард,
Андаке ҷунбиши нумӯ сар кард.
Чун нафас бар садо кушуд оғӯш,
„Кѳмде“ гуфту боз рафт аз ҳуш.
Пас ба такрор оҳаш аз дил ҷаст,
Ба ҳамон ном лаб кушуду бубаст.
Табъи шоҳ аз навои такрораш,
Бурд роҳи ба сози асрораш:
„К-ин ба доғи фироқ сӯхтааст,
Дида аз ғайри ёр дӯхтааст,
В-ин ууюре ки Комдегӯянд,
Дарсхонони мактаби ӯянд,
Чӣ қадар нола ҷаста аз созаш,
Ки ба мурғон танида овозаш.
Умрҳо бояд ин ки нолаи дил,
Ваҳшу тайраш чунин кашад маҳмил“
Бурд савдои ҳайраташ аз хеш,
Ба ҷунуни тараҳҳум омад пеш:
К-„эй чароғи нишаста дар раҳи бод!
Бар ту ошӯби домани кӣ фитод?
Оґаҳам кун зи сурати ҳолат!
То чӣ сурат фитода дунболат?
Фазл дасти ҳимояте дорад,
Дар заифон сирояте дорад“,

---

[1] Борагӣ—асп.

Мӯи чинихурӯши сурманаво
Ба забони шикаста кард адо,
Дами теғе ки саргузашташ буд,
Ба баён об доду лаб накушуд.
Гардиши ранги он тазаллумкеш[1],
Зад муҳарраф ба табъи раҳмандеш,
Хӯрд бар ҳиммати баланд қасам,
Ки „дарин шӯълазори барқситам,
То наме дар ҷабини саъи ман аст,
Сарфи ин оташи забоназан аст.
Нарасам гар ба доди ин мазлум,
Хок бар фарқи ҷоху шавкати шум!"
Бетаваққуф ба ҳукми азми дуруст,
Кард ғайрат камар ба ҳиммат ҷуст.
Қосидеро хати ғаромат[2] дод,
Дарси таҳдид аз надомат дод,
То паёми ваиди[3] чорагусил
Бирасонад ба он ситамгари дил:
„К-эй мурувват рамидаи зотат!
Ситам оинадори оётат![4]
Ҳайф бошад, ки оби аҳди камол
Гардад аз зулмат ин қадар помол.
Хосса ин наъшакомиле ки ҷаҳон
Аз назираш[5] надода ранги нишон,
Музди сунъе ки ин ситамзада кард
Ба тасаввур наметавон овард.
Ҳар ки тасвири ин хаёл кашад,
Ҷон кашад пешу инфиол[6] кашад.
Агар инсофат ошно мебуд,
Дар адои ҳақаш хаё мебуд.

---

[1] Тазаллум—додхоҳӣ аз зулм; тазаллумкеш — мазлуми додхоҳ.
[2] Ғаромат—товон, хати ғаромат—хати товонталабӣ.
[3] Ваид — ваъдаи ҷазои бад.
[4] Оёт— дар ин ҷо ба маънои аломат, нишона.
[5] Назир—монанд.
[6] Инфиол—дар ин ҷо ба маънои шарм.

Хоричоҳангие[1] ба иззи чалол[2],
Аз чунин шахс агар расад ба хаёл,
Узри ҳолаш зи хулқ бояд хост,
Адаб аз бехудоён наёяд рост.
Дар муҳаббат чунун ҳам обод аст,
Лек чашми ғурур дар хоб аст...
Собиқ афтода назди огоҳон,
Бар ғазаб ҳукми шафқати шоҳон.
Ҳар киро бахти шод зистан аст
Бар ғарибе чунин гиристан аст.
Гар расидӣ дилат ба фарьёдаш,
Кардӣ аз васли Комде шодаш...
Мачлисоро зи манъӣ парвона,
Шамъи бенур бурд дар хона,
Кишти мунъим[3] гирифт барқ ба меғ,
Ки зи дарвеш ҳӯша дошт дареғ,
Чӣ сулаймонӣ аст, эй ғофил!
Дона гирӣ зи мӯри даст ба дил?
З-ин тачаммул дилат агар шод аст,
На тачаммул[4] тазалзулобод аст.
Баъдазинат талофии мофот[5]
Дорад аз чанги интиқом начот.
Мудан имрӯз додхоҳи ман аст,
Бехудиҳош умркоҳи ман аст,
Комдеро агар фиристодӣ,
Доди хурсандии чаҳон додӣ,
В-ар тағофул задӣ барин тақдир
Занги дилҳо ба дӯши оина гир!"
Дар қафои бариди[6] фатҳиқбол
Кард бо фавчи қудрат истеъчол[7].

---

[1] Хоричоҳангӣ—бетартибӣ, беодобӣ.
[2] Иззи чалол— иззати бузургӣ.
[3] Мунъим—доро.
[4] Тачаммул—бузургӣ нишондиҳӣ, худнамоӣ.
[5] Талофии мофот—пур кардани чои чизи аз дастрафта.
[6] Барид—номабар, қосид, чапар.
[7] Истеъчол—шитоб.

* * *

Қосид он дам ки шуд паёмгузор,
Зад чунун бар димоғи он ҷаббор,
Гуфт: „Баргард аз ин мақоми хатир![1]
Сӯи он вонзи ҳавотақрир,
То забонат дари қафоназанад[2],
Сарат аз дӯш фоли по назанад[3]!
Ҳарфи ирсоли зан ба ин таҳдид,
Натавон аз забони мард шунид.
Пеши мардон ба ҷубн[4] тан додан,
Нест камтар зи нанги зан додан.
То сари ман вадиати[5] дӯш аст,
Деги ғайрат ҳамон чунунҷӯш аст,
То нафас нест аз асар навмед,
Аксаш[6] оина ҳам нахоҳад дид.
Феъли шоҳон магир товонӣ[7],
Ки кашад хиффати[8] пушаймонӣ...
З-он чунунҷуръати тариандуд[9],
Оташи ман ҳанӯз дорад дуд.
Ҷуз карам нест ин ки соҳиби тоҷ,
Қобили қатлро кунад ихроҷ.
Иқтизои камоли раҳмат буд,
Ки ғазаб ҳукми куштанаш нанамуд.
Ту кунун додхоҳаш омадай?
Пуштбони гуноҳаш омадай?
Ҳарза бар худ вубол мебандӣ!
Бар сипоҳӣ ғурур механдӣ!

---

[1] Хатир—бузург, азим, боҳурмат.
[2] то ки забонат кашида нашавад.
[3] то ки сарат бурида нашавад.
[4] Ҷубн—тарсончакӣ;
[5] Вадиат—амонат;
[6] Аксаш—акси Комдеро,
[7] Маънои ин мисраъ „феъли шоҳон ҷиддӣ аст ва товонталаб нест“ гуфтан аст.
[8] Хиффат—дар ин ҷо хорӣ.
[9] Тариандуд—киноя аз тардоман—нопокдоман аст, ки мақсад Мудан аст.

Гарди ин роҳ бӯи хун дорад,
Фитнаи беамон ҷунун дорад.
Гар дарин арсаат муҳобо[1] нест
Теғи ман ҳам наёмфарсо нест"[2]

* * *

Субҳ к-аз фитнаҷӯшии даврон,
Гардиши чарх теғ зад ба фасон[3],
Гашт аз он гардиш орамидан гум
Ҷаст яксар шарораи анҷум,
Офтоб аз шуои барккамин
Бар синон баст миғфари заррин,
Дар димоғи ду шаҳ ҷунун печид,
Бӯи тӯфони сели хун печид.
Даъвати сулҳ монд номасмӯъ,
Бар фасод ӯфтод азми руҷӯъ.
Офат аз шаш ҷиҳат талотум кард,
Офият кӯчаи амон гум кард.
Танг гардид арсаи имкон,
Рафт майдон ба хонаҳои камон.
Зад нафас бол аз дами шамшер,
Ошьён баст амн дар пари тир.
Сози оҳанги фитна шӯр андохт,
Ду қиёмат муқобили ҳам тохт.
Ғулғули кӯсу карраною нафир
Сурро кард ноумеди сафир...[4]
З-он хурӯше ки дошт тӯпу туфанг
Мепарид аз рухи қиёмат ранг...
Гашт аз барқи савлати бетоб,
То дили кӯҳ заҳраҳо ҳама об...
Эминӣ кард аз табоеъ рам,

---

[1] Муҳобо—ба маънои сулҳ.
[2] Наёмфарсо набудани теғи касе—кинoя аз ҷангҷӯ будани соҳиби он.
[3] Фасон—чархи тезгарӣ, қайрок.
[4] Сафир—садо.

Шуд саломат ғубори дашти адам...
Табъи гардун забона сар медод,
Аз масомот чун дами ҳаддод[1].
Пурдилонро азон гузаргаҳи танг,
Мағз меҷаст аз устухон чу туфанг.
Аз амуди гарон нишаст баҳам—
Нохуни пову абрувон—тавъам.
Аз тани паҳлавон дарон заду гир.
Марг мечид мӯи сар зи хамир...
Чун ҳубоб аз талотуми сарҳо,
Дошт дарьёи хун кадуи шино.
Кафи лабҳо расонд абр ба авч,
Дасту пои бурида мезад мавҷ...
Монда қолаб тиҳӣ зи риштаи оҳ
Синаҳо ҳамчу мокуи ҷӯлоҳ[2]...
Баски пушти табар ба зарби гарон
Хурд мекард устухони ялон[3],
Аз зиреҳ мепарид бе эҳмол[4]
Ба такондан чу об аз ғирбол[5]
Чун ду шамшер мерасид ба ҳам,
Сад киёмат нафас задӣ ба ду дам.
Ду сипар ҳар куҷо ба ҳам мехӯрд,
Нӯҳ фалак сар тахи пар мебурд.
Аз шукӯҳи таҳамтанӣ мекард
Кори чандин туфанг наъраи мард...
Баски сарҳо ба якдигар мехӯрд,
Гурз хиффат зи зарби худ мебурд...
Сар дарон маъразе[6] аҷалтӯфон
Ҷуз синон[7] гардане надод нишон...

---

1 Ҳаддод—оҳангар.
2 Ҷӯлоҳ—бофанда.
3 Ялон—паҳлавонон.
4 Бе эҳмол—сахл нагирифта; пайваста.
5 Ғирбол—ғалбер.
6 Маъраз—намоишгоҳ.
7 Синон—найза.

Банд-банди сипоҳ тир намуд,
Баски омоҷгоҳи[1] ғайрат буд,
Ҳамла мебурд бо ҳазор хурӯш
Хар тараф шери найситон бар дӯш.
Гар ҳама сар зи тан ҷудо мешуд,
Ба талоши ҳариф по мешуд...
Узвҳо аз шикофи пероҳан
Аждаре буд боз карда даҳан...
Баски гардид аррадандона—
Теғ, мезад ба мавҷи хун шона...
Лолавор аз канор мезад ҷӯш
Лахтҳои ҷигар сипар бар дӯш...
Пои чахд омад аз талош ба санг,
Мижа монд аз нигаҳ ба сад фарсанг...
Марг рахши ҳаёт пай мекард,
То нафас ним гом тай мекард.
Бо вуҷуди гудози саъи нафас,
Оташи кина дошт шӯълаву бас...
Меҳмонони даъвати[2] мурдан
Сер гаштанд аз баҳам хӯрдан.
З-он ду саф дар назар намонд, касе,
Ки расонад ба таъзият нафасе.
Ҳама кас дар паноҳи марг гурехт,
То ҳамон хок, хок бар сар рехт.
Охир ин разм мӯягар[3] нагузошт,
Хун сияҳпӯш гашту мотам дошт.
Лек аз он ҷо ки золими манкуб[4],
Нест анҷоми кор ҷуз мағлуб,
Камтар афтад ки давлати золим,
Монад аз офати қазо солим,

---

[1] О м о ҷ г о ҳ—нишонгоҳ.
[2] Д а ъ в а т—дар ин ҷо ба маънои зиёфат.
[3] М ӯ я г а р—нолишгар, навҳагар.
[4] М а н к у б—бадҳол, хароб, накбатзада, сарпаст.

Хоки он бевафо[1] ба хун тар шуд,
Подшоҳи Мудан музаффар шуд.
Ҳар ки имдоди бедилон дорад,
Аз завол ахтараш амон дорад,
Қасри иқбол ҳар куҷо барпост,
Нардбонаш ҳимояти зуафост[2]...

* * *

Ҳайратоғози улфати дилҳо
Мекунад хатм достони вафо,
Ки чу он растухез монд зи ҷӯш,
Шуд фалак деги фитнаро сарпӯш.
Ғулғули фатҳи шоҳи некахтар
Оламеро зи амн дод хабар.
Бо Мудан муждаи зафар он кард,
Ки ба хок аз баҳор натвон кард.
Бурд ваҷдаш ба осмони дигар,
Кард болиданаш ҷаҳони дигар.
Ҳамчунон Комде ба завқи навид,
Боғ мешуд, баҳор меҳандид,
З-он гули рози ёдгори Мудан,
К-аз тараб дошт дар баҳор ватан,
Ҳар дам осори тозагӣ медид,
Ҳар нафас навбари дигар мечид.
Ҳуҷрае карда буд гулшан азӯ,
Хонаи чашм дошт равшан азӯ.
Ҳама авқот[3] тавфи[4] ӯ кардӣ,
Гоҳ дидиву гоҳ бӯ кардӣ,
Чун гирифтӣ ба бар, чаман гаштӣ,
Чун назар кардӣ, анҷуман гаштӣ...

---

[1] Он бевафо—подшоҳи Комде.
[2] Зуафо—заифон, бекувватон, бечорагон.
[3] Авқот—вақтҳо.
[4] Тавф—гардидан аз гирди чизе, зиёрат.

* * *

Табъи шаҳ масти имтиҳони хаёл,
Гардише дод бар иноии хаёл:
„... Бо чунин шӯълае ки дар Мудан аст,
Комде дар чӣ оламаш ватан аст?...
Хотираш майли ин гадо дорад?
Ё фаромӯшӣ аз вафо дорад?"
Аз хадам[1] баргузид фитнафане,
Барқ дар хонумони дил фикане,
Ки буруни ғараз ба зимни сухан,
Имтиҳонаш кунад ба марги Мудан.
Мумтаҳин[2] кард рӯ ба ҷониби шаҳр,
Бо фусуне ба ҷом рехта заҳр.
Сар зи ҳар кӯча мекашид чу гард,
Неш мезад ба ҳар дил аз дами сард
Ки „ман аз дашти ибрат омадаам,
Аз ҷаҳони қиёмат омадаам"
Сухан аз ҷанги он ду шаҳ меронд,
Қиссаҳо пеши марду зан мехонд.
Фитнае чанд месуруд аз дур,
То ба он кӯча бурд шӯри футур.
Комде з-он таронаҳои фусӯс
Ҳамчу партав баромад аз фонус...
Хона бар ваҷди шавқ тангӣ кард,
Рӯ ба бозори орзӯ овард:
К-„эй шарарнағма соате тан зан[3]!
Бар чароғи фасона доман зан!
Хабаре аз Мудан агар дорӣ,
Бенасибам зи мужда нагзорӣ!
Дили мискин ба ҳасраташ хун аст,
Ҳоли он орзӯи дил чун аст?"

---

1 Хадам—ходимон.
2 Мумтаҳин—имтиҳонкунанда.
3 Тан зан—боз ист.

Охе аз дил кашиду гуфт: „Хамӯш,
Мафикан дар ҷаҳони амн хурӯш!
Хабаре дорам аз Мудан, ки мапурс!
Ҳаст барқе ба ҷайби ман, ки мапурс!
Гар тағофул занам кабоб шавам,
В-ар бигӯям, зи дард об шавам.
Лек бетоқатам чӣ чора кунам?
Ба таҳаммул чӣ истихора кунам?
Он ситамкаш дар ин ҷидоли шадид,
Ташнакоми умед гашт шаҳид!
Сӯхт доғи вуқӯи ин мотам
Ҷигари шоҳ то бинои ҳашам“
То лаби нотиқ ин наво пардохт,
Комде ранги оламе дар бохт.
Ҷаст дуде зи табъи маҷнунаш,
Бурд бо худ зи хеш берунаш.
Муддате сакта[1] дар димоғаш буд,
Хомӯшӣ домани чароғаш буд.
Бехудӣ чун рафоқате дарьёфт,
Беқарори ҷунун ба ҳуҷра шитофт,
Пеши он гул расиду мижгон баст,
Дида бо вазъи марг паймон баст.
Монд маҳруми ҷуръати оғӯш,
Зери мижгон нигоҳи мотампӯш,
Во намешуд ба сӯи гул назараш,
То қиёмат чӣ оварад ба сараш?...
То ба ҳукми нигоҳи бозпасин,
Бехудӣ шуд зи ҳасрате гулчин,...
Дид ранге ки дар баҳори ҳузур,
Ҳеҷгоҳаш набуд ин ҳама нур.
Нафаси рафта аз адам баргашт,
Бӯ шуду гирди он гули тар гашт.

---

[1] Сакта—бемориест, ки аз баста шудани хун рӯй медиҳад ва ба бемор ҳолате пайдо мешавад, ки бинанда ӯро мурда гумон мекунад.

Ҳайраташ доғ кард к-ин афсун
Ба чӣ оҳанг зад зи парда бурун?
Шуд яқинаш ки „он чи қосид кошт,
Имтиҳони муҳаббати ман дошт.
Оҳ аз он бевафо ки дар раҳи ишқ,
Бӯ набурд аз ғубори даргаҳи ишқ,
Марги дилбар шуниду хок нашуд,
Рафт ҷон аз тану ҳалок нашуд...“
Пас ба ҷайбаш сар аз ҳаё хам шуд,
Ба хаёлаш вафо муҷассам шуд,
Гуфт: „Эй Комде, маро дарьёб!
Сурату маънии вафо дарьёб!
Гар туро орзӯи зистан аст,
То қиёмат маро гиристан аст.
Ман ба қурбонии Мудан рафтам,
Ту бар ин дар нишин ки ман рафтам“
Чун тааммул назар ба фаҳм гумошт,
Ишқ ранге дигар ба бор надошт.
Комде ғайри тобу печ набуд,
Ҷуз вафо дар миёна ҳеҷ набуд.
Мумтаҳин нонамуда қомат рост,
Ки аз он хона шӯри мотам хост[1]...
Ҳосилул-амр[2] қосиди маъзур
Монд аз ин ҳол ноумедшуур.
Аз паёми фузули[3] худ тар гашт[4],
Ҳамчу ранг аз шикасти дил баргашт.
Тарзабонӣ гули вубол овард,
Имтиҳон бурду инфиол овард,
Инфиоле, ки ҷуз ба пардаи хок
Арақаш аз ҷабин нагардад пок.
Пеши шаҳ бо ҳазор ранги фусӯс
Ашк ҷӯшиду бар замин зад бӯс.

---

1 Яъне Комде мурд.
2 Ҳосилул-амр—хулосаи кор, алқисса.
3 Фузул—дар ин ҷо ба маънии беҳуда.
4 Таргашт—яъне шармида арақ кард.

Дили хуззор аз он тааб хун шуд,
Лаб ба дандон, нафас ба лаб хун шуд.
Хар якеро ба арсагоҳи асаф
Хок бар сар фиканд судани каф...
Мудани ноумед ҳозир буд,
Бо ҳазор интизор нозир буд,
Чун ба ин ранг ҳоли маҷлис дид,
Аз таҳайюр шунид—он чи шунид.
Яъс чашме ба рӯи ҷамъ кушуд
Гардиши ранг алвадоаш буд[1].
Ин қиёмат балои дигар зод,
Барк бар анҷуман дубора фитод,
Шӯъла бар тӯдаҳои хокистар
Зад ба такрор домани сарсар.
Шоҳро ранги ихтиёр намонд,
Аз нафас ғайри изтирор намонд,
Шӯри ошуфтагеш тӯфон кард,
Ба ҷунуне ки шарҳ натвон кард:
Пушти даст аз газидани бетоб
Гашт саркӯби тахтаи қассоб,
Ҷайбу доман ба чок гум гардид,
Сина дӯкони захми нохун чид.
Кард ибрат чу арсаи маҳшар
Хоки сад ранг мотамаш бар сар.
Дод фармон, ки „он ду шакли вафо
Аз бари ҳам наяфкананд ҷудо!
Наъшашон чун зи хона бардоранд,
Тавъами[2] ман ба хок биспоранд!
Нашъаи адл иқтизо дорад,
Ки маро орамида нагзорад.
То таи хок масканам бошад,
Дасти инҳо ба доманам бошад.

---

[1] Яъне Мудан ҳам мурд.
[2] Тавъам—пайваста; якҷоя.

Марги ин бекасон ба ҷаҳди ман аст,
Қотили шон манам, аҷал сухан аст.
Ин шаҳидон ситамкашони мананд,
Бисмили теғи имтиҳони мананд...
Зинда бояд ба зери хок шавам,
То зи табъи фузул пок шавам!
Ин ситам хунбаҳо намехоҳад,
Ҷуз қасос аз қазо намехоҳад.
Аз худам гар қасос натвон хост,
Адл то ҳашр дар гудози ҳаёст.
Пас ба ҳар ҳол мурданам авлист,
Ғайри мурдан дигар илоҷам нест!"
Чун зи табъи шаҳ ин алам ҷӯшид,
Фитнаи маҳшар аз ҳашам ҷӯшид:
Ҳар лабе зад ба барқ фарьёде,
Гашт ҳар сина мотамободе.
Кас зи ҳукмаш сари удул[1] надошт,
Ҳар чи фармуд, ҷуз қабул надошт.
Ҳукамо з-иттифоқ пеш шуданд,
Қудратизҳори аҷзи хеш шуданд,
К-„эй маҳу меҳр бандаи рӯят!
Сад ҷаҳон ҷон фидои як мӯят!
Мӯҳлате, то ба хидмати тадбир,
Барнаёем масдари тақсир[2]!
Дар ҳақиқат намурдаанд инҳо,
Паҳлуи сакта хӯрдаанд инҳо.
Нарасондаст аз қалилу касир
Маразе дар қувояшон таҳлил.
Шоҳ агар бар бисоти фармон аст,
Чора душвор нест, осон аст.
Кӯшиши мо ба олами тадбир
Гар наяфтад мутобиқи тақдир,
Хосу оме ки ходими шоҳанд,
Дар адам низ хоки даргоҳанд.

[1] Удул—гузаштан.
[2] Масдари тақсир—ҷои баромади кӯтоҳӣ, маҳалли содиршавии гуноҳ.

Гар ту дорӣ сари ҳалок шудан,
Ҳамаро зиндагист хок шудан"
Пас ба фармони шоҳи ғайраткеш,
Чораҷӯ шуд гурӯҳи хайрандеш:
Ҳикмати том аз иттифоқи видод,[1]
Узвҳошон ба ҳам муонақа[2] дод
Баҳри ороми он ду пайкари ноз,
Фарши гармоба гашт бистари ноз.
Соате чанд ногузашта ба ҳам,
Ҳастӣ омад ба тавфашон зи адам.
Гармии дил шуд обьёри нафас,
Мавҷ зад решаи баҳори нафас...
То гул аз боғи огаҳӣ чиданд,
Хешро дар канори ҳам диданд.

* * *

Нодир афтад ба олами махлуқ
З-ин сифат ҳашри[3] ошиқу маъшуқ,
Гул дамиданд ё баҳор шуданд,
Кас чӣ донад, чӣ ошкор шуданд?
Гуфтугӯ монд аз ин баён бе барг,
Гашт ин ҷо фасона шодимарг.

## Достони тафтиши манбаи оби Ганг ва „чашмаи ҷаннат"[4]

Ҷамъе аз аҳли машраби таҳқиқ,
Нашъапаймон соғари тавфиқ...
Хобашон бе фасонаи ғафлат,
Хуш таъбири як ҷаҳон фитрат...
Баста шавқи мувофақатоҳанг
Завраки рабташон ба соҳили Ганг.

---

[1] Видод—дӯстӣ.

[2] Муонақа—ҳамоғӯшӣ.

[3] Ҳашр— дар ин ҷо зиндагии дубора.

[4] Ин достон, ки як қиссаи афсонавии дигарро дарбар гирифтааст, аз с. 83 „Ирфон" то с. 94 давом мекунад. Мо ба тарзи кӯтоҳ интихоб карда мегирем.

Муддате з-он макони нашъахузур
Огаҳӣ буд масти ҷоми сурур,
Доди рафъи ҳиҷоб медоданд,
Чашми таҳқиқ об медоданд.
Оламеро дар он зиёратгоҳ,
Саъи эхром мешикаст кулоҳ...
Аз Сарандеб то ҳади Мӯлтон
Шӯри лаббайки[1] дил гусиста инон,
То дар он каъбаи сафотимсол
Шуста хонанд номаи аъмол,
Бе муҳобо[2] ба тавфаш аз ҳама сӯ,
Ҳинд чун сели тира дошт ғулӯ...
Ҳар як аз шавқи огаҳиталкин
Дошт маҳмил ба эътиқоди яқин,
К-ин тақаддусзулоли нурсиришт,
Метаровад зи чашмсори биҳишт,...
Ба ҳамин об оташи дӯзах,
Мешавад шӯълааш вадиати ях.
З-ин насақ[3] сози эътиқоди хунуд[4]
Ба як оҳанг дошт барбату уд...
З-он навоҳо хаёли нашъачароғ
Дошт дуди тараддуде[5] ба димоғ,
Яъне ин оби синамоли замин
Кай сазад нисбаташ ба хулди барин[6]?.
Накашад то яқин сар аз фитрат
Шубҳа дорад ҳақиқати ҷаннат...
Дод фитрат зи нағмаи ин соз
Ҳар якеро ба чашмаке овоз:

[1] Лаббайк—маънии ин калима „дар хизмат тайёр истодаам" буда, ҳоҷиёни мусулмон дар кӯҳи Арафот дар ҳаҷ ин калимаро чандин бор такрор мекунанд. Азбаски оби Ганг дар назари ҳиндуҳо, монанди хонаи Каъба дар назари мусулмонон муқаддас аст, шоир ин калимаро ба забони зиёраткунандагони Ганг додааст.

[2] Бемуҳобо—дар ин ҷо ба маънии бе фурӯгузорӣ, яъне пайваста.

[3] Насақ—равиш, тарз.

[4] Ҳунуд—ҳиндуён.

[5] Тараддуд— дар ин ҷо ба маънои шакку шубҳа;

[6] Хулди барин—биҳишти боло.

К-эй ҳарифон ба ҳар камолу кусур
Ғаври маънист ногузири шуур.
Шубҳа дар илм норасоии мост,
В-арна акнун чӣ эҳтимоли хатост?
Умрҳо шуд дар ин бисоти хаёл
Мезанем аз фасурдагӣ пару бол,
Ба хаёлоти ҳарза мекоҳем,
Манзиландешаему дар роҳем.
Чун нафас чанд хуни дил хӯрдан?
Бар чароғи мазор афсурдан?..
Гар ба афсурдагӣ шуморе нест,
Охир ин баҳр бе каноре нест.
Роҳи таҳқиқи ин ҳақиқати ҷуд,
Ҳайф бошад ба зеҳни мо масдуд.
Сурати асли кор бояд дид,
Маъние ҳаст, боядаш фаҳмид,..
Шояд он чашма ошкор шавад,
Кӯшиши мо гуҳарнисор шавад.
В-ар фасурдем рӯз ё ба шабе,
Мурда бошем дар раҳи талабе.
Сӯи соҳил ба ҳар дарангу шитоб,
Раҳбари мавҷ нест ғайр аз об.
Беҳ к-азин об сар кунем шино,
То ба ҷое расад тараддуди[1] мо.
По ба он чашмаи мурод ниҳем,
Ё дар ин об сар ба бод диҳем".
Ҳамаро шавқи изтиробкаманд
Наъл дар оташи ҷунун афканд...
Охир он машварат надид салоҳ
Ҷуз ба тадбири киштиву маллоҳ[2],
Ки аз ин ҷода то ба он манзил
Ғайри киштӣ намекашад маҳмил...

[1] Дар ин ҷо ба маънои ҷустуҷӯ.
[2] Маллоҳ—киштирон.

Азми корат дуруст мебояд,
В-арна ку мушкиле, ки накшояд?
Машварат корҳо ба сомон кард,
Сн чи душвор буд осон кард...
Киштиеро сабукинон карданд,
Маҳмили орзӯ равон карданд...
Солҳо сархуши шино буданд,
Маи паймонаи ризо буданд.
Баҳрпаймоии наханги талаб,
На тасаллӣ ба рӯз дошт, на шаб...
Охир аз ҳиммати тапишмаҳмил,
Зад дари қурб дурии манзил.
Таку дав нақби интизор шикофт,
Мунтаҳои саводи Мағриб ёфт,
Ҳамчу киштӣ ба синамолии об
Хӯрд паҳлу ба соҳили ноёб.
Банди субҳе зи ҷайби шаб во шуд,
Қуббаи нуре ошкоро шуд;
Офтобе бурун зи ваҳми завол
Кард равшан шукӯҳи истиқбол,
Ба фурӯғе ки барқу осораш
Об мешуд зи қурби анвораш...
То тасаввур назар ба фаҳм гумошт,
Бехудӣ дар муқобил оина дошт...
Шаш ҷиҳат гарди бехудӣ ҷӯшид,
Барқи он ҷилва чашмашон пӯшид,
Кард биниш зи дида қатъи умед,
Чун кавокиб[1] ба хонаи хуршед...
Ҷаҳди маллоҳ аз талош нишаст,
Баҳр дар пои киштӣ обила баст...
Гар қадам мезаданд роҳ набуд,
Чашм агар во шавад, нигоҳ набуд...
Ҳар қадар дар талош фарсуданд,
Ҷуз дари яъс ҳеҷ накшуданд...

[1] Кавокиб—кавкабҳо, ситораҳо.

Охир аз саъи хушк, тар гаштанд,
Ҳамчунон к-омаданд, баргаштанд...

* * *

Ҳайрат-иншои қиссаи асрор
Заврақ афканд аз ин рақам ба канор,
К-он ситамдидагони яъсмаол
Сӯхтанд охир аз тапиш пару бол,...
Даст аз гавҳари талаб шустанд,
Ноумедона соҳиле ҷустанд...
Ибрат он дам ки кардашон музтар
Гарди ободие шикофт назар.
Бисмили орзӯ тако-пӯ кард,
Сӯи таҳқиқи он макон рӯ кард...
Ёфтанд улфатанҷуман чамане,
Хуррамманзаре тарабватане,
Шаҳре аз офиятсаводиҳо
Маҷмаи[1] иттифоқи шодиҳо,
Боғи хулд аз саводи ӯ гулчин,
Дили соф аз ғубораш оинабин,...
Дару бом аз сафои оламтоб
Шустарӯтар зи моҳтоби дар об...
Сокинони[2] вифоқи[3] он манзил
Ҳама осуда, чун яқин—дар дил.
Ламъаи чеҳраҳои нуронӣ,
Хонда маҳро ба тавфи пешонӣ,
Доман аз тӯҳмати кудурат пок,
Ҷабҳа аз шарм—чун арақ намнок...
Ранги ҳоли мусофирони хаёл
Дод тавфиқашон ба истиқбол.
Ҷумла пеш омаданд ҳамчу баҳор
Аз гули „марҳабо!“ кушуда канор,

---

1 Маҷмаъ—ҷамъомадгоҳ.
2 Сокинон—бошандагон.
3 Вифоқ—иттифоқ, созгорӣ.

„К-эй ғарибони яъснашъунамо!
Аз куҷо мерасед бесару по?
Эй сияҳчардаҳои[1] сабзаҳузур!
Кӣ дамонидатон ба олами нур?
Решаи ибрати чӣ гулзоред?
Гарди ҷинси кадом бозоред?"
Ҳар ки пурсид: „Аз куҷо пурсем?
В-аз чӣ шаҳру диёр вопурсем?"
Гирья[2] гуфт: „Аз диёри бахтсиёҳ,
Яъне аз Ҳинд, дарди сар кӯтоҳ!"
Ин наво то ба гӯшашон ҷо кард,
Лаб газидан дари асар во кард,
Номи Ҳинд аз димоғашон ангехт
Дуди шӯре, ки бар қиёмат рехт.
Завқи таҳқиқи ибрати он ҳол
Ҳамаро кард беқарори савол:
Ки „ба ин олам аз чунон раҳи дур
Ба чӣ мақсад задед фоли убур?
Ин на ҷоест к-аз чунон мавтан[3]
Кӯшиши одамӣ кашад доман.
Фарқи Машриқ, зи Мағриби мубҳам[4]
Мекашад дурии вуҷуду одам...
Аз саломат агар на безорист,
Ҳасрати ин макон—чӣ бекорист?"
Дар ҷавоби тараҳҳумоҳангон,
Ин надоматсиришт дилтангон,
Чу лабу ҳарф бо ҳам ошуфтанд
Моҷарои ҷунуни худ гуфтанд,
Ки „ҳаму печи беқарории шавқ
Гардани мо чунин кашид ба тавқ,...

---

[1] Сияҳчарда—сиёҳчаранг.

[2] Гирья гуфт—шоир сайёҳонро ки гирьякунон ҷавоб медоданд, ба тарзи истиора ба „гирья" таъбир кардааст.

[3] Мавтан—ватан.

Мубҳам—пӯшида.

Фикри ин чашмаи қиёматтоб
Завраки азми мо шикаст дар об,
То бидонем, к-ин тилисми фусун
Ба чӣ ҷӯш омад аз биҳишт бурун?..“

Шоир дар ин ҷо аз тарафи худ мегӯяд:

Эй ҳавомақсади ғуборталош!
Як нафас ҳозири тааммул бош!
Чӣ ҳаво бар сари ту ҷо дорад?
Ки дил оташ ба зери по дорад...
Пучбофист фикри ҷаннату ҳур,
Эй дилат ғофил аз биҳишти сурур!
З-ин ҳавасҳои изтиробфусун,
Офият чанд поймоли ҷунун?!..
Ҳар қадам дӯзахет бояд кишт,
То таваҳҳум расад ба фаҳми биҳишт...
З-ин таваҳҳум чӣ буд иршодат?
Ғайри ташвиши табъи озодат!
Бохт савдои фитрати хомат
Ҷаннати нақд, яъне оромат...
З-ин баҳор ошьёни зоғ хуш аст,
Аз гули ин биҳишт доғ хуш аст.
Бар хаёлоти мурдаранг мапеч
Дили бемуддаост ҷаннату ҳеҷ!..

Шоир боз ба қисса бармегардад:

Ҳосил-уламр аз он саволи ғариб
Ҳеҷ касро наёфтанд муҷиб[1]...
Пире аз мӯбадони он иқлим
Чун фалак нусхаи китоби қадим,
Ба фаросат муҳандиси адвор,
Ба диросат[2] муҳаззиби[3] атвор.
Вонамуди рагу паяш як сар
Хатти тақвими ин куҳандафтар[4]...

---

[1] Муҷиб—ҷавобдиҳанда.
[2] Диросат—доноӣ, дарсдиҳӣ.
[3] Муҳаззиб—покизакунанда.
[4] Кӯҳандафтар—кинояаз дунъё.

Риққати[1] қалбаш аз гудози асар
Як ду шабнам зи ашк нозиктар...
Дид к-ин қавм аҳли тавфиқанд.
Бе такаллуф ҳалоки таҳқиқанд,
Дар талаб ҳастие аҷаб доранд,
Ҷон дар ин кӯча назри лаб доранд.
Натавон решаи тағофул кошт,
Шубҳа бояд зи табъашон бардошт.
Лаби хомуш табассуминшо кард,
Шаққе аз хомаи нафас во кард,
К-„эй вафонисбатони шавқсиришт!
Ташнагони зулоли фаҳми биҳишт!
Гӯши дил соғари ҳузур кунед!
Пунба аз рӯи шиша дур кунед!
То ман афсонае зи сар гирам,
Аз хуми роз хишт баргирам.
Баски ин қисса шавқ меборад,
Маърифат об дар даҳан дорад.

## Қиссаи подшоҳи золим, зани бордор ва марди бемор

Аз китоби муаррихони қадим
Ин ҳадисам шуд огаҳитаълим,
Ки дар он манзари биҳиштнамуд
Пеш аз эҷоди чашма, кӯҳе буд:
Ба матонат чу тоқати мардон,
Ба баландӣ чу ҳиммати фардон,...
Домани соя—пуштмоли сипеҳр,
Нозиши поя—бар сари маҳу меҳр,
Гарде аз лолазори ӯ ҷаста,
Бар шафақ ранги обрӯ баста.
Сабза чун гул гирифта дар чангаш,
Рафта оби зумуррад аз рангаш.

---

[1] Риққат—нармӣ, мулоимӣ.

Шарари сангаш аз сафо маҳсус
Чун чароғ аз камингаҳи фонус...
Сояпарварди гӯшаи домон
Дошт маъмурае чамансомон,
Хоку хишташ ҳама саломатбез,
Дару девораш истиқоматхез,
Аз бинои матонатосораш,
Пушт бар кӯҳ карда девораш.
Бехалал кишваре тарабтаъмир,
Чун дили орифон биҳиштназир.
Қулқули шиша, ғулғули бозор,
Кӯчаҳо нағмахези мусиқор[1]...
Ба уруҷи нишот баста каманд,
Чун баму зери нагма пасту баланд.
Ҳама ҷо дастгоҳи мастии ом,
Лаби соғар ба ком то лаби бом.
Лек аз он ҷо ки табъи кофаркеш
Хираҷӯш аст аз ғаноими хеш,
Нест мумкин ки сози неъмату ноз
Нарасонад ба худсарӣ овоз,...
Дошт ин шахр ҳокиме саффок[2]
Ба сад осор тинати Заҳҳок.
Баски таъмири шӯълахӯй дошт,
Ғайри инсоф, ҳар чи гӯй дошт.
Бар забонаш чу дашнаи[3] қассоб,
Ғайри куштан набуд ҳарфи савоб.
Доғи дилҳо чу шӯъла дар доман,
Хуни мардум чу теғ дар гардан.
Гар ба бечорае назар мекард,
Мижа болу пари шарар мекард,
В-ар ба ҳоли касе тараҳҳум дошт,
Барқ зери лабаш табассум дошт.

---

[1] Мусиқор—номи як навъ мурги афсонавии минқордарози мусиқинавоз, ки ҳамаи мусиқии дуньё аз вай гирифта шудааст.

[2] Саффок—хунрез.

[3] Дашна—ханҷар, корд.

Сахаре дар қаламраваш надамид,
К-аждаҳое зи парда сар накашид,
Нарасидӣ шабе, к-азон бадхоҳ
Нанишастӣ ҷаҳон ба рӯзи сиёҳ.
Тобеонаш ба „ҳукми дини мулук“[1]
Ҳама золимшиору фитнасулук,
Коми мор аз газанди бадхӯӣ,
Дами шамшер аз тунукрӯӣ,
Паи имдоди зулми якдигар,
Қабзаву теғу даставу ханҷар.
Умрҳо буд поймоли ситам
З-ин шаётин биҳишти бе одам.
Аз мукофоти ғафлати аъмол
Ҳамаро дошт ҷаҳл фориғбол,
Сархуши ҷоми зулм шоҳу вазир,
Бехабар аз хумори домангир.

* * *

Зану марде зи кулфати ифлос[2]
Мекашиданд ранҷи олами ёс:
Сина конуни[3] доғи дилрешӣ,
Дил ба сад чоки далқи дарвешӣ;
Маҳмилорои саъи нокомӣ,
Хона бар дӯши бесаранҷомӣ;
Карда бар табъашон кафи бебарг
Шаҳру деҳ тангтар зи фурсати марг.
Чини андӯҳи ҷайб то доман
Гирдбоди ғубори пероҳан.
Паи таҳсили қути ҳаррӯза
Мутакаффил[4] умеди дарьюза[5].

---

[1] Ҳукми дини мулук—ин ҷумла ишорат аст ба як мақоли арабҳо ки мегӯянд: „Анносу ало дини мулукиҳем“—одамони подшоҳ дар дину оини подшоҳ мешаванд.

[2] Ифлос—муфлисӣ-қашшоқӣ.

[3] Конун—оташдон.

[4] Мутакаффил—кафил, зомин.

[5] Дарьюза—гадой.

Зиндагӣ тоири шикастақафас
Чун саҳар парфишон ба қадри нафас.
Мард бемору аврат обистан,
Ноумедӣ ба ҳар сифат раҳзан.
Дар музофоти он биҳиштсавод
Доштанд аз гадой истимдод[1]...
Гар зи хуршед тоб меболид,
Барги ашҷор[2] соя мегардид,
В-ар бурудат[3] ба табъ меафзуд,
Хокпӯшӣ лиҳофи роҳат буд.
Рӯзе аз иқтизои ҳукми қазо
Абре афканд соя бар саҳро,
Бориш ангехт жола дар доман,
Санг бар сари чиҳотафкан,
Фитнаи барку раъди шӯроҳанг,
Рехт бар дашту дар ҷунуни туфанг...
Шаш ҷиҳат офати тагарг гирифт,
Оламеро ба боди марг гирифт.
Ин ғарибони аҷзпироя
Баски буданд бе сару соя,
Метапиданд ҳар тараф бар хок,
Ҳадафи имтиҳони тири ҳалок.
Оҷизӣ ҳар қадар ба ҷаҳд шитофт,
Ҷуз сару санг ҳеҷ чора наёфт,
Яъс дасти ҳимояте ёзид
Тахтасанге паноҳашон гардид.
Чун шарар санг дар таҳи дандон
Ҳар ду гаштанд зери санг ниҳон.
Дар чунин ҳолате ки чун борон
Назъ ҳам мегирист бар сарашон—
Зани бечора бохт ранги қарор,
Нокаи ҳамли ӯ гусехт маҳор[4],

[1] Истимдод—мададталабӣ.
[2] Ашҷор—шаҷарҳо—дарахтҳо.
[3] Бурудат—сардӣ.
[4] Яъне дарди зоиш гирифт.

Фурсаташ боре ихтиёр надод
Дар рахи сели фитна бор ниҳод[1].
З-он ҳавое ки барф ях мебаст,
Шӯъларо дам задан занах мебаст...
Мунчамид[2] хуфт аз ҳаво хӯрдан,
Пайкараш жола баст з-афсурдан.
Охир аз дарди зодану ранчаш
Ба тааб сакта кард қуланчаш[3]...
Марди беморро чунун по зад,
Хам дар он дашт сар ба саҳро зад.
На табибе ки пеши ӯ нолад,
На давое ки равғанаш молад.
Чахд маъюсу дашту дар ҳама хор,
Роҳ торику чустуҷӯ бемор.
Оташе ку, ки шӯъла афрӯзад?
Дили бемор то куҷо сӯзад?..
Изтирораш раҳи хаёл кушуд,
Ки ҳамон мояи тасаллӣ буд:
Орзӯ толеъозмоӣ кард,
Пеши ҳар хорбун гадоӣ кард...
Он чи з-он гадьяҳо ба чанг овард
Домане аз таранчабин[4] пур кард.
Бахт гӯӣ калиди ганчаш дод,
Чарх помузди дастранчаш дод.
Ба умеди расо кадам бардошт,
Ба сад иқбол рӯ ба шаҳр гузошт,
То зи сангаш ниҳад тарозуе
Дар муқобил ба гармдоруе,
Шояд он хастаро ба он тадбир
Мадади сиҳҳате кунад таъсир,
Ба фиреби дӯкончаи аттор
Шавқаш овард бар сари бозор.

---

[1] Яъне зоид.
[2] **Мунчамид**--яхбаста.
[3] **Куланч**—як навъ бемории меъда.
[4] **Таранчабин**—шакари хор, асли ин калима дар тоҷикӣ „тарангубин" арабҳо ба шакли „таранчабин" сохта арабӣ карда гирифтаанд.

Ҷинси уммед нокушуда дӯкон
Ҷӯш зад фитнае ҷунутӯфон:
Бемурувватгурӯхе омад пеш—
Ташнаи синаковии дилреш,
Ғорат аз пешу пас ҳуҷум намуд,
Ҳар яке муште аз кафаш бирабуд.
Монд аз он ҷинс бепаруболӣ
Кафи афсӯсу домани холӣ.
Қимат аз ҳар ки хост селӣ ёфт,
Пушту рӯи умед нилӣ ёфт.
Нолаҳо кард, лек суд надошт,
Шӯълааш обрӯи дуд надошт.
Пеши ҳар кас дарид ҷайби хурӯш,
Кард аз селии дигар хомӯш...
Оқибат з-он ғариби сӯхтаҷон
То ба ҳоким расид дуди фиғон.
Табъи ҳоким ба майли „дод“ кашид
Боиси он тазаллумаш пурсид.
Бенаво рӯ ба хоки аҷз ниҳод,
Гардани саршикастаро хам дод,
Ашку оҳе зи дил чу шамъ дамонд
Саргузаште ки дошт, бар лаб ронд,
Он ситамгар баҳонае мехост,
Гуфт: „Асли таранҷабин зи куҷост?
Охир ин дашту дар замини ман аст,
Вақфи оронши нигини ман аст.
Ту кӣ бошӣ, ки дар қаламрави ман,
Хӯша гирӣ зи пахлуи ҷави ман?
Бо чунин зулм ноладарчангӣ!
Ин ҳамон „туздӣ асту сарчангӣ“
Хоину ин қадар тазаллумкеш?
Раҳзан, онгаҳ китоби ҳила ба пеш?
Афви тақсир агар карамҳавас аст,
Изтирорат шафеи қатл бас аст.[1]

[1] Яъне агар бахшиши гуноҳ карамро ҳавас кунад, музтарии ту туро танҳо аз куштан халос мекунаду бас.

Лек дар қатъи даст маъзурам,
Беш аз ин афв нест мақдурам"
Баски муштоқ буд рӯзи бадаш,
Дод фармони халъу[1] қатъи ядаш[2]
Пешкорони ҳукми хирасарӣ
Барзаданд остини ҷомадарӣ.
Он ситамдидаро зи бими ҳалок
Доғи таслим сӯхт бар дили чок[3],
Нимҷоне ба мурдан арзон дид,
Ниме аз ашк муфти мижгон дид.
Омад уммедвору ғамзада рафт,
Растухезе бар он ситамзада рафт.
Ба ҳавои хусули хилъати дод[4]
Ҷомаи кӯҳна низ дод ба бод,
То ба домони муддао пайваст,
Даст ҳам шуд ҷудову рафт аз даст.
Бо чунин ҳоли зору маҳзунаш,
Кард золим зи шаҳр берунаш.
Уру ақтаъ[5] дар он қиёматгоҳ
Ашки бе дасту по фитод ба роҳ.
Бар кӣ нолад? Умедгоҳ намонд,
Ҳеҷ сӯяш зи яъс роҳ намонд.
Даст гум шуд, умеди домон ку?
То гиребон дарад, гиребон ку?
Бастагӣ дид рӯ ба ҳар чи гузошт,
Дари дил низ қуфли тангӣ дошт.
Ҷониби осмон нигоҳе кард,
Даст бар дил ниҳоду оҳе кард.
Оҳаш аз лаб наҷаста фосилае
Тофт дар қалби кӯҳ зилзилае...

---

[1] Халъ—бекоркунӣ.
[2] Яд—даст.
[3] Яъне ӯро тарси ҳалок шудан ба таслим маҷбур кард.
[4] Хилъати дод—ҷомаи адл.
[5] Ақтаъ—дастбурида.

Бо ҷунуни ҳазор шӯри ваъид,
Сад қиёмат инонгусихта дид,
Нолае кард кӯҳ аз он заду гир.
Ки гусистанд сангҳо занҷир.
Раҷм[1] роҳи ҷиҳот танг гирифт,
Ҳар сареро ҳазор санг гирифт.
Хоки буньёди кӯҳ рафг ба бод,
Ҳама бар фарқи он гурӯҳ афтод,
На нишон монд аз он макону на ном,
Тӯъмаи хок шуд муқиму мақом[2].
Бехабар оламе ба ин оин
Зери кӯҳ омад аз дили сангин.

Дар ин ҷо шоир аз тарафи худ мегӯяд:

Эй зи фарьёди бедилон ғофил!
Қулқуландешаи шикастани дил!
Ин чи мастист к-аз ту меболад?
В-ин чи соз аст к-аз ту менолад?..
Табъи май нест аз адаб огоҳ,
Хоса он май ки ҷӯшад аз хуми ҷоҳ[3].
Бештар ин шароби фитнаамал
Мезанад бар димоғи аҳли дувал[4].
Аз фақирон ба кас ситам нарасид,
Гардани аҷз ҷуз ба хам нарасид.
З-аҳли ҷоҳ ин ҷунун бурун задааст,
Ки ҷаҳон ҷоми дил ба хун задааст.
Зулм бе дастгоҳ гул накунад,
Дар заифӣ ҷуз оҳ гул накунад...
Дили мӯре агар ба дард ояд,
Бо фалак ғолиби набард ояд...

---

[1] Раҷм—сангборон.
[2] Муқиму мақом—бошанда ва бошишгоҳ.
[3] Ҷоҳ—мартабаи баланди ҳокимият.
[4] Аҳли дувал—соҳибдавлатон, подшоҳ ва дарбориён.

Пас ба ҳар кас ба зулм пеш ой,
Ташнаи интиқоми хеш ой!..
Зулм аз ин бештар чӣ хоҳӣ кард?
Дил шикастӣ, дигар чӣ хоҳӣ кард?
Дил шикастиву нола нашнидӣ!
Аз худ, эй бехабар чӣ фаҳмидӣ?
Дар бисоте ки шӯри мазлум аст,
Пунба дар гӯш доштан шум аст...

Шоир қиссаро боз давом медиҳад:

Матлаб иншои сархати ибрат
Дод мадде ба хомаи фитрат,
Ки дар он сайҳаи[1] ғазабтӯфон
Маҳв шуд нақши одаму ҳайвон...
Гашт шӯре к-азон шикасти баланд
Барқ бар хирмани ҷиҳот афканд,
Фитнаи он ғубори рафта ба бод
Зад ба ҳуши ҳазор шаҳру билод,
Медавиданд бехудони талаб
Ба тамошогаҳи бисоти ғазаб.
Сози он ибратанҷуман медод
Ҳамаро аз мақоми золим ёд...
Ҳосили ибрат он ки он анбӯҳ
Ба адам бурд дастгоҳи шукӯҳ.
З-он чароғон ба ғайри доғ намонд,
З-он чаман ҷуз навои зоғ намонд.
Оби он бахр хушк шуд якбор,
Садафе монду гавҳаре ба канор:
Ҳомила аврате дар он найранг,
Чун шарар ҷаст аз табиати санг...
Чун қазо ҳавли он қиёмат зод
Гавҳараш аз садаф бурун афтод...
Ба фурӯғи ҳазор ламъаи нур,
Бо ҷамоли сад офтоби ҳузур,...

---

[1] Сайҳа—бонг ва фарьёди даҳшатангез.

Сояафкан набуд кас ба сараш
Ғайри гарди ятимии гуҳараш,...
Ҳам ба маъмураҳои атрофаш
Ба таассуф бурида шуд нофаш.
Писару модар андар он офот
Ёфтанд аз қазо бароти начот...
Ҳама ҳайрони нашъаи кудрат,
Ҷумла маҳви зуҳури ин надрат,
Ки дар он варта бар чӣ афсун хонд,
К-ин садафзавракаш саломат монд?..
Муддате решаи баҳори камол
Бадр мебаст дар ниқоби ҳилол,
Бекасӣ парваришкафилаш буд,
То ҷавоне шуд он ҳақиқати ҷуд...
Бахти сабзаш зи шаш ҷиҳат рӯ кард,
Оламеро мусаххари ӯ кард:
Сози кудрат фароҳамаш гардид,
Тоҷдорӣ мусалламаш гардид...
Лек аҳволи он гурӯҳи нажанд[1],
Дошт дар тозагӣ хурӯши баланд,
Ҳар ки ёде зи рафтагон мекард,
Офати он ҷабал[2] баён мекард...
Мешунид аз таронаи ахбор,
К-ин гурӯҳ аз шақовати кирдор—
Ҳама мағзуб рафтаанд ба хок,
Яксар аз қаҳр гаштаанд ҳалок...
Бар биное ки ин қиёмат бохт
То абад боядаш ба лаънат сохт...
Ин ҷавонро ба ҳукми огоҳӣ
Шоми ғам буд ишрати шоҳӣ,
Бо ҳама қудрати ҷаҳонбонӣ
Буд аз он кӯҳ сангу пешонӣ,

---

[1] Нажанд—сарнагун; паст, хор.
[2] Ҷабал—кӯҳ.

Ҳар ки з-он ҳолҳо баён мекард,
Чашма аз чашми ӯ равон мекард.
Фикри обош[1] доғи овах[2] дошт,
Дар биҳишташ муқими дӯзах дошт...
Дарди он қавм дошт дар ҳама ҳол,
Ҳамчу овози кӯҳаш истиқбол.
Доғи яъсаш чароғ меафрӯхт,
Бар мазори хаёл дил месӯхт.
Рӯзе аз мӯбадони фаррухфол
Кард бе тоби изтироб савол,
К-„эй яқиннисбатони илми қидам!
Маҳрамони навои сози карам!
Чорае ҳаст к-ин гурӯҳи мусоб[3]
Во раҳанд аз ҳами каманди азоб?“
Ҳама гуфтанд: „Аз азоби алим
Кист хоҳад наҷоти аҳли ҷаҳим[4]?
Нест мумкин к-азин гурӯҳи шақӣ
Шоми бахти сияҳ шавад шафақӣ.
Магар аз абри раҳмати ғаффор
Осмон орад абри раҳматбор,
Обе аз чашмаи биҳишт расад,
То бар он хоки хунсиришт расад...
Варна ин фирқаи залолаткор
Ҳезуми дӯзаханду луъмаи нор...“

***

Эй дилатро ба коргоҳи хаёл
Ғами душзору печу тоби маҳол!
Ҳар чи пеши ту сози душворист
Ҳама ваҳми фасурдаатворист.

---

[1] Обо—падарон.
[2] Овах—эй воҳ (дар мавриди андӯҳи зиёд, мусибат ва афсӯс гуфта мешавад).
[3] Мусоб—мусибатзада.
[4] Ҷаҳим—дӯзах.

Ин хаёлот, ҷуз хаёле нест
Гар ту ҷаҳде кунӣ, маҳоле нест!
Сар зи вазъи фасурдагӣ гардон
Қадаме зан ба ҷодаи мардон!
Нашъаи ҳимматат басомон нест,
В-арна ку мушкиле ки осон нест?!.,
Ҳиммати мард агар каманд шавад,
Осмон то куҷо баланд шавад?..
Талабоҳанги мағфиратоёт,
Яъне он соили тариқи наҷот...
Хор-хори вадои улфати ҷоҳ
Бар сари ҳимматаш шикаст кулоҳ,
Тарки ҳангомаи ҳавасҳо кард.
Пушти пое ниёзи дунъё кард,...
Дар гузашт аз хаёли тоҷу нигин,
Бо кафе хок баст аҳди ҷабин...
Заҳмати сарфикандагӣ мебурд,
Бе нафас ранҷи зиндагӣ мебурд.
Чун бадинсон ҳазор сол гузашт,
Кори ибром[1] аз инфиол гузашт.
Хоки чандин умед бар рух зад,
Ҳасрати мурда сад таносух зад.
Шабе аз нолаи гусистакаманд,
Дар димоғи адам хурӯш фиканд...
Заъф ногоҳ печу тобаш бурд,
Сар ба зонуи хок хобаш бурд...
Шӯре аз пардаи адам бархост,
Фитнаи маҳшари карам бархост...
Санги он кӯҳ ҷумла об шуда,
Хок хун гашта, офтоб шуда.
Ҳар қадар чашми имтиёз кушуд,
Об бе парда буду санг набуд...
Гашт мавсум[2] назди аҳли фунун,
Ҳиндуӣ—Гангу мағрибӣ—Сайҳун...

---

[1] **Ибром**—дар ин ҷо ба маънои ба сутӯҳ овардан—танг кардан.
[2] **Мавсум**—номида.

Муншаиб ёфт ақл қонунаш,
Хонд Нилу Фуроту Ҷайхунаш...

* * *

З-ин ҳақиқат бар он гурӯҳи саид[1]
Рамзи ҷӯи биҳишт парда дарид.
Гарди ҳангомаи талош нишаст,
Ҷустуҷӯ сурати тасаллӣ баст.
Саъи мардони арсаи тавфиқ,
Фаҳм кун з-ин маротиби таҳқиқ,
Ки чи миқдор тохт ақли салим,
То шуд он нуктааш яқинтаълим.
Баҳри маъқули маънии маҷҳул
Ин қадар ҷаҳд кардаанд фуҳул[2]...

Шоир дар хотимаи достон фикри худро дар бораи ҷаннату дӯзах бо ин байтҳо ба тарзи хулоса ифода мекунад.

Эй ҷаҳон гарди ранги аҳволат!
Чӣ ҷаҳиму[3] чӣ хулд[4] афъолат!
Ин навоҳо ҳусули пардаи туст!
Ин сувар ҷумла нақшкардаи туст!..
Хулду дӯзах куҷост? Чашм бимол,
Ҷуз ҳусули натоиҷи аъмол!
Амали нек ҳар қадар корӣ
Ҳама фирдавс[5] бор меорӣ,
Ҳар куҷо феъли зишт устодаст,
Бе такаллуф ҷаҳаннамэҷодаст...
Ин ду кайфият аз ҷаҳони қадим
Ту баровардаӣ ба хулду ҷаҳим...
З-ин ҷунунҳо чӣ дар назар дорӣ?
Ҳайрати олами дигар дорӣ?...

---

[1] Гурӯҳи саид—киноя аз сайёҳони таҳқиқкунандаи манбаи оби Ганг.
[2] Фуҳул—мардони донишманд.
[3] Ҷаҳим—дӯзах.
[4] Хулд—ҷаннат.
[5] Фирдавс—ҷаннат.

Фаҳми хешат ҳузуртаскин аст,
Дар раҳат он чи мушкил аст—ин аст.
Ҷуз ту ишрат куҷо, надомат ку?
Ту балои худӣ, қиёмат ку?..

## Ҳикоя дар бораи фазилати кор ва мазаммати бекорӣ

*(Аз „Ирфон")*

Марде аз маҳрамони пардаи роз,
Буд бо шуғли оламе анбоз[1],
Узв-узваш ба дастьёрии ҷаҳд
Дошт чун мавҷ бо тапидан аҳд.
Ҳар киро дасти шавқ дид ба кор
Дод дасташ зи каф инони қарор;
Саъй дар ҳар куҷо расой кард,
Ҳиммат аз ҳимматаш гадоӣ кард;
То зи пешаш гузашт ҳаммоле,
Зада дӯшаш ба хам шудан фоле;
Путки ҳаддод аз ӯ сабукпоя,
Нони хаббоз[2] аз ӯ тунукмоя;
Хишти меъмор[3] нуқтаи варақаш,
Оби гилкор рашхаи арақаш;
Гар зи саббоғ[4] нусхае бардошт,
Ранг бар рӯи орзӯ нагзошт;
В-ар ба қассоб дасти ёрӣ бурд,
Мӯ ба мӯ дашнаи тараддуд хурд;
Тобпардози риштаи хайёт[5],
Сархаторои сафҳаи хаттот[6]...
Гулханӣ оташе агар афрӯхт,

[1] Анбоз—шарик.
[2] Ҳаббоз—нонво, нонпаз.
[3] Меъмор—бинокоре ки тарҳ ва нақшаи биноро ҳам худ мекашад.
[4] Саббоғ—рангрез.
[5] Хайёт—либосдӯз.
[6] Хаттот—хушнавис.

Нафаси ӯ ба ҷои хезум сӯхт...
Бо ҳама илтизоми меҳнати ӯ
Хоҳиши музд—нанги ҳиммати ӯ[1].
Муддате баҳри файзтӯфон дошт,
Оламеро ғариқи эҳсон дошт.
Шӯҳрати кораш аз вуфури карам,
Чун саҳар бурда бар сипеҳр алам.
Халқ ҳуш аз тасаввураш мебохт,
Ҳайрат оинахона мепардохт.
Фирқаеро аз он ҳақиқати ҷуд
Карами бе риё муояна буд.
Ҷамъе аз пайравони фикри қасир
Мекашиданд маҳмили тазвир[2].
Гар шикофӣ ҳақиқати аъён[3]
Оламе ёбӣ аз яқину гумон,
Мешуморад агар яке ҳунарат,
Айб во менамояд он дигарат.
Нест ин эътибори айбу ҳунар
Ғайри радду қабули якдигар.
Неку бад гар чи тори як созанд
Ба тааммул мухолифовозанд.
То шуморест, бешу кам боқист,
Соз то ҳаст, зеру бам боқист.
Булфузуле[4] зи фитрати кӯтоҳ
Бурд нақбе ба хилваташ ногоҳ,
Ҷустуҷӯ пардаи хаёл шикофт,
Ҳосили иштиғоли ӯ дарёфт:
Дид к-он нашъаи тараддудкеш
Дошт сози надомате[5] дар пеш,
Яъне андар замони таътилаш
Судани даст буд таҳсилаш.

---

[1] Яъне ӯ ба музд мӯҳтоҷ набуд ва талаб намекард, бо вуҷуди ин кор мекард.
[2] Тазвир—фиреб.
[3] Аъён—умуман мавҷудот буда дар ин ҷо инсон мурод аст.
[4] Булфузул—донотарош, маҳмаддоно.
[5] Надомат—пушаймонӣ.

Бар яқин тохт, „к-ин ҳама кулфат,
Дорад аз гарди зиллати одат;
Гашта халқе раҳини[1] эҳсонаш,
Лек он ваэъ монда товонаш;
Доғ боқиву шамъи ҳила хамӯш,
Рафта муздӯру бор монда ба дӯш...
Гуфт: „Эй чида дастгоҳи ғино!
То кай ороиши бинои риё?
Бениёзет ҷумла сохтагӣ!
Бурдат оинадори бохтагӣ!..
Музди корат гар ин пушаймонист,
Зиндагонӣ ба мурдан арзонист...“
Баҳри дониш ба ғафлати соил[2],
Мавҷе аз ханда рехт бар соҳил,
Ки эй тахайюлшикори ваҳмкаманд!
Боли анқо ба тори ҳарф мабанд!
Ҷинси идрок боби нодон нест,
Соҳил оинадори Уммон[3] нест.
Аз магас бар ҳумо магир қиёс!
Ишқро фориғ аз ҳавас бишинос!
Ин ки дастам надоматизҳор аст,
Доғи андӯҳи фурсати кор аст,
Яъсам аз кулфати таносонист,
Вазъи бекориям пушаймонист.
Чашми бе ашкро ғунуданҳост.
Дасти бекор вақфи суданҳост.
Он ки рӯзаш ба ҷустуҷӯ гузарад,
Шаби он раҳ ҷаро ба сар набарад?
Ҳайф пое, ки монад аз рафтор!
Вой дасте, к-азӯ наёяд кор!
Пас талаб лозими тавоноист,
Ғайрати кор хоси доноист.

---

[1] Раҳин—гаравӣ.
[2] Соил—дар ин ҷо ба маънии пурсанда, суолкунанда.
[3] Уммон—номи вилоятест дар Яман ва баҳре ки дар он вилоят воқеъ шудааст. Аммо дар адабиёт умуман ба маънои баҳр кор фармуда мешавад.

Бех ки минбаъд то ҳусули фано
Нанишинем чун нафас аз по,
Танг бар худ чаро кунем маош?
Мавҷи дарьёи зиндагист талош!..
Пешае бояд ихтиёр кунем,
То даме чанд сарфи кор кунем.
Моҳасал[1] шавқи беқарор бас аст,
Музди мо иштиғоли кор бас аст!"

Шоир дар охири ин ҳикоя ба таваккулчиёни танбал хитоб карда мегӯяд:

Эй таваккулфурӯши бекорӣ!
Рафта умрат ба дӯши бекорӣ!
Чанд дар ҳабсгоҳ осудан?
Сархуши тӯҳмати ғино[2] будан?
Агар ин шева тарки хоҳишхост,
Муддао роҳат аст, тарк куҷост?[3]
Як ҷаҳон ғам кашидан аст ин ҷо,
Ки умед орамидан аст ин ҷо
То нафас сози зиндагираҳн[4] аст,
Шаш ҷиҳат доми орзӯ паҳн аст.
Сахт дурӣ зи роҳати манзил,
Ки бар „уммед" бастаӣ маҳмил[5]!
Аз шиканҷи хаёли хом баро!
Боли ҷаҳде кушо, зи дом баро!
Дар таваккул чӣ обрӯ дидӣ?
Ҷуз фасурдан дигар чӣ фаҳмидӣ?...
Гар замингирият сабукборист,
Офарин бар вукуфи харкорист[6].

---

[1] Моҳасал—чизи ҳосилшуда.

[2] Ғино—дар ин ҷо ба маънои беэҳтиёҷӣ.

[3] Дар ин ҷо шоир ба касоне ки „мо тарки дуньё кардаем" гӯён бекор мегарданд, хитоб карда мегӯяд: „Маънии тарки дуньё тарки хоҳиш аст, модом ки мақсади ту роҳат аст, тарк ба куҷо монд".

[4] Раҳн—гарав.

[5] Маҳмил—каҷоваи сафарӣ, ки ба шутур мебастанд.

[6] Харкор—касе ки бо хар ҳаммолӣ мекунад.

Бигзар аз шеваи замингирӣ!...
К-орзӯ зиндаву ту мемирӣ!...
Коҳилиҳо[1] фасурдагисамар аст,
Дасти хобидагон ба зери сар аст...
Ҷаҳд ҳаргиз намешавад помол,
Решаҳо аз давидан аст ниҳол.
Дар талош оина ба санг хӯрад,
Беҳ к-аз осудагеш занг хӯрад...
Ҳеҷӣ, эй бехабар, вале нафасе!
Пухтааст аз ту орзӯ, ҳавасе.
Сарфи коре шавад агар ҳавасат,
Ду ҷаҳон щавкатаст дастрасат...
Ҳеҷ ҷо з-ин саҳифаи такмил,
Ҷилвагар нест маънии таътил...
Аввалу охир он чи шуд маълум,
Кору бор аст, мобақӣ маъдум...
Чун тараддуд зуҳури берангист,
Пас таваккул чӣ хориҷоҳангист?
Шӯълаат гар фасурда аст, бимир!
Лек аз инзиво баҳона магир!..
Нафасӣ, бехурӯш месӯзӣ!
Шамъӣ, аммо хамӯш месӯзӣ!
Гашта баркат вадиати хирман,
Ибрате, эй чароғи нанги лаган[2]
Нест маъҷуни ҳастият бе банг,
Ки зи касби маош дорӣ нанг.
Муфт фурсат шумору коре кун!
Накд гум мешавад, нисоре кун!
Гар чунин хоҳӣ аз талош гурехт,
Ба адам рафта хок хоҳӣ бехт!..
Эй басо завраке, ки шеваи нанг,
Дод аз афсурдагӣ ба коми наҳанг...

---

[1] Коҳилӣ—танбалӣ.
[2] Лаган—дар ин ҷо ба маънои шамъдон аст.

На бар оҳан зану на санг шикан!
Гар ту мардӣ, тилисми нанг шикан!..
Дар тараддудсарои ҷисмонӣ,
Нашавӣ мурдаи таносонӣ!
Зиндагӣ пардаи таваккул нест,
Чашм во кардаӣ, тағофул нест!...

## Ҳикояи манзума дар борап биҳишт ва деҳқонӣ дар асоси мусоҳибаи подшоҳ ва вазир

*(Аз саҳифаи 72 „Ирфон" сар мешавад)*

Хисрави огаҳитаманное
Дошт дастури[1] ақликулрое,
К-аз улуми таҳаққуқи асрор,
Карда сад нусха бе сухан такрор...
Хонда аз ҳар касаш ба ранги нигин
То ба обо[2] зи сарнавишти ҷанин[3]...
Рӯзе аз табъи ҷустуҷӯоҳанг,
Шавқ зад нағмаи тапиш бар санг;
Аз асарҳои шӯхии баму зер
Ин наво шуд тирози гӯши вазир,
Ки „зи сози мухолифи имкон
Нағмае чанд мекунад тӯфон,
Ақл девона шуд ҷиҳо фаҳмад?
Ҳуш хун гашт то куҷо фаҳмад?
Ҳар чи з-ин парда медиҳад овоз
Барқи фаҳм оташест ҳушгудоз.
Хоса шӯри биҳишту маърифаташ,
Ки тасаввур гудохт аз сифаташ,
Яъне он оламн тақаддусҷӯш[4],
К-аз тахайюл кушудааст оғӯш,

---

[1] Дастур—дар ин ҷо ба маънои вазир.
[2] Обо—падарон.
[3] Ҷанин—тифли дар шиками модар нав пайдошуда.
[4] Тақаддус—покӣ.

Навбахорест хусни музди амал,
Гулшане бе асар зи ранги халал,
Лаъл ҷӯшида аз никоби гулаш,
Шуста ёкут рӯ ба оби гилаш,
Панча дар решааш зада марҷон,
Дода алмосаш аз шукуфа нишон,
Шох—мавҷи забарчаде ҷаста[1],
Барг—накши зумуррадаш баста,
Нахлҳо ҷумла симузардарбор,
Бор—яксар лаолии шаҳвор.
Фикр з-ин нукта мӯи борик аст,
Роҳи норафта сахт торик аст.
Кош гарде аз он тилисми хаёл,
Ба назарҳо диҳад суроги мисол,
То гумон кисвати якин пӯшад,
Ваҳм хун гардад, огаҳӣ ҷӯшад....
Ҳуш ҳар гоҳ фаҳми роз кунад,
Ба хаёле зи ҷилва ноз кунад[2]
Лек татбики анфуси[3] офок[4]
Менамояд дар ин мукаддима[5] шоқ[6]
Гули розе ки нест ҷилвапазир
Ба чӣ рангаш касе кунад таъбир?".
Табъи дастури маърифатпардоз
Боли маънӣ зад аз забони ниёз
К-эй зи тахтат замона фахркулоҳ!
Афсарат офтоби олами ҷоҳ!
Ҳар бахоре ки ҷилвагоҳи нумӯст
Фитратат обьёри шӯхии ӯст,

---

1 Забарчад—зумурради зардчатоб.

2 Шоир дар ин байт мегӯяд, ки хуш агар асрори зиндагиро фаҳмад, аз ҳар чизи хаёлӣ дар вуҷуд асаре меёбад.

3 Анфус—олами арвоҳ, олами хаёлӣ, олами диданашаванда.

4 Офок—олами зохир, чизхои мавҷуди ба назарнамоён.

5 Дар ин мукаддима—дар мукаддимаи биҳишт.

6 Шок—пурмашаккат (шоир аз забони подшоҳ дар ин байт мегӯяд, ки мисоли биҳиштро дар дунъё ёфта „биҳиштро бо васфи дар боло тавсиф кардашудааш рамзе аз вай" гуфтан душвор аст).

Он чи дар олами ҳис асту хаёл
Аз ту берун намезанад пару бол,
Бениёзӣ тағофулолуд аст,
В-арна он парда ку, ки накшудаст?
Ҷунбиши баҳру гардиши афлок,
Нест ғайр аз тапидани дили хок,
Агар ин арса шаш ҷиҳат боз аст,
Дуди ин хона аршпарвоз аст.
Хок хобидаасту шӯхии он
Мезанад бол он сӯи имкон.
Гар ҳавову гар об мебинад,
Хок сад ранг хоб мебинад,
Реша бурдаст то ба иллиин[1]
Тухми таъбири хобҳои замин.
Маънии дӯзаху биҳишт ин ҷост
Истиороти барқу кишт ин ҷост[2]...
Хулд бо он таронаи розаш
Ҳам дар ин ҷост риштаи созаш.
Гар касеро ба фаҳм дастрасест,
Маънии пешипофитода басест,
Яъне ин ҷо гурӯҳи базргаранд,
Ки саропо ниҳоли симу заранд,
Офтобанду нурпоши ҳама,
Гармии шӯълаи маоши ҳама;
Зоташон масдари ҳақиқати ҷуд,
Феълашон зомини бақои вуҷуд.
Караму ҷуди маҳфили имкон.
Ҳама мавқуфи кисаи эшон.
Бо ҳама оҷизӣ, ба ранги нафас—
Риштаи сози қудрати ҳама кас,...

---

[1] Иллиин—аз рӯи хурофот хуҷраҳои баланди биҳишт; авҷи аълои осмон.

[2] Шоир дар ин ҷо аз забони вазир мегӯяд: ҳама чиз дар замин аст, аз ин ҷумла биҳишт ҳам дар замин аст, биҳишт бо васфи дар боло кардашудааш киноя аз кишт—аз деҳқонист, дӯзах киноя аз барқ—аз офати кишт аст. Инчунин шоир дар байтҳои поин сифатҳои биҳишти хаёлиро дар деҳқонӣ меёбад.

Хоксорони навбахоранҷом,
Нотавонони иқтидорнизом;
Тухми иқболи мазраи шоҳӣ,
Решаи нахли коми дилхоҳӣ
Чист ёқут? Ранги чидаашон!
Чӣ гуҳар? Тухми оби дидашон!
Бениёзони сози аҷз ба чанг,
Чун биҳишт, аз назар ниҳон, ҳама ранг,
Ҳар чи бояд зи хок вогиранд—
Аз фано мояи бақо гиранд...

## Дар хусуси пайдоиши ҷамъияти деҳқонӣ ва ташаккули салтанати феодалӣ

*(Аз с. 74 „Ифрон" сар мешавад)*

...Хуш чашме ба имтиёз кушуд,
Ёфт асрори эҳтиёҷи вуҷуд,
Дид сози нафас задан нон аст,
Маркази даври мову ман нон аст,
Нафас андешаҳои улфати ӯст,
Зиндагӣ моядори қуввати ӯст.
Нон қуворост[1] обьёри нумӯ,
В-аз қуво амзиҷа[2] қавибозу.
Амзиҷа—нақди иртиботи ҳавос,
Рабти ҳис—умрро бақои асос
Ҳар куҷо нон бисот бар чинад,
Мову ман ғайри марг нагзинад...
Дона рӯзе ки бори рустан баст,
Нақди ҳафт осиёст судани даст...
То расад зиндагӣ ба таъмире,
Ҳар якерост сози тадбире.

---

[1] Қуво—қувватҳо.

[2] Амзиҷа—мизоҷҳо (мизоҷ дар луғат „омезиш" буда дар тиб кайфиятест, ки аз омехтани чизҳо дар табиати одам пайдо мешавад).

Тифлро чун умеди зистан аст,
Аввалин пешааш гиристан аст,
К-„аз чунин дасту пои монда ба гил,
Ба чӣ тадбир нон кунам ҳосил?
Саъй мавҳуму даҳр ҷумла сароб
Гирья шояд расонадам дами об“.
Ҳар ки чашме дар ин чаман во кард,
То мижа во кунад, даҳан во кард.
Ҷустуҷӯҳои олами ҳаму печ,
Талаби рӯзи асту боқӣ ҳеч.
Гашт ақлаш далели деҳқонӣ,
Кард ночор донаафшонӣ.
Рӯзгоре ба киштзор намуд
Донааш гулфурӯши хирман буд.
То нафас дошт решаи таъмир
Медавонид дар паи тадбир.
Оламе пай ба он насақ бардошт,
Нусхаи айш азон варақ бардошт.
Ҳар ки дасте ба ҷаҳд обила кард,
Хирмане чиду назри ҳавсала[1] кард.
Бар замине ки дошт барзгарӣ[2]
Халқ ночор мекашид саре.
Завқи таҳсили роҳати ҷовид
Ҳӯша мебаст донаи уммед,
То зи афроди тухми инсонӣ
Даста шуд решаи парешонӣ,
Рехт маъмураҳо ба ин тадбир,
Ҳар тараф ранги улфати таъмир.
Магас он ҷо ки қанд мерезанд,
Нигаҳ он ҷо ки ранг мебезанд;
Моҳиёнро зи об ҷастан нест,
Орзӯро зи дил шикастан нест,

---

[1] Ҳавсала—ба маънои чиғирдонаи мурғон буда дар ин ҷо умуман ба маънои меъда кор фармуда шудааст.

[2] Барзгарӣ—деҳқонӣ.

Чахдхо сарфи ҳосили нон буд,
Хама кас баҳри луқма дандон буд.
Хӯрдакорон ба чустучӯ рафтанд,
Дар дили бахру кон фурӯ рафтанд,
Арзи найранги тӯҳфаҳо доданд:
Ба фиреби музореъ афтоданд:
Он гуҳар бурду нон ба даст овард,
Ин зар оварду дона ҳосил кард;
Оҷизон низ илтичо бурданд,
Тӯҳфа—дасте ба сад дуо бурданд.
Гашт ҳар як хумори яъсшикан,
Муфлис аз хӯша, мунъим аз хирман.
Баҳру кон—чумла толиби нон шуд,
Неку бад меҳмони деҳқон шуд...
Буд ҳар қатра фориғ аз каму беш
Чун гуҳар серчашми қисмати хеш.
Хӯшачинони кишти бекорӣ,
Мекашиданд захмати хорӣ,...
Орзуҳои норасотоқат
Бол мезад ба пардаи ҳасрат
Хар қадар саъй нотавон гардид,
Хирс ғолиб шуду ҳасад болид,
Сабр гардид сайди бенонӣ,
Доғ чун ашк зад пушаймонӣ,
Шӯри ҳасрат тапиш ба сомон кард,
Чӯши хунҳои мурда туфон кард,
Чамъ гардид жожҳое[1] чанд,
Мухталифхосият хавое чанд,
Ки „дар ин мазраи аламҳосил
Чанд хирман кунем уқдаи дил?
Ин даҳоқин[2] ки коми дилсамаранд
Аз бисоти замона муфтбаранд.
На ниҳад ҳеч кас ба ҳеч қимор
Донае дар муқобили анбор.

---

[1] Жожхой—бехудагӯй.
[2] Даҳоқин—деҳқонон.

Бозии айшашон басомон аст,
Мӯҳраи[1] мо абас парешон аст.
Нест ин тахта мулки душману дӯст,
Хар ки накше нишонд, бурдан аз ӯст.
То ба кай ранги орзӯ бозем,
Арса[2] холист гар ба ҳам тозем...
З-инчунин зиндагонии бесуд,
Ҷуз ба мурдан наметавон осуд.
Офати хирмани вуҷуд шавем,
Ё ба ҳосил шарики суд шавем".
Тамаи шум барқсомон шуд,
Малахи киштзори деҳқон шуд;
Аз ҳасад оламе ҳуҷум ангехт,
Жола гардиду бар зироат рехт.
Ёфт аз дастбурди ин аҷлоф[3]
Ҷайби ҳар дона сад ҳазор шикоф.
Рӯзгоре губори ин офот
Дошт печидагӣ ба даври ҳаёт.
Хар куҷо ҳосиле нишон доданд,
Ҳамчу мӯраш бо хирман афтоданд,
Хар куҷо мазрае сиёҳӣ кард,
Хирс афвоҷи[4] барқ роҳӣ кард.
Киштҳо поймоли ғорат буд,
Суд сармояи хасорат буд.
Ҳосили барзгар ба сад фарьёд
Коҳ мемонду дона рафта ба бод.
Аҷзу илҳоҳ[5] ҳеҷ сӯд надошт.
Оташи нола ғайри дуд надошт...
Дастгоҳи ғино[6] варақ гардонд,

---

[1] Мӯхра—дар ин ҷо ба маънои донаи шатранҷ ва нард барин бозиҳо.
[2] Арса—майдон, тахтаи бозӣ.
[3] Аҷлоф—пӯстканандагон, ситамгорон.
[4] Афвоҷ—фавҷҳо, гурӯҳҳои харбӣ.
[5] Илҳоҳ—тазаррӯъ, зорӣ.
[6] Ғино—дар ин ҷо ба маънии беэҳтиёҷӣ.

Ҷуз қабули хироҷ чора намонд.
Донасон коҳ дар даҳон рустанд.
То ба чандин замон амон ҷустанд.
Нахл, агар даҳр мевадораш кард,
Фитна ҷӯшида сангсораш кард...

* * *

Халқе аз нақши кори ин унвон
Хонд мазмуни манфиат осон
Он чи яксола саъи деҳқон буд.
Музди як дам талоши эшон буд.
Фатвии ҳирсу ғафлати худком
Бар ҷаҳоне ҳалол кард ҳаром;
Ҳар ки бар ҳосиле фиканд назар
Шири модар шумурду ирси падар.
Хирманорон айш гардиданд,
Аз дили ҷамъ хӯшаҳо чиданд.
Меъда пур гашту киса пиро шуд,
Киса болиду махзаноро шуд.
Ин дам андози фитнаҷӯшиҳо,
Гашт гарми шарарфурӯшиҳо,
Оташе к-обрӯи деҳқон сӯхт,
Чашм бар рахти шӯълакорон дӯхт:
Рашки ҳам домани хаёл гирифт,
Мулки дил фикри ҷамъи мол гирифт;
Сабз кард аз ҳуҷуми дуду шарар
Барки болида мазрае дигар:
Сар зад аз шӯълакории тадбир,
Решаи мавҷи ханҷару шамшер,
Ҳар тараф лашкаре ғубор ангехт,
Хоки тасхир бар сари ҳам бехт,
Ҳар куҷо иттифоқ сомон чид,
Офати камбизоатон гардид.
Он ки бар дигаре шикаст овард,
Хосили ғайр ҳам ба даст овард.
Кард тӯфон зи сози якдигар
Шӯри ҳангомаи шикасту зафар;

Ба тасаллут расид саъи камол,
Салтанат ёфт шӯҳрати иқбол[1].
Насақи гирудор маҳкам шуд,
Мояи худсарӣ фароҳам шуд.
Бар даҳоқин дарe ки гашт фароз
Кард иқбол бар салотин боз.
Дастгоҳи ғурури султонӣ
Сар зад охир зи аҷзи деҳқонӣ.
Ҷӯши Фиръавну шӯхии Намруд
Ҳар тараф боли иқтидор кушуд.
Ғафлат ин ҷо чӣ дасту по ки накард?
Ҳосили симу зар чиҳо ки накард?
Ройгон буд сози ҷоҳу хашам,
Муфт шуд даъвии худоӣ ҳам.
Чун ба сомон шуд интизоми фасод[2]
Чашм бар асли эътибор ниҳод:
Хост то пояи бинои ғурур
Напазирад халал ба ҳукми қусур,
Ҳирс ҷӯшиду адл шуд номаш,
Баст саъи ҳиросат эҳромаш,
Ки „ба деҳқон касе ситам накунад,
Яъне аз моли шоҳ кам накунад!“
То ба ҷое расид саъи ғурур,
К-аз музореъ намонд ҷуз муздур,
Бо ҳама дасти ҳосилороӣ,
Хок шуд решаи тавоноӣ.
Ин замон ҷуз ғуборашон сила[3] нест,
Дастранҷе ба ғайри обила нест,

---

[1] Шоир дар порчаи боло гуфтан мехоҳад, ки пайдо шудани ҷамъияти деҳқонӣ сабаби пайдо шудани муфтхӯрони ҷудогона—феодалони майда шуда боиси харобии деҳқонони меҳнаткаш гардид ва инчунин ривоҷ ёфтани муфтхӯрони майда сабаби маҳв шудани худи онҳо ва боиси пайдо шудани салтанат гардид.

[2] Шоир дар ин мисраъ ташаккули салтанатро—интизоми фасод меномад, яъне фасодҳое ки аз тарафи тороҷгарони ҷудогона мешуд, баъди ташаккули салтанат ба як интизом даромад ва аз тарафи аркони салтанат мувофиқи „қонун“ иҷро шудан гирифт мегӯяд.

[3] Ҳиросат—нигоҳдорӣ, Сила—мукофот.

З-он ҳама хирмани тарабҳосил
Ҳама як донаанд даст ба дил,
Пои тадбир бар сари хирман,
Лек яксар чу гов баста даҳан[1],
Ҷуръате ку, ки сар фароз кунанд?
Ё сӯи дона чашм боз кунанд?
Гар ҳавас номи орзӯ гирад,
Дона чун хушашон гулӯ гирад.
Барги коҳе агар ба ҷайб ниҳанд,
Хӯшаи сар ба доси тег диҳанд,
Шӯъла борад даме ки хас дузданд,
Тири бинист гар нафас дузданд[2].
Ин сазои касе ки кор кунад,
Ганҷ бар халқ ошкор кунад!..
Ғайр сағар ба мавҷ мегирад,
Соҳиби чашма—ташна мемирад.
Сурати адли хисравон ин аст,
Зулм дар олами ғараз дин аст.
Чун тамаъ тег бар кашад зи ғилоф,
Нест он ҷо шаҳид ҷуз инсоф.
Ҳар куҷо ҳирс оташе афрӯхт
Ҷои ҳезум ҳамон мурувват сӯхт.
Адл ар ин ранг тухми офат кошт,
Вой агар зулм тег бармедошт!
Шӯри ин маҳфили ҳасадтуфон
Бишнав, аммо ба халқ қисса махон![3]
Надиҳад арзи шӯхӣ оҳанге
Бе садои шикастани ранге,

---

[1] Дар хирманкӯбӣ ҳамеша даҳони чорпоёни хирманкӯбро мебанданд, шоир дар ин байт ҳамин ходисаи ҳаёти деҳқониро ба назар гирифта ташбеҳи томе ба вуҷуд овардааст.

[2] Шоир дар ин байт мегӯяд: агар деҳқонон нафас дузданд, яъне дам гирифтан хоҳанд, он нафас тири биниашон—яъне сабаби қатлашон мешавад.

[3] Шоир дар ин байт ба шиддати истибдоди замони худаш ишора карда аз ин масъала гап задан мумкин нест мегӯяд.

Он чи пасту баланди зеру бам аст.
Ҳамчу мавҷ аз шикаста сози ҳам аст.
Ҳама зулм аст, адлу эҳсон ку?
Худпараст аст нафс, имон ку?...

Шоир дар ин ҷо дар бораи ба номи адл зулм кардани подшоҳон, ба тарзи масал ҳикояи гурбаву мушро меорад (*„Ирфон“, с. 75*)

Гурбаеро зи табъи хирсгузин,
Буд вайронае бисоти камин.
Он яке гуфташ: „Эй палангхисол!
Дар чи олам фишурдай чангол?“
Гуфт: „Ин ҷо заифмушонанд,
Нотавонкешу аҷзкӯшонанд.
То набинанд офати каргас,
Ман дар ин варташон паноҳаму бас“.
З-ин намат[1] дар тамаъсарои зуҳур
Ҳамаро суди хештан манзур.
Лек то нангарад зиёни касе,
Нест бар суди хеш дастрасе.
Ҳар тараф боз кардааст оғӯш
Масали гурбаву ҳиросати муш.
Ҳирс—инсофдушман аст ин ҷо,
Парвариш—номи куштан аст ин ҷо.
Зада дар хуни зердасте чанд,
Қадаҳи ноз худпарасте чанд,
Бар заифон шикаст паймоянд,
То кулоҳи ғурур ороянд,
Оҷизонро диҳанд ғӯта ба хун,
То шавад хилъати ҳавас гулгун.
Сел даст тасарруфест расо,
Лек бар хонаҳои сустбино,
Гар ба кӯҳсор во кунанд дараш,
Ҳаст ҳар санг пешпои сараш...

---

[1] Намат—дар ин ҷо равиш, тариқа.

Шоир дар охири ин боб зарурати ба золимон бо сахтӣ муқобила карданро бо ин байтҳо талқин менамояд:

Ин дуруштони нармкӯбҳунар,
Сархисобанд бо дурушти дигар...
Ҳар кас аз паҳлуи дуруштии хеш.
Раъфати[1] ғайр карда пуштии хеш.
Нармӣ офатнасибии дигар аст,
Хирмане пунба назри як шарар аст.
Нест аз дасти нотавонҳолӣ
Мӯрро чорае зи помолӣ,...
Обро аз чӣ мебаранд фурӯ?
Устухоне надидаанд дарӯ!
Гар зи сахтӣ алам намебурданд,
Сангро ҳам чу об мехӯрданд.
Сахтии якдигар гулӯгир аст,
В-арна кай устухон кам аз шир аст?
Нест аз боғи хирс бар хӯрдан
Ғайри паҳлуи якдигар хӯрдан...
Кисаи ҳеҷ кас надид пурӣ,
То накард иртикоби кисабурӣ.

---

[1] Раъфат—меҳрубонӣ.

## II

# АЗ ҒАЗАЛИЁТ[1]

### 1

Эй хаёли қоматат оҳи заифонро асо.
Бар рухат наззораҳоро лағзиш аз ҷӯши сафо;
Нашъаи сад хум шароб—аз чашми мастат ғамзае!
Хунбаҳои сад чаман—аз ҷилваҳоят як адо!
Ҳамчу оина ҳазорат чашми ҳайрон рӯ ба рӯ,
Ҳамчу кокул як ҷаҳон ҷамъи парешон дар қафо!
Теғи мижгонат ба оби ноз доман мекашад!
Чашми маҳмурат ба хуни ток мебандад ҳино!
Абрӯи мушкинат аз бори тағофул гашта хам!
Монда зулфи саркашат з-андешаи дилҳо дуто!
Аз сафои оразат ҷон мечакад гоҳи арақ,
Аз шикасти турраат дил медамад ҷои садо!
Лаъли хомӯшат гар аз мавҷи табассум дам занад,
Ғунча созад дар чаман пероҳан аз хиҷлат қабо![2]
Аз нигоҳат нашъаҳо болад ба ҳар мижгон задан,
В-аз хиромат фитнаҳо ҷӯшида бо ҳар нақши по!
Умрҳо шуд дар ҳавоят боли шавқе мезанад,
То куҷо парвоз гирад Бедил аз дасти дуо?

---

[1] Ғазалҳо бе сарлавҳаҳои ҷудогона, фақат бо тартиби рақам гирифта шудаанд.

[2] Пероҳан қабо кардан—киноя аз тарафи пеш, аз гиребон то ба домон дарронидани пероҳан аст.

2

Гаҳ аз мӯи миён шӯхрат диҳад нозукхаёлиро,
Гахе аз чини абрӯ сакта хонад байти олиро,
Забони холу хат дорад ҳадиси шаккари лаълаш,
Аз ин тӯтӣ тавон омӯхтан ширинмақолиро.
Дил аз худ меравад, бигзор то масти фиғон бошад!
Ҷарас охир ба манзил мекунад гум ҳарзанолиро.
Назарҳо зарраи хуршеди хуснанд, эй ҳаё раҳме!
Магардон маҳрами он ҷилва оғӯши ниҳолиро![1]
Наёбӣ ғайри ашк аз пардаҳои чашми мо, Бедил!
Харири мо ба дил дорад ҳавои баршголиро[2]!

3

Ҳам обила, ҳам чашми пуроб аст дили мо,
Паймонаи сад ранг шароб аст дили мо,
Боғе ки баҳораш ҳама санг аст—дили ӯ,
Даште ки ғубораш ҳама об аст—дили мо.
Сад санг шуд оинаву сад қатра гуҳар баст,
Афсӯс, ҳамон хонахароб аст дили мо.
Дар базми височаш, ки ҳаё ҷом ба даст аст,
Гар об шавад бодаи ноб аст дили мо.
Манзури бутон ҳар ки шавад ҳасраташ аз мост,
Ёр оина мебинаду об аст дили мо.
Эй оҳи асарбохта, оташнафасӣ чанд?!
Хун шав, ки зи дасти ту кабоб аст дили мо!
То ҷунбиши тори нафас афсонатироз аст,
Бедил, ба каманди раги хоб аст дили мо!

4

(Дар вазни баҳри „тақоруби аслам“ ки ҳар байташ ба ҳашг бор „мафоилотун“ баробар меояд).

Агар ба гулшан зи ноз гардад қади баланди ту ҷилвафармо,
Зи пайкари сарв мавҷи хиҷлат шавад намоён, чу май зи мино.

---

[1] Ниҳолӣ—қолинчае ки дар вай нақши ниҳол андохта бофта бошанд.

[2] Баршгол—борони тӯфонии сахт аст, ки ҳар сол дар айёми тобистон дар як муддати муайян дар Ҳиндустон рӯй медиҳад, дар он мавсим ҳама аз сайру сафар ва киშту кор боз меистанд.

Зи чашми масти ту гар биёбад қабули кайфияти нигоҳе.
Тапад зи мастӣ ба рӯи оина нақши ҷавҳар, чу мавҷи саҳбо.
Ба ҳеҷ сурат зи даври гардун насиби мо нест сарбаландӣ,
Зи баъди мурдан магар насиме ғубори моро барад ба боло.
На шоми моро саҳарнавидӣ, на субҳи моро дами сафедӣ,
Чу ҳосили мост ноумедӣ, ғубори дуньё ба фарқи уқбо.
Расида аз дида бе тааммул, гузаштӣ охир ба сад тағофул,
Агар надидӣ тапидани дил, шуниданӣ дошт нолаи мо.
Ба аввалин ҷилваат зи дилҳо рамид сабру гудохт тоқат,
Куҷост оина то бигирад ғубори ҳайрат дар ин тамошо?
Ба даври паймонаи нигоҳат агар занад лофи майфурӯшӣ,
Нафас ба ранги каманд печад зи мавҷи май дар гулӯи мино.
Ба ҳар куҷо ноз сар барорад, ниёз ҳам пой кам надорад,
Туву хиромею сад тағофул, ману нигоҳею сад таманно.
Зи ғунчаи ӯ дамид, Бедил, ғубори хатти назарфиребӣ,
Ба мӯъҷизи ҳусн гашт охир раги зумуррад зи лаъл пайдо.

5

Ҳусни шарм оина дорад рӯи тобони туро!
Чашми исмат[1] сурма хонад гарди домони туро!
Баски бар худ метапад аз орзуи новакат,
Мекунад дар сина дил ҳам кори пайкони туро!
Дар тамошоят ҳамин мижгон таҳайюрсоз нест,
Ҳар буни мӯ чашми қурбонист ҳайрони туро!
Дар гирифторӣ бувад осоиши ушшоқу бас,
Ошьён аз ҳалқаи дом аст мурғони туро!
Ғайри ҷурми ишқ, дар озори мо озурдагон—
Ҳила бисьёр аст, ҳӯи нопушаймони туро!
Пайкари Маҷнун ба ташрифе дигар мумтоз нест,
Кисвати хоро ҳамон зебост урьёни туро!...
Бедил, аз рангинхаёлиҳои фитрат месазад—
Ҷадвали ранги баҳор авроқи девони туро!

6

Ҳар куҷо лаъли ту ранги хандаи мастона рехт,
Аз хиҷолат оби гавҳар чун май аз паймона рехт.

[1] Исмат—покӣ, покдоманӣ.

Дар ғубори хотири мо сад чаҳон ишрат кам аст,
Обрӯи ганчҳо дар хоки ин вайрона рехт.
Чархи ҳосид то ба бедардӣ кунад моро ҳалок
Ҷоми заҳри беғамӣ дар коми мо ёрона рехт.
Золим аз бедастгоҳӣ нест бе тамҳиди[1] зулм,
Дар ҳақиқат арра шамшер аст, чун дандона рехт.
Шаб ки шуд зоҳид ба файзи гардиши ҷом ошно,
Сабҳа ҷои ҷуръаи май бар замин риндона рехт.
Дарди маъшуқон ба ошиқ бештар дорад асар,
Шамъ то ашке бияфшонад пари парвона рехт.
Дӯш савдои кӣ мезад шишаи ашкам ба санг?
К-аз мижа то доманам яксар дили девона рехт.
Илтифоти беғараз сарриштаи тасхири мост,
Сайди мо хоҳӣ, буруни дом бояд дона рехт.
Уқдаи дилро зи зулфаш боз кардан мушкил аст,
Бедил, ин ҷо нохун аз ангуштҳои шона рехт!

7

Дорам зи нафас нола, ки ҷаллоди ман ин аст,
Дар ваҳшатам аз умр, ки сайёди ман ин аст,
Бардошта чун реги равон донаи ашке.
Овораи дашти тапишам—зоди ман ин аст.
Мадҳуши тағофулкадаи абрӯи ёрам,
Чое ки маро мебарад аз ёди ман, ин аст,
Санге ба ҷигар бастаам аз сахтии айём,
Оинааму ҷавҳари фӯлоди ман ин аст.
Ҳамсӯҳбати бахти сиёҳ аз фикри баландам,
Дар боғи ҳавас сояи шамшоди ман ин аст.
Чашме нашуд оинаи кайфияти рангам,
Шахси суханам, сурати буньёди ман ин аст.
Ҳар нола ба ранги дигарам мебарад аз хеш,
Дар мактаби ғам селии устоди ман ин аст.
Бо ҳар нафасам лахти диле меравад аз хеш,
Ҷон меканаму тешаи Фарҳоди ман ин аст.
Чун ашк зи саргаштагиям нест раҳоӣ,
Бедил, чӣ кунам? Нашъаи эҷоди ман ин аст.

---

[1] Тамҳид—ҳамвор кардан, тайёр кардани чизе барои ба вуҷуд овардани чизе.

## 8

Зи ҳар мӯ дом бар дӯшам, гирифтор инчунин бояд,
Зи хотирҳо фаромӯшам, сабукбор инчунин бояд.
Ба сар хоки таманно, дар назарҳо гарди ҳайронӣ,
Бинои аҷзи моро сақфу девор инчунин бояд.
Ману дар хок ғалтидан, туву ҳолам напурсидан,
Ба ошиқ он чунон зебад, зи дилдор инчунин бояд.
Нигаҳ хондам—мижа нам рехт, дил гуфтам нафас хун шуд,
Ба дарси яъси матлаб аҷзи такрор инчунин бояд!
Зи ҳамворӣ нагардад соя бори хотири гарде,
Ба роҳи хоксорӣ тарзи рафтор инчунин бояд.
Ҳаво ҳар ҷо барангезад ғубор аз хоки маҳҷурон
Ҳамин овоз меояд ки „ночор инчунин бояд“
Нафас ҳар дам зи қасри умр хиште меканад, Бедил!
Паи таъмири ин вайрона меъмор инчунин бояд.

## 9

Хаёли хушнигоҳон боз бо шӯхӣ саре дорад,
Ба хуни ман қиёматнаргисистон маҳзаре дорад.
Ману савдои хубон, зоҳиду андешаи ризвон.
Дар ин ҳасратсаро ҳар кас саре дорад, сире[1] дорад.
Раво дорад чаро бар духтари раз[2] нанги расвоӣ?
Гар аз инсоф пурсӣ, мӯҳтасиб[3] ҳам духтаре дорад.
Дар ин баҳр аз ғиносомонии вазъи садаф нагзар!
Кафи дасти тамаъ бар ҳам ниҳодан гавҳаре дорад.
Камолат даъвии ахлоқу он гаҳ мункири риндон?
Зи ҳақ нагзар, сипеҳри одамият меҳваре[4] дорад!
Ба ваҳми ҷоҳ мағрури таайюн[5] зистан то кай?
Нигин гар шӯҳрате дорад, ба номи дигаре дорад.

---

[1] Сари дуюм ба маънои фикр, хаёл ва хоҳиш.

[2] Раз—ток; ангур (духтари раз—шароб).

[3] Мӯхтасиб—эхтисобкунандаи шаръ, назораткунандаи иҷрои қонунҳои динӣ.

[4] Мехвар—тири харгуна чарх (тири ароба, тири чархи ресмонресӣ ва монанди инҳо), хати мавҳуми миёнаи ду қутб—қутби шимолӣ ва ҷанубӣ (дар ин ҷо ҳамин мурод аст).

[5] Таайюн—дар ин ҷо ба маънои худнамоӣ.

Набудам он қадар вомондаи ин анҷуман, Бедил!
Парафшон аст шавқ, аммо тааммул лангаре дорад.

**10**

Шаб ки тӯфонҷӯшии чашми тарам омад ба ёд,
Фикри дил кардам—балои дигарам омад ба ёд.
Нақши пое кард гул, бетобиям дар хун нишонд,
Паҳлуе дар хок дидам, бистарам омад ба ёд.
Ҷуръатам аз хиҷлати бедастгоҳӣ доғ кард,
Нола шуд парвоз, то аҷзи парам омад ба ёд.
То саҳар бе парда гардад—шабнам аз худ рафтааст.
Алвадоъ, эй ҳамнишинон, дилбарам омад ба ёд!
Ҳасрати тӯфонбаҳори олами махмуриям,
Ҳар қадар гардид рангам, соғарам омад ба ёд.
Эй фаромӯшӣ куҷоӣ, то ба фарьёдам расӣ?!
Боз аҳволи дили ғампарварам омад ба ёд!
Бедил, изҳори камолам маҳви нуқсон будааст!
То шикаст оина, арзи ҷавҳарам омад ба ёд.

**11**

То машраби муҳаббат нанги вафо набошад,
Бояд миёни ёрон мову шумо набошад.
Бо ҳар ки ҳар чӣ гӯӣ, санҷида боядат гуфт,
То каффаи виқорат по дар ҳаво набошад.
Аз сифла он чи зояд, таъзимро нашояд,
Нақше ки ҷӯшад аз по, ҷуз зери по набошад.
Дар поят он чи резад, то ҳашр бар нахезад,
Хуни вафосириштон ранги ҳино набошад.
Ҳарфи забони таҳқиқ бе нашъаи асар нест,
Дар кеши ростиҳо тири хато набошад.
Дар маҷлисе ки иззат мавқуфи худфурӯшист,
Дигар касе чӣ бошад? гар Мирзо[1] набошад!

---

[1] Мирзо—дар Ҳиндустон авлоди сардорони лашкарро „Мирзо" мегӯянд ки ин, кӯтоҳ кардашудаи калимаи „мирзода" аст ва ин, як лақаби эҳтиромӣ ва ифтихорӣ ҳисоб меёбад.

Бедил, ҳамон нафасвор моро ба ҳукми таслим,
Бояд задан дари дил, ҳар чанд ҷо набошад!

12

Барои хотирам ғам офариданд,
Туфайли чашми ман ям[1] офариданд.
Чу субҳ он ҷо ки ман парвоз дорам,
Қафас бо бол таъвам офариданд.
Гуҳар мавҷ оварад, оина ҷавҳар,
Диле бе орзӯ кам офариданд...
Вадои ғунчаро гул ном карданд,
Тарабро мотами ғам офариданд.
Кафи хоке ки бар бодаш тавон дод,
Ба хун гил карда одам офариданд.
Тилисми зиндагӣ улфатбино нест,
Нафасро яккалам рам офариданд.
Агар олам барои хеш пайдост,
Барои ман маро ҳам офариданд.
Дилам, Бедил, надорад чора аз доғ!
Нигинро баҳри хотам офариданд.

13

Арақолуд ҷамоле зи назар мегузарад,
К-аз ҳаё чун арақам об зи сар мегузарад.
Кист аз шӯхии ранги ту набозад тоқат,
Оби ёқут ҳам ин ҷо зи ҷигар мегузарад.
Хати мистар[2] нашавад монеи ҷавлони қалам,
Теғро ҷода кунад ҳар ки зи сар мегузарад.

---

[1] Ям—баҳр.

[2] Мистар—асбоби сатркаши буда ин асбобро аз коғази ғафси сахт ва риштаи абрешим месохтанд. Риштаро бар рӯи коғаз ба андозаи саҳифа ва сатрҳои китобати матлуб, дар наср мувофиқи он ва дар назм низ мувофиқи худаш, медӯхтанд ва коғази китобатшуданиро болои вай монда досткаш мекарданд, ки нақшҳои мистар ба коғаз мегузашт ва котиб аз рӯи ҳамон „ҷадвали беранг“ китобат мекард, ки хатҳо рост мебаромаданд.

Мавҷи мо бе нам аз ин баҳри пурошӯб гузашт,
Ҳамчу наззора ки аз дидаи тар мегузарад.
Шӯхии риштаи навмедии мо баски расост,
Нола то бол кушояд зи асар мегузарад.
Чун нафас хонапарастему надорем ором,
Умри осудагии мо ба сафар мегузарад.
Дар макоме ки каноат баладе истиғност,
Корвон чун тапиш аз мавҷи гуҳар мегузарад.
Ба ҳавас тарки халоват нанамой, Бедил!
Нест бенола агар най зи шакар мегузарад.

14

Баҳори умр ба субҳи дамида мемонад,
Нафас ба ваҳшати сайди рамида мемонад.
Ба ҳар чи дида кушудем мавчи хун гул кард,
Нигоҳи мо ба раги нешдида мемонад.
Биё ки бе ту ба чашми тарам ҳуҷуми нигоҳ—
Ба мавҷи сафҳаи мистаркашида мемонад.
Ба норасоии парвоз рафтаем аз худ,
Пари шикаста ба ранги парида мемонад.
Ба ҳасрати дами теғат ҷароҳати дили мо
Ба ошиқони гиребондарида мемонад.
Хуш аст тозакунӣ табъи дӯстон, Бедил!
Ки фитратат ба шароби расида мемонад.

15

Зи баъди мо на ғазал, на қасида мемонад,
Зи хомаҳо ду-се ашки чакида мемонад.
Саботи айш кӣ дорад, ки чун пари товус—
Ҷаҳон ба шӯхии ранги парида мемонад.
Куҷо барем ғубори ҷунун ки саҳро ҳам—
Зи гирдбод ба домони чида мемонад.
Қадаҳ ба базми ҳарифон[1] сари буридаи кист?
Ки шиша ҳам ба гулӯи бурида мемонад.

---

[1] Дар баъзе нусхаҳо дар ҷои калимаи „ҳарифон“ „ту соқӣ“ дида шуд. Лекин аз он ҷо ки шоир дар ин байт маҷлиси базми табақаи ҳукмрони замони худро тасвир кардааст, бояд дар нусхаи аслӣ „ҳарифон“ бошад.

Зи ғунчаи дили булбул суроғи пайкон гир!
Ки шохи гул ба камони кашида мемонад.
Зи сина гар нафасе бе ту мекашад Бедил,
Ба дуди аз дили оташ расида мемонад.

16

Рамзошнои маънӣ
хар хирасар набошад,
Табъи салим фазл аст,
ирси падар набошад.
Халку ҳазор савдо,
мову ҷунуну дашге,
К-он ҷо зи бекасиҳо
хоке ба сар набошад.
Чини кудурате хаст
бар ҷабҳаи нигинҳо,
Таҳсили номдорӣ
бе дарди сар набошад.
Имрӯз кадри хар кас
микдори молу ҷоҳ аст,
Одам наметавон гуфт
онро ки хар набошад.
Дар ёди домани ӯ
моему дил тапидан,
Муштн ғубори моро
шуғле дигар набошад.
Ғафлат баҳонамушток,
хобат фасонамоил,
Бар дида сахт зулм аст
гар гӯш кар набошад.
Хар чанд кори фардост
имрӯз муфти худ гир.
Шояд димоғи токат
вакти дигар набошад.
Гардонда гир, Бедил,
авроки нусхаи фаҳм,
Фурсат баҳори ранг аст,
ранги дигар набошад.

## 17

Чашми ту ба ҳоли ман гар нимназар хандад,
Хорам ба чаман нозад айбам ба ҳунар хандад.
То чанд бар он ораз бар рағми нигоҳи ман,
Аз ҳалқаи гесӯят гулҳои назар хандад?
Дар кишвари муштоқон бе партави дидорат,
Хуршед чаро тобад? Баҳри чӣ саҳар хандад?
Дил мечакад аз чашмам, чун абр агар гирьям,
Чон медамад аз лаълат, чун барқ агар хандад.
Дар ҷӯи дами теғат ширинии обе ҳаст,
К-аз ҷӯши ҳаловатҳо захмаш ба шакар хандад.
Бе ҷилваи ӯ то чанд аз сайри гулу шабнам
Ашкам зи назар ҷушад, доғам ба ҷигар хандад?..
Як хандаи ӯ барқи буньёди ду олам шуд,
Дигар чӣ бало резад гар бори дигар хандад?
Ёди дами шамшерат ҳар ҷо чаман ороянд,
Чун шамъ саропоям аз рафтани сар хандад.
Аз саъи ҳавас бигзар, Бедил, ки дар ин гулшан
Гул низ агар хандад аз паҳлуи зар хандад[1].

## 18

Наргисаш во мекунад тӯмори истиғнои ноз,
Яъне аз мижгони ӯ қад мекашад болои ноз.
Чашми масташ айни[2] ноз, абрӯи мушкин нози маҳз,
Ин чӣ тӯфон аст, ё раб, ноз бар болои ноз?!
Сарви ӯ мушкил, ки гардад моили оғӯши ман,
Ҳам шуданҳо бурдаанд аз гардани минои ноз.
Аз ғуборам мекашад доман, тамошо карданист—
Оҷизиҳои ниёзу бениёзиҳои ноз!
Баски офоқ аз асарҳои ниёзи мо пур аст,
Дар бисоти ноз натвон ёфт холӣ ҷои ноз.

---

[1] Дар адабиёт гарди зардчаранги гулро, ки дар дарунаш мебошад, „зари гул" меноманд. Маънии ин байт ба ҳамон таъбир асос ёфтааст.

[2] Шоир дар ин ҷо калимаи „айн"-ро ҳам ба маънои „худ" ва ҳам ба маънои „чашм" кор фармудааст.

Ҷайбу домони хаёли мо чаман мепарварад,
Баски чидем аз баҳори ҷилваат гулҳои ноз.
Бо ҳама улфатнигоҳӣ бе тағофул нест ҳусн,
Чини абрӯ интихоби мост аз аҷзои ноз.
Бедил, имшаб ёди шамъе хилватафрӯзи дил аст!
Дуди оҳам шӯълае дорад ба гармиҳои ноз.

## 19

Зиндагӣ маҳруми такрор асту бас,
Чун шарар ин ҷилва як бор асту бас[1].
Нест офоқ аз дили сангин тиҳӣ,
Ҳар куҷо рафтем кӯҳсор асту бас.
Чун ҳубоб аз шайхии зоҳид мапурс!
Ин сари бемағз дастор асту бас!
Эй сарат чун шӯъла пур боди ғурур!
Ин ки гардан мекашӣ, дор асту бас!
Гар баланду паст нафрӯшад тамиз,
Аз замин то чарх ҳамвор асту бас.
Мабҳаси[2] суду зиён дар хона нест,
Шӯри ин савдо ба бозор асту бас.
Ҷаҳли мо, Бедил, бо огоҳӣ насохт,
Нур бар зулмат шаби тор асту бас.

## 20

Ба ранге яъс ҷӯшидаст бо дил,
Ки дард ояд, агар гӯям: „Биё, дил!“
Ҷамолат мақсади чашм аст, ку чашм?
Ғамат боби дил аст, аммо куҷо дил?
Саро по нола меҷӯшем чун мавҷ,
Тапиш хун кард дар ҳар узви мо дил.

---

[1] Бедил дар ин байт зиндагии дубора — яъне мурда дар охират зинда шуданро инкор мекунад.

[2] Мабҳас—масъалае ки ба болои вай гуфтугузор ва баҳсу ҷавоб мекунанд; як қисми муайян аз ягон илм.

Дарои[1] корвони дашти яъсем,
Чӣ созад, гар нанолад бенаво дил?
Зи ашку оҳи муштоқон мапурсед!
Ҳуҷуми бисмил аст аз дида то дил!
Ба хоки мо қадам фаҳмида бигзор!
Мабодо бишканӣ дар зери по дил!
Гирифторам, гирифторам, гирифтор,
Намедонам нафас дом аст ё дил?
Ба сурат Бедилем, аммо ба маънӣ—
Бувад чун ашк сар то пои мо дил.

21

Қиёмат кард гул, дар пераҳан болиданат нозам!
Ҷаҳон шуд субҳи маҳшар, зери лаб хандиданат нозам!
Дар оғӯши нигаҳ гирди сари бетобият гардам,
Ба таҳрики нафас, чун бӯи гул, гардиданат нозам.
Тағофул дар либоси бениқобӣ—ихтироъ аст ин,
Ҷаҳонеро ба шӯр овардану нашниданат нозам.
Киям ман, то бинозам бар худ аз андешаи нозат?
Ба худ нозиданат нозам, ба худ нозиданат нозам!
Итоб аз чини пешонӣ—тараҳҳумхирман аст ин ҷо,
Табассум кардану теғи ғазаб ёзиданат нозам.
Рамузи қатра ҷуз дарьё касе дигар намедонад,
Дилат дар дасту аз ман ҳоли дил пурсиданат нозам.
Тағофул сад нигаҳ мепурсад аҳволи мани Бедил,
Мижа нақшуда сӯи хоксорон диданат нозам.

22

Далели корвони ашкам—оҳи сардро монам,
Асарпарварди доғам—ҳарфи соҳибдардро монам.
Рафиқи ваҳшати ман ғайри доғи дил намебошад,
Дар ин ғурбатсаро хуршеди танҳогардро монам.

---

[1] Даро—зангӯлаи шутур.

Ба ҳар мижгон задан ҷӯшидаам бо оламе дигар,
Парешонрӯзгорам, ашки ғампарвардро монам.
Шикасти рангаму бар дӯши оҳе мекашам маҳмил,
Дар ин дашт аз заифӣ—коҳи бодовардро монам.
Ба худ оташ занам, то гарм созам паҳлуи доғе,
Зи бас афсурдатабъиҳо танӯри сардро монам.
Хиҷолат сарфи гуфторам, надомат вақфи кирдорам,
Саропо инфиолам,—даъвии номардро монам.
На ашки зеби мижгонам, на оҳи боли афғонам,
Тапидан ҳам намедонам—дили бедардро монам.
Фалак умрест дур аз дӯстон медорадам, Бедил!
Ба рӯи сафҳаи офоқ байти фардро монам.

23[1]

Эй ҳузури мақдамат дар зиндагӣ бурҳони[2] ман!
Мурда будам, зиндаам кардӣ, биё, эй ҷони ман!
Дида бо дидор чун оина аҳде баста буд,
Кардаам забти нафас, то нагсилад паймони ман.
Бо ҳама дурӣ ҳузури қурбн ёре доштам,
Бо камоли бехудӣ ғафлат набуд имкони ман.
Ҳар қадам ранги дигар пар мекушуд, огоҳ бош!
Дар тарабгоҳи хиромат гарди болафшони ман.
Пеш меомад ба ҳар ҷо дар раҳат барги гуле
Бурда буд оинае аз дидаи ҳайрони ман.
Баҳри побӯси ту ҳар ҷо сабзае сар мекашид
Дошт бо худ нусхае аз ҳасрати мижгони ман.
Ҳар куҷо мехӯрд овозе ба гӯши нозукат,
Бо тапиш сар мекашид он ҷо дили колони ман.
Аз манозил маънии абьёт медодам нишон,
Ҷода ҳам пеши ту сатре буд аз девони ман.
Интизоре доштам дар гӯшаи вайронае,
Юсуфистон кард фазлат кулбаи эҳзони ман.

---

[1] Ин ғазал ба муносибати аз як сафари дуру дароз баргашта ба хонаи шоир меҳмон шудани Шокирхон ном, ки шоири дуруст ва дӯсти самимии Бедил будани ӯ аз „Руқаот" маълум мешавад, навишта шудааст.

[2] Бурҳон—дар ин ҷо ба маънои далел ва ҳуҷҷат аст.

Тӯҳфае мехостам назри[1] хиромат оварам,
Бенавоӣ узри тоқат рехт дар домони ман.
Бедил, аз сози дилу дасти тиҳӣ шармандаам,
Ҷуз дуо дигар чӣ ояд аз ману сомони ман!

24

Чунин куштаи ҳасрати кистам ман,
Ки чун оташ аз сӯхтан зистам ман?
На шодам, на маҳзун, на хокам, на гардун,
На лафзам, на мазмун—чӣ маънистам ман?
На хокостонам, на чархошьёнам,
Паре мефишонам, куҷоистам ман?
Ҳавое дар оташ фиканд аст наълам,
Агар хок гардам, намеистам ман.
Навое надорам, нафас мешуморам,
Агар сози ибрат наям, чистам ман?
Дар ин ғамкада кас мамирод, ё раб,
Ба марге ки бе дӯстон зистам ман!
Ҷаҳон гӯ, ба, сомони ҳастӣ наярзад,
Камолам ҳамин бас ки ман нестам ман.
Ба ин як нафас умри мавҳум, Бедил!
Фанотӯҳмати шахси боқистам ман.

25

Мавҷи хунам ҳар қадар тӯфоннамо хоҳад шудан,
Ҳаққи шамшери ту рангинтар адо хоҳад шудан.
Умрҳо шуд дар таманнои хиромат мурдаам,
Хоки ман оинаи оби бақо хоҳад шудан.
Аз тағофул чанд бандӣ парда бар рӯи баҳор?
Чашм во кун, ғунчаи бодом во хоҳад шудан.
Дар дами мурдан маро бар зиндагӣ афсӯс нест,
Ҳайф домонат, ки аз дастам раҳо хоҳад шудан.

---

[1] Назр—дар Ҳиндустон ба маънии пешкаш кор фармуда мешавад.

Дар камини шӯълаи ҳар шамъ доғе хуфтааст,
Хар кучо точест охир накши по хоҳад шудан.
Бе талофи[1] нест шавкам дар такупӯи висол,
Даст агар кӯтоҳ шуд, оҳам расо хоҳад шудан.
Сурмаи саднаргисистонибрат аст ачзои мо,
Хок агар гардем чандин чашм во хоҳад шудан.
Нестам, Бедил, чу тухм аз хоксорӣ ноумед.
Охир ин афтодагиҳоям асо хоҳад шудан.

26

Ба ту накши сӯҳбати мо чӣ кадар бачо нишаста.
Ту ба нозу мо дар оташ, ту ба хобу, мо нишаста,
Гули захми новаки ту чӣ кадар баҳор дорад,
Ки чу ҳалка бар дари дил ҳама дилкушо нишаста.
Ба чӣ дилхушӣ нагирьям, зи чӣ хуррамӣ насӯзам,
Ки дар анчуман чу шамъам— зи ҳама чудо нишаста.
Чу ба ком нест дуньё, чӣ занем лофи таркаш,
Натавон фишонд доман ба ғубори нонишаста.
Чу адӯ занад дузону, нахӯрӣ фиреби ачзаш,
Ки ба касди чон туфанге ба сари дупо нишаста[2]
Ҳама имшабат мухайё, ту дар интизори фардо,
Нигаҳе, ки накши вахмат зи амал[3] кучо нишаста?![4]
Чӣ тааммул аст, Бедил! Пари шавк барфишонам,
Ки ғуборҳо дар ин раҳ ба умеди мо нишаста.

27

Ба гулзоре ки он шӯхи чаманпайкар кунад бозӣ,
Ғуборам чун пари товус гулбарсар кунад бозӣ.

---

[1] Талофӣ—иваз.

Милтики кадимии пилтагӣ ду по (ду шох) дошт, ки дар вакти тирандозӣ пойҳои вайро дар замин хам карда мегузаштанд. Шоир душмани дузону зада изҳори ачз ва таслимкунандаро ба ҳамон милтик монанд мекунад ва барои фиреб нахӯрдан хонандаро огоҳ мегардонад.

[3] Амал—дар ин чо ба маънои орзуст, ки дар алифбои араб бо ҳарфи „алиф“ навишта мешавад.

[4] Максади шоир дар ин байт аз „имшаб“ ҳамин дуньё ва аз „фардо“ дуньёи дигар—охират аст ва мегӯяд: „Ҳама чизе ки барои ту лозим аст, дар ҳамин дуньё тайёр аст, аммо накши вахми ту бо хоҳиши орзӯ кучоҳо—дар фикри он дуньё нишастааст.

Ҷаҳон дарьёи хун гардад агар чашми сияҳмасташ
Зи дастафшонии мижгон ба абрӯ сар кунад бозӣ.
Қадаҳ лабрези ҳайрат гардаду мино ба рақс ояд,
Дар он маҳфил, ки он шӯхи парипайкар кунад бозӣ.
Ба ҷуз машшотаи[1] ҷоду кӣ дорад набзи гесӯяш,
Чунин море магар дар дасти афсунгар кунад бозӣ?!
Ба рӯят печу тоби турраи мушкин ба он монад,
Ки шохи сунбуле бар лолаи аҳмар[2] кунад бозӣ.
Дар он маҳфил ки гулчини ҳавасҳо шуд дами теғат,
Маро чун шамъ як гардан ба чандин сар кунад бозӣ.
Қалам ҳар гаҳ ба васфи неши мижгони ту пардозад,
Чу хуни ҷаста мазмун дар раги мистар кунад бозӣ.
Зи бас печидааст офокро бемеҳрии гардун,
Аҷаб гар тифл ҳам дар домани модар кунад бозӣ.
Ҳавас дар табъи тамкинмашрабон шӯхӣ намедонад,
Чӣ имкон аст, Бедил, мавҷ дар гавҳар кунад бозӣ.

## 28

Ёд бод он, к-аз табассум файзи оме доштӣ!
Дар хитоби ғайр бошад ҳам, паёме доштӣ!
Ёд бод он ҳасрати нанҳода по аз дил бурун,
Чун нигаҳ дар чашми ҳайронам мақоме доштӣ!
Гоҳ-гоҳе бо вуҷуди бениёзиҳои ноз—
Хизмате иршод мекардӣ, ғуломе доштӣ!
Кардӣ аз аҳли вафо якбора қатъи илтифот,
Дар тағофул сахт теғи бенаёме доштӣ!
Мо ҳамон хокем акнун инфиол[3] аз мо чаро?
Пеш аз инам бо ҳама тамкин хироме доштӣ!
Сӯхт дил дар интизори гирди сар гардиданат,
Охир, эй бадмаст, гоҳе даври ҷоме доштӣ!
Теғ ҳам бар Бедили мо мадди эҳсони ту буд,
Гар ба ҳукми ноз майли интиқоме доштӣ!

---

[1] Машшота—зани ороишдиҳанда, зани шонакаш.
[2] Лолаи аҳмар—лолаи сурх.
[3] Инфиол—дар ин ҷо ба маънои шарм ва ор аст.

## 29

Баҳор он дил ки хун гардад ба савдои гули рӯе,
Хутаи фикре ки бандад ошьён дар ҳалкаи мӯе.
Саҳар охе ки ҷӯшад бо ҳавои сайри гулзоре,
Гуҳар ашке ки ғалтад дар губори ҳасрати кӯе.
Чу гул имшаб ба он ранг обрӯ бар хеш меболам,
Ки пиндорӣ ба хоки пои ӯ молидаам рӯе.
Ба сад улфат фиребам дод, аммо доғ кард охир—
Гуландоме, суманбӯе, чаманранге, шарархӯе.
Зи пои мӯр то боли магас сад бор санҷидам,
Нашуд беэътибориҳои ман санги тарозуе
Сари савдопараст оворагӣ то кай кашад, ё раб?
Гирифтам болише, дигар надорам, кунҷи зонуе.
Дар ин гулшан зи бас танг аст, Бедил, ҷои осудан!
Нагардонид гул ҳам бе шикасти ранг паҳлуе.

## 30

Фиғон доғдил шуд зи бедаступоӣ,
Фасурд оташам, эй тапидан, куҷоӣ?
Ба он авҷи иқболам аз бекасиҳо,
Ки дорад магас бар сари ман хумоӣ[1].
Кабоби висолам, хароб аст ҳолам,
Зи ғам чун ханолам? Фиғон аз ҷудоӣ!
Нашуд охир аз хуни сайди заифам—
Сарангушти пайкони тират ҳиноӣ.
Биболад ҳавас дар дили содалавҳон,
Кунад акс дар оина худнамоӣ.
На оҳанги шавқе, на парвози завқе,
Ба бекориям кушт бемуддаоӣ.
Ҳавое нашуд дастгири ғуборам,
Заминам фурӯ бурд аз беасоӣ.

---

[1] Ҳумо—номи як мурғи афсонавӣ аст, ки гӯё бар сари подшоҳшавандагон ва подшоҳон соя меафгандааст. Шоир дар ин байт бекасиҳои худро ба шавкати подшоҳон муқобил гузошта, ба ҷои сояи ҳумо сояи магасро қабул кардааст.

Матан бар ғурӯре, ки монанди оташ,
Равӣ шӯълае чанду хокистар ой!
Чӣ миқдор оронши ханда дорад,
Кафе хоку онгаҳ димоги худой!
Дар ин анҷуман ғайри ибрат чӣ дорад
Ғурури най—хиҷлати бӯрьёй?!
Фалак гам надорад зи оҳи заифон,
Чӣ парво ҳадафро[1] зи тири ҳавой?
Ба ҳастӣ ману мо зарурист, Бедил!
Нафас нест ҷуз мояи худситой.

31

Қадаҳ аз шавқи лаълат чашми бехоб аст пиндорӣ!
Гул аз шарми рухат оинаи об аст пиндорӣ!
Надорад сози аҷзам чун нигаҳ сомони оҳанге,
Ба мижгонат, ки шӯхиҳои мизроб аст пиндорӣ!
Нашуд кайфияти аҳволи худ бар ҳеҷ кас равшан,
Дар ин ибратсаро оина ноёб аст пиндорӣ!
Хасисон бар ҷаҳони хушк доранд ин қадар ғавғо,
Сагонро устухони хушк маҳтоб аст пиндорӣ.
Далели шӯхии ишқ аст маҳви ҳусн гардидан,
Нигаҳ густохие дорад ки одоб аст пиндорӣ!
Ба чандин печутоб аз доми ҳайрат бар намеоям,
Саропоям нигоҳи чашми гирдоб аст пиндорӣ...
Зи ҳастӣ ҷуз таносонӣ надорам дар назар, Бедил!
Чу махмал ҳар сари муям раги хоб аст пиндорӣ!

---

[1] Ҳадаф—нишонаи тир.

## III
## АЗ МУХАММАСҲОИ БЕДИЛ

### *МУХАММАСИ ЯКУМ*

(*Аз с. 11 „Никот“*).

Ёрон, ҳаваси ишқи фусункор намонад,
Нанг об шавад оқибату ор намонад,
Иқболи ҷаҳон бигзарад, идбор[1] намонад,
Охир аламу айши гулу хор намонад,
Рангест дар ин боғ ки бисьёр намонад.

Ҳар дида ки оинаи ин маърака гардид,
Аз сар ҳавасе ғайри тағофул написандид.
Пур бехудӣ орост баҳори гули таҷрид,
Бар гардиши ранг ин ҳама фурсат натавон чид,
Имсол ҳам он аст ки чун пор намонад.

Дил маркази ором гирифтааст нафасро,
Гул боғи тараб мешумурад чоки қафасро,
Занг оина пардохта инҷо ҳама касро,
Паймонаи ғафлат чӣ фуруғ аст ҳавасро?
Шамъ аст сиёҳӣ, чу шаби тор намонад.

Гар субҳ кашад бол, зи боди мижаи туст!
В-ар шом дамад, мӯи зиёди мижаи туст!

[1] Идбор—бадбахтӣ (зидди иқбол).

Ҳар сӯ фикани чашм, саводи мижаи туст!
Рамзи ду ҷаҳон басту кушоҷи мижаи туст!
Саҳро дамад аз хона чу девор намонад.

Мапсанд зи асбоби ситам бар дили дарвеш,
То нока[1] зи бори зару симат нашавад реш.
Оҳанги кудурат ба чӣ ранг аст бияндеш?!
Эй хоҷа алам мекашию меравӣ аз хеш!
З-он пеш сабук шав ки хару бор намонад!

То чанд кашӣ заҳмати карру фари дуньё?
То кай равӣ аз ҳуш ба афсонаи ӯқбо?[2]
Хатми ҳаваси пуч кун, аз хеш бурун о!
Фурсат шумури туст—чӣ имрӯзу чӣ фардо!
Ҳар гаҳ ту намондӣ, ҳама якбор намонад.

Накде ки яқин дошт ба ғоратгари шак рафт,
Ганҷе ки зар анбошт[3] ба ташвиши маҳак рафт
Ҳар нақш ки гул кард аз ин сафҳа ба ҳак[4] рафт,
Афсона шуд он қисса ки Исо ба фалак рафт,
Ин қисса ҳам охир шавад, адвор[5] намонад.

То сози нафас воситаи шӯри ҷаҳон аст,
То вазъи ҳасад оинаи улфати ҷон аст,
Ҷамъияти дилҳо алами болфишон аст,
Бе реша парокандагии дона аён аст,
Аз сабҳа маҷӯ рабт, чу зуннор намонад...[6]

## МУХАММАСИ ДУЮМ

Ҳайф аст гуямат: „Раҳи хуршеду моҳ гир!
Бо домани хаёл сафеду сиёҳ гир!
Лахти ғубори вусъати ин домгоҳ гир!“

[1] Нока—шутур.
[2] Укбо—охират.
[3] Анбошт—пур кард.
[4] Ҳак—тарошида, ё сонда нест кардани хатте, ё накше.
[5] Адвор—даврхо.
[6] Ин мухаммас 22 банд буд, аммо ба тарзи ихтисор гирифта шуд.

Мижгон кушо, ҷаҳон таҳи боли нигоҳ гир!
Сайдат ба зери пост, зи шоҳин кӯлоҳ гир!

Нанги камолу нуқси замину замон туй!
Тӯҳматгари хатои ниҳону аён туй!
Исломи куфр нест, яқин ё гумон туй!
Эй ғарраи тамиз, вуболи ҷаҳон туй!
Оина бишкану ҳамаро бегуноҳ гир!

Ҷое ки ҷаҳд орею қудрат надомат аст,
Оғӯши бехудӣ хати паргори роҳат аст,
Олам ҷунунтаронаи шавқи қиёмат аст,
Ҳар сӯ назар баланд кунӣ, гарди офат аст,
Ранги ба гардишомадаеро паноҳ гир!...

Ҷое ки васфи лаъли ту тамҳиди муддаост,
Шӯхӣ зи таври маънии аҳли сухан хатост,
Ин ҷо хаёли даъвии табъи равон кирост?
Оинаи тааммули мавҷи гуҳар ҳаёст
Гар назми мо ба сакта занӣ, узрхоҳ гир...

## *МУХАММАСИ СЕЮМ*

Не заргарӣ, на пешаи ҳаддод мекунам,
Не бому дар, на карруфар эҷод мекунам,
Тазмини мисрае ки хуш афтод, мекунам,
Ҳарфе аз он дахону миён ёд мекунам.
„Боре ба ҳеҷ хотири худ шод мекунам“[1]

З-ин гулшанам на улфати сарвею не гулест,
Не илтифоти қумрию не ёди булбулест,
Рӯзе ду дар баҳори хаёлам тааммулест,
Оғӯши дому ҷоки қафас—ғунчаву гулест,
Сайри чамантарозии сайёд мекунам.

---

[1] Шоир дар ин мухаммас ҳамин мисраъро, ки аз шоирони қадим аст, тазмин кардааст.

То кай барам ба дашт пайёми рами ғизол?
То кай шавам ба баҳр аракрези инфиол?
З-ин шӯълаҳои ғайрати беҳосилимаол
Доман ба шамъи дил задаам баски дар хаёл
Пиндорам, оташ асту манаш бод мекунам.

Ранги баҳор оташи яъсам кашад ба пеш,
Бӯи суманбаре намакам карда вақфи реш.
Аз лола доғ мекашам, аз сабза захми неш,
Ё раб, дар ин чаман чӣ қадар рафтаам зи хеш?
Худро ба ҳар гуле ки расам ёд мекунам.

Умрест ғарқи мавҷи парешонии худам,
Маҳви шикасти завраки тӯфонии худам,
Субҳи нафасғубори парафшонии худам,
Ҳайрони сеҳркории вайронии худам,
Маъмураи хаёли кӣ обод мекунам?

Бедил, муқаллиди шаку иқрор нестам,
З-ин боғ шубҳачини гулу хор нестам,
Бегонаи маротиби изҳор нестам,
Ноқадрдони маънии асрор нестам,
Бар ҳар чӣ чашм мефиканам, сод мекунам[1].

---

[1] Дар замони пеш мутолиакунандагони шеършинос ҳар байтеро, ки меписандидаанд, бар болои вай ҳарфи соди арабиро мегузоштанд, ки ин кинояи аз „саҳеҳ" (дуруст) гуфтан буд. Шоир дар ин ҷо ҳамон одатро дар имтиёз ва таҳқиқи мавҷудот кор фармудааст. Ӯ мегӯяд: ман дар дунё ба ҳар чиз бо назари диққат менигарам, аз рӯи тақлид ва шак ба ҳеҷ чиз ҳукм намекунам, ман сир ва ҳақиқати ҳар чизро мефаҳмам, чашми ман ба ҳар чиз, ки меафтад, гӯё, шакли сод аст, ки ба вай гузоштаам.

## IV
## АЗ РУБОИЁТ

1

Дар дил зи раҳи дида хиромида биё!
Бар дида бисоти нури дил чида биё!
Аз вазъи такаллуфи иборат хиҷилам,
Ку дида? Чӣ дил? Эй ту, дилу дида, биё!

2

Ҳиммат ҳар ҷо беш кунад кореро,
Душворӣ нест ҳеҷ душвореро,
Якчанд фалоҳатӣ[1] ба кӯшиш печад,
Холӣ созад зи санг кӯҳсореро.

3

Гар марди раҳӣ, зи табъи худком баро!
Аз печу хами васвасаи хом баро!
Эй мункири кайфияти парвози магас,
Бе зина ту низ то сари бом баро!

4

Гар офият асту в-ар шикастаст ин ҷо,
Аз соғари аъмоли ту мастаст ин ҷо,

[1] Фалоҳатӣ—зироатчӣ, деҳқон.

Дастат гирад касе, ки гирӣ дасташ,
Музди ҳама кас даст ба даст аст ин ҷо.

5

Золим пӯшад либоси хунбофтаро
То зер кунад хасми забуньёфтаро.
Бо сангдилон шиори худ сахтӣ кун!
Бардор ба оҳан оҳан тофтаро!

6

Имрӯз ба коми дили ғампарвари мо
Меояд дилбари чаманпайкари мо.
Вақт аст буболад зи хиромаш чу баҳор
Нақши қадаме ки гул занад бар сари мо.

7

Ҳар гоҳ расад навбати ҷоми мули мо,
Мино зи шикаст вокашад қулқули мо,
Айше дигар насиби мо мумкин нест,
Чун шамъ дамад, магар, зи оташ гули мо.

8

Бедил, ҳарчанд баргузидам худро!
Афсуни камоле надамидам худро!
Сад шукр, зи иқболи адабпарвари аҷз
Мумтоз зи ҳеҷ кас надидам худро!

9

Эй ҷавҳари хуш, маҳрами роз, баро!
Риндона зи зӯҳди макрпардоз баро!
Олам ҳама як масхараи ришу фаш аст,
Аз силсилаи хиҷлати ин соз баро!

### 10

Бахрест мукофот[1] гулӯгир ин ҷо,
Мағрур машав ба тиру шамшер ин ҷо!
Ҳар мавҷ камони интиқомест ба зеҳ,
Ҳар моҳӣ таркашест пуртир ин ҷо.

### 11

Эй бехабари ҳақиқати истиғно![2]
Ҳиммат дорӣ, зи нанги уммед баро!
Дар олами иброми[3] иҷобатҳавасон
Лабрези ҳавост косаи дасти дуо[4].

### 12

Афсонаи бетамизии оламро
Фаҳме куну вогузор бешу камро:
Шайтон гардид қобили тавқи ғазаб,
Берун карданд аз биҳишт Одамро!

### 13

• Рӯзе ду дар ин анҷумани лаҳву лааб
Ҷамъияти ҳоли хешро бош сабаб!
Аз илму амал макӯш ҷуз бар ахлоқ,
В-аз мазҳабу миллат магузин ғайри адаб!

### 14

Бедил, ба бисоти фурсати барқниқоб!
Моро ду-се рӯзе ба таваҳҳум дарьёб!

---

[1] Мукофот—дар луғат ба маънои подош буда, дар адабиёти пештара, аз ин ҷумла дар Бедил, ба маънои подошӣ амали бад кор фармуда мешавад.

[2] Истиғно—номӯҳтоҷӣ, бадавлатӣ.

[3] Ибром—дар ин ҷо ба маънои танг кардан бо талаби шилқинона.

[4] Бедил дар ин байт худро ғайри мӯҳтоҷ нишон дода ба уммеди иҷобат шабу рӯз дуо карда нишастанро рад мекунад.

Ҳайрони фиребро чӣ хулду[1] чӣ чаҳим,[2]
Меҳмони хаёлро чӣ неъмат, чӣ азоб!

**15**

Дар байни муоширони[3] дайри асбоб
Оини вифок[4] нест чун оташу об,
Ҳар чо чӯшидаанд бо якдигар
Зангори ҳаманд ҳамчу абру маҳтоб.

**16**

Эй номи ту гарм аз тафи дилҳои кабоб!
Аз хичлати зулм боядат гаштан об!
То коми ту молида як ангушт асал!
Буньёди хазор хона гаштаст хароб!

**17**

Шом омаду кори доғам аз сӯз гузашт,
Хун шуд дилу аз чашми ғамандӯз гузашт,
Фардо ба умеди чӣ ҳавас бояд зист?
Он ваъдая де, ки буд имрӯз гузашт.

**18**

Бедил, дорад зи табъи аҳли ҳиммат
Осори сахо чилва ба чандин сурат:
Бар бехабарон панду ба мӯҳточон сим,
Бар хурдон лутфу бар бузургон хизмат!

**19**

Махмурӣ чист?—Кулфати мастии туст!
Вайронӣ ку?—Баландию пастии туст!
Он матлаби ноёб ки доғат дорад
Ҳар гаҳ ба тааммул нигарӣ—ҳастии туст!

---

[1] Хулд—чаннат.
[2] Чаҳим—дӯзах.
[3] Муоширон—ҳамишратон, бо ҳам зиндагикунандагон.
[4] Вифок—мувофиқат, созиш.

## 20

Бедил, ҳар чанд шӯри назмам беш аст,
Гар ворасам, андеша хиҷолаткеш аст!
Дар силки суханварон гуҳарҳои маро
Чун жола ҳамон об шудан дар пеш аст.

## 21

Дар даҳр ки шӯри чаҳл беш аз пеш аст,
Андешаи донишу хирад ташвиш аст,
Ҳар чо дидем хирс мерақсаду бас,
Ку устура[1], к-ин дашт саросар риш аст?

## 22

Он пӯст ки мӯш кокуму кундуз[2] дошт
Пирояи фахри Хисраву Хурмуз дошт,
Пашме, ки ту дар кулоҳ дорӣ имрӯз
Дирӯз тирози думи мешу буз дошт.

## 23

Бебокӣ кун, шикеби мардон ин аст!
Сар бар каф гир—себи мардон ин аст!
Ҳайфаст чу зан ба рахти гулгун нозӣ!
Хун гарду бипӯш зеби мардон ин аст!

## 24

Дар тинати бе дард ки тамъйиз[3] кам аст,
Ғайр аз осори марг ҳар чиз кам аст,
Аз нохуну мӯи шахс бояд пай бурд:
Дар ҳар чо хун кам аст, ҳис низ кам аст.

---

1 Устура—поку, теғи мӯйтарошӣ.
2 Кокум ва кундуз—ҷонварҳоеанд ки пӯстҳошон пӯстин мешаванд.
3 Тамъйиз—тамиз, имтиёз.

25

Сармояи касби фазл ҷуз ғавғо нест,
Ҳар ҷо ғавғост, офият он ҷо нест,
Гар табъи ту аз баҳсу ҷадал дорад нанг,
Дар мадраса кам рав ки, ҳаё он ҷо нест!

26

Одам он дам ки кард дил ҷамъ зи қут,[1]
Ангехт зи тахту фавқ шӯри ҷабарут,[2]
Як боди шикам се боди дигар зоид:
Боди сару боди дубуру[3] боди бурут.

27

Эй заллакаши[4] хаёл, неъмат дигар аст,
Мағрури таваҳҳумӣ, ҳақиқат дигар аст,
Хулде ки ба гавҳару зар оростаанд,
Маҷмуаи ҳирси туст, ҷаннат дигар аст!

28

Бедил моро ҳарзадарой шон нест,
Мадҳи миру ситоиши султон нест;
З-ин даст каломе ки зи мо мешунавӣ,
Ғайр аз исори хизмати ёрон нест.

29

Изҳори саховат[5] на базли[6] симу дирамест,
Ҳар кас з-ин нашъа сархуши бешу камест.
Ҳар чанд зи мумсикон касе баҳра набурд,
Ҷон додани ин кавм ба ҳасрат—карамест.

---

[1] Қут—таом, ғизо.
[2] Ҷабарут—бузургворӣ, такаббур.
[3] Дубур—паси одам, мақъад.
[4] Залла—таом ва хӯрокворни барзиёд аст, ки меҳмонон аз тӯй ва ё зиёфат бо худ мебаранд.
[5] Саховат—саховатмандӣ.
[6] Базл—бахшиш.

30

Чашми ту ки рахши фитнаро зин барбаст,
Бар ғорати дилҳо камари кин барбаст,
Ҳам дод камони абрӯ аз лангари ноз,
Тӯҳмат ранге ба домани чин барбаст.

31

Аз рӯи ту барқ дар никоб афтодаст,
Аз чашми ту шуъла дар шароб афтодаст,
Бар сози шикаст чун напечад зулфат?
К-ин соя зи боми офтоб афтодаст.

32

Ҷинну инси[1] ҷаҳони найрангчиҳот
Дидем ба имтиҳони ҳиссу ҳаракот,
Осори парӣ набуд чизе ҷуз ваҳм,
Таркиби башар надошт ғайр аз хатарот.

33

Аз ҳар ҷинсе ки зери афлок басест,
Чун боз шикофӣ дили ғамнок басест,
Ин ҷо, аз баски хонаҳо гашта хароб,
Қуфли зангорхӯрда дар хок басест.

34

Ҳар кас зи мукофоти амал бохабар аст,
Аз ковиши ҳоли аҳли аҷзаш ҳазар аст.
Ташвиши гудози дили мо саҳл магир!
Чун об шавад шиша—зи оташ батар аст!

35

Бедил, ин ҷо тарбияти душману дӯст,
Равшангарии оинаи тинати ӯст!

[1] Инс—инсон.

Таҷрид[1] газандатар кунад золимро,
Теғест бараҳна мор аз афкандани пӯст.

36

Пирӣ чӣ қадар дошт ҳуҷуми ғорат,
К-аз аъзо тоб бурду аз дил тоқат,
Бар мо дидори дӯстон ҳасрат шуд,
Бар ёрон гашт дидани мо ибрат.

37

Он ҷо ки муҳити бекарони[2] сухан аст,
Тамкин гуҳари мавҷи равони сухан аст,
Назми олӣ тааммуле мехоҳад,
Маъзур, ки сакта нардбони сухан аст.

38

Фарзона[3] ба лофи худситоӣ гарм аст,
Маҷнун ба таронаи ҳавоӣ гарм аст,
Реги ин дашт то нагаштаст ғубор,
Ҳангомаи саъи жожхоӣ[4] гарм аст.

39

Шеърам ки ба сад забон фуруд омадааст,
Дар чандин вақту он[5] фуруд омадааст,
Таврот[6] набуд, то бигӯям ки ҳама
Якбора зи осмон фуруд омадааст.

40

Дар мардон эҳтиёти чанду чун нест,
Ташвиши хаёлоти каму афзун нест.

---

[1] Таҷрид—аз дигарон дур кардан, аз дигарон дур гаштан, танҳо мондан.
[2] Бекарон—беканор.
[3] Фарзона—донишманд, хирадманд.
[4] Жожхоӣ—беҳудагӯӣ.
[5] Он—замон, замони андак;
[6] Таврот—китоби динии яҳудиён.

Гар мардӣ, аз истихораҳо[1] фориғ бош!
К-ин тавр ба ҷуз тариқаи Маҷнун нест.

41

Дуньё ки фусуни ною нӯше будаст,
Ҳар вакт ба коми хомчӯше будаст,
Ин ҷо Заҳҳок мордӯше будаст,
Искандар ҳам дарозгӯше будаст.

42

Шоҳо, нахӯрӣ бозии ҷоҳи шатранҷ!
Мағрур нагардӣ ба сипоҳи шатранҷ!
Шоҳ он бошад ки дар адабгоҳи ниёз
Аз „шаҳ" гуфтан[2] рамад чу шоҳи шатранҷ

43

Зоҳид, аз бас фасурданаш сохта шах,
Мушкил ки кунад илоҷи табъаш дӯзах,
Ин музғаи[3] замҳарир дар оташ ҳам
Гар меафтад—чу байза[4] мебандад ях.

44

Доно тӯҳматкамини ғафлат нашавад,
Яъне дар базм маҳви хилват нашавад.
То кай хоҳӣ чашм зи олам бастан,
Касрат ба такаллуфи ту ваҳдат нашавад.

45

Иқболи ҷаҳон таҳашшуме[5] мехоҳад,
Не фазлу не тааллуме[6] мехоҳад,

---

1 Истихора—фолбинии диндорон бо роҳи хоб;
2 Шаҳ гуфтан—„кишт" гуфтан (дар шатранҷбозӣ).
3 Музға—гӯштпораи ҳанӯз ҷоннагирифтаи бачагон дар шиками модар.
4 Байза—тухми мурғ.
5 Таҳашшум—ҳашматнокӣ, бисьёр доштани атрофиён.
6 Тааллум—омӯзиш.

Говию харӣ мояи таҳсил кунед!
„Одам“ будан шоху думе мехоҳад.

46

Эй он ки зи табъат ғами фардо зоид!
Камфурсатият мадди амалҳо[1] зоид!
Боре ба ҳамин сифат ба ҷо овардӣ
Фарзандии Одаме, ки Ҳавво зоид![2]

47

То фазлу хунар оинапардоз нашуд,
З-иқбол даре ба рӯи кас боз нашуд,
Фӯлод бар оҳан шараф аз ҷавҳар ёфт,
Беилм зи ҷинси хеш мумтоз нашуд.

48

Ин қавм[3] ки узви зоиди марду зананд,
Биттабъ харош дар ҷигарҳо фиканaнд,
Ҳар чанд ки корҳо кушояд з-эшон,
Чун нохун ҷумла боби гардан задананд.

49

Абнои дувал[4] ки хӯяшон натвон дид,
В-аз мунфаилӣ[5] ба сӯяшон натвон дид,
З-ин тоифа ҷуз кафо набинад муфлис,[6]
Аз бас пуштанд рӯяшон натвон дид.

50

Дуньёдоре ки марг нақдаш мебурд,
Мушти дираме дар кафи дарвеш шумурд,
З-ин ғусса ки „зар ҷаро ба ғорат додам?“
Чун сиҳҳат ёфт, бадтар аз мурдан мурд.

---

1 Амал дар ин ҷо ба маънии умед ва орзӯ.
2 Шоир дар ин байт афсонаи аз бадани Одам рӯидани Ҳавворо масхара медорад.
3 Мақсади шоир аз ин қавм—аҳли давлат ва давлатмандон аст.
4 Абноидувал—ҳукмдорон, ҳокимон, подшоҳон.
5 Мунфаилӣ—хиҷолатмандӣ.
6 Муфлис—камбағал.

51

З-ин дарди саре чанд ки ибнулғаразанд[1],
Бигрез ки ҷавҳари ҷунунро аразанд!
То рад накунӣ шифо наёбӣ, к-ин қавм
Чун луқмаи ногувор яксар маразанд.

52

Ҳар чо мӯе хилофи мардум бошад,
Саррииштаи рабти оламе гум бошад,
Месозад ним қатраи сирка ба бод
Ҳар чанд ки шири ноб сад хум бошад.

53

То кай зи харон ғурур мебояд дид?
Зангӣ ба либоси ҳур мебояд дид?
Нодидании вазъи ҷаҳон бисьёр аст,
Ин хоб ба чашми кӯр мебояд дид!

54

Зоҳид ки ба хушку тар таҳаккум[2] дорад,
Гаҳ нози вузу[3], гоҳ таяммум[4] дорад,
Ҷуз ришу фаши амомааш чизе нест,
Ин хар сар то ба по ҳамин дум дорад.

55

Аз хушку тар он чи бе тааб[5] ҳосил буд,
Дидем ки ҳирси башараш окил[6] буд,
Аз ҳурмати фил[7] соиле мепурсид,
Ринде фармуд „куштанаш мушкил буд“.

---

[1] Ибнулғараз—соҳибғараз.

[2] Таҳаккум—ҳукмронӣ бо зӯрӣ.

[3] Вузу—таҳорат ки бо об мешавад.

[4] Таяммум—амалиёти махсус бо хок ва гард ки аз рӯи шариат дар вақти набудани об ба ҷои таҳорат мегузарад.

[5] Бе тааб—бе ташвиш, бе душворӣ.

[6] Окил—хӯранда.

[7] Аз ҳурмати фил—аз ҳаром будани гӯшти фил. Яъне касе пурсид, ки сабаби ҳаром будани гӯшти фил чист? Ринде ҷавоб дод, ки сабабаш душвории куштани вай аст, агар куштанаш осон мебуд, одамони ҳарис ҳалол шумурда хӯрдан мегирифтанд.

56

Де подшахе тароши ришаш хуш буд,
Имрӯз шахе дигар дари манъ кушуд,
Дар дидаи эътибор аз хукми ду шох
Ҷуз пашм набуд он чи коҳиду фузуд[1].

57

Сад ҳайф ки мулло ба ҷадал моил шуд,
Пиндошт ки „олим шудаам“ — ҷоҳил шуд,
Яъне, то лофи дониш омад ба миён
Авқоти ҳузури маънавӣ ботил шуд.

58

Дар таҷрибагоҳи олами сулҳу набард[2]
Ҳиммат ҳалли кадом мушкил ки накард?!
Ҷаҳди инсон бар ин наёмад, в-арна
Гардунро низ бар замин меовард.

59

Кин[3], аз ҳама кас фитнасамар мебошад,
Лек аз укало тундасар мебошад,
Он дуд ки аз чароғи равшан хезад
Аз ҳар дуде сиёҳтар мебошад.

60

Имрӯз ки оламе суханвар гардид,
Авроқи тамизи маънавӣ баргардид,
Ҷо дорад агар сухан бар афтад зи ривоҷ,
К-аз ғулғули шеър гӯшҳо кар гардид.

61

Афсӯс ки сози салтанат шуд фосид,
Гардид матои дину давлат косид,
Назми Ҳиндустон кунун мунҳасир аст,
Бар дайюсу лаиму ҳезу ҳосид.

---

[1] Шоир дар ин байт ба ҳукмҳои Шоҳи ҷаҳон ва Аврангзеб ишора мекунад.
[2] Набард — ҷанг.
[3] Кин — кина.

62

Гесуҳои расо ки ғораткешанд,
Пеши хами турраи ту сар дар пешанд,
Он ҷо ки қади ту мекашад гардани ноз,
Ин қоматҳо асокашони хешанд.

63

Ҷамъе ба ғурури хулду ризвон задаанд,
Ҷамъе ба ҷунуни дину имон задаанд,
Аз ваҳм пур аст чорсӯи имкон,
Ин нек матоъ бар чӣ дӯкон задаанд?

64

Шоҳон ки зи худсарӣ ҷаҳонтасхиранд,
Дар дахли умури ҳақ халалтадбиранд,
Ин бекорони ғарраи ҷоҳу ҳашам
Ангушти зиёди панҷаи такдиранд.

65

Гуфтӣ ки чаро Бедили ғафлаттамҳид,
Ҳангоми сафар бахри вадоам нарасид?
Эй маҳмили ранги ноз, маъзураш дор!
Кас рафтани ҷон ба чашм натвонад дид.

66

Боз он маҳи тобон зи сафар меояд,
Соғар дар дасту гул ба сар меояд.
Эй дида, ба худ бибол, к-он мояи ноз
Дил мераваду ҷон ба назар меояд!

67

Дар мадраса ҷамъе ки фароҳам гаштанд,
Медонӣ аз куҷо мукаррам гаштанд?

Полону чулу фисор[1] мехост харӣ,
Аз бесомонӣ охир одам гаштанд!

68

Эй лафзи чадид, маънии тоза барор!
Эй ҳусни фасурда, андаке ғоза барор!
Бигсил раги мабҳаси худусу қидамат![2]
Ин нусхаи кухнаро зи шероза барор!

69

Бедил, дар нусхаи рамузи ашъор,
Айбам накунӣ ба нуктаҳои бекор!
Ҳуш дор, ки дар назми вуҷуди инсон
Чун нохуну мӯст узви беҳис бисьёр!

70

Бедил, зи ғаму нишоти даврон бигзар!
Аз бешу каму мушкилу осон бигзар!
Дар гулшани дахр чун насими саҳарӣ
Озод дарою доманафшон бигзар!

71

Қавме ки занонро бифурӯшанд ба шир,
Ё ин ки ризо диҳанд дар хизмати пир,
Дайюсонанду нози исмат доранд,
Бар занчалабони бехирад таъна магир![3]

---

[1] Фисор—нӯхта.

[2] Мабхаси ҳудусу қидам—мавзӯи кадим ва ҳодис будани олам, ки боби ...исьёр муҳимми илми калом аст.

[3] Бедил дар ин рубоӣ касонеро ки хакки шир гирифта духтаронашонро ба шавхар ...диҳанд (мефурӯшанд) ва касонеро, ки духтаронашонро ба шайххо назр мекунанд, ...ъна мекунад ва занфурӯшони оддиро аз онхо бехтар медонад.

72

Зохид, савдои хулду ризвон бигзор!
Таъни куфру ғурури имон бигзор!
Эҳсон бар халқ кун, худо дар назар аст!
Ин тоати маҷҳул ба шайтон бигзор!

73

Гар бурдаӣ аз таври ҷаҳон бӯи асар
Бар иззату хорӣ он қадар ранҷ мабар!
Ин ҷо сад бор ҳамчу хатти паргор
Сарҳо по гаштаасту поҳо шуда сар.

74

Бедил, на мадоро, на тавозӯъ бардор!
Не расми такаллуф, на тасаннӯъ[1] бардор!
Аз дуньё чист даст бардоштанат?
Яъне з-ин мардумон таваккӯъ бардор!

75

Дар пеши табиб омад он аблаҳи лур
Яъне: „Шикамам ҳамеша дорад қур-қур,
Ҳар чиз ки мехӯрам намегардад ҳазм"
Фармуд: „Аввал ҳазм кун, он гоҳ бихӯр!"

76

Эй оинаи муайинат[2] сурати кор!
Таъвилу тасарруф зи табиат бардор![3]
Таҳқиқ ин аст, мобақӣ лӯъбу ҳавас.
Якро ду нишон мадеҳ, дуро як машмор!

---

Тасаннӯъ—сохтагӣ, сохтакорӣ.

[2] Муайин—муайянкунанда.

[3] Яъне маънии зоҳирии табииро дар як сӯ гузошта, дар паи маъниҳои ботинӣ магард.

77

Дар кишвари эътибор қадри ҳар чиз
Дорад дархӯрди ҳоҷати халқ тамиз.
Ҳар чанд ки кӯси салтанат бук занад,
Дар нафхгирифта меъдае[1] нест чу тиз.

78

Бедил, ба хаёлоти ҷунункеш матоз!
Дархӯрди нафас қадам шумур, беш матоз!
Номурда ғами субҳи қиёмат, чӣ балост?
Эй ҳарзаамал[3], пештар аз пеш матоз!

79

Эй ғафлатмашрабони нодоникеш!
В-аз ноқисфитратӣ камолотандеш!
Умрест ки дар баҳси ҳудусу қидамед,
З-ин беш нахонед насабномаи хеш!

80

Аз маркази Ҳинд то хати Мӯлтонаш,
В-аз ҳадди Ироқу Язд то Кошонаш,
Бар ҳар маъмурае ки кардем гузар
Дидем аввал саводи гӯристонаш.

81

Ҳар кас ки намуд зиштхӯӣ саҳлаш
Ҷуз нафрати халқ нест илму ҷаҳлаш,
Он ҳусн ки гуфтаанд оламгираш—
Ҳусни хулқ аст, то кӣ бошад аҳлаш?

---

[1] Меъдаи нафхгирифта—бодгирифта.
[2] Тиз—боди аз пас бароянда.
[3] Ҳарзаамал—беҳудаорзӯ.

82

Умрест ки дар арсаи найранги ғараз
Дорад баду нек сулҳ ё ҷанги ғараз,
Гар рабти каломи куфру дин дарьёбӣ,
Сози ҳама кӯк[1] аст ба оҳанги ғараз

83

Ҳар сониҳае ки шуд ба афсона далел
Бекории халқ шӯҳраташрост кафил:
Мӯсо то ҳол мешикофад дарьё,
Фиръавн ҳанӯз мехӯрад ғӯта ба Нил.

84

То маҳрами рози майпарастон гаштам,
Озод зи қайди куфру имон гаштам.
Бо ҳар ки нишастам аз баду неки ҷаҳон
Чун бода ба ранги шиша урьён гаштам.

85

Машриқ то Мағрибу араб то ба аҷам
Дидем муомалоти аҳли олам,
Чун шишаи соат[2] ҳама дар доду ситуд,
Хокест ки мекунанд дар дидаи ҳам.

86

Бедил, аз табъи назм бӯе дорам!
Яъне маънисиришт хӯе дорам!
Не васфи „туе", на мадҳи „ӯе" дорам!
Бо фурсати шавқ гуфтугӯе дорам!

---

[1] Кӯк—ҷӯр, ҳамоҳангӣ (дар мусиқӣ).

[2] Мақсад аз ин шишаи соат, соати қадимӣ аст, ки аз ду шиша сохта дар даруни он реги равон меандохтанд. Намунаи ингуна соат ҳанӯз дар баъзе истироҳатгоҳҳо ҳаст.

87

Аз ҳар ки дар ин бисот ранҷе дидам,
Бар ҷодаи интиқом кам печидам,
Шеъре гуфтам мувофиқи аҳволаш,
Онгаҳ хондам пеши худу хандидам.

88

Ҳар чанд тавон зи чарху анҷум гуфтан,
Сад нусха таахxуру тақаддум гуфтан,
Чун бар сари инсоф равӣ, душвор аст
Як ҳарф ба қадри фаҳми мардум гуфтан.

89

Бар одами бечора ба ғайр аз мурдан,
З-ин варта маҳол аст саломат бурдан,
К-аз хӯрдани гандум он чи дирӯз кашид,
Имрӯз ҳамон мекашад аз нохӯрдан.[1]

90

Не ҳурмати дин, на иззати дарвешон,
Не бо бегона сози не бо хешон,
Беинсофеду бетамизу бешарм!
Ҳар шох надорад, охир, эй думришон!

91

То сад ғами дилкӯб нахоҳӣ хӯрдан,
Як луқмаи марғуб нахоҳӣ хӯрдан.
Чун арра ниҳӣ ҳазор дандон ба ҷигар
Ҳар чанд ки ҷуз чӯб нахоҳӣ хӯрдан.

---

[1] Ишоратест ба аҳволи гадоёнаи миллионҳо меҳнаткашони Ҳиндустон, ки дар натиҷаи истисмори ваҳшиёна асрҳо боз ҷафои гуруснагиро мекашанд.

92

Як дона наруст аз ин ду олам хирман,
К-аз чоки диле наёфта обистан,
Дар ҳар гирехе, к-аз ин наистон гул кард
Чун во дидем: нолае дошт ватан.

93

Як сӯ шӯри карруфари иззату шон,
Як сӯ ҳасаду даъвию ҳирсу бӯҳтон,
Бар хеҷ чӣ ҳангома наёростаанд
Ин масхараҳои чорсӯи имкон!

94

Ҳар ҷост диле реши ту хоҳад будан!
Мӯҳтоҷи ту дарвеши ту хоҳад будан!
Ман Бедилам, аз ман хабари дил маталаб!
Дилдор туӣ, пеши ту хоҳад будан!

95

Эй мурдаи интизори маҳшар бурдан!
Ҳайф аст ба ҳар фасонаат хун хӯрдан!
Дар сурати офоқ назар кун, к-ин ҷо
Ҳар рӯз қиёмат асту ҳар шаб мурдан!

96

Инсон ки фалакҳост сарафкандаи ӯ
Дар ҳайрати худ гум аст донандаи ӯ:
Дорад хосияте ки дар хориҷу зеҳн
Ҳар чиз ки офарид, шуд бандаи ӯ.

97

Ин бехирадон ки масти шонанд ҳама,
Хоронасабони сахтҷонанд ҳама,
Аз хушкмизоҷию дуруштӣ чу садаф
Не мағзу на пӯст, устухонанд ҳама.

98

Аз дуньёдор умедро поя махоҳ!
Ҷуз карруфари либос пероя махоҳ!
З-ин қавм таваққӯи ҳимоят пуч аст,
Аз сақфи баланди осмон соя махоҳ!

99

Гар сокини Соваию гар дар Ганҷа,
Худро накунӣ пур ба таваккул ранҷа!
Эй бехабар, ин коргаҳи асбоб аст!
Бе нохун чизе накушояд панҷа!

100

Эй ашк, ба кӯи дӯст сар кун роҳе!
Эй дида, ба ҳасраташ нигоҳе гоҳе!
Эй нола, ба ёди қомати ӯ алифе!
Эй сина, ту низ арзи мадди оҳе!

101

То роҳи талофӣ ба худ осон накунӣ!
Дил мунфаили миннати ёрон накунӣ!
Гар тоқати ҳақгузорият кам бошад,
Зинҳор зи кас қабули эҳсон накунӣ!

102

Эй хоҷа, ба таскини дили ношоде.
Бояд аз шарм кардан истимдоде!
Гар тақсире зи ходим омад ба назар,
Аз хизматҳои собиқаш ҳам ёде!

103

Бедил, ба ғаним касри шон нанмоӣ!
То тир тавон шудан, камон нанмоӣ!

Хосияти ин маърака оҷизкушӣ аст,
Ин ҷо, зинҳор, нотавон нанмоӣ!

104

Гар шайх шудӣ, ба кас таҳаккум накунӣ!
Сарриштаи оини адаб гум накунӣ!
Пеш ой ба халқ, то думат риш шавад,
Маъкӯс[1] марав ки ришро дум накунӣ!

---

[1] Маъкӯс—чаппа, бар акс.

V

# АЗ ҚАСИДАҲО

## *ҚАСИДАИ ЯКУМ*

## Дар тасвири тулуи офтоб, манзараи баҳор ва гулзор

*(Аз ҳошияи саҳифаи 21 „Қасоид“ сар мешавад)*

Де ки зи боди саҳар турраи шаб хӯрд тоб,
Шаъшаа пардоз дод оинаи офтоб.
Қофилаи занг бурд гарди ҳазимат ба Шом,
Лашкари атрок рехт бар сари Ҳинд инқилоб.
Ламъаи анвор кард чангули шаҳбоз боз,
Маҳмили парвоз баст соя ба боли ғуроб...
Ҳовани кӯҳлии[1] чарх кард сафедоб ҳал,
Сӯхт асарҳои сурб кӯраи симилтиҳоб.
Занги рухи оина гашт ба софӣ бадал,
Анбари офоқ зад ғӯта ба кофури ноб.
Мавҷи раёҳин гирифт домани сатҳи ҳаво,
Ҷӯши зумуррад нуҳуфт рӯи бисоти туроб[2]...
Аз қафаси номия[3] част бурун рангу бӯ,
Байза шикаст орзу, бол кашид обу тоб.

---

[1] Ҳовани кӯҳлӣ—ӯғурчаи сурмаранг.
[2] Туроб—хок.
[3] Номия—кувваи рӯяндагӣ—расандагӣ.

Ғунча кушуд ин замон банди никоби мижа,
Сабза чу махмал кунун фарши замин кард хоб.
Шамъи тараб гашт хор бар сари девори боғ,
Зад алами сабз сарв бар тарафи ҷӯи об.
Баски зи ҳар сӯ дамид бар гули оташбачанг,
Тарфи хиёбон гирифт чун раги ёкут тоб,
Дашту дар аз сабза гашт тӯтии ахзарчанох,[1]
Сангу гил аз лола шуд шоҳиди аҳмарсилоб[2]...
Булбул аз оғӯши гул баст ба ранг ошьён,
Шабнам аз афсуни бӯ кард ба мино гулоб.
Сунбул аз ошуфтагӣ домани нозе шикаст,
Зад ба димоғи ҷаҳон роиҳаи мушки ноб.
Ҷӯши тароват зи бас мавҷ зад аз табъи хок,
Фарқи дуӣ маҳв ёфт сабзаву амвоҷи об...
Шуд зи пари тӯтиён чатри[3] сафедор сабз,
Бар сари шох орамид дуди чанор аз ғуроб.[4]
Бар лаби ҷӯ ҳамчу най сабз шуд оҳанги сарв,
Кард бурун аз канор шохи санавбар рубоб.
Зад ба хурӯши асар зеру бами рангу бӯ,
Баст брешим ба чанг печу хами мавҷи об.
Дар гиреҳи ғунчае барги тағофул намонд,
Баски дами субҳ зад кӯси шукуфтанхитоб.
Аз гулу шабнам дамид шаш ҷиҳати рӯзгор—
Чашми ҳаво беғубор, ҳусни тараб беникоб.
Дар бару дӯши нафас рехт раёҳин Хӯтан,
Бар дару боми нигаҳ кишт суман моҳтоб...

* * *

Матлаи субҳи дуюм медарад акнун никоб,
Завқ тамошогар аст то диҳад оина об...

---

[1] Ахзарчанох—сабзбол.
[2] Аҳмарсилоб—сурхҷома.
[3] Чатр—соябон.
[4] Ғуроб—зоғи сиёҳ.

Баски саҳоби[1] тараб рӯи замин об зад,
Сабза чу наргис намонд як мижа марҳуни[2] хоб.
Субҳи шукуфтан зи бас укдаи дилҳо кушуд,
Ғунча чу шабнам наёфт ним гиреҳ печу тоб.
Дидаву дил яккалам фоли тамошо заданд,
Кард ҳаво муртафеъ ғунчаи гулро ҳиҷоб...
Ҳар ки диле дошт бурд назри тамошои гул,
Ҳар ки нигаҳ соз кард шуд ба чаман борьёб
Ишк на танҳо дарид ҷайби қабои шикеб,
Ҳусн ҳам аз шавқи ноз гашт чу гул бениқоб.
Шӯхи чаманҷилвае домани шӯхӣ шикаст,
То ба нигоҳе кунад хонаи гулшан хароб...
Ҷунбиши домони ноз ҳамнафаси бӯи гул,
Сояи мижгони шӯх ҳамсари чанги уқоб.
Шӯхии ранги ҳино—ҷӯши чаман дар қадам,
Субҳи баҳори хиром—бӯи суман дар рикоб.
Арзи ғубор аз раҳаш таблакушои[3] абир,
Ҷӯши арақ аз рухаш шишафурӯши гулоб...
Лола зи тоби рухаш то ба гулӯ гашта доғ,
Сарв зи шарми қадаш то ба камар гашта об.
Накҳати гул нола шуд, баски ба бӯяш тапид,
Ранги чаман шӯъла зад, баски азӯ дид тоб...
Рахши хиромаш даме, к-аз чаман ангехт гард,
Сабза ба пояш фитод, гул бигирифташ рикоб:
К-эй асари мақдамат, ҷони чаманро насим,
Ҳамчу насим аз чаман баҳри худо рӯ матоб!
Соя мафармо дареғ аз сари мо бедилон,
То даме аз сояат ноз кунем интихоб...

Ин касида 170 байт—340 мисраъ аст, аммо ба тарзи намуна ҳамин қадараш гирифта шуд).

---

[1] Саҳоб—абр.

[2] Марҳун—гаравӣ буда, аммо дар ин ҷо ба маънои „дар банд", „дар қайд" омадааст.

[3] Табла—сандукча ва ё қутичаи хушбӯиҳо, хушбӯидон.

## *ҚАСИДАИ ДУЮМ*

### Дар радифи гул

*(„Қасоид" с. 24)*

Эй баҳори ҷилваатро шаш ҷиҳат дар бор гул!
Бе рухат дар дидаи ман мехалад чунхор гул!
Як нигаҳ наззораат сарҷӯши сад майхона май,
Як табассум хандаат оғӯши сад гулзор гул!
Дар гулистоне ки бӯи ваъдаи дидори туст,
Мекунад оина ҷои барг аз ашҷор гул!
Дар хиромат кист, гулчини баҳори ноз нест?
Хок ҳам дорад ба каф аз гарди он рафтор гул!
Ин кадар дар пардаи ранги ҳино шӯхӣ куҷост?
Мезанад ҷӯш аз кафи поят ба ин ҳинҷор[1] гул!
То ба кай бошад тағофул бар саропоят ниқоб?
Дар дили як ғунча натвон рехт ин миқдор гул!
Парда аз рух барфикан, то бинӣ аз ҷӯши баҳор—
Ҳамчу ашки бедилон дар кӯчаю бозор гул!
Дашту дар имрӯз дар таъмири буньёди тараб—
Аз таноби абр дорад бар сари меъмор гул.
Бар сари ҳар гулбун аз шабнам гулоб афшондаанд,
То зи хоби ноз гардад бар рухат бедор гул!
Пеш аз ин наргис зи чашми ҷодуят бемор буд,
Ин замон хоҳад шуд аз рашки рухат бемор гул!...
Дар назарҳо аз ҳуҷуми рангу бӯ бинмудааст—
Аз замин то осмон як соғари саршор гул.
Мезанад дар базми аҳбоб аз тақозои баҳор
Сояи дасти адаб бар гӯшаи дастор гул.
Ҳамчунон, к-аз рӯи гул шабнам арақ гул мекунад,
Аз ҳубоб оварда соғар ҳам ба рӯи кор гул...
Ҷои он дорад ки аз ҳар қатра тӯфон бар дамад,
В-аз дили ҳар зарра ҷӯшад сад қиёматзор гул...
Навбаҳор асту тароват шӯхие дорад ба чанг,
К-аз тараб чун шамъ меҷӯшад зи нӯки хор гул...

---

[1] Ҳинҷор—равиш, тариқа, тарз.

Мекунад бахри салои дур гардони чаман
Бӯи гул аз ғунчаҳо чун нола аз минқор гул.
Дашт аз ҳар гирдбодаш дастабанди рангу бӯст,
В-аз шарору қатра дорад баҳр то кӯҳсор гул...
Аз тақозои нумӯ, гар соя меафтад ба хок
Медавонад реша чандоне ки орад бор гул...
Табъи ошиқ гар ба номуси вафо афсун дамад,
Ҳамчу бӯи гул кунад рози дили афгор гул...

(Ба тариқи интихоб гирифта шуд).

## *ҚАСИДАИ СЕЮМ*

## Саводи аъзам[1]

*(„Қасоид", с. 34)*

Дар ҳарими хок моро мӯи пирӣ раҳбар аст,
Ҷомаи эҳроми марги шӯълаҳо хокистар аст...
Чун нигаҳ дар гирди нопайдоии худ метапам
Риштаи сози таҳайюр аз садо нозуктар аст.
Арзи мову ман чӣ дорад ҷуз ба рӯи ҳам задан?
Мавҷи ин дарьё шикасти киштии якдигар аст...
Офият аз олами имкон набояд хостан,
Хонаи занҷиру сомонаш ҳамин шӯру шар аст.
Гар дили ҷамъат ҳавас бошад хамӯшӣ пеша кун!
Ғунчаро поси нафас шерозабандии дафтар аст...
Ҷамъ кун дил то зи ташвиши ҳавас эмин шавӣ!
Байзаи сарбаста мӯҳри дафтари болу пар аст...
Ганҷи асрорӣ агар аз худ тиҳӣ шуд кисаат,
Ҳамчу аъдоди ақал, к-аз сифр ҳукмаш аксар аст...

---

[1] Ин қасида дар ҷавоби „Дарьёи Аброр" ном қасидаи машҳури Хисрави Деҳлавӣ аст, ки ба вай Абдураҳмони Ҷомӣ бо номи „Луҷҷатуласрор" ва Мир Алишер Навоӣ бо номи „Тӯҳфатулафкор" ҷавобҳо гуфтаанд. Чунон ки номи ин қасида „Саводи аъзам" аст, аз рӯи қайди муаллиф дар охири қасида таърихи иншодаш ҳам ҳамин лафз аст, ки ба ҳисоби абҷад 1082 ҳиҷрӣ мебарояд ва ин рақам баробари 1672 милодӣ буда, ба синни 28-солагии шоир рост меояд, аммо сабаб чист ки шоир дар матлаъ ба пирсолии худ ишора мекунад. Шояд мақсадаш умуман мӯи пирӣ бошад, на пирии шахси худаш.

Хусни маънӣ хоҳӣ, аз касби ҳунар ғофил мабош!
Абрӯи бемӯ бувад теғе ки ӯ бе ҷавҳар аст...
Аз таайюн[1] бар либоси факр расвой мачин!
Чини абрӯ ҷомаи зарбафтро утугар аст.
Аз ҳаё магзар, ки дар номусгоҳи эътибор—
Шарм мардонро виқор асту занонро зевар аст.
Он қадар ҷуръат макун, к-аз саъй гардӣ мунфаил![2]
Чун шарар дар тезии парвозҳо қатъи пар аст.
Гар ризои ҳақ тамаъ дорӣ ба нафъи халқ кӯш!
Ҳар, ғизо к-афтад мувофиқ бо бадан ҷонпарвар аст.
Софдил бо ҳар чи омезад кудурат мекашад,
Тира бошад об агар чи мухталит[3] бо шаккар аст.
Бар дили озод аз узлат[4] мабанд афсурдагӣ!
Ҳар куҷо оби равон ях баст, санги мармар аст.
Бар тавозӯъ зинҳор афсонаи нахват[5] махон!
Тоқро гар чини абрӯ гашт зоҳир, абтар аст.
Чун дуруштӣ аз табиат рафт роҳат фарш баст,
Хоби махмалро ҳамон вазъи мулоим бистар аст.
Дӯзахат дар пешу дил зинҳории ваҳми азоб!
Эй ҷунунбуньёд аз он оташ ки метарсӣ зар аст!
Ҳирс гирди хеш мегардад ба завқи ҷамъи мол,
Маркази паркори ин гирдоб фикри гавҳар аст.
Фарқ пайдо мекунад дар марду номард имтиҳон,
В-арна дар лофи вағо[6] ҳар ҳез чандин лашкар аст...
Офият хоҳӣ зи доман по намебояд кашид,
Шӯъла то дар санг бошад эмин аз хокистар аст.
Аз мухолиф боядат оҳанги ибрат вокашид,
Ваъз агар мақсуд бошад, арғунун[7] ҳам минбар аст.

---

[1] Таайюн—дар ин ҷо худнамой ва такаббур (шоир либоси факрро ба ҷомаи зарбафт монанд карда такаббур (чини абрӯ)-ро ба уту (утюг) ташбеҳ намудааст. Маълум аст, ки утюг ҷомаи зарбафтро хароб мекунад.

[2] Мунфаил—дар ин ҷо ба маънии шарманда, хиҷолатманд.

[3] Мухталит—омехта.

[4] Узлат—гӯшагирӣ.

[5] Нахват—калонгирӣ, такаббур.

[6] Ваго—ҷанг.

[7] Арғунун—як асбоби мусиқӣ, ки ба шакли сандуқ чоркунҷа аст.

Зинати зоҳир бувад нуқсони равшангавҳарон,
Тирагӣ дорад ба дил то шамъро гул бар сар аст...
Гуфтугӯро чарбу нармӣ оби дигар медиҳад,
Шӯълае, к-аз мум равшан мешавад равшантар аст.
Ҳар қадар сози тааллуқ беш, кулфат бештар,
Мӯи сар чандон ки мегардад фузун дарди сар аст...
Ҳар мақоме маънии тағьири мо мепарварад,
Об агар дар барг бошад сабзу дар гул аҳмар аст...
Дил чу равшан гашт ҷоҳу шавкате даркор нест,
Баҳри тасхири ҷаҳон хуршеди танҳо лашкар аст.
Ашки мазлумон кабудӣ баст дар аҷзои чарх,
Мавҷи ин сарчашма як сар селии нилуфар аст.
Дорад асбоби ҳаловат саргарон бемағзро,
Устухони най агар сангин шавад аз шаккар аст.
Табъи золим ҷуз ба марг осудагиро боб нест,
Шӯъларо ҷамъияти мижгон таҳи хокистар аст...
Бар намегардад мизоҷи золим аз тарки ҳасад,
Шӯъла ҳар гаҳ по ба доман ҷамъ созад ахгар аст.
Нест ҷуз норостӣ золимсириштонро камол,
Морро чун теғ арзи каҷхиромӣ ҷавҳар аст.
Бар ҳаловат мефазояд улфати соҳибдилон,
Меваи нахле ки пайвандаш кунӣ ширинтар аст...
Инҳироф аз вазъи аслӣ ҳеҷ ҷо мақбул нест,
Чун ба сӯи дида баргардид мижгон囊штар аст.
Эътибороти бузургони ҷаҳон ҳеҷ асту пуч,
Чун ҳубоб ин ҷо сари бемағз соҳибафсар аст.
Тобеи ҳамчун худе будан зи нобиноӣ аст,
Дар ҳақиқат кӯҳнакӯр аст он ки гуфтӣ „навкар“ аст[1]...
Дарду доғи рафтагон бар нармии дил бастаанд,
Дар заминҳои мулоим нақши по афзунтар аст...
Монеи файзи ҳаловат мешавад чини ҷабин,
Найшакар дар ҳар куҷо дорад гирех, камшаккар аст...

---

[1] Шоир дар ин ҷо лафзбозӣ кардааст: „навкар“-ро, ки ба маънои „кори нав“ „нав кар“ ҳам хондан мумкин аст, ба муқобили „кӯҳнакӯр“ гузошта бо ду маънӣ гирифтааст.

Улфати зар ҳамчу ҳамьён мекунад дилро сиёҳ
Доғ дар ҳар чо ки мебинӣ нишони ахгар аст...
Зинҳор аз файзи сомони каноат нагзарӣ!
Ҳар ки поси обрӯи хеш дорад гавҳар аст...
Бедил, аз маънитирозӣ бар камоли худ малоф!
Гирди соҳил бош, ин мавч аз муҳити дигар аст...
Мушти хоку дастгоҳи ҳарфу савт эъчози кист?
Дар мизочи сеҳрсозат сурма бҳанговар аст!...
Аз саводаш метавон оинаҳо пардохтан,
Чашм агар дорад кудурат сурмааш равшангар аст.
Бе такаллуф касби хуше кун ки дар девони роз,
Андаке фаҳмидан аз бисьёр гуфтан хуштар аст.
Шӯхии ин назм бар дилҳо киёмат мекунад,
Эй киёмат дар нафас! Шӯрат чӣ тӯфонпарвар аст?
Гар шавад оинадори нусхаи гардун бачост,
К-аз шараф ҳар нуктааш ҳамчашми чандин ахтар аст...

(Ба тарзи ихтисор гирифта шуд).

### *ҚАСИДАИ ЧОРУМ*

## Дар бораи инсон, натиҷа дар бораи эҷодиёти худ ва таъна бар шоирони тамаъкор

*(„Касоид“, с. 37)*

Эй шамъи базми кудс[1], надонам чӣ мазҳарӣ?[2]
К-аз ваҳм гоҳ равшану гоҳе мукаддарӣ!
Эй накши ҳайратоина, хатти чӣ дафтарӣ?
К-аз нуқта нодамида бурунтози мистарӣ!
Накшуда шахси ту ба якин як мижа никоб,
Дар сад ҳазор оина тимсолпарварӣ!
Гоҳ аз самуми қахр чу гулхан пуроташӣ!
Гоҳ аз насими лутф чу гулшан муаттарӣ!
Бахрӣ, ба ҷӯши қатразаниҳои саъи хеш,
Тӯфони туст ин ҳама сози шиноварӣ!

---

[1] Кудс—покӣ.
[2] Мазҳар—махалли зухур ва ҷои намоёншавии чизе.

Дар мулки бетаайюнӣ афзунтарӣ зи чарх!
Аммо ба олами ҳавас аз зарра камтарӣ!
Дар лафзи туст маънии кавнайн[1] мундариҷ,
Баҳри чӣ бар ҳақиқати худ пай намебарӣ?
Эй найири[2] сипеҳри ҳақиқат, яке битоб!
Хуш хуфта дар ҳиҷоби шабистони[3] ховарӣ![4]
То чанд ваҳм заҳри ҳасад резадат ба ком?
Эй он ки қулзуми асалу кони шаккарӣ!
Бо ҳар ки кина соз кунӣ кулфаташ зи туст!
Охир тааммуле, ки ба захми кӣ наштарӣ?
Оби ҳаёт аз нафасат мавҷ мезанад,
Аммо чӣ суд, к-аз арақи мову ман тарӣ!...
Табъат даме ки моили айби касон шавад,
Оина гир, к-аз сари инсоф нагзарӣ!
З-ин гардише ки оинаи ранги ҳоли туст
Ҳаргиз ба фикри худ нафитодӣ, чӣ соғарӣ?
Ғофил зи худ мабош, ки чун шамъи офтоб
Иқболи ҳафт маҳфилу[5] нӯҳ қасри ахзарӣ![6]...
Аз ҳар шайе ки ақли ту фаҳмид, афзалӣ!
Аз ҳар макон, ки фаҳми ту пай бурд, бартарӣ!
Ҳар ҷо нигоҳ меравад, он ҷо ту рафтаӣ!
Ҳар сӯ хаёл мепарад, он сӯ ту мепарӣ!...
Чун мавҷ чанд ҳарза давидан ба ҳар канор?
Гирдоб шав, агар талабоҳанги гавҳарӣ!
Кавну макон гулест ба домони ҳимматат,
Худро агар иҳота кунӣ, чархи дигарӣ!...
Маҳкуми нафсӣ, ин ҳама дунҳимматӣ чаро?
К-андар бисоти қудс туӣ садру сарварӣ!
Олам ҳама мусаххари амри замири туст!
Эй бехабар, ту аз чӣ ҳаворо мусаххарӣ?...[7]

---

[1] Кавнайн—ду дунё: дунёи мавҷудоти сувари-зоҳирӣ ва мавҷудоти маънавӣ
[2] Найир—офтоб.
[3] Шабистон—шабгаҳ (ҷои шабнишинӣ дар боғҳо ва кӯшкҳо).
[4] Ховар—дар ин ҷо ба маънои шарқ.
[5] Ҳафт маҳфил—киноя аз замин.
[6] Нӯҳ қасри ахзар (сабз)—киноя аз осмон.
[7] Ҳаво—дар ин ҷо ба маънои ҳавас ва хоҳиши нафс.

Сарчашмаи ҳаёти абад дар канори туст,
Гар сар ба ҷайби хеш кашидӣ, Сикандарӣ!
Гӯ баҳра кам барад саги нафс аз ҷаҳони хушк!
Гар устухони ҳирс шикастӣ, ғазанфарӣ![1]
Аз саъду наҳси даҳр асар ҷилвагар набуд,
Ҷӯшид аз имтиёзи ту кайвону муштарӣ.
Чашмат зи бениёзии таклифи имтиёз—
Аз худ баланд тохт ба оҳанги ахтарӣ[2].
Мухтори сад уруҷу[3] нузул[4] аст ҳимматат,
То сар зи олами чӣ ҳақиқат бароварӣ?...
Аз сурат ар фиреб хӯрӣ, ҷуз араз[5] найӣ
Бар маънӣ ар назар фиканӣ, айни ҷавҳарӣ![6]
Аҷз аз ту ҷилвагар шуду кибр аз ту сар кашид,
З-ин шева шуд яқин ки ба ҳар вазъ дархӯрӣ!...
Ҳарчанд офтоб барорад бузургият,
Беранг зӣ, чу зарраи мавҳум, аз аҳқарӣ![7]
Вазъи тавозӯи ту ҳамон авҷи иззат аст,
Гардун тавон шуд аз хами таслимпайкарӣ!
Эй зӯфунун[8] ба олами маънӣ кушой чашм!
Чун тифл сахт шефтаи нақши чодарӣ[9]!..
Кулфат макаш зи вазъи парешони зиндагӣ,
Ошуфта аст нағмаи қонуни унсурӣ[10]...
Гуфтам ҳазор ранг ҳадиси ҳавасгудоз,
Шояд тааммуле кунадат ибратоварӣ...

---

[1] Ғазанфар—шер;

[2] Шоир мегӯяд ки дар дуньё наҳсу саъд набуд, инҳоро ту сохта баровардӣ, ҳар чиз дар худаг буд, аммо ту аз худ баланд тохта дар фикри ситора шудан афтодӣ.

[3] Уруҷ - болоравӣ;

[4] Нузул—поинфурой;

[5] Араз—назар ба ҳикмати қадим чизе ки вуҷуди мустақил надошта ҳастии худро ба воситаи чизи дигар нишон медиҳад;

[6] Ҷавҳар—дар ин ҷо муқобили араз буда, чизе ки вуҷуди мустақил дорад.

[7] Аҳқарӣ—ночизӣ, камтаринӣ.

[8] Зӯфунун—соҳиби фанҳо, донишманди чандин илму ҳунар.

[9] Чодар—дар ин ҷо ба маънои чодархаёл ё чодари зочабозӣ аст, ки ба вай бачагон зиёда ҳавас доранд.

[10] Унсурӣ—дар ин ҷо ба маънои табиат аст, ки назар ба ақидаи донишмандони қадим аз обу оташу боду хок—аз чорунсур пайдо мешавад.

Бедил, ман он наям, ки шавам тоҷири камол,
Ҷое ки хосу ом суханрост муштарӣ.
Дар арсаи баён нафасе гирд мекунам[1]
Бе даъвии фазилату лофи суханварӣ.
Маҳкуми бениёзии шавқам, на маҳви фикр,
Озодам аз тахайюлу авҳомгустарӣ.
Аз ҳеҷ кас наям силаандеш бешу кам[2],
Маддоҳи фитратам, на Заҳирам[3] на Анварӣ.
Шеъре, ки дар дил орзуи гадья[4] парварад,
Бар маънеиаш бишо...у бар алфози ӯ би...

## ҚАСИДАИ ПАНҶУМ

### Дар шикоят аз зулму бедоди замони худ

*(Аз саҳифаи 38-ми „Қасоид")*

Вақти он аст, ки аз гардиши гардуни фалак
Нақши меҳр аз вараки рӯи замин гардад ҳак...
Талхии зулм ҳаловат ба завоиқ[5] сӯзад,
Аз сари хони вафо маҳв шавад ҳаққи намак.
Ҳасрати нӯш ба бемор диҳад ҷоми аҷал,
Муждаи марҳам бар захм кунад ҳарфи газак.
Лолазори тараб аз шӯълаи ғам гардад доғ,
Арғувонрангии уммед бароянд сабзак...
Ваҳми аблаҳ алами ноз фарозад ба самок[6],
Саъи доно шиканад коси фазилат ба самак[7].

---

[1] Дар баъзе нусхаҳо ба ҷои „нафасе гирд мекунам"—„нафасе гарм мекунам" дида шуд.

[2] Сила—мукофот, инъом, хусусан барои шеър.

[3] Заҳир—Заҳири форьёбӣ аст, ки монанди Анварӣ дар қасидагӯии дарборӣ шӯҳрат дорад.

[4] Гадья—гадоӣ.

[5] Завоиқ—қувваҳои завқьёбӣ.

[6] Самок—номи як ситора.

[7] Самак—моҳии зеризаминӣ (аз рӯи афсонаи хурофотие ки гӯё замин бар болои гов ва гов бар болои моҳӣ будааст).

Шерро пӯст чу рӯбоҳ шавад офати ҷон,
Рубаро макр диҳад сӯи палангон шерак[1],
Пари гунҷишк кунад даъвии парвози уқоб,
Лофи сарпанча барад пеш зи шоҳин шорак[2]...
Киштии айём кунад фили ҳаводис помол,
К-аз кафи ростӣ афтода дар ин арса каҷак[3]...
Ҳар хаёле ки ба зулматгаҳи ваҳм аст ниҳон,
Ҳамчу хуршед аён аст ба чашми зирак...
Бо чунин вазъ ҷаҳон кӯшиши ботил дорад,
Мақсадаш ваҳму талаб ҷаҳлу залолат[4] маслак...
Назаре ку, ки кунад ранги гул аз оташ фарқ?
Шоммае[5] ку, ки шавад мудрики[6] мушк аз мушлак?[7]
Ғарраи нозию вақт аст, ки шоҳини қазо
Ногаҳон хурд кунад болу парат чун ӯрдак...
Сурмаи ибрате аз ҳуш талаб кун, в-онгоҳ
Чашм бикушою бубин сурати ҳоли ҳар як!..
Лолаю гул ҳама доғи ҷигару захми диланд,
Булбулу фохта якдаст ҳама наъразанак...
Гӯшмол асту фиғон ҳосили кори тамбӯр,
Навҳаю синахарошӣ сару сомони ғиҷак...
Ҳол муфт аст, чӣ мозию кадом истиқбол?
Гар най тифл, ба афсона матан, эй мардак!
Меравад умр ту дар чақ-чаку вақ-вақ помол,
Шӯри ин қофила бар риши ту дорад тизак[8]...
Доми тазвир биҳил[9], рабти тахайюл бигусил.
Баҳри сайди магасе чанд машав тортанак.

---

1 Шерак—ҷуръат, далерӣ.

2 Шорак—паррандаи хурдакаки сиёҳранг аст, ки дар забони тоҷикӣ „мурғак" ном дорад.

3 Каҷак—чангчаи филбонон аст, ки бо вай филро идора мекунанд.

4 Залолат—гумроҳӣ.

5 Шомма—қувваи бӯйӣ, ҳисси бӯйфаҳмӣ.

6 Мудрик—дар ин ҷо ба маънии фарқкунанда.

7 Мушлак—як гиёҳи бадбӯй.

8 Тизак—аз калимаи „тиз", ки ба маънои боди аз пасбароянда аст, сохта шудааст.

9 Биҳил—тарк кун, парто!.

Сайди инсон кун агар ҷавҳари ахлоқат ҳаст,
Пеши бӯзина чӣ лозим бинавозӣ тунбак[1]?
Шарм бодат, ки ҳавасмоили парвози нифоқ
Оламеро бифиребӣ ба забон чун тӯтак[2].
Умрҳо шуд нафасат буғзу ҳасад мебофад,
Як нафас, кош, шавад маънии хулқат мудрак[3]...
Гурбачанголии маргат агар оиназудост,
Муши фикри ҳасад он беҳ, ки кашӣ дар хаппак.
Жожхоӣ[4] чӣ қадар бо ту вафо хоҳад кард?
Лабу дандони ту вақт аст, ки гирад лаълак[5]...

## *ҚАСИДАИ ШАШУМ*

### Ба тарзи ғазал
### Дар аёдати яке аз дӯстони бемори худ

Омадам, то сад чаман бар ҷилва нозон бинамат,
Нашъа дар сар, май ба соғар, гул ба домон бинамат.
Ҳамчу дил умре дар оғӯши хаёлат доштам,
Ин замон ҳамчун нигаҳ дар чашму мижгон бинамат...
Эй масеҳонашъаи ранги ду олам эҳтиёҷ!
Бар нигаҳ зулм аст агар муҳтоҷи дармон бинамат!
Дидаи ҳамьёзасанҷе чун қадаҳ овардаам.
То ба ранги мавҷи саҳбо масти ҷавлон бинамат.
Оламе аз нақши поят чашм равшан мекунад,
Андаке пеш ой, то ман ҳам хиромон бинамат.
Ҳаққи зоти туст саъи дастгириҳои халқ,
То абад, ё раб, асои нотавонон бинамат!

---

[1] Тунбак—асбоби мусиқӣ аст, ки ба шакли кӯзаи бедаста аз сафол месозанд ва ба тарафи кушодааш пӯст кашида бо панҷаи даст менавозанд. Ин асбоб „таблак" ҳам номида мешавад.

[2] Тӯтак—тӯтии сухангӯй.

[3] Мудрак—идрок кардашуда, мафҳум ва маълум.

[4] Жожхоӣ—харзагӯӣ, беҳудагӯӣ.

[5] Лаълак—бемории сӯхтанӣ.

Арзи таъдоди[1] маротиб хиҷлати шавқи расост,
Он чи дил мамнуни диданҳо шавад, он бинамат.
Ғунчагиҳоят насиби дидаи Бедил мабод!
Чашми он дорам, ки то бинам—гулистон бинамат.

## *ҚАСИДАИ ҲАФТУМ*

### Ба тарзи ғазал

### Дар мавриди аз сафар бозомадани яке аз дӯстонаш

Субҳи таманно дамид, дил чаманистон кунем,
Юсуфи мо мерасад, оина сомон кунем.
Хосили боғи мурод ҳавсалаҳоҳи вафост,
Он чи нағунчад ба ҷайб тӯҳфаи домон кунем.
Сози тараб дилкушост, нашъа тарранумнамост,
Мутриби мо тарсадост, шиша ғазалхон кунем...
Аз лаби ҷонбахши ӯ як ду нафас дам занем,
Мисри ҳаловат шавем, қанду гул арзон кунем[2]...
Ҷабҳаи андешаро дар қадами ӯ сарест
Беҳ, ки дар он нақши по сайри гулистон кунем.
Чашми ду олам нишот маҳви тамошои мост,
Дида ба дидор агар як мижа ҳайрон кунем...
Гардани мо то абад бастаи занҷири ӯст,
Қумрии ин гулшанем, тавқ чӣ пинҳон кунем?
Бедил, агар сабз шуд дона зи файзи саҳоб,
Мо дили афсурдаро дар қадамаш ҷон кунем.

## *ҚАСИДАИ ҲАШТУМ*

### Боз дар ҳамон мавзӯъ

Боз аз дил ба сӯи дидаи мо меой,
Эй дилу дида фидоят, зи куҷо меой?..
Зи гудози дили ҳасратзадагонат хабарест,
К-инқадарҳо арақолуди ҳайё меой.

[1] Таъдод—шумор, хисоб.
[2] Қанду гул—гулқанд.

Абрхо дар қадамат резиши гавҳар доранд,
Фасли найсонию сероби сахо меой.
Мехиромӣ тую ман нози таҳайюр дорам,
Гӯй аз бахри мани бесару по меой.
Рафтану омаданат омаду рафти дигар аст,
Мавҷи гул меравию оби бақо меой...
Дида то дил ҳама гулчини баҳороғӯш аст,
Чашми бад дур, аҷаб уқдакушо меой...
Шаби Бедил нашавад рӯз чӣ имкон дорад?
Ки ту хуршедию дар кишвари мо меой!

———

## VI

# АЗ ҚИТЪАҲО ВА ПОРЧАҲОИ ГУНОГУНМАВЗӮЪ

### Дар таърихи таваллуди худ

Ба соле ки Бедил ба мулки зуҳур,
Зи файзи азал тофт чун офтоб.
Бузурге хабар дод аз мавлидаш,
Ки ҳам „файзи қудс“ асту ҳам „интихоб“[1]

### Дар таърихи вафоти Мирзо Қаландар, ки амак ва тарбиякунандаи Бедил буд

Сипаҳсолори дин Мирзоқаландар,
Муҳити лутфу кони меҳрубонӣ...
Дар ин ҳирмонсарои кулфатанҷом
Ба ишрат кард умре зиндагонӣ.
Ба ҳукми он ки дар ҳар ҷо баҳорест
Ба табъи рангу бӯ дорад хазоне.
Варақ гардонд охир нусхаи умр,
Фано шуд баҳси пирию ҷавонӣ,
Зи ибратгоҳи имкон[2] чашм пӯшид,
Чу мижгон мунқатеъ шуд парфишонӣ.

---

[1] Ҳар кадоми ин ду фикра ба ҳисоби абҷад 1054 ҳиҷрӣ буда, ба ҳисоби милодӣ 1644 мешавад.

[2] Имкон—дар ин ҷо ба маънои дунъё, мумкинот.

Паи таҳқиқи таърихи фироқаш
Нафас зад ғута дар баҳри маонӣ,
Ба гӯши хуш охир ҳотифе гуфт:
„Қаландар ёфт васли ҷовидонӣ".[1]

## Дар ёди кишвари Бихор

Эй сабо, умрест з-он гулшан наёвардӣ хабар:
Сарв он ҷо дар чӣ раъноист, гул масти чӣ ранг?
Шамъи он базм аз чӣ рӯ оина равшан мекунад?
Гулбуни он боғ домони чӣ гул дорад ба чанг?
Андалеби Бедили моро дар ин кулфатсаро
Ҳамчу бӯи ғунча ҷои парфишониҳост танг...
Тоқате мехоҳад аз дарди ҷудоӣ нолаам,
То нафас бар хеш ҷунбад шиша меояд ба санг.
Сӯхт дил аз доғи маҳрумӣ, ки дар арзи ниёз
Нома домони таҳи санг асту қосид пойланг.
Бо ҳама навмедӣ аз шуғли дуо ғофил наям:
Ё раб, он гулшан мабинод аз хазон тағйири ранг!

## Дар шикоят аз баъзе ҳамзамонони худ

Ё раб, эҷоди қадрдонон кун
Ба ниёзи кароматафсунон,
Ки дар ин рӯзгори шоматхез[2]
Нанги бӯзинаанд маймунон.[3]
Сакта то кай радифи табъи равон?
Тира то чанд бахти мавзунон[4]?!
То расад тарзи ишрате ба навӣ,
Кӯҳна гаштанд тозамазмунон.

---

[1] Мисраи охирин, ки моддаи таърих аст, ба ҳисоби абҷад 1076 ҳиҷрӣ буда, ба 1666 милодӣ баробар меояд, ки дар 22-солагии шоир гуфта шудааст.

[2] Шомат—шумӣ.

[3] Маймунон—дар ин ҷо киноя аз одамони пастфитрат, ки дар таклид бӯзинамонананд.

[4] Мавзунон—шоирон.

Ё адам соз мулки донишро,
То асар маҳв гардад аз Юнон[1].
Варна ин зиндагӣ намеарзад
Ба қабули таҳаккуми дунон.

## Дар таърихи вафоти Мирзо Зариф, ки тағоии Бедил буда, дар омӯзиши илмҳои арабӣ устоди ӯ ҳам буд

Қидваи[2] аҳли фазл хоҷа Зариф,
Ки чу ӯ солики ягона набуд,
Нафасе ҷуз ҳадис вирд надошт,
Қадаме ҷузъ ба роҳи фақр насуд;
Ҳар кадар илму фазл бешӣ кард,
Дарси таслиму масканат[3] афзуд,
Чашм пӯшид аз ҷаҳону гузашт,
Мижа барбасту боли ноз кушуд,
Яъне аз домгоҳи вахшатранг
Ҷасту дар мулки офият осуд.
Ҳарфи ин мисраъ аст таърихаш:
„Некфарҷоми окибатмаҳмуд“[4].

## Қитъа ба тарзи ғазал

## Дар ёди рафиқони вафотьёфта

Магӯ гузаштарафиқон зи дил фаромӯшанд,
Кадом нола, ки дар пардааш намеҷӯшанд.
Чароғи анҷумани ҳайрати назар буданд,
Кунун ба пардаи дил доғҳои хомӯшанд.
Нарафтаанд аз ин базм то сухан боқист,
Зи дида рафта ва лекин ҳанӯз дар гӯшанд.

---

[1] Ба муносибати аз Юнон расидани Афлотун Арасту, ва Букрот барин ҳукамои қадими ин сарзамин дар адабиёти Шарқ ба сифати донишхезӣ машҳур шудааст.

[2] Қидва—сарвар, пешво.

[3] Масканат—шикастанафсӣ, хоксорӣ.

[4] Ин моддаи таърих 1075 ҳиҷрӣ буда, ба 1665 милодӣ баробар аст, ки ба 21-солагии шоир рост меояд.

## Маснави

### Дар тасвири шамшер

Ало эй зирехпӯши зеварнигор.
Забоновари маъразн гирудор.
Хамӯшию аз шури яғмои ту
Дар офоқ печида ғавғои ту.
Ишороти бегонагӣ абрӯят,
Ба пахлуи хар кас тихӣ пахлуят.
Ба софӣ чу обӣ, ба тундӣ чу нор,
Ба чавхар чу мӯри, ба хайъат чу мор
Дари сулху рохи вафо бастай,
Паи кин миёнро ду чо бастай.
Ситезат на душман шиносад, на дӯст,
Зи ту корд бар устухон мағзу пӯст.
Лабат гар шавад тар ба хуни адӯ,
Намояд шафақ дар дами субх рӯ...
Нихеби ту то дасти ғорат кушуд.
Сари хар ки дидам зи гардан набуд.
Зи бас дар шукӯх аз сарон бартарӣ,
Агар кӯх бошад туаш бар сарӣ.
Фано шӯхии мавче аз чӯи туст,
Ачал як ишорат зи абрӯи туст...
Адӯро зи чӯи ту мавчи шарар,
Гахе аз камар бигузарад, гах зи сар...
Ба бедод аз хад бурун будай,
Ба хубӣ зи хубӣ фузун будай.
Маро кабзаат гар шавад дастьёр,
Зи буньёди гетӣ барорам димор.
Ба мавче ки гардад зи чӯят равон
Бишӯям нишони ғурури чахон.
Хами пайкарат накши абрӯи кист?
Ба ин мавч оби ту аз чӯи кист?
Зи тарзи нигохи кӣ дорӣ паём?
К-аз оби ту хун мечакад. Вассалом!

## Маснавӣ

### Дар мазаммат ва сарзаниши кимьёгарони хаёлӣ, ки дар пайи аз мис тилло ва аз қалъагӣ нуқра сохтан умру моли худро сарф карда дар маҳруми мемурданд

Эй муҳаввис[1] дар ҳавои кимьё!
Метапад набзи ту чун зайбақ чаро[2]?
Баҳри таҳсили маош, эй бадгуҳар!
Касб бисьёр аст агар бандӣ камар.
Ин чӣ савдо дар сарат афтодааст?
Аз куҷо ин нагбатат рӯ додааст?
Рафт чун симоб ором аз дилат.
Ганда чун кибрит[3] шуд обу гилат.
Пир гаштӣ лек бар ҳарфи маҳол
Меравӣ аз ҷо чу тифли хурдсол!...
Ҳасрати сад ранг тезобат ба пеш,
Талх кардӣ оби ҷӯи айши хеш!..
Гаҳ бар обу гаҳ бар оташ мезанӣ,
Рӯзу шаб дар назъию ҷон меканӣ!
То ба кай аз ақли чаҳландӯзи ту
Почаки[4] даштӣ бувад дилсӯзи ту?
Ибрате, к-аз шуғли саргин сӯхтан
Ханда дорад шамъи ноз афрӯхтан!
Нестӣ зардушт, эй оташпараст!
То ба кай дар оташат бояд нишаст?..
Дил чу гулхан тирагир аз дуди ҳирс,
Судани даст аст яксар суди ҳирс...
Ҳамчу хар дорад ба чандин печу тоб
Фикри симоби ғализат дар халоб[5].

---

[1] Муҳаввис—соҳибҳавас.
[2] Зайбақ—симоб.
[3] Кибрит—олтингӯгирд.
[4] Почак—таппи гов.
[5] Халоб—лойдон.

Дил макун дар судани аҳҷор[1] реш,
Даст барҳам судане дорад ба пеш...
Нураю[2] зирних молидӣ баҳам,
Як сари муҳам нашуд ҳирси ту кам.
Милҳу[3] кальё[4] коми ҳушат шӯр кард,
Шӯра охир чашми аклат кӯр кард...
Кӯраи ҳирсию месӯзӣ димоғ,
Ҳам ба хокистар магар ёбӣ фароғ!..
Талх шуд ком аз таманнои зарат,
Сӯхт хуну рехт сафро дар сарат!..
Менамояд зайбақат аз бӯта рам,
К-эй ба худ вомонда, роҳӣ шав ту ҳам!
Бӯи кибритат ҷаҳонро ганда кард,
Нафси шумат рӯҳро шарманда кард!..
Хок мезебад ба фарқат бехтан!
Сурб[5] мебояд ба ҳалқат рехтан!

## Маснавӣ

### Дар тасвири фил

Қалам то кунад нақши тасвири фил,
Гусистаст аз нол[6] занҷири фил.
Магӯ фил, Ҳиндустоне дигар,
Шабистони дигар, ҷаҳоне дигар.
Зи дӯшаш уруҷи димоғи шаҳӣ,
Ба хартумаш омолро кӯтаҳӣ.

---

[1] Аҳҷор—сангҳо.
[2] Нура — оҳак.
[3] Милҳ—намаки ошӣ.
[4] Қальё—як хели намак, ки дар саноат ба кор меравад.
[5] Сурб—қӯрғошим.
[6] Нол—як тори нозуки ҳаму печдор аст, ки дар даруни наи қалам ҷой гирифтааст.

Ба чавлони мастӣ мурувваткадам,
Бузургӣ ба ·кӯчакдилиҳош зам
Шавад кӯдаке гар ба дӯшаш савор
Ба мехри падар вокушояд канор
В-агар мӯре омад тахи пои ӯ
Ба сахро, тиҳӣ мекунад чои ӯ
Нагунчад пурӣ дар худ аз паҳлӯяш,
Матонат хамад дар хами зонуяш.
Ба тамкин зи тимкин гаронсангтар,
Ба чустӣ зи чустӣ рам оҳангтар...
Сабукрӯҳ з-онсон ки гарди хаёл
Ба саъи хиромаш нашуд поймол.
Чу шаб гар ҳама то саҳар раҳ супурд
Ба мижгони хобидае по нахӯрд...
Чӣ оташ чунун карда аз пайкараш
Ки кӯҳи загол[1] аст по то сараш?
Кашад аз чигар обу бар сар занад,
Мабод аз танаш шӯълае пар занад.
Қазо карда тарҳ аз чаҳони басит
Ба хартуми ӯ чазру маддӣ[2] муҳит...
Китоби хисоби амал таҳ шавад,
Ки аз чини хартумаш огаҳ шавад...
Қадам хар кучо дар равонӣ фушурд,
Ба овози пояш касе пай набурд.
Зи бас бар гаронӣ зад аъзои ӯ,
Садо низ шуд сурма дар пои ӯ.
Бурун частан аз зери пояш кирост?
Ки дар роҳаш овози по барнахост.
Сухан гар зи рафтори ӯ меравад,
Садо дар забонҳо фурӯ меравад.
Сараш аз бузургӣ ба ҳадде гарон,
Ки дар пайкараш карда гардан ниҳон.

---

[1] Загол—ангишт.

[2] Чазру мад—холатест, ки дар бахрхо дар вактхои муайян рӯй медиҳад: дамида ва боло гирифтани оби бахрро „мад", баргаштан ва фуромадани вайро „чазр" меноманд.

Баландӣ тале чида по то сараш,
Ки афканда дар олами дигараш...
Ба ҳар узви ӯ вусъат оина чид,
Вале чашми ӯ гайри тангӣ надид.
Бузурге ба ин тангчашмӣ назод,
Фалак ҳам аз ӯ дорад ин нукта ёд...
Дигар, Бедил, аз филу хар дам мазан!
Диле ҷамъ кун, нусха барҳам мазан!
Кучҳо давид аз ҳавас решаат,
Ки дар пои пил омад андешаат?..

## Маснавӣ

## Дар боран нигоҳ доштани шарафи қавли худ

Эй дилат арсагоҳи дамсардӣ!
То ба кай гуфтугӯи номардӣ?
Он чи ҳарфи забони мардон аст,
Хомӯшиҳои теғи урьён аст.
Сухани мард агар фитад бар хок.
Беҳ к-аз он пеш сар фитад бар хок!
Мурданат беҳ зи зиндагонии хом,
Хок хӯр, эй ки мехӯрӣ илзом[1].
Захмҳо метавон ба ҷон бардошт,
Лек хиҷлат наметавон бардошт.
Рӯи мулзам[2] ҳамон пари зоғ[3] аст,
Шӯъла, рангаш чу бишканад доғ аст.

## Дар ҳаҷви зоҳид

Махӯр аз покии домони зоҳид
Фиреби нури беимони зоҳид.
Зи макри содагиҳояш бупарҳез!
Катон дорӣ, аз ин маҳтоб бигурез[4]!

---

[1] Илзом—мағлуб шудан дар мунозира ва мусобиқа.

[2] Мулзам—мағлуб дар мунозира ва мусобиқа.

[3] Пари зоғ—киноя аз ранги сиёҳ; яъне рӯи мулзам сиёҳ аст.

[4] Ғалати машҳур аст, ки гӯё катон (порчаи нозуки зағирпоягӣ) дар маҳтоб пош мехӯрдааст. Мазмуни ин байт ба ҳамон шӯҳрат асос ёфтааст.

Чу субҳи козиб аст ин теғи ҷонкоҳ
Ҳалоки корвонеро камингоҳ[1].
Бузургӣ беш натвон бурд пешаш
Зи чандин хирмани мӯ чида ришаш.
Ба завқи жожхой карда сомон,
Ба ранги сабҳа[2] сар то пош дандон.
Сафо дар ҷуббаву аммомааш сарф
Тилисми қир[3] рӯ андӯдаи барф,
Чу оташ зоҳиру ботин табоҳӣ,
Ба сар хокистару дар дил сиёҳӣ.
Чароғи хилваташ нури сафо нест,
Ба базми зӯҳд роҳи шиша во нест.
Ту ин ҷо шишаи худ дар бағал дор,
В-агар орӣ бурун, санге бурун ор!
К-аз ин бедард мино нанг дорад
Дили афсурда бӯи санг дорад.

## Дар ҳаҷви зоҳиди ришкалон

*(Ба тарзи ғазал)*

Ин қадар риш чӣ маънӣ дорад?
Ғайри ташвиш чӣ маънӣ дорад?
Ҳазар аз зоҳиди мисвокбасар!
Ақрабу[4] неш—чӣ маънӣ дорад?!
Одамӣ—хирс, чӣ зулм аст, охир?
Марди ҳақ—меш, чӣ маънӣ дорад?
Даъвии пучу ба ин сомон риш,
Наравад пеш, чӣ маънӣ дорад?

---

[1] Одатан корвониён дар биёбон баъд аз дамидани субҳи содиқ (субҳи дуюм) ба роҳ мебароянд; корвоне ки ба субҳи козиб фиреб хӯрда ба роҳ барояд, бештар ба ҳуҷуми дуздон гирифтор мешавад. Ин байт ба ҳамин одат асос ёфтааст.

[2] Сабҳа—тасбеҳ.

[3] Қир—як хел равғани бисьёр сиёҳи часпак.

[4] Ақраб—каждум.

Як нахуд каллаю даҳ ман дастор?
Ин каму беш чӣ маънӣ дорад?
Бедил, ин ҷо ҳама риш асту фаш аст
Миллату кеш чӣ маънӣ дорад?

## Маснавӣ

### Дар боран ин ки инсони комил табъан шоир аст

Одамӣ фитрат асту фитрати том
Нест равшан магар зи луфти калом...
Медиҳад чарбу нармии овоз
Хабар аз ҷавҳари латофати соз...
Оламе шӯхии нафас дорад,
Аз сухан бод дар қафас дорад.
Лек мавзунии нафас дигар аст,
Он нафас нест, матлаи саҳар аст...
Гар ба мавзуниат диҳад дашном,
Марҳабо чинӣ аз хавосу авом.
Ба иҷобат дуои номавзун,
Ҷуз ба нафрин намешавад макрун.
Сарв агар каҷ дамад дар ин гулзор,
Ба қабули назар надорад бор[1].
Хок бар фарқи шамъ бехтаанд,
Гар ба мавзуниаш нарехтаанд...
Ҳусну кубҳи ҷаҳони бӯқаламӯн,
Ҳарфи мавзун шиносу номавзун.
Умрҳо шӯри ин фасурдабисот,
Гоҳ тафрит дошт, гоҳ ифрот,
Эътидоле аз он миён зад ҷӯш,
То ба инсон расид даври хурӯш.

---

[1] Бор—дар ин ҷо ба маънии роҳ.

Шишаи созҳо расид ба санг,
К-ин наво гашт интихоб таранг[1].
Баҳр сад ранг мавҷу қатра шикаст,
Он чи мавзун фитод гавҳар баст...

## Маснавӣ

## Дар бораи шоирони шоҳпараст

Эй ки таърифи салотин мекунӣ!
Машқи таълими шаётин мекунӣ!
Чист таълими шаётин? Ҳубби ҷоҳ.[2]
Эй шаётин муршидат[3], рӯят сиёҳ!
Фахри табъат мадҳи шоҳе беш нест,
К-он ҳама тахту кулоҳе беш нест.
Имтиёзе, то бидонӣ шоҳ кист?
Ин қафаспарварди ваҳми ҷоҳ кист?
Бар сараш афтода он зарринрухом[4].
Омада пояш ба санге тахт ном.
Тахти симу афсари заррин—ду санг,
Ӯ чӣ?—Оташ дар миёни ин ду санг!
Филҳақиқат оташ аст он, шоҳ нест,
Лек ҳар оташпараст огоҳ нест!
Курҷи ин оташ балои ҷони туст.
Барқи дину хирмани имони туст.
Рафта гир оинаи динат зи даст,
Нест ҳаргиз ҳақпараст оташпараст.

---

[1] Таранг—ин калима мувофиқи корфармоии аҳолии Ҳиндустон садоест, ки аз шикастан ё аз ба ҳам хӯрдани чизҳои „ҷаранг"-дор мебарояд.

[2] Ҳубби ҷоҳ—муҳаббати ҷоҳ ва мансаб.

[3] Муршид—роҳнамо.

[4] Рухом—як хел санги қиматбаҳои рангдор аст, ки аз ҷинси мармар мебошад.

## Қитъа

### Дар борап шоиропи таммоъ

Эй басо маънии равшан ки зи ҳирси шуаро,
Хоки ҷавлонгаҳи аспу хари аҳли ҷоҳ аст,
В-э басо нусха ки дар мактаби ташвиши тамаъ
Рӯсиёҳи абад аз мадҳи амиру шоҳ аст.
Марҷеи[1] маънии ин сустхаёлон дарьёб,
То бидонӣ чи кадар фитраташон кӯтоҳ аст.
Силамуштоқи гадотабъ зи мазмуни баланд
Гар ҳама пой бар афлок ниҳад, дар ҷоҳ аст!..

## Қитъа

### Дар боран зарур будани қобилият барои ҳар ҳунар

Фонуси шамъҳои асар қобилият аст,
Бе ранг ҳеҷ ҷилва мусаввар намешавад;
Аз шӯъла касби нур чароғи фасурдаро
Бе равғану фатила муяссар намешавад.
Соҳил ки асли тинаташ аз ҷӯши ташнагист,
Дарьёст дар канору лабаш тар намешавад.
Оина об дораду нам ошкор нест,
Дар санг оташ асту мунаввар намешавад.
Таклидро ба олами таҳқиқ бор нест,
Зангор—ҷавҳар, обила—гавҳар намешавад.
Оинае ки обу гилаш занги тирагист,
Аз сайқали ту соҳиби ҷавҳар намешавад.
То аз зуком пок набошад димоғи шавқ,
Гар ҷумла нофа[2] аст муаттар намешавад...

---

[1] Марҷеъ—ҷои бозгашт, ҷои рафт.
[2] Нофа—нофи мушкдони баъзе оҳуҳо.

## Қитъа

### Дар боран напартофтани бори худ ба гардани дигарон

Ба як дурӯза сару барги зиндагӣ마писанд,
Ки баҳри халқ, паи суди худ зиён, бошӣ.
Агар ғубор шавӣ маҳви домани худ бош!
Чунон мабош ки ташвиши дигарон бошӣ!
Нафас бидузду сабукрӯҳ зиндагонӣ кун,
Мабод, бар дили оинае гарон бошӣ!

### Дар маросими ҳинобандии арӯс

(*Ба тарзи ғазал*)

Машшотаи шӯхе ки ба дастат дили мо баст,
Мехост чаман тарҳ кунад, ранги ҳино баст.
Он ранг кӣ медошт дареғ аз вараки гул,
Аз дур кафи дасти ту бӯсиду ба по баст.
То чашм кушояд, мижа оғӯши баҳор аст,
Ранги сари нохун чӣ қадар укдакушо баст!
Гар вонигарӣ санъати машшотагие нест,
Сехрест, ки бар панҷаи хуршед суҳо[1] баст.
З-ин нур ки аз шамъи сарангушти ту гул кард,
То шӯъла занад оташи ёқут хаё баст.
Арбоби назарро ба тамошои нигориш[2]
Дасти мижае буд таҳайюр ба қафо баст.
Об аст зи шабнам дили ҳар барги гул имрӯз,
К-ин ранги чамансози вафо сахт ба ҷо баст.
То арза диҳад мунтахаби нусхаи асрор,
Тарроҳи чаман маънии ҳар ғунча ҷудо баст.
Кайфияти гул кардани ин ғунча ба рангест,
К-аз ҳайрати саршор тавон оинаҳо баст,
Бедил, ту ҳам аз шавқ чаман шав ки ба ин ранг
Шерозаи девони ту имрӯз ҳино баст.

---

[1] Суҳо—як ситораи бисьёр хурд.
[2] Нигориш—нақшкашӣ.

## Маснавӣ

### Дар тавсифи сухан ва шеър

Чӣ сеҳр аст ин ҳусни бе рангу бӯ?
Ки болида дар кисвати гуфтугӯ.
Агар базм—лабрези овози ӯст,
В-агар хилват—оинаи рози ӯст.
Ба беранги ин фитна сомон кунад,
Агар ранг гирад, чӣ тӯфон кунад?
Сухан навбаҳор аст, аз гул мапурс?
Ҳамин шӯри мастист, аз мул мапурс.
Ба ҳар ҷо сухан гул кунад гӯш бош!
Ба ҳайрат ватан созу хомӯш бош!

## Қитъа

### Дар боран Атуб Чату ном рассом, ки расми шоирро кашида будааст

Хомаи ӯ ҳар куҷо тасвири шамъе мекашид,
То киёмат дошт аз рангаш чароғ афрӯхтан;
Ҳайъати парғонае гар дар назар мебаст нақш,
Дуд меангехт то маҳшар забонаш сӯхтан;
Решаи нахле ки аз килкаш наме парвоз дошт,
Дар баҳораш шох ҳам мешуд зи бор андӯхтан;
Дар тамошогоҳи найранги фусунпардозиаш
Нанги тутӣ буд аз хориҷ наво омӯхтан;
З-ин адо ҳар ҷо ниқоби ранги санъат мешикофт,
Маҳв буд андеша аз чашми таҳайюр дӯхтан.

## Қитъа

### Дар боран ин ки никшофи илм бе донишдӯстон мумкин нест

Эй басо илме ки аз беилтифотиҳои халк,
Дар мизоҷи маъниогоҳон ҳамон мастур монд.
Бедимоғиҳои мастон чашми шавқе вонакард,
Мавҷи май дар ҷом маҳви решаи ангур монд.

Наргисистонҳо ба ҳайрат хуфтаи бедонишист,
Оламе афрӯхт шамъу ҳамчунон бенур монд.
Гар касе маҳрам нашуд андешаи ғафлат кирост?
Ҳусн, аз бас бениёзӣ дошт, номанзур монд.

## Рубоӣ

### Дар борам ин ки одами зинда бояд дар байни халқ бошад

Ҳастӣ чуз ҷонканию хун хӯрдан нест,
Аз олами марг, айши ҷон бурдан нест.
Дар халқ буруни халқ будан ғалат аст,
Сӯҳбат бо зиндагист, бо мурдан нест.

### Ҳикояи манзума

*(Аз „Муҳити аъзам", саҳифаи 31)*

Фузуле[1] ба оини корогаҳон,
Ба лофи сухан буд гарми баён.
Ки „ман борҳо бе даранту шитоб,
Ба дарьё сафар кардаам чун хубоб
Ба расми тиҷорат зи наздику дур,
Чу киштӣ ба сад об кардам убур.
Зи ҳар мавҷ чандин тапиш дидаам
Ба ҳар қатра чун мавҷ печидаам.
Кафи даъвиям холӣ аст аз казоф,
Чу мавҷам муаммои дарьёшикоф.
Зи ман маънии баҳр пӯшида нест,
Дар ин нусха ҳарфи нафаҳмида нест.
Зи асрори дарьё наям бехабар,
Зи ҳар қатра дорам суроғи гуҳар.
Ба соҳилнишинон чӣ ронам сухан,
Ки дуранд аз қаъри асрори ман".
Яке гуфт: „Аз он ҷумла сайру сафар,
Зи моҳӣ асар бурда бошӣ магар,

[1] Фузул—маҳмаддонои нодонистагӯй.

Ки чун дида дар об дорад ватан,
Зи доғ аст ҳамчун дилаш пираҳан?“
Барошуфт, к-„охир дар ин баҳрҳо
Ҳамин моҳиям буд доим гизо
Зи моҳӣ нишон ҷустан аз аблаҳист,
Ки ҳар ҷоҳилеро аз ӯ огаҳист,
Зи баҳри баёнам гуҳар чидан аст,
Зи таркиби моҳӣ чӣ пурсидан аст?“
Чу соил[1] аз ӯ ин иборат шунид,
Ба гавраш[2] чу моҳӣ, инон баркашид.
Ки „ман ғофил аз ҳайъати моҳиям,
Аз ин киса деҳ накди огоҳиям.
Сазад к-аз баёни ту гирам қиёс,
Шавам аз нишони ту моҳишинос“.
Ба ҳукми кудурат зи рӯи мисол,
Лаби ҳарзагӯ шуд муҷиби[3] савол,
Ки „бошад ҳамин моҳӣ эй ҳушманд,
Ки дорад чу уштур ду шохи баланд“.
Бихандид халқе аз он булфузул,
Ки нашнохт ранги фурӯъ[4] аз усул[5].
Яқин шуд, ки ҷуз ҳарф нашунидааст,
Чу моҳӣ штур низ нодидааст.

## Маснавӣ

### Дар тасвири баҳор

*(Аз „Чорунсур“, саҳифаи 91)*

Таололлоҳ[6], чӣ тӯфони баҳор аст,
Ки чун гул шаш ҷаҳат гул дар канор аст.

---

[1] Соил—саволкунанда.
[2] Ғавр—чуқурӣ, қаър, таг, даруни ҳар чиз.
[3] Муҷиб—ҷавобдиҳанда.
[4] Фурӯъ—шохҳо.
[5] Усул—аслҳо, решаҳо.
[6] Таололлоҳ—ин калимаест, ки суханварони пештара дар мавриди тааҷҷуб ва ҳайрат кор мефармуданд.

Дару дашт аз ҳуҷуми ранг боғест,
Чу гул як сар ҳуҷуми тардимоғист.
Зи гул ҷо дар чаман шуд он қадар танг,
Ки чун бӯ бар ҳаво баст ошьён ранг.
Ба худ печиданӣ дорад мушавваш
Нигоҳ аз ранги гул чун мӯ аз оташ
Зи атр аст он қадар сармояи гул,
Ки бӯи мушк дорад сояи гул.
Ба васфи ин баҳори рангубӯхез
Нафас чун риштаи шамъ аст гулрез.
Қалам то ҳарфи рангаш менигорад,
Рақам ҷӯши пари товус дорад,
Ҳама ҳусн аст, аз ҳайрат хабар гир,
Нигаҳ Маҷнун куну Лайлӣ ба бар гир.
Навоҳои нави минқори булбул,
Садоҳо чида аз тори раги гул...

## Маснавӣ

## Дар бораи ишқ ва ошиқии замони худаш

*(„Ирфон", саҳифаи 67)*

Ошиқӣ чист?—Доғи маҳрумӣ,
Гули худрӯи боғи маҳрумӣ.
Яккалам ранг, лек бохтанӣ,
Сар ба сар дил, вале гудохтанӣ.
Лаби арзе ки мурда гуфтораш,
Пои шавқе ки рафта рафтораш.
Ҳама парвоз лек рехта пар,
Шӯъла, аммо тамом хокистар.
Чаҳдаш андози норасоию бас,
Шӯраш оҳанги бенавоию бас.
Ноумедию як ҷаҳон уммед,
Нотавонию кӯшиши ҷовид.
Този мавҳуми нағмазори хаёл,
Килки тасвири орзуи маҳол.

Доми хамьёзасайди дашти ҳавас,
Субҳи тӯҳматшикори гарди нафас.
Ҷӯши хуне ки ҳеҷ рангаш нест,
Мавҷи обе ки нам ба чангаш нест,
Оҳ агар гашт, ҳам ба дил афсурд.
Ашк агар буд, бечакидан мурд.
Қисса кутоҳ, ошиқӣ ин аст,
Вой он кас, ки ишқаш оин аст!

## VII
# ПОРЧАҲО АЗ АСАРҲОИ НАСРИ БЕДИЛ

### Ба диққати хонандагон

Пеш аз он ки аз асарҳои насрии ин нависандаи душворписанд намунаҳо орем, чунон ки дар қисми эҷодиёташ қайд шуд, бояд ба хонандагон ҳамин нуктаро хотирнишон кунем, ки насри ӯ аз назмаш дида хеле душвортар аст: кинояҳои аз фаҳми одамони оддӣ дури диққатталаб, истиораҳои аз ин пеш диданашудаи пурпечутоби мураккаб, калимаҳои мураккаби сераҷзои мусаҷҷаъ ва ҷумлаҳои дарози сар то по мурассаъ—аз хусусиятҳои услуби насри ин нависанда мебошанд.

Хонанда дар вақти мутолиаи насри Бедил чунон ки дар як баҳри бепоёни серошӯби пурталотум даромада бошад, дар куҷо будани гавҳари матлабро наёфта саргаранг мешавад.

Бинобар ин ман дар намунагирии худ лозим донистам, ки баъзе қисмҳои ҷумлаҳои аз ҳад зиёд дароз ва душворро ба дараҷае, ки ба мақсади муаллиф зарар нарасонад, партофта ба ҷои онҳо нуқта гузорам ва аз ҳар ҷумла фикраҳои нисбатан соддатарро пурра гирам ва низ баъзе калима ва фикраҳои душворфаҳм ва муғлақро айнан гирифта дар байни қавсҳо аз тарафи худ хулосатан ва мазмунан шарҳ диҳам, то ки хонандагон, хусусан ҷавонон ба мақсади муаллиф иҷмолан бошад ҳам, пай баранд.

Инчунин ман хостам, ки дар навбати аввал ва бисьёртар он қисми порчаҳои насриро гирам, ки онҳо ба тарҷимаи ҳоли муаллиф ва ба ёддоштҳои ӯ оид бошанд, чунки ингуна порчаҳо ба мутолиакунанда-

гон дар бораи шинохтани шахси муаллиф ва фикри ӯ ва барои донистани замон ва муҳити ӯ манбаи якӯми пурқимат ба шумор мераванд.

Ин нуктаро ҳам гуфта гузаштан даркор аст, ки насри Бедил тамоман наср набуда, монанди „Гулистон"-и Саъдӣ бо порчаҳои назм ороста шудаанд. Зотан Бедил дустдори Саъдӣ буда, хусусан „Гулистон"-и ӯро аз ҳад зиёд писандидааст, ки ин байти зериро дар ҳамин бора гуфтааст:

Аз гулу сунбул ба назму насри Саъдӣ фориғам,
Ин маонӣ дар „Гулистон" бештар дорад бахор.

Аҷаб нест, ки Бедил дар хусуси зинат додани наср бо назм ба Саъдӣ тақлид карда бошад.

1

## ПОРЧАҲОЕ КИ БА ТАРҶИМАИ ҲОЛ ВА ЁДДОШТҲОИ МУАЛЛИФ ОИДАНД

Дар бораи замони баъд аз ширхорагии худ мегӯяд (аз Чорунсур", с. 5):

...Чун зоиқаи таваҷҷӯҳ аз улфати таалluқи шир бурид ва қуввати тасаввур ба канори имтиёзи волидайн (падару модар) орамид—муаммои рубубиятӣ (парваришдиҳандагӣ) ба исми абу ум (падару модар) вошикофт... саъи босира (қувваи биноӣ) оғӯши шиносои хусну қубҳ муҳайё кард ва ҷаҳди сомеа (қувваи шунавоӣ) нусхаи идроки ситоиш ва нафрин ба тартиб овард.

Чандон, ки нисбати касофатҳои ҷисмонӣ кавӣ гардид, кайфияти руҳонӣ ба зафъ анҷомид; ба ҳукми маҷбурӣ табиат беихтиёр ҳар чи аз зангори кудурат ҷамъ кард, софии оина фаҳмид ва он чи аз асбоби ғафлат фароҳам оварад, захираи огоҳӣ андешид.

**Назм:**

Ғафлатам охир ба чандин огаҳӣ иршод кард,
Ҳар ниқоберо ки дидам ҷилвае эҷод кард.
Дар ҳақиқат дастранҷи кас талафсармоя нест
Кӯшиши нодониям дар илму фаҳм устод кард...

Аз он ҷо, ки варақгардонии нусхаи аҳвол каминандеши тааммул нест (яъне аҳвол ба як қарор намемонад),.. волиди маҷозӣ (падар) ба сайри гулшани ҳақиқат шитофт (вафот кард)... ошӯби гарди ятимӣ ҷавҳари оинаи иштиҳор гардид ва парешонии ғубори бекасӣ бар домани ҷамъияти эътибор печид.

**Назм:**

Хуршед хиромиду фурӯғе ба назар монд,
Дарьё ба канори дигар афтоду гуҳар монд.
Оташкада рафту зи кура рехт шароре,
Дил об шуду қатраи хуне зи ҷигар монд.
Он соя гузашт, аз асари дасти навозиш
Ин нақши қадам доғ шуду хок ба сар монд.

Замоне чанд ба вазъи бесарупоӣ гузашт ва муддате ба тариқи бепарвоӣ мунқазӣ гашт. Дар мабодии шаҳри содиса аз соли содис (яъне дар аввалҳои моҳи шашӯми соли шашӯми умр) волидаи мушфиқа, ки ҳақиқати таҷаллии дувӯм аз зоти қудсиясифоташ муайян буд... ба истифодаи хизмати асотиза (устозҳо) суруши маънавӣ гардид.. Ба имдоди тарбияташ ҳафт моҳ тараддуди анфос (нафасҳо) тавъами варақгардонӣ буд ва тааммули назар ба қадри истеъдод нусхаи саводшиносӣ мекушуд. Дар ниҳояти ҳавли мастур (дар охири соли мазкур— соли шашӯми умр) воҳибулъатиёт (беиваз бахшандаи бахшишҳо)... дидаи ҳайратунвонро ба ошноии нуқуш ва хутут сурмаворе бахшид (яъне дар ҳафт моҳи мактабхонӣ савод баромад).

Баъд аз он то соли ошир (то соли даҳӯми умр) нақди таваҷҷӯҳ масруфи сарфу наҳви қавоиди арабият дошт ва оинаи ҳавас имтиёзи назму насри маротиби форсӣ мегумошт.

**Назм**

Эй ки аз фаҳми ҳақоиқ дам занӣ, хомӯш бош!
Умрҳо бояд, ки дарьёбӣ забони хешро.
Рӯзгоре дар қафои ваҳм бояд тохтан,
То дар ин саҳро ба даст орӣ инони хешро...
Муддате барҳам задан бояд кумоши зишту хуб,
То шиносӣ ҷинси мавҳуми дӯкони хешро.

Чун асоси чидди чахди халоиқ бар дӯши чамъияти асбоб аст ва буньёди тавaччӯхи ашғол бар субути табиати беинқилоб, ҳанӯз ба идроки маънии булӯғ нарасида погавонии бозӯи истеъдод камони кӯшиш аз зеҳ андохт ва норасоии дастгоҳи қудрат риштаи амалҳоро (орзӯҳоро) маҳкуми гиреҳ сохт. Беихтиёри нагзошт, то дигар камари чаҳде тавон баст ва бедастугюӣ раво надошт, то домани тараддуде тавон шикаст (яъне баъд аз даҳсолагӣ хонданро давом кунонда натавонистам).

**Н а з м:**

Хуш агар бошад китобу нусхае даркор нест,
Чашм во кардан замину осмон фаҳмидан аст;
Даври гардунҳои ваҳм он сӯи хешат мебарад,
Варна ҳар чизе ки мебинӣ ҳамон фаҳмидан аст.

Пас ба ҳар маҷмае ки назар боз кард, дабистони такмили худ дид[1] ва ба ҳар ҳарфе ки гӯш андохт, маънии ҳидояти худ фаҳмид. Интиқоли табиати худодод (аз чизе ба чизе пай бурдани зеҳни табиӣ) аз ҳар нукта асрори китобе дарьёфт ва диққати идроки мавҳибӣ (хилқӣ— табиӣ) аз ҳар нукта рамузи дафтаре вошикофт.

Аз он айём то ҳол, ки нафасшумории умр муқорини[2] соли чиҳилу якӯм аст, ҳамон нақши таслим сарлавҳаи нусхаи чабин ва ҳамон нақди ризо сармояи чайбу остин (яъне қонеъ будан ба омӯзиш аз коинот— мавчудот ва ҳаёт) аст.

**Қ и т ъ а:**

Аз китоби бедилӣ як нукта гар ояд ба даст,
Нусхаҳо оташ тавон зад, тахтаҳо бояд шикаст.
Сад чаман бояд ба тӯфони тағофул доданат,
То ба хуни дил тавонӣ он қадарҳо ранг баст.

---

[1] Муаллиф дар ингуна мавридҳо ҳамеша худро ба сифати шахси ғоиб таъбир мекунад. Дар вақти мутолиа ҳамин нуктаро ба назар гирифтан даркор аст.

[2] Муқорин—наздик.

## Ёддошти муаллиф дар бораи амаки худ—Мирзо Қаландар, ки тарбиятгари ӯ буд

*(„Чорунсур“, саҳифаи 22)*

Нахли диловарисамар, мусхафи (куръони) ояи зафар, гулшани огаҳибаҳор, кулзуми маърифатгуҳар, навиди иқболи ҷунуди (лашкари) мардонагӣ, муждаи рангини баҳори фарзонагӣ, нашъаи мурувват, ҷавҳари футувват (ҷавонмардӣ), шуҷои сафдар—Мирзо Қаландар;

**Назм:**

Биёбони шуҷоатро паланге,
Муҳити истиқоматро наҳанге
Зи базм оройяш дар дидаи ҷамъ
Намеғалтид ҳуш аз партави шамъ,
Ба разме гар ниҳеби ӯ кунад гард,
Дар оташ об дуздад заҳраи мард.
Суханро васфи зӯраш гар диҳад даст,
Шавад кӯҳсораш аз зарбулмасал паст.
Чу шамшераш зи хуни пурдилон қут,
Саропояш ҷигар монанди ёқут.

Пилтаниро ба муносибати миёнаш камоли бар худ болидан, лашкаршиканиро ба оинадории ҳастиаш ҷамоли бар хеш нозидан. Хуҷҷати зӯрмандон ба андешаи истионати бозуяш қавӣ, фаҳми диққатписандон ба идроки дақиқаи фикраташ соҳиби тарзи навӣ. Бо вуҷуди салтанати маънавӣ сипоҳниқоб ва бо камоли латоифи сулук таҳаввур (далерӣ)-қибоб...

Дар маъракаи зӯрозмоиҳо ресмони мӯи фарас (думи асп)-ро, ки мавзӯи ишкели пои уштурон мебошад, ба қадри қадди одамӣ дар замин фурӯ мебурданд ва ба сад печу тоб истеҳкоми решаи нахл дар қабзаи хокаш меафшурданд, ба як ҳамла чун мӯ аз хамираш бармеовард ё аз ҳам мегусехт.

Бар моидаи (дастархони) сӯҳбат агар ҳазор хастаи зардолу (донак) ва амсоли он фароҳам меомад, ки роҳи тадбираш бесанг натвон кушуд, ба фишори сарангушт мағзҳо пеши ёрон мерехт.

Каҷии аксари ашъёи оҳанинро, ки ҳамвориаш бо путк ва сандон бедушворӣ муяссар набуд, ба қуввати дасти фӯлодӣислоҳ менамуд.

**Назм:**

Таҳамтаннашъа пурзуре, ки аҷзу нотавониҳо
Зи паҳлуяш занад бар хок пушти паҳлавониҳо.
Агар аз қаҳр бо норостон дасти қадар ёзад,
Зи гардун, ҳамчу тоб аз тир, бардорад камониҳо.
Ба чуз гарди забунӣ нарм бар дасташ дуруштиҳо,
Ба ғайр аз ҳарфи бебокон, сабук пешаш гарониҳо.
Дами пирӣ гар аз бебокии табъаш нафас ронад,
Тавонад чун саҳар то осмон бурда ҷавониҳо.

... Дар кӯҳсоре ки абраши (аспи) саҳоб чун қатраи чакида рафтор гум кардӣ—ҳар гоҳ рахши (аспи) худро орӣ ва муаттал (нокор) медид, чун бор ба дӯшаш бармегирифт ва ба завқи бепарвоӣ мехиромид. Агар ноқаи борӣ (шутури бо бор) ба зонуи нотавонӣ дармеомад, ба пилзӯрии ҳимматаш берун мебурд...

Навбате дар ҷанги ҳазора зарбате ёфт, ки пошнаи пояш аз вазъи истиқомат баргардид... Бе итиллои (огоҳии) ҳамдастони арсаи иттифоқ (майдони ҷанг) устухонҳои хурдгардидаро ба пушт баргардонид ва бо найпораҳои тираш бар ҳам баста саргарми муҳориба гардид. Ҳамчунон се шабонарӯз қадам ба майдони корзор мефушурд ва саворагю пиёда ақсоми маротиби талошро беш аз замони тандурустиаш пеш мебурд.

Баъд аз вуқӯи сурати фатҳ ҷигардорони маъракаи диловарӣ (ҷанговарон) ба маънии истиқлолаш (истодагариаш) ворасиданд ва ба инсофи ҳаққи истиқомат (побарҷоӣ) дар пеши пояш пушти даст бар замин расонданд[1].

**Рубоӣ:**

Бебокӣ кун, шикеби мардон ин аст!
Сар бар каф гир, себи мардон ин аст!
Ҳайф аст, чу зан ба рахти гулгун нозӣ!
Хун гарду бипӯш, зеби мардон ин аст!

[1] Пушти даст ба замин расондан—киноя аз заминбӯсӣ аст, ки дар Ҳиндустон амалдорон дар пеши подшоҳон пушти дастро ба замин расонда бардошта кафи ҳамон дастро мебӯсанд ва номи инро „заминбӯсӣ“ мегуфтанд.

... Бо он ки уммӣ (бесавод) буд, мавзунӣ чун сарв ба тинаташ менозид ва рангинӣ чун баҳор аз табиаташ меболид. Асҳоби иборотро ба ислоҳи фитрати баландаш фахри қудратрасой ва арбоби маъниро ба идроки маорифи аршкамандаш меърочи ҳақиқатошноӣ. Рангинии алфоз дар гулшани осори кабулаш шукуфтагии нашъаи баҳор ва баландии мазомин аз иқболи рутбаи таҳсинаш соҳибтолеи иштиҳор...

**Н а з м:**

Хаё мавчи кайфияти гавҳараш,
Вафо нашъаи ғайрати соғараш.
Мурувват сафохези миръоти ӯ,
Ҷавонмардӣ оинаи зоти ӯ;
Камолот бе саъю касбаш ҳусул,
Хақоиқ ҳамсн бе ниёзаш вусул;
Нагардида бар ҳарфе ангуштсо
Ба маънӣ, чу маънӣ ба ҳарф ошно.
Сухан маҳви найранги мавзӯниаш,
Маонӣ асири фалотуниаш;
Ба файзи азал маҳрами ҳар калом.,
Вале уммӣ аз касби фазли авом..

... Аз ғароиби аҳволи табиаташ ин аст, ки дар ғалабаи таби мӯҳриқ (сӯзанда) сесад мисқол равғани гов якбора даркашиданро шарбати сиҳҳат медонист ва дар ошӯби дарди чашм оинаи дидаро ба фулфули суда (мурчи кӯфта) анбоштан—маслиҳат. Ғарибтар он, ки бе ин (об) шӯълаи табаш наменишаст ва бе ин „сурма" ғубори чашмаш бори заҳмат намебаст...

Бо он ки як ҳафта (гӣ) ғизои ҷавонон кифояти андозаи суҳураш (ноштояш—таоми пагоҳиаш) намекард ва як моида-ротибаи (як дастархон таоми муқарарии) паҳлавононон миқдори моҳазараш ба ҷо намеовард, ҳафтаҳо гузаштӣ ки чун бадри комил (моҳи пурра) ба хӯрдани паҳлуи худ пардохтӣ ва ба ранги ёқут бо сароби чашмаи ҷигар дарсохтӣ (яъне ҳафтаҳо обу таом намехӯрд)...

Аксари муддати риёзаташ аз моҳ даргузаштӣ ва ба қурби чилла моил гаштӣ, ба ҳукми башарият ночор шикасти ранг аз баҳори симояш дамидӣ ва ғубори нотавонӣ ба домани тоқаташ печидӣ...

Баъзе савол карданд, ки „сабаби илтизоми ин ҳама сахтӣ чӣ хоҳад буд ва ихтиёри он қадар тааб ба азми чӣ мақсад таъбир тавон намуд?“. Фармуд „бар ҷамии муҳиббон (дӯстдорон) равшан аст, ки зоҳид нестам, то ваҳми амалам (умедам) губори оинаи андеша бошад ва дӯкони шайхӣ начидаам, то хаёлам дар ин парда ҷинси тазвире бартарошад. Лекин ҳар чанд гирди таркиби унсурӣ (ҷисмонӣ) бармеоям ва чашми тааммул бар ин саводи ибратғубор (дуньё) мекушоям, савлати гуруснагӣ оламеро дарҳам фушурдааст ва аждаҳои ҷӯъ таҳту фавқро ба худ фурӯ бурда, бо он ки медонам тарафи (муқобили) ин шӯълаи ҷонкоҳ (гуруснагӣ) гардидан ба хошоки ҳастӣ қиёмат овардан аст... Ҳиммат тоби тасалсули забунӣ намеорад ва ғайрат давоми таҳаккум барнамедорад... „(бинобар ин чанде бо гуруснагӣ муҳориба мекунам).

...Тарбияти фақири Бедил баъд аз реҳлати волиди марҳум (падар) то идроки нашъаи булуғ ба ӯҳдаи илтифоти худ дошт ва ба ишфоқи рубубият (бо шафқати тарбиягарона) дар таълими маротиби одоб ва тадриси маонии ахлоқ камоли таваҷҷӯҳ мегумошт. Қатъи назар аз дигар фавоид ламъаи назме ки имрӯз равнақафзои қонуни тахайюл аст, аз партавиқтибосҳои табъи худододи ӯст ва кайфияти маънии ин замон, ки дудангези димоғи фитрат аст, аз ҷуръапарастиҳои хидмати нашъаэҷоди ӯ...

Рӯзе дар уламои мадраса тақрири тарҳи иҷлосе қарор ёфта буд, (маҷлиси мунозира барпо шуда буд) ва кӯраи иштиол лахте барҳам тофта. Ду донишманди беинсоф арсаи ҷавлони лоф гарм доштанд ва ба навоҳои „зараба, язрибу“ алами хиффати (сабукии) ақл меафрохтанд, бо ғуборангезии „қилу қол“ хок бар сари бемағзи ҳам мепошиданд ва бо сарчанги нохунҳои дахл (бахсрасонӣ) чеҳраи эътибори якдигар мехарошиданд. Ҳар чи яке ба такаллуф меҷовид, дигаре рад мекард ва он чи ин ба марғубӣ арза медод, он манъе (радде) бармеовард...

Мушоҳидаи сурати ҳол ғуборе бар оинаи ғайраташ (ғайрати Мирзоқаландар) рехт ва кудурате ба домани сафои вақташ овехт. Фармуд: „Ин бедонишон умрҳо ҷодаи хутут ва сутур (хатҳо ва сатрҳо) мепаймоянд то саранҷоми кор ҷабҳа ба хоки пушаймонӣ бимоланд ва ин тифлмизоҷон тахтаҳо сиёҳ менамоянд, то муддате ба шӯҳрати сарнагунӣ биболанд...“

Ҳамон рӯз фақирро маънии дарс фармуд, ки „агар осори илм ин аст, халал дар бинои ҷаҳолат маяфкан, то оқибати ҳол пушаймон нашавӣ ва агар фоидаи таҳсил ҳамин аст, хирмани беҳосилӣ барҳам мазан, то охири кор надомат надаравӣ! Ҳар гоҳ ба масъалае эҳтиёҷ афтад, қозӣ дар маҳкама намурдааст ва ҳар вақт насиҳат манзур бошад, воизро аз минбар гург набурда... ба ҳамвории фаҳми маонӣ кӯш ва аз пасту баланди рафъу ҷар (наҳви араб) чашм бипӯш... илму дабистони таҳқиқ муқайяди сабақу китобат мадон ва муаммои нусхаи яқин аз дафотири далелу ҳуҷҷат махон!..

...Пайкари истеъдодатро ҳаюлои сувари камол дарьёфтаам ва муаммоми мавзунӣ ба номи табъат вошикофта... аз мутолиаи каломи фавоид-интизоми салаф (гузаштагон), ки ҳақоиқро дар он либос арази рангиниҳои нозандагист ва маовиро дар он кисват дастгоҳи камоли барозандагӣ, ғофил мабош! (Яъне ашъори шоирони гузаштаро бисьёр хон!) Ва аз ин баҳористон ҳар гули назме ки истишмоми (бӯидани) кайфияташ нашъаи димоғи шавқат созад ё роиҳаи насре, ки гулоби асар бар машоми шавқат афшонад, дастабандии ақсоми онро сабақи ҷаҳди худ шумор (яъне ҳар назму насре ки писандат афтад, навишта барои истифодаи худ нигоҳ дор) ва фароҳамовардаҳои домани истеъдодро бар ман арза медор (яъне ҳар чизе ки навишта гирифтаӣ ба ман хонда деҳ), то мубарҳан гардад (исбот ёбад), ки андалеби фитратат аз сози чӣ гул рағбатоҳанги суруданаст ва ғунчаи тааммулат аз рӯи кадом ранг моили ниқоб кушудан (яъне то ман фаҳмам, ки қобилиятат ба тарафи кадом қисми назму наср моил аст).

Умед, ки ихтиёри ин дарс пояи имтиёзат баланд гардонад ва илтизоми ин кӯшиш сарриштаи корат ба ҷое расонад.

**Маснавӣ:**

Чӣ лофӣ ба ҳарфи касон хомавор,
Сарире зи таҳқиқи худ ҳам барор!
Бурун тоз аз зулмати ваҳми хеш!
Бикун сайр дар кӯчаи фаҳми хеш!
Марав ҳамчу гӯш аз паи ҳарфи кас,
Ба дил соате ғӯта зан чун нафас,
Ки шамъе зи таҳқиқ равшан кунӣ,
Гули маънии зеби доман кунӣ!..

Он чи аз нусхаи дил фаҳм кунӣ, агар ҳама нуқтаест, чун мардумак, тӯфонаш азҷо намебарад ва ҳар чи аз хориҷ ҷамъ намоӣ, ҳарчанд дафтарҳост, дар чашм кушудане чун мижа барҳам мехӯрад.

Зинҳор бо гуфтаугӯи мабҳаси олам (масъалаи қадим ё ҳодис будани дуньё, ки сармояи мадрасаи кӯҳна аст) ху нагирӣ, то ҳамчун авом дар шиканҷаи расм зинда намирӣ!..."

Ҳасбулиршод (мувофиқи роҳи рост нишондиҳии ӯ) муддате мутолаи кутуби манзум аз ашголи зарурӣ мешинохт (худи Бедил) ва ба қадри ҳавсала табиатро машғули тааммул месохт. Маъние ки фаҳми ноқис ба лаззати идрокаш мерасид, маърузи самъи маорификбол мегардид (яъне ба Мирзо қаландар хонда мешуд)· Ба юмни гармиҳои назари илтифот равшансаводии шӯълаи ҷаҳд меафрӯхт ва ба авни (ёрии) чарбу нармиҳои забони таҳсин чароғи саъй равғани афзоиш меандухт.

Аксарӣ ба самои ашъор ҳоли ваҷд сар мекард ва ба завқи мазомини олӣ аз ҷо дармеомад (ба ҳаяҷон меомад). Дар он ҳолат забони барқоҳангаш ба андози бадеҳапаймоӣ оташ дар хирмани тасаввур мерехт ва баёни саронофарҳанг ба имои муносибадоӣ ҳайрат аз пардаи андеша мерехт (яъне ба ҳаяҷон омада худаш ҳам мувофиқи мақом дар бадеҳа шеърҳо мегуфт)...

...Вақте ба тахфифи ошуби ҳарорат, чунон ки мутаораф (одати машҳур) аст, ҳарири зарде ба чашм баста буд ва чун ғунчаи наргис ба хилвати забти нигоҳ нишаста. Яке аз ёрони мавзун (шоир) соили (пурсандаи) кайфияти ҳол гардид, бадоҳатан ин матлаъ аз забонаш таровид:

> Маҳруми дидори ту хун дар ҷигар андохт
> Чашмам чӣ кунад? Чашми туаш аз назар андохт.

Аз ин даст навбари нахлистони табиаташ ҳар нафас задан ранге дигар шукуфа мекард, гулчини шавқ таяммунан (табаррукан) ба назар як гул домани ғанимат фароҳам овард (яъне аз бадеҳаҳои ӯ табаррукан як байт овардам)...

Ҳар чанд умрест шамъи анҷумани ҳузураш хилватафрӯзи олами бērангист (яъне бисьёр вақтҳо гузашт ки вафот кардааст), қонуни аҷзоҳанги Бедил ҳамон марҳуни замзамаи таҳнияти ӯст ва риштаи сози анфос (нафасҳо) ҳамчунон шакарнавои ҳуқуқи тарбияти ӯ. Ба истифозаи анвори хидматаш (файзрасонии нурҳои ҳузураш) чӣ хуршед-

нигоҳон, ки ламъаи таваҷҷӯҳашон бар ин шабнами заиф натофт ва ба истифодаи осори сӯҳбаташ чӣ олиҳимматон, ки назари илтифоташонро ин мушти хок дарнаёфт. То риштаи тахайюл дар чанги кашокаши зиндагист, нафасе нест ки чоки гиребони андеша лаб ба фотиҳаи ёдашон накушояд ва замоне намегузарад, ки доғҳои ҳасрат ба суроғи нақши пои эшон ҷабҳаи суҷуд наёрояд.

## Дар бораи аввалин бор шеър гуфтани худ

*(Аввалҳои унсури дуюми „Чорунсур“ саҳифаи 47)*

...Айёме ки аъдоди мақулоти умр аз пояи нуқсони оход даргузашт ва ба истикмоли фурсатшуморӣ соли ашар (даҳсолагӣ) муқорин гашт, шӯхии нафасҳо мустаидди (омодаи) нолаи дард бардоштан гардид ва шӯълаи табиат (табъ) бар саргармии алами маонӣ афрӯштан печид. Шавқи ҷунунҷавлон ҳанӯз дар қайдгоҳи мактаб пой дар занҷир метохт ва хаёли тӯфонсомон ҳамчунон ба тааммулкадаи улфат танӯр месохт. Яке аз тифлони ҳамдарс аксари авқот қаранфул (қаланфури гардан) зери забон гузоштӣ ва ба андози такаллум дар низҳатободи нафас раёҳин коштӣ (яъне дар вақти гап задан аз нафасаш хушбӯии қаланфур меомад), ҳангоми табассуми ғунчааш шоммаи ҳамнафасон (қувваи бӯёии ҳамнафасон) дар бӯи баҳор меғалтид ва дами таҳрики барги гулаш димоғи ҳамсабақон бар шамими Хӯтан мепечид.

Филҳақиқат он шамомаи (бӯи хӯши) шавқангез дар эҷоди равоеҳи (хӯшбӯиҳои) манзуми бедилӣ нафаси раҳмонӣ буд ва ҳамон нагҳати баҳоромез дар шавқпарварии димоғи сухан бӯи Юсуфи маонӣ дошт. То он ки рӯзе истишмоми мавзунипаёмаш (яъне Бедил) ба кайфияти ин ранг сар аз ниқоби табиат баровард ва дар сифати таркиби ин рубоӣ аз пардаи андеша гул кард:

### Рубоӣ:

Ёрам ҳар гоҳ дар сухан меояд,
Бӯи аҷабеш аз даҳан меояд.
Ин бӯи қаранфул аст ё нагҳати гул?
Ё роиҳаи мушки Хӯтан меояд?

Шӯҳрати ин рубой аз ҳарири коргоҳи олами хаёл огоҳ гардонид ва нагҳатшиносони баҳори фитратро бӯи ин нофа ба чунунзори чаҳони таачҷуб расонид.

Баъзе ба муктазои тааккул аз ҳайрати вазъи конл катъан чашм баста буданд (яъне ба хурдсолии гӯянда нигоҳ накарда боварӣ доштанд, ки ин рубой аз они ман аст), ва баъзе ба ҳукми таанпуд (инодкорӣ) фарзан ба домани истифҳоми инкори шикаста (саволҳои инкоркунона медоданд, яъне бовар намекарданд, ки ин аз они ман аст), ҳамаро шубҳа оинадори якин•ки „аз риштае заиф тоби интизоми чунин гавҳаре ғариб дар назар меоянд ва аз решае нотавон коматороии ин цинс ниҳол баид менамояд?".

Дар он ҳангом муаллими дарсгоҳи фитрат сармашқи шуури ин маъниям бахшид ва ба илми таҳқиқ ин муаммо мавсулам гардонид, ки атфоли дабистони кавнӣ (яъне одамони мактаби дуньё) бештарӣ гавдантабиатанд (кундзеҳнанд) ва найсавори арсаи имконӣ (одамони майдони дуньё ки бачавор ба чои асп найро савор шуда мегарданд) аксарӣ фасурдаҳиммат. Дархӯри фаҳми ин гавданон ба сози сухан хурӯшидан аст, то кусури фитратҳо ба радду инкор начӯшад ва ба кадри расоии ин афсурдагон дар чавлон кӯшидан, то ғубори ҳасад чашми инсофҳо напӯшад. Дар ҳар сурат нокискамолон чашми захми пардагиёни хаёланд ва айнулкамоли шоҳидони анҷумани камол.

**Китъа:**

Талоши маънӣ агар хоси ин бисоти худ аст
Чӣ лозим аст ба ҳар анҷуман кунӣ такрор?
В-агар кабули касон домани ҳавас гирад
Мабош эмин аз ошӯби рағбату инкор!
Шароб дар хум агар маҳви ҷӯши худ бошад
Муназзаҳ аст зи ташвиши софу дурди хумор.
Кас аз баҳори латофат надорад огоҳӣ
Агар чи сози латиф аст олами осор...
Садо ба он асари нотавонии токат
Дамонда шӯри киёмат зи пардаи кӯҳсор;
Ҳаво ба он ҳама заъфи мизоҷи аҷзнамуд
Чӣ рангҳо ки надорад ба маърази изҳор!

Вале халоиқ аз ин рамз сахт бехабаранд,
Зи бас дар оинаи ранг дидаанд баҳор
Фурӯғи оинаи дил кӣ мекунад бовар?
Ҳамин ба шамъи чароғ аст мунҳасир анвор
Агар камолфурӯшӣ, талоши шайхӣ кун,
Ки кӯси ваҳӣ тавонӣ задан ба бонги ҳимор.
Бузургӣ оинадори ҷаҳони ҷисмонист,
Касофате ба ҳам андӯзу фарбеҳӣ бардор!
Хамӯш бош, гарат созу барги шайхӣ нест
Ки дӯхтаст бузургӣ ба ҷуббаю дастор.

Пас аз мутолиаи ҳиҷратномаи табоеъ (яъне пас аз огоҳӣ ёфтан аз табиатҳои мардум, ки аз шинохтани қобилиятҳо дуранд), муддатҳо маънне ки аз пардаи ғайб ба анҷумани иборат мерасид, ғайрати табъ аз чашми хӯрдагирон (айбҷӯёни нобовар) мепӯшид ва агар ба ҳукми беихтиёрӣ дар маърази баён меовард, оинаи тимсол ба фусуни каломи кудамо равшан мекард (яъне баъд аз он ҳодиса агар шеър мегуфтам ба касе нишон намедодам, агар ба ногоҳ нишон медодам, „шеъри одамони гузаштааст“ гуфта мехондам). Боре дар ин парда сафои гавҳари табиат муғтанам дошт ва ба ин либос алами дастгоҳи фитрат меафрошт.

Алҳосил, ин рубоиро[1] аркони бинои мавзунии худ (шоирии худ) медонад ва аз ҳамин чор мисраъ унсури мизоҷи шӯълаафсунӣ мехонад.

### Ғазал:

Ҳосили тухми заиф аст он чи хирман дидай,
Де шароре буд, агар имрӯз гулханд дидай!
Андаке маънисаводи нусхаи таҳқиқ бош.
Зарраи мавҳумро хуршеди равшан дидай!
Нотавони кисвати ин коргоҳи ҳайратем,
Риштае буд ончи акнун ҷайбу доман дидай!
Ин кадар найранги ҳастӣ аз адам ҷӯшидааст,
Ҳайратеро анҷумансози туву ман дидай!

[1] Рубоии дар боло овардашудаи оид ба хушбӯиро ба назар дорад.

Хамон сол нусхаи иктисоб вараки ишғоли зохир баргардонд (яъне аз таҳсили зоҳирӣ—аз мадраса баромадам) ва мутолиаи асрори дил паси зонуи тафаккурам нишонд (яъне ба воситаи дил дар мутолиаи сирҳои зиндагӣ даромадам)...

...Чун шуғли бетааллуқӣ (бекайдӣ—бепарвоӣ) бо табъи ҳайратиктисоб тааллуқе том дошт, муддати даҳ сол бар таваҷҷуҳи тартиби он (тартиби шеърҳо) тағофул мегумошт. Аксарӣ дар олами хаёл ҷилваҳо кард, аммо саре ба шӯхии изҳор наёвард ва агар баъзе бар ҷодаи баён низ гузашт, мавсули сарманзили таҳрир нагашт, то он ки рағбати дӯстони маънидӯст муштоқи таълифи он ҷинси натоиҷ гардид ва ба мурури фурсат нусхае чанд шерозаи иттифоқи нуқуши ӯ хутут ба ҳам расонид (баъд аз даҳ соли дигар, яъне аз бистсолагиам сар карда, бо илтимоси дӯстон дар тартиби шеърҳоям даромадам ва дар муддати чандгоҳ чанд нусха пайдо шуд)...

## Тасвири ҳавзи Рони Согир ва бадеҳагӯии шоир дар ҷашни Мирзо Қаландар

*(„Чорунсур" саҳифаи 54)*

Вақте Мирзо Қаландар ба лаби ҳавзи Рони Согир, ки софии зулолаш насаб ба кавсар расонда буд ва орамидагиҳои амвоҷ саропояшро дар оби гавҳар хобонда, завқи болафшонии мурғобиёнаш бар минқори насри фалак рашҳаи ташнагӣ мечаконд ва шӯхии чашми моҳиёнаш дар дидаҳои сайёра ашки ҳасрат мегардонд, кайфияти болидагиҳои ҳубоби мавҷаш сад сару гардан баланднашъаи гардуннигоҳӣ ва латофати айнак-ороии сафояш беғаври таъмиқ равшансаводи нусхаи гову моҳӣ, маҷлиси ҷашне пардохта буд ва тарҳи бисоти ишрате андохта, ки чашми шавқ аз тамошои кайфияташ шаш ҷиҳатро як соғари саршор медид ва гӯши тааммул дар самои нағамоташ аз ҳафт фалак як пардаи оҳанг метарошид; ҳуҷуми рангинадоён бисоти заминро дар латофати хоби гул хобонинида ва ғулғули нағмасароён фазои ҳаворо ба шӯхии минқори булбул пӯшонида, фарши маҳфил мусаллои тоатест—лабрези рукӯу қиёми чангу най, ҳалқаи маҷлис риштаи сабҳаи гардишшумори ҷомҳои пай дар пай; нафаспардозии мутрибон бо равонии табъи мавҷ дамсози навои якрангӣ ва тарзабонии

мизробҳо бо латофати садои об кӯки (ҷӯри) замзамаи нармоҳангӣ... Най ба видои кулфати дилтангӣ бе таҳрики нафас муҳайёи оғӯш кушодан ва риштаи соз баршӯхии ҷавлони нағамот бе ҷунбиши мизроб бетоби кӯча додан.

**Н а з м:**

Шиша гар бар санг меомад, навои чанг дошт,
Ҷом гар аз даст меафтод, айш оҳанг дошт.
Сози сӯҳбат, баски гарм аз шӯълаи овоз буд,
Торҳо то риштаи шамъ аз хамӯши нанг дошт.

Барҷастагиҳои ракси сипанд ба бадеҳаиншони мазмуни бехудӣ гарми шуғли мисраи тоза расонидан ва бетобиҳои бухури миҷмар дар силсилаперой... дуд аз димоғи хуш дамонидан; партави шамъҳо як фалаки зарнисори офтобфишонӣ, андози чароғон—сад наргисистон чашмаки паймонагардонӣ; нашъаи якрангии дӯстон ба гармхунии ҷому мино дуболо, нағмаи улфатоҳангии ҳарифон ба рабти зеру бами созҳо ваҳдатнаво...

**Қ и т ъ а:**

Лаби соғар ба ин наво лабрез,
К-охири корҳо тиҳидастист;
Қул-қули шиша масти ин оҳанг,
Ки шикасте камингари ҳастист.
Э ҳарифон, ғанимати аҷабем,
Моҳӣ ин ҷо ба қайди бешастист.
Пояи нашъае баланд кунем,
Ки ҷаҳон сахт моили пастист.
Нашъа муфт аст, то димоғе ҳаст
Зиндагӣ ҷоми фурсати мастист.

Дар ҳолате ки гардиши чашми соғар қадами аз даст рафтани мастон буд ва қул-қули сурохӣ кӯчаи аз по даромадани нашъапарастон, зӯҳранасаб муғанния (духтари нағмасаро), ки қудратафсунии саъи мизробаш аз тори рагҳои гул нағамоти булбул вокашидӣ

а ҳайратоҳангии шавқи навояш аз пару боли булбул пардаи гӯши ул дамонидӣ, дар усули дилрабой ҳаракоти аъзояш нағмахезтар аз иштаҳои соз ва ба шамъафрузии адо ишороти сарангуштонаш рав-анбаёнтар аз шӯълаҳои овоз; ба завқи силнозмоии гулбарги кафаш инаи даф фарьёдхез ва ба ҳасрати улфатнавоии гесуи чангаш мижони шонаи мӯсиқор ноларез.

### Ғазал:

Чаманмизроб шӯхе, к-аз баҳороҳангии созаш
Инони рангҳои рафта баргардонад овозаш...
Паризоде, ки то ҳуснаш никоби ноз бикшояд,
Ба ранги рафта сайқал гум кунад оинапардозаш.
Зи ҳайраткории найранги тарзи доманафшонӣ
Ҳазор оина бандад бар пари товус парвозаш.
Ба ҳар ҷо зад ба азми рақс фоли қоматороӣ,
Қиёмат хун шуду гардид бар гирди сари нозаш...

Ба шӯхиҳои андози усул дар ҳасраткадаи бисоти назар гарди ҳайратгустарӣ дошт ва ба гармиҳои шӯълаи рақс дар пунбазори ҷароати дилхо решаи шарар мекошт, ки ногоҳ орзупаймо соғаре ба кайфияти чашми муштоқон саршори нашъаи интизор ва ба завқи комьбии бӯси лабаш сар то по хамьёзаканор, то қадаҳи умед ба саршмаи мурод занад, ҳаракати дасти соқӣ лағзиши пояш гардид ва брӯи як хумхона ишрат ба хоки беҳосилӣ чакид (яъне дар вақте и соқӣ ба он муғанния қадаҳ медод, дасташ ларзид ва қадре шароб ар замин рехт).

Ғурури ноз теғи табассуме ба заҳри чашм об дод ва забони акаллум ба ламъаи барқитоб кушод, ки „эй нокискамоли одоби машаб! Беэътидолии арбоби хуш нозеботар аст аз тамкинфурӯшиҳои астон ва лағзиши асҳоби шуур ноҳинҷортар аз худдории соғарпаастон. Вазъи шӯхиҳои булбул аз боғбон набояд писандид ва ҷинси ебокиҳои парвона аз маҷлисоро наметавон харид!..“ (яъне бояд соқӣ ушьёр ва аз кори худ хабардор бошад).

Дар он ҳангом паймонаи вуруди ин қитъа аз хумистони олами аонӣ гардан афрошт ва минои хуши маҷлисиёнро ба бадеҳаи ҳайатиншо бар тоқи ҳузури бехудӣ гузошт:

Зи дасти соқӣ агар ҷуръае чакид ба хок
Дар абрӯи ту чаро мавҷи ноз чин андохт?
На раъша дар кафи соқӣ, на лағзише дар ҷом,
Ки гӯям аз кафаш афканду ину он андохт;
Даме ки чашми ту сӯи пиёла кард нигоҳ,
Қадаҳ зи даст шуду бода бар замин андохт.
Ба ҳусни шӯх замоне итоб кун, ки чаро
Ба ҷом оташ аз ин лаъли оташин андохт?
Пиёла чист, ки дар базми шӯхии нозат
Ҳазор оина оби рух инчунин андохт.

## Зикри баъзе мулоқотҳои муаллиф

*(Аз унсури дуюми „Чорунсур“, с. 50)*

Дар балдаи Патна дар висоқи (хонаи) Мирзо Зариф[1], ки обу гили таъмираш ҷавҳари нузули арбоби камол буд ва пасту баланди дару бомаш зеру бами нағамоти ваҷду ҳол... рӯзе Шоҳ Абулфайзи Маонӣ ... бо ҷамъе руфақои мавзунисифот (шоирон) ва нудамои (ҳамсӯҳбатони) рангиноёт он байтро (хонаро) зинати фазли маонӣ бахшида буд...

Сухан аз ҳар даст арзи маротиби баландӣ дошт ва маънӣ аз ҳар ранг алами баҳори рангинӣ меафрошт ва замзамаи андалебони маънисаро сомони таҳрири пардаҳои гӯш ва шӯълаи овози мавзунони (шоирони) ҳақоиқнаво сармояи чароғони анҷумани ҳуш.

Равиши гуфтугӯҳо нафасе чанд ба сайри маротиби олами амсол (оламе ки одам дар хоб, ё дар хаёл мисоли чизҳои аҷиб ва ғариброр мебинад) кашида ва инони анфос ба ҷодапаймоии ин водии латофатмаътуф гардида...

Ҳангоми барқангезии шӯълазабонони мавзун ва сеҳромезии маънибаёнони ҳайратафсун Насимӣ (ном шоир), ки ҳамидагӣ дар бандбандаш бисоти муроқаба чида буд ва ҳуҷуми чарт (банг) ба кайфияти давоми истиғроқаш (ғарқи хаёлаш) восил гардонида...

---

[1] Мирзо Зариф—тағоии Бедил олими забардаст буд, аммо ба маҷзубон ихлос дошт. Бедил хеле илмҳоро аз вай омӯхтааст, бо маҷзубон ҳам бештар дар хонаи ӯ шиносӣ пайдо кардааст.

... Мижа сӯзане чанд андӯхта,
Сару синаашро бахам духта;
Забон то бичунбад ба азми макол
Ба табли шикам мерасидаш давол[1];
Сару гардану пою зону ба ҳам
Фурӯ рафта аз ҳар тараф дар шикам;
Ғунудан ба мижгони зӯрозмо
Сарашро зи гардан кашидӣ ба по;
Зи заъф он қадар бори чиркаш гарон,
Ки бурдӣ ба хокаш мижа мӯкашон;
Сару синаю пушт—хоришталош,
Саропош нохун ба завқи харош;
Забон шамъи хомӯши кошонааш,
Магас дар даҳон ҷӯши парвонааш...
Зи бас хушкии пардаи сози ӯ
Чу хашхош[2] дар пӯст овози ӯ;
Танине[3] ба чандин фиғон мекашид,
Нафас то кашад сад камом мекашид[4];
Чу қальён наи оби савташ нафас
Ба ин вазъ лофи камолаш ҳавас.

Мижавор сар аз ҷайби ғунудан бадаровард (яъне Насимӣ) ва ба назокати садохои тори нигоҳ навое сар кард, ки „шоҳо, (яъне шоҳ Абулфайз) он чи аз латофат ва басотати коргоҳи мисол баён намудаанд, пардаи хузураш бешоиба (бешак) ба рӯи тааммулам кушуда; умрест нозири пардагиёни ин хилватхонаи хаёлам ва мушрифи (хабардори) тамошои ин анҷумани таҳайюрмаол. Саҳрои ҳайрате ба мушоҳадаам расидааст ва фазои кудрате ба мукошафа анҷомида, ки бениҳоятии саъи авҳом накди расоӣ ба домани бидояташ рехтан аст ва бепоёнии ҷаҳди афкор дастгоҳи ихтитом ба пешгоҳи оғозаш овехтан

---

[1] Давол—тасмаи таблкӯбӣ ва умуман ба маънои тасма буда, аммо дар ин ҷо кинояи аз риши Насимӣ аст.

[2] Хашхош—кӯкнор.

[3] Танин—овози магас ва умуман овозҳои „ғинг-ғинг“;

[4] Яъне то як бор нафас кашидан чанд бор ҳаму рост мешуд.

(яъне ваҳму фикр бо ҳама дарозӣ ва расой ба аввали он саҳро намерасанд). Ғубори ин водӣ яксар осмонноз аст ва насими ин савдо яккалам ломаконпарвоз.

Дар оинаи таҳқиқам равшан аст, ки лаззати афкор (фикру хаёл) чандин дараҷа бар лаззати абкор (духтаронии шавҳарнодида) тафаввуқ дорад ва сайри гиребон (сархам карда ба муроқаба рафтан) бар фарқи ҳазор боғу баҳор қадам мегузорад. Маънии ғомизи (пӯшидаи) ин китоб ногуфтанист ва гавҳари диққати ин муаммо носуфтанӣ..."

Шоҳи ҳақиқатнигоҳ (Шоҳ Абулфайз) сатри табассуме иншо фармуд ва гуфт: „Вақте мо ҳам ба лаззоти афкоре, ки хоссаи „авлиён силсилаи шумо" (яъне бангиён ва кӯкнориён) аст, расида будем ва чошние аз он моидаи (дастархони) „ҳаловатфоида" чашида, яъне ба мувозабати (давомати) чашм бастан дар сайри ҳақиқати ҳол мекӯшидем ва дар кибоби (пардаи) вазъи муроқаба (сар хам карда, чашм пӯшида фикркунӣ) асрори ғомизи (пинҳони) чарт (банг) мепӯшидем. Чун мункашиф (кушода) гардид, ки илтизози (лаззатгирии) нисбати ин афкор аз лаззати сайиб (бева) ба куллӣ мустағнӣ сохта ва ба яқин анҷомид, ки табиат аз лаззати абкор даргузашта (яъне тамоман аз мардигарӣ баромада) мо аз ин „лаззат" даргузаштем, вагарна сайри гиребон сари моро ҳам ба ниҳояти домон мерасонид...

**Қитъа:**

Агар ҳақиқати афкор бетамизиҳост,
Калиди боби маориф зи кӯкнор талаб!
В-агар муроқабаҳо улфати сари зонуст,
Ба чарт ғунча шаву коми интизор талаб!...
Димоғи ноз ба барқи хаёлу ваҳм масӯз!
Камол вақфи шуураст, фаҳми кор талаб!

Мақсуд аз сайри гиребон ба фикри таҳқиқи худ афтодан аст, на аз саргарониҳои беҳиссӣ дарди сари зону додан ва муддаои тааммул ба кунҳи (чуқурии) маънӣ ворасидан аст, на ғубори мижгон бар фарқи биниш пошидан, маънии тафаккур ғаври ҳақиқати ашьёст ва ҳақиқати ашьё—ба қадри арзи сувар (суратҳо) чеҳракушо. Дар ин тамошокада (дуньё) ба фусуни тахайюл хоб бар табиат набояд гумошт

ва ба фиреби тафаккур домани шуҳуд (биниш) аз чанги фурсат набояд гузошт...“

... Алҳосил он рӯз файзи маонии рангин шаш ҷиҳат оғуши кайфияти баҳор кушуда буд ва шуури ғубороти тамкин бар дару бом ҷошнии табассуми саҳар андуда. Саранҷоми сӯҳбат ба зикри маънии ворастагӣ (озодӣ ва озодфикрӣ) кашид ва дари гуфтугӯҳо ба ҳарфи нашъаи бетааллуқӣ (бекайдӣ) фатҳ гардид. Ҳар яке аз ҳуззор (ҳозирони маҷлис) мазмуни аз худрафтание ба ҷилваи тақрир расонд ва ба таҳрики забони озодибаён боли бениёзӣ барафшонд...

Рашҳае аз он амвоҷ (мавҷҳо) бар ин ташнамазраи таманно бизоати саҳобӣ (абрӣ) кард ва решаи хушкмағзи қалам гули чорбарги ин рубоӣ ба арзи шукуфтагӣ овард:

Эй дил, зи ғами нишоти даврон бигзар!
Аз бешу каму мушкилу осон бигзар!
Дар гулшани даҳр чун насими дами субҳ
Озод дарою доманафшон бигзар!

Норасоиҳои ҷуръати тақрир ба адабгоҳи сафҳаи таҳрираш гузошт (яъне ба хонда додан ҷуръат накарда навиштам) ва ба уммеди атияи (бахшиши) ислоҳ дар назари маънишуҳудаш арза дошт.

Пас аз мутолиа соғари нигоҳе ба гардиши илтифот овард (яъне шоҳ Абулфайз) ва ба ваҷди сархушӣ ҳарифонро саршори кайфияти хитоб кард, ки „аз фаҳвои“ (мазмуни) ин калом бӯи саҳбои камол меояд ва сафои ин алфоз оинаи ҳусни матонат мезудояд. Аз ҷодаи инсоф дарнабояд гузашт, ки ба ин сиғари син (хурдсолӣ) пояи суханро ба мазоқи кубаро (бузургони куҳансол) расондан—осори бинои надрат (кам воқеъшаванда) аст ва дар мартабаи решагӣ паҳлуи нумуи нахлҳои баланд задан—далели обьёрии қудрат. Бар ин шӯълаи хомӯш ғофил манигаред ва аз ин тӯфони ҳайратхурӯш бехабар магзаред!“

Дар бораи тарғиб кардани Шоҳмулук ном маҷзуб (дарвеши девонанамо) Бедилро ба шеъргӯӣ ва имло карда додани чанд порча шеърҳои ба забони ҳиндӣ гуфтаи худ ба ӯ, мегӯяд (аз унсури якӯми „Чор-унсур“, аз ҳошияи саҳифаи 13 сар мешавад):

„...Дар бидояти иттифоқи сӯҳбатҳо (дар аввалҳои ҳамсӯҳбатӣ) рӯзе фақир сомеи калимоти найрангоёташ буд, то дарьёбад ки он хум-

кадаи олами асрор (яъне Шоҳмулуки маҷзуб) аз чӣ кайфият мутаранними (тараннумкунандаи) ғул-ғулачӯш аст ва он қонуни махфили ҳақиқат ба чӣ оҳанг силсилахурӯш?

Ногоҳ башорати навои ин замзамааш дарьёфт, ки „эй ҳавасинтизори румузи ҳақоиқ, аз дабистони эътибори вуҷуд ба ҳарфу савте пароканда (наср) қонеъ мабош! То мумкин аст, ба машқи мавзунӣ (шоирӣ) хомаи ҷаҳде бартарош, ки ҳайати инсонӣ дар камоли мавзунӣ мусаввар аст ва ҳайкали башарӣ ба сифати санҷидагии тамом ҷилвагар. Ҳайф бошад, ки самари ин нахли мусаҷҷаъ (қофиядор, мавзун) пуч бароял ва иборати ин нусхаи муқаттаъ (пероста) мағшуш намояд.

**Қитъа:**

Хуш агар бошад таамулпешаи авзои даҳр,
Ҳеҷ мавзӯе хилофи вазъи худ маҳбуб нест.
Дархӯри ҳар созе ин ҷо нағмае гул мекунад,
Аз рубобу чанг овэзи дуҳул матлуб нест.
Пардаи қонуни ғафлат нестӣ, эй бехабар!
Нағмаи шавқат чаро бо огаҳӣ мансуб нест?
Гар ту инсонӣ, навои сози мавзунат чӣ шуд?
Нолаи най чун садои каррано дилкӯб нест.
Гуфтугӯят ҳарзаю он гоҳ лофи маърифат?
Касби ҳуше, то бидонӣ к-аз ту инҳо хуб нест!

Фазли одамӣ бар соири ҳайвонот агар ба нутқи маҳз бошад, ҳайвон низ дар олами истилои худ бенутқе нест. Магар он аст, ки ҳайвон вароқи оҳанге, ки дорад барнамегардонад ва одамӣ дарси мантиқ ба олами фасоҳат ва балоғат мерасонад, маротиби навои ҳайвонӣ мунҳасир дар зеру бами мутлақ аст ва дараҷоти каломи инсонӣ ба қадри латоифи мавзунӣ шӯҳратсабақ. Имтиёзи рутбаи хавос аз авом... ба нисбати баландию пастии сухан аст, на ба эътибори бузургию кӯчакии сару гардан..."

**Рубоӣ:**

Хомушнафасе, ки табъи мавзун дорад,
Сад ғунча баҳор аз дили пурхун дорад.
Тасхири паризоди сухан осон нест,
Ин ҷо нафаси сӯхта афсун дорад.

Дар зимни ишораи он калимоти ҳидоятсурӯш ин кароматаш (карамаш) ёфтам ки „чанде аз ашъори афкори ман бар лавҳи хофиза барнигор ва фаҳми латоифи он аз сабақҳои камол маънавшумор!.. То саводи нусхаи ҳақоиқ равшан гардонӣ ва аз ин абчади файз ба таркиби иборати асрор дарнамонӣ“.

Филҳол саҳифаеро ба хор-хори сад гулистон орзу мистар кашидам ва хомаро ба сарири ҳазор ранг таммано суҷудоҳанг гардонидам. Сешабонарӯз ба таҳрики забони илҳомтарҷимон андеша мегумоштам ва ҳар чи мефармуд, ба суръате тамом менигоштам.

Пас аз адои ҳар мисраъ он кадар маориф аз табиаташ мусалсал (паёпай) метаровид, ки мудрика (қувваи идрок) дар фаҳми маротиби он саросема мегардид.

Чун хаёли ҳайратмаол маҳви рабтандешин калимоти кудси оёт буд, баъд аз такрири як китоб медид (Бедил), ки инони баён ба сарриштаи иршод боз мегашт ва мисраи сонӣ бар забонаш мегузашт...

Дар ин муддат қариб ба чиҳил байт ба маърази таҳрир расид ва сармояи маъниогоҳии ин ҳеҷмадон гардид.

Алфоз яккалам куҳтаъмири матонатадой ва мазомин якдаст арштасхири андози расой, вузӯҳи баён—ламъаи субҳ дар нафас ва рангинии такрир—ҳуҷуми баҳор дар қафас.

Чун аксараш ба таври мусталаҳоти Ҳинд ва ақсоми луғот буд, дар ин сафаҳот, ки зайли маротиби форсӣ аст, маслиҳат дари таҳрир накщуд.

**Қитъа:**

Эй басо маънӣ, ки аз номаҳрамиҳои забон
Бо ҳама шӯхӣ муқими нусхаҳои роз монд;
В-э басо болу паре, к-аз тангии доми қафас
Сохт бо осудагӣ чандон ки аз парвоз монд.
Баски фитратҳо ба гарди норасой хок шуд,
Як ҷаҳон анҷом хиҷлатпарвари оғоз монд.
Нағмаҳо бисьёр буд, аммо зи ҷаҳли мустамеъ[1]
Ҳар қадар бепарда шуд, дар пардаҳои соз монд.
Ҳусн дар изҳори шӯхӣ ранги тақсире надошт
Чашми мо ғафлатнигаҳ шуд ҷилва маҳви ноз монд.

[1] Мустамеъ—шунаванда.

Сивои он ашъори ҳақиқатишъор рӯзе ба шаб ва шоме ба саҳар намеанҷомид, ки аз девони ифодааш ҳазор ранг каломи ҳайратпаём ба мутолиаи шавқ намерасид...

**Рубоӣ:**

Бедил, чӣ қадар бар ту нафас сӯхтаанд,
К-ин шӯълабаён каломат омӯхтаанд.
Эй шамъ, зи партави ту андеша гудохт,
Гӯё ба гудози дилат афрӯхтаанд.

## Дар баёни чандин рӯз гуруснагӣ кашидани худ

*(Аз унсури чоруми „Чорунсур", саҳифаҳои 117–118)*

Тобистоне ки дар гӯшае аз завоёи (гӯшаҳои) Акбаробод гармиҳои суҳбати танҳоиам бисоти офияте пардохта буд ва нафаси орамида тарҳи сардиҳои ҳангомаи ихтилотҳо андохта, ба рашҳаи араке ки обпоши ҳаволии аҷзоям буд, ғубори як олам ҳавои тафсида ба хок менишондам ва ба таҳрики мижгоне ки мирвиҳаи (бодбезаки) ҳаводориам муҳайё дошт, бар ҳумори чандин хоби роҳат домаи меафшондам; бо диле гарм ғайр аз забти нафас намепардохтам, то бӯрьё чун наистон дарнагирад ва бо оҳи сард ҷуз ба саргӯшӣ намесохтам, то кулбаи чун ҳубоб ранги вайронӣ напазирад.

Аз захираҳои асбоби маош қадре катирои суда (як навъи талқон) доштам ва бар моидаи қаноат ҳамирмояи полудаи (кисели) биҳишт меанбоштам. Ҳар гоҳ миқдори кафи дасте бо қадаҳе об тар мекардам, дар фурсати тааммуле ба ҳам меболид (медамид) ва косаро ба пурии чашми конеон мерасонид. Ҳамон қадар мояи таваккул аз васвасаи шаробу ғизоям мустағнӣ медошт ва ҳамон миқдор тӯшаи қаноат бе барги ҷамъиятам намегузошт.

**Назм:**

Фарқ дар ҳар ҷо ҳузури нашъаи иқбол дошт,
Чуғзи қонеъ сад ҳумо дар сояҳои бол дошт.
Бениёзӣ ҳар куҷо пардохт нузли[1] иттифоқ,
Серчашмӣ косаҳо аз ноз моло-мол дошт.

---

[1] Нузл—чизи хӯрданӣ, ки пеши меҳмон мегузоранд.

Баъди муддате моидаи моҳазар тиҳӣ гардид ва димоғи сархушӣ ба хамьёзаи паймонаҳои холӣ анҷомид. Рӯзе ҷунуни беғизоӣ бар истиқомати мизоҷ ғалаба кард ва аз кисвати тоқатам урьён бадар овард. Ҳарчанд паҳлу бо замин медӯхтам, шуъла изтирор чун сипанд аз ҷоям бармедошт ва ҳар қадар дари худдорӣ мезадам, сӯзи димоғ чун бухор ба ҳолам намегузошт. Бӯи кабобе аз ҷигар мешамидам ва дуди чароғе аз нафас вомекашидам.

Бо он ки гардиши ранги ҳар гом (қадам) бар саъи қадам тақаддум (пешӣ) дошт ва аз по нишастан ҳар нафас бар тараддуди рафтор таҳаккум мегумошт, ба ҳукми беихтиёрӣ аз ҷо бархостам ва ба сайри бозор камари шуғл ростам. Надонистам, ки ба дон бизоати аҷз муштарии (харидори) кадом колоям кардаанд ва бо он мояи эҳтиёҷ савдоии чӣ матлабам баровардаанд?

Шарми ифлос (қашшоқӣ) аз ҳар ҷинс чашм мепӯшид ва хиҷлати бедирамӣ (бепулӣ) аз ҳар матоъ доғе мехарид, вазъе надоштам, ки касе мӯҳтоҷам тасаввур намояд ва бо касе намеҷӯшидам, то ошноюбегона гирди аҳволам барояд...

Бо ҳазор ташнакомиҳои ғубори соҳил аз бозор ба дарьё расидам, ғайр аз хушкиҳои лаб сомони таровате начидам, дар он ҳолат хӯрдани обам равған бар оташ пошидан буд ва забон ба нам расонидан—сина бар дами тeғ молидан. Агар обе бар сар мерехтам, хоки надомат мегардид ва агар вузуе ба ҷо меовардам, ҷуз ба таяммумам намекашид.

**Назм:**

Азбаски шӯълаи тапишам барқтоб буд,
Обам ба чашми тар нами ашки кабоб буд.
Изҳор мегудохт нафас дар гудози шарм,
Ҳайрат саволи хомушиямро ҷавоб буд.
Молида буд нанги талаб хок бар лабам
Дар гарди сурмаам ба ду олам хитоб буд

Араки инфиоли беҳосилӣ ҷуз ба азми муовадат (бозгаштан) оинаи оби таскинам назудуд ва ғайр аз хаёли бистари таслим нони ҷамъияти ҳолам гарм нанамуд. Боз гардидам ба ҳамон вайрона, ки хок хӯрданам чун ашки чакида тӯъмаи хок гардонад ва дар ҳамон ошьён афсурдани болам чун ранги шикаста ба парвози адам расонад.

Чун муттасили мадори (паҳлударии) дарвоза расидам, аз бемадорӣ даварони сар ба як бор фитнаи ҳазор осмон бар хоки буньёдам рехт ва мутлақинонии лағзиши по ғубори сад дашт сел бар бинои тоқатам бехт. Ҳангоме, ки аз по нишастам изтирорӣ, ба сар даромаданам буд беихтиёрӣ. Шарми расвой домани андеша гирифт, ки мабодо ба тафтиши он ҳол мардуми бозор бар сарам ғулӯ намоянд ва дар амнободи олами бехудиам дӯкони маҳшар биёроянд.

Ба қасди истинҷо худро то пои иморате расонидам ва дасти ногиро бе девораш маҳкам гардонидам. Пас аз соате ки тоири ошьён гумкардаи нафас мақоми офияти дил бозшинохт ва гардишҳои паргори ранг ба маркази ифоқат тарҳи таскин андохт, ба ҷустуҷӯи кулӯх наққобии (нақбковии) хиштҳои иморат мекардам ва ба харош тешаи нохун аз чанги тафаҳҳус (кофтуков) бармеовардам, — сангрезае ба даст омад, чун ворасидам фулусе (пуле) буд аз сиккаҳои даври акбарӣ ки маскуки ҳол (сиккаи замонӣ) хумси он (ба панҷьякаш) меарзид, умрҳо гузашта дар гили таъмири он бино интизори эҳтиёҷи Бедил мекашид. Боре ҳосили ҳамон нақд аз ташвиши як олам изтиробам вохарид ва муддате сармояи дастгоҳи қаноатам гардид...

## Дар бораи ба як сафари аскарӣ ҳамроҳи кардани худаш

*(Унсури чорӯми „Чорунсур“)*

Фасли соле ки Шоҳ шуҷоъ ибни Шоҳи Ҷаҳон бемории падарро сактаи мазмуни салтанат андешид ва ҷанибати ҷунуни бетааммул ба азми дорулхилофаи Деҳлӣ кашид, то пояи минбари ҳавас ба хутбаи бодбурда баланд гардонад ва нақши сиккаи хаёл ба номи подаррикоб дуруст нишонад (яъне аз бемории падар фоида бурда худ подшоҳ шавад), мутасаддиёни умури ҷалол аз хиттаи Бангола то сарҳадди мамолики Биҳор ба гирдоварии хазоини футӯҳ (фатҳҳо) фавҷҳо мегумоштанд ва ганҷҳои бетаъдод (бешумор) ба таҳсили зару гавҳар меанбоштанд[1].

[1] Бемории Шоҳи Ҷаҳон, сафари Шоҳшуҷоъ аз Бангола ва Аврангзеб аз Дакан барои гирифтани тахт аз падар, дар соли 1068 ҳиҷрӣ буд, ки ба соли 1658 баробар меояд. Дар ин вақт Бедил 14 сола буд. Муаллифи „Сиярулмутааххирин“ Шуҷоъ дар ин сафар „селак (сесад ҳазор) рупия аз аҳолии Банорас гирифт ва атрофиёни ӯ ҷиҳо гирифта бошанд?“ мегӯяд ва дар ин сафар вилоятҳои Биҳор ва Бангoларо тороҷ кардани Шоҳ шуҷоъро ба тарзи умумӣ тасвир менамояд.

Аз он ҷумла ба тасхири навоҳи Тираҳут, ки дар шимолии ҳудуди Патна мулкест азим ва кӯҳистонест муштамили чандин ақаботи ҳаросу бим—фавҷе таъин карда ва Мирзо Абдуллатифро, ки бо Мирзо Қаландар қаробати хеши дошт, ба саркардаги баровард.

Иктизои замони вифоқ фақирро, ки тамошои арсагоҳи ҳаводис далели ҳайратпаймони уст, сайри ҳангомаи инқилоб сармашқи ибратфарсой ба ҳаминонии Мирзо (Мирзо Абдуллатиф) таълими ҳидоятам фармуд ва ба ихтиёри рафоқати эшон роҳи таслимам вонамуд.

**Рубоӣ:**

Бедил, моро ки аҷзи тоқат олист,
Дасти талаб аз накди тасарруф холист,
Чун обила дар қофилаи ибрати даҳр
Маҳмелкаши ихтиёрҳо помолист.

Муддати се моҳ роҷаҳои ғурурсосор ба инқиёди фармони шоҳӣ (Шоҳшуҷоъ) гардане доштанд шикастаи авзои саҷдакорӣ ва раисони раунатиқтидор (сарканикунанда) саре меафрохтанд ҳамидаи таслими молгузорӣ (яъне итоати маҷбурӣ мекарданд.) Нохунорони шерони ин беша (ҳокимони маҳаллӣ) бо рӯбоҳҳои ин фавҷ (лашкари Мирзо Абдуллатиф) ҷуз думлобаги (мунофиқӣ) намефурӯхт ва болкушоии уқоби он фазо бо гунҷишки он бисот ғайр аз хамьёзаи минқор намеандӯхт.

Ба ғалабаи тасалути далерӣ ҳар пиёдаро, ки медидам, доди муқобилаи сад савор медод ва ҳар савореро, ки месанҷидам, бо фавҷҳои ҷаррор гаронсанг меафтод.

**Назм:**

Сур механдид оҳанги қиёматсози мард,
Шеҳа гум мекард рахши раъд дар овози мард.
Каҳкашонро мешумурд аз ҷодаҳои пайсипар,
Ҳар куҷо бар авҷ мезад гарди гардунтози мард.
Сози истеъдоди ғайрат аз ҷаҳони дигар аст,
Ҷавҳари шамшер дорад шаҳпари парвози мард.
Сар ба каф метозад ин ҷо найзадори офтоб,
Бетакаллуф пур баланд афтодааст андози мард.

Инҳирофи истиқомат инфиоли кас мабод,
Хиҷлати ин сеҳр ботил мекунад эъҷози мард.
Чун дами ин теғ баргардид, қатъи ғайрат аст,
Оҳ агар нанги баданҷомӣ кашад оғози мард.
Теғ ҳам аз сайқалиҳо мавҷи обе беш нест,
Ҷуз ба рӯзи имтиҳон равшан нагардад рози мард.

Дар айни гирудори истиқлол, ки садои ғулғули ин лашкар (лашкари Мирзо Абдуллатиф) пои садама бар сад кӯҳ меафшурд ва қатраи ин сел гарди амвоҷ аз дарьё пеш мебурд, ҷосусони камингоҳи ибрат хабар овարданд, ки „дар саводи арсаи Илоҳобод ду дарьёи бекарон (ду лашкар) бо ҳам дарафтоданд ва ба амвоҷи безинҳори (беамони) теғу туфанг доди талотум доданд, яъне Аврангзеби Оламгир бар азми фармонравоии Деҳлӣ (пойтахт) сабқат карда, „ҳуқуқи“ хизмати падарро пеш аз дигарон ба ҷо оварда“ (яъне падарро ҳабс карда подшоҳиро ба дасти худ гирифта) бо мавкиби иқбол (бо саворихон иқбол) тӯфони зафар ангехт ва сели идбор бар бинои шавкати шуҷоъ рехт“.

„Шӯри растахезе алам афрохт, ки зилзилаи замин саркӯби гардиши афлок гардид ва хуни куштаҳо бар ҳинои панҷаи шафақ дасти тасаллут ёзид. Агар кадуи сарҳо ба имдоди шино намепардохт, ҳеҷ яке аз бақиятуссайф (аз шамшер бокимондагон) рахт ба соҳил меандохт. Як олам қолаби тиҳӣ киштигӣ кард, то Шоҳшуҷоъ худро аз вартаи ҳалок баровард (яъне каси бисьёреро ба куштан дода худ халос шуда тавонист). Ҳанӯз гарди раъяти Шуҷоъ дар домани ҳисори Патна уммеди истиқомате дорад, агар сарсари ҳазиматаш ба боди биёбонмаргӣ надода бошад ва аз шӯри он тантана таваққӯи танине боқӣ, агар ба саркӯбии садамоти шикаст аҷзои зеру бам аз ҳам напошад“ (яъне агар Шоҳ шуҷоъ гурехта нарафта бошад, эҳтимол бақияи лашкараш дар пеши Патна бошад).

**Рубоӣ:**

Олам ба хаёл пайсипар мегардад,
Шаб то гузарад ранги саҳар мегардад.
З-ин нусхаи ибрате, ки дорӣ ба назар,
Ногашта тамом, сафҳа бармегардад.

Ба мучарради истимои ин хабар минои дастгоҳи ғурур бар санги ноумедӣ хӯрд ва мавчи саҳбои қудрат, чун хатти ҷом, бар ҷо афсурд, зилзилае дар буньёни ҳозирон афтод ва инқилобе ба тороҷи хушҳо даст кушод, ки ҳавли маҳшар халоиқро он қадар наъл дар оташ нанишонад ва ҷӯши тӯфон табоеъро ба дон бедаступой дар об наронад; гудози заҳраҳо аз сафаҳоти симо нуқуши ранг ба шустан дод ва ларзаи аъзо бар мағзи устухонҳо дарҳои берун рафтан кушод; нафасҳо ба фароҳам овардани лаб камингири паноҳи девор пардохтан гардид ва назарҳо ба бастани мижгон моили сипар аз дӯш андохтан. Суроҳангии нафири каррано (карнай) ба ҳазор саъи дамидан чуз дар остин намекашид ва нафхи (боди) шикамм кӯс ва духул ба сад пойкӯбии дабол (таблкӯб) ғайр аз боди фирор намезоид; забони лофи синонҳо (найзаҳо), чун ангушти мулзам, яққалам сарнагуни хат бар замин кашидан ва боди бурути парчамъҳо (кокулҳои сари байрак), чун аҷзои ҷорӯб, якдаст парокандаи алам дар хок хобонидан; шамшерро дар ҷӯйбори наём (ғилоф) аз таваҳҳуми хушкӣ ҳайрати ба ҷо афсурдан ва рӯи сипарро паси пушт аз хаёли синадорӣ ҳайбати қафохӯрдан; зиреҳпӯшонро дар хонаи замбӯр ба ҳазор ҳалқаи дом гирифтории ваҳшат ва миғфардоронро дар зери ташти оташ ба сад изтирори сипанд навҳаи ҳазимат; хадангҳо аз бепаруболи—ҷуръати парвоз дар ошьён рехт ва туфангҳо аз тиҳиқолабӣ—ба кӯчаи умеди саломат гурехт.

### Назм:

Ҳеч касро дар бисоти орамидан ҷо намонд,
Гарди ваҳшат бол зад чандон, ки нақши по намонд.
Бар табоеъ танг шуд ҷавлонгаҳи саъи ҷиҳот,
Он қадар майдон, ки кас мижгон кунад боло намонд.
Теғи навмедӣ ҷаҳонеро зи якдигар бурид,
Ранг бар рӯ, ҳарф бар лаб, рабт дар аъзо намонд.
Баски ҳар кас пеш рафт аз офиятгоҳи умед,
Дар хаёлободи имрӯзи касе фардо намонд.
Оташи ҷуръат фусурду ҷавҳари ғайрат гудохт,
З-он ҳама савлат ба ғайр аз рӯъб[1] дар дилҳо намонд...

---

[1] Рӯъб—тарс, даҳшат.

Нола то кӯҳсор аз худ рафтане дар бор дошт,
Ҳар киро дидам дар ин саҳрои ваҳшат, вонамонд[1].

Саъи истиқлоли (истиқомат,—худдории) Мирзо (Мирзо Абдуллатиф) ҳарчанд ба забти тассалии он ҷамоат кӯшид, парешонии авроқи дилхо ба шерозае нарасид ва ҳар кадар тухми истиқомат кошт, фоидае надаравид. Лангари дарьё аз ӯҳдаи бетобии амвоҷ баромадан надорад ва пойдории кӯҳ садоҳои рамидаро аз силсилаи ваҳшат барнамеорад. Инони ҳазор табъи мунҳариф ба қувваи як даст кашидан—номумкини тоқатҳои зӯрмандӣ буд ва гардани ҳазор нахҷири ваҳшӣ ба як ҳалқаи фитрок бастан—номақдури саъи қудраткамандӣ.

Ночор ба мулоҳизаи он ки заминдорони сари роҳ ба домангирии хор аз камин барнахезанд ва ба хокхуфтагони ямину ясор, чун занбӯри гардолуд, шӯри газанд наангизанд—ҷаридатозии баҳонаи шикор (яккатозӣ ба баҳонаи шикор) далели (роҳбари) маслиҳат гардид ва тариқи офияти канорагардӣ (бероҳаравӣ), бисоти илтифоти шавореъ дарнавардид (яъне бо роҳи калон рафтан тарк шуд). Роҳи норафтаи саҳрои таваккул ихтиёр намуданд ва ба водии таслими „ҳарчи бодо бод" бол кушуданд. Нафаси дӯздида дар яъси номӯси садо хун мегардид, то ҷунуни орамида ҳушьёр нашавад (яъне нафас намебароварданд, ки аҳолии он маҳал хабардор шуда фавҷро тороҷ накунанд) ва нақши қадам бар гарди рафтор чашм мепӯшид, то роҳи хобида бедор нагардад. Ҳар ҷо кӯе (маҳаллае—деҳае) пеш меомад, дар чашми ибрат хамьёзаи наҳанге буд махмури ғайрати фурӯ бурдан ва ҳар куҷо тангии кӯча рӯй медод, оғуши лаҳаде мепардохт—мустаидди омсдаи) азоби дар ҳам афшурдан. Дар ҳар мақоме, ки иттифоқи нузул (фурӯдоӣ) чашми таамул мекушуд, ғайр аз хонаи зин маъмане (амонгоҳе) мутасаввар намеёфт ва аз ҳар роҳе, ки андеша нақби саломат меҷӯст, беруни ҳалқаи рикоб равзане намешикофт. Пайкарҳои беҷон (аскарҳои дар тарсафтода) ба сурати гирдбод ҳар тараф гарди ваҳшат ангехта буданд ва парҳои шикаста ба ранги ғубори субҳ ҳар ҷониб силсилаи парвоз гусехта. Сабҳавор (тасбеҳмонанд) аз беҷодагӣ (аз бероҳӣ) кадам ба сару дӯши хам мешумурданд ва ҳар ҷо ки

---

1 Дар баъзе нусхаҳо охири ин мисраъ чунин аст: „дар ин саҳрои ваҳшатзо намонд".

сарриштаи рафтор гум мегардид, кори ба паҳлу ғалтидан пеш мебурданд... Талоши овораги ба имтидоди даҳ шабонарӯз кашид, то маҳмили бесарупой ба саводи амнободи Патна расид.

* * *

...Дар он ҳангоми ваҳшатанҷом рӯзе ба мақоми (манзили) Ҷондчур умеди нафасоророй доштем, мутлақинониҳои ёрон он тарафи қофилан ихтиёр (яъне беихтиёр) метохт ва гусихтани зумоми таваққуф ҳар якеро аз дигаре пеш меандохт. Ваҳшатхиромии назарҳо ғубори чиҳотро зери боли мулоҳиза дошт ва эҳтиётоҳангии таммулҳо қадам бар ҷодаи таҳқиқи чапу рост мегузошт. Ҳанӯз бори ноқаи хуршед ба нузулободи шом фуруд наёмада тали сафеде муқобили назар сиёҳӣ кард ва маҳмили корвони шаб таҳияи истиқбол нонамуда гарди саҳаре аз канори роҳ бадар овард.

Ба ҳукми ғалатбиниҳои ҳис, ки ҳеч кас маъниашро намешинохт, ба афсуни таъбири дигаре нафас мегудохт: баъзе аз аломоти пуштаҳои рег нишон медоданд ва баъзе дар хаёли муқаддимаи гирдбод меафтоданд. Безоиқапардозии вусул тафовути таъми шир аз дӯғ ба бурҳон намеанҷомид (исбот намешуд) ва бе айнак-ороии тақарруб (наздик шудан) фарқи сархатти сароб аз мавҷи об ба равшанӣ намерасид (яъне чунон ки ширро аз дӯғ бенӯшидан ва саробро аз об беназдик шудан фарқ кардан мумкин нест, он чизи аз дур намоёншударо ҳам бо фикр давондан муайян кардан мумкин набуд).

Хор-хори табиат (табъ) шӯълаи изтироб андӯхт ва ҳасрати тамошо чароғи бетоқатӣ афрӯхт, то саъи таҳқиқ аз он муаммои ваҳм парда кушояд ва илми яқин аз шубаҳоти олами занн (гумон) бадарояд.

Дар ҳолате ки барқи оҳанги шавқ ба маҳмези ҷунун расид (яъне дар вақте ки ман рафта дидани он чизро қасд кардам), Сармастхон ва Муборизхон, ки аз гардтозони арсаи иттифоқ буданд (ба он сафари мо ҳамроҳ буданд), ба азми рафоқати фақир гарди болоравӣ ангехтанд (ба ман ҳамроҳ шуданд) ва ду хомдими дигар низ ба ҳамрикобии ихлос иноии пиёдаравӣ гусихтанд...

Як ду майдонтоз ғубори тақудав ношикаста ба муҳоватаи гиландӯде (ба як иҳотаи девори лоин) расидем, ки об аз хиҷлати сафои хокаш зангор арақ мекард ва оина дар муқобилгоҳи девораш дан-

дони ҷавҳар бармеовард. Рифъат аз пояи осораш нардбони шукӯҳ ба қасри гардун расонида ва матонат аз паҳлуи буньёдаш пушти истиғно аз кӯҳсор гардонида. Пас аз ҳалқа задани саъи тавоф дарвозае дидем ба мавзунии мисраъҳои байти абрӯ дилфиребй вазъи ба ҳам пайвастан ва ба ҷамъияти иттифоқи лабҳои хамӯш дидазеби ақди мувофақат бастан...

Фазое дар он иҳота пайсипари ҷавлони наззора гардид, ки машраби синасофон ба тасаввури вусъаташ истеъдоди болидан фароҳам мекард ва фитрати маънихаёлон ба сармашқи мавзуниаш сар аз дастгоҳи нозидан бармеовард; ҳавои бехудииктизояш бо насими боли парӣ ҷунунандозии нашъапардозӣ ва ғубори рангинииқтидораш бо абири бӯи пироҳан масти истиғнои гулбозӣ.

Бо камоли пуркориҳои як олам ҳусни найранг на аз нақши одам дар он хона гарди тимсоле ва на аз нишони ҳайвон дар он макон гунҷоиши хаёле...

**Н а з м:**

Наёбӣ ин сафо ҳар чанд аз обу гил бурун ой!
Маё-зин анҷуман берун, мабод аз дил бурун ой!
Нигаҳ чун мавҷ дар оби гуҳар ғалтидааст ин ҷо,
Ба ҳайратгоҳи ноз афтодаӣ, мушкил бурун ой!

Аз вазъи имороти фирдавсоёт ду бангала (манзар) дошт мушриф (наздик) бар кавсарнасаб толобе, ки аз анбӯҳии сунбулистон пероҳани чашми хоболуде буд мустаидди мижгон нокушудан ва аз хуҷуми сояи ашҷор наргиси махмуре моили андози ғунудан...

**Н а з м:**

Баски мавҷу қатрааш яксар сафо омода буд,
Шиша аз дасти парӣ дар моҳтоб афтода буд.
Субҳ мегардид равшан, гар нафас мезад хубоб,
Офтоб азбаски он ҷо рӯ ба шустан дода буд.

Ба андешаи камфурсатиҳои замони ғуруб аз он нишеман чашме ба ҳайрат об надода дар таҳияи сайри толоб афтодем ва чун мавҷ бар об оғӯши биной кушодем. Боре аспу одам бар рашҳаи серобӣ расид ва хушкиҳои димоғи тараддуд соғари таровват кашид.

Хостем рахти муовадат (бозгашт) барбандем ва чун узва дар-рафта боз ба дӯстон пайвандем. Ҷосусона ба ҳар тараф назаре меандохтем ва қаровулона дар ҳар тараф рахши тафаҳҳус метохтем, ба эҳтиёти он ки барқи офате камини сиёҳии мо надошта бошад ва хори ошӯбе домани бепарвохиромӣ нахарошад... Гоҳе решавор ба ҳаракати шоху барги ашҷор метанидем ва гоҳе чун соя аз ҷунбиши хору хас рамузи сиёҳӣ вомекашидем.

Пас аз мулоҳизаи ямину ясор нигоҳи ваҳшатшикор ба печу тоби дуде пай бурд, ки дар канори об аз макмани манфазе (аз дудкаши пинҳон) мутасоид (болорав) буд ва чун решаи сунбул ба нашъунамои соҳати ҳаво боли изтироб мекушуд.

Ҷунуни ҳавас дубора наъл дар оташ андохт ва ҳавои таҳқир мукаррар оинаи таҷассус пардохт... Чун тафтиши он мақомот холӣ аз ҳаросе набуд, иқдоми ҷуръат ҷуз дарҳои васвос намекушуд, зеҳи камонҳо ба бӯси лаби сӯфор расонидем (омодаи тирандозӣ шудем) ва қабзаҳои шамшер ба сарпанҷаи истиқлол мусаҷҷаъ гардонидем, дасти ҳимояти сипарҳо баладӣ саъй гардид, то пои ҳиммат бар сари он ғурфа расид. Ҳуҷрае ёфтем ба тангии нигинхона, ки дар зери замин канда буданд... То ҳиҷоби мижгон аз пеши чашм бардоштем ва таваҷҷуҳ бар нақби дафинаи ҳол гумоштем, паризоде аз он тилисм бениқоб гардид—чун тароват бар фарши сабза нишаста ва бӯи гуле бар зонуи хаёли ғунчагӣ домаи шикаста, оташе дар муқобили ҳуҷраи оташин афрӯхта ва нафас бо пан қалаён ба ҳам дӯхта. Гарди ваҳшате аз симои ҷамъияташ мавҷзан ва шӯри савдое аз оинаи аҳволаш ошуфтагихирман.

**Рубоӣ:**

Ҳусне зи фусуни ишқ ибратоҳанг,
Бар оинаи улфати имкон зада санг.
Аз дашт ба дар тохта як дашт ҷунун,
Аз занг бурун нишаста як олам ранг.

Атре аз гулбарги пероҳанаш роиҳаи шӯхӣ дошт, ки ҳавои он сарзамин минои баҳор бар машом мешикаст ва ранге аз лолазори пайкараш берун метофт, ки ғубори он фазо тутуқи (саропардаи) шафақ пеши роҳи назар мебаст; минои бепарвоиашро маҳвияте пардоз дода, ки агар бинои тимсоли имкон оташ мезананд ба кушоди миж-

гон илтифот намегумошт ва димоғи нозашро бехудие дар ҳам афшурда, ки агар шикасти минои афлок таранги (чаранги) қиёмат меангехт, пунба аз гӯши истиғно барнамедошт; садамоти ҳою хуи мо чун шахси тасвир асло мутағайираш насохт ва ҳаракоти чунуноҳангии мо ба хаёли гардаши рангаш наяндохт.

Нафассӯзии саъи баён ҳарчанд ба истифсори (пурсиши) кайфияти ҳол забони илҳоҳ кушод, ғунчаи тағофулаш бӯе, ки истишмоми хақиқате тавон кард, берун надод; шукӯҳи ғайрате аз сози бениёзиаш муояна кардем, ки заҳраи ҳуш то имрӯз ба ламъаи тасаввури он оинаи гудоз мезудояд ва шахси таваҳҳум ҳанӯз дар партави андешааш аз ӯҳдаи рангбохтан барнамеояд.

Бо ҳамаи авзои хамӯшӣ шарми кайфияти садое, ки аз кальёнаш арза медод, бар қул-қули минои май дарҳои фаввораи арақ мекушод ва ҳайрати марғӯлае, ки аз дуди танбоку (тамоку)-аш бар ҳаво мепечид, гардани каҳкашонро дар бунафшазор нишони силӣ мехобонид. Алқисса ҳусне буд дар кисвати ишқ—маҳчуби ҳучлаи бениёзӣ ва ишқе дар либоси ҳусн—махмури нашъаи истиғнотирозӣ.

**Назм:**

Хаёловораи касрат, навои сози яктое,
Парафшони таҳайюр, ошьён гумкарда анқое.
Ба домони ҳаё шӯри ду олам, барқчавлоне,
Зи ҳайрат дар канори як гӯҳар ғалтида дарьёе.
Димоғошуфтае, шӯхе, нигаҳпарвонае, масте,
Ба афсуни вафо Мачнун бурун чӯшида Лайлое.
Парӣ, аммо ба хукми ғайрати номӯси озодӣ
Зада бар эътибори шишаи нӯҳ анчуман пое.
Ба завқи бехудӣ андози ваҳшат рафта аз ёдаш,
Фаромуш карда дар зери қадам домони саҳрое.
Ба вазъи ғунчагӣ—боғи табассум зери лаб ранге,
Ба фонуси ҳаё—шамъи арақ гулкарда симое...

Чун густохии пурсучӯ аз ҳад гузаронидем, бедимоғона нигоҳе чоми гардиш паймуд, ки пиндоштем, барқ аз камин дурахшид ё ламъаи офтоб дар чашми мо тобид. Ба он гардиши чашм муҳаррафе (теғи кач—шамшере) хӯрдем, ки саропои худ аз дили дуним бозна-

мешинохтем ва ҳарчанд ба забт мекушидем, ҷуз рақси бисмил намепардохтем, нафаси ҷуръатиншо қадам аз лаб пеш намегузошт ва нигоҳи шӯхитақозо тоби ҳаракати мижгон надошт, чун муддао дар забон музтариб истода будем ва чун ашк дар дидаи ҳайрон чакидан ба фаромӯшӣ дода, ки ногоҳ рӯ ба ҷониби осмон кард ва оҳе аз дил бадаровард—сарҳати ҳазор туфон шӯри ҷунун ва ин байти хушгудоз аз сатри шӯълааш қиёматмазмун:

Солҳо дар талаби рӯи накӯ дар ба дарам,
Рӯй бинмою халосам кун аз ин дарбадарӣ!

Оҳанги ҳазине ба гӯш хӯрд, ки шунидан аз ранги мо дубора варақ гардонд ва шуур бар димоғи мо мукаррар доман афшонд.

Пас аз соате, ки хушҳо ба маркази ифоқат моил гардид, дедем қальён бар даст аз ҳуҷра берун хиромидааст ва ба самти он нишеман, чун нигоҳ аз чашм, қомати ваҳшат кашида суръати хироме дорад, фурсати нигоҳ аз замингирони хайрағи рафтори ӯст ва ҷавлони андеша аз хокнишинони ҳасрати интизори ӯ.

**Назм:**

... Мӯ ба мӯяш пеш-пеши якдигар парвоз дошт,
Корвони ранги ноз аз бас шарардунбола буд.
Дар қафояш, то инон гирем умри рафтаро
Раҳбари мо лағзиши ашку ғубори нола буд

Фавҷи девона дар дунболи рами оҳу афтода будем ва ҷӯши парвона дар ҳавои партави шамъ бол кушода; бо камоли ҳайрат чашм аз нақши пояш барнамедоштем ва бо ҳуҷуми бедаступой чун ғубор доманаш намегузаштем, то он ки ба ҳамон хона даромад ва дар садри (пешгоҳи) бангала бар замин нишаст, моро низ оинадории муқобилаш бар хоки остони ҳузур нақш баст.

Замоне бар наёмада афсурдагиҳои хуни шафақ соғари тирагӣ кашид ва парокандагии гесуи шом ба ҳалқаи ҷамъияти шаб расид. Чароғи мо фатилаҳои калаф (доғ) бар равғани партав тар кард ва чашмакҳои кавокиб сар аз миҷмари гардун бадар овард.

Ҳар қадар, ки ламъаи нур аз гиребони анҷум меруст, араќи пешониаш рӯ ба чакидан мешуст ва чандон, ки моҳтоб бар дару бом

метобид, гардиши рангаш бисоти ваҳшат мечид. То дами субҳ ҳаё дар банд-бандаш чароғони арақ дошт ва печидагӣ аз буни ҳар мӯяш даст бар огаши дил мегузошт. Ҳарфе ки ба забон меронд, ҳамон байт буд ки мехонд...

Завқи халокӣ ба хуни орзу камар баста буд ва ҳасрати бисмил дар сари роҳи интизор нишаста, ки гардиши он чашм боз дашнаи нигоҳе ба фасон расонад ва моро аз қафаси махмаса озод гардонад. Ғурури тағофул ба фарьёди ҳасраткуштагон намепардохт ва истиғнои ноз ҳеҷ якро қобили имтиҳон намешинохт.

**Рубоӣ:**

Мурдему ғурураш ситаме соз накард,
Такрор нигоҳе ғалатандоз накард.
З-ин шарм ки тоби он нигаҳ овардем,
Дигар мижгон ба рӯи мо боз накард.

Ҳар чанд моро хаёли обу нон захираи анбони фаромӯшӣ буд ва ёди замону макон—нақши тоқи нисьёну беҳушӣ, маслиҳати тақдир раво надошт, ки аспон ба иллати беғизоӣ „сикандарӣ“ хӯранд ва ба таъсири барҷомондагӣ „қайсарӣ“ пеш баранд. Ходимон дар он гӯшаҳо сабӯе чанд вонамуданд, ки баъзе пур аз орди гандуми ба ҳарири фикрҳои дақиқ бехта ва баъзе лабрези равғани зарди ба гудози шамома (хушбӯй)-ҳои анбар омехта буд. Ҳам ордоби давоб (чорпоҳо) аз пахлуи он сабӯҳо даст ба ҳам дод ва ҳам нони одам дар равған афтод.

Назарбозони коргоҳи таслим ва ризо, яъне он ду ходими мутаҳайири бедаступо дари хона ба қуфли эътимоди таваккул баста буданд ва бо ҳазор чашми ибрат дар камини аҳволи мо нишаста ба навоҳои сози посбонӣ ақсоми мавъизат аз дур месуруданд ва ба анвои ваҳму харос мутанаббеҳи огаҳӣ менамуданд (яъне „Ҳозирбош! Бедор бош! Ҳушьёр бош! гӯён фарьёд мекарданд), лекин:

Гӯш ку, то аз касе оҳанги ибрат бишнавад?
Ё кӯчо хуше, ки афсуни насиҳат бишнавад?
Маҳви дидор аз хурӯши сози имкон фориғ аст,
Оина гар бишнавад чизе, зи ҳайрат бишнавад.

Охирҳои шаб, ки шикастарангии фуруғи моҳ машъали ошуфтагӣ афрӯхт ва чароғони партави собиту сайёр (ситораҳо) фатилаи кӯтоҳӣ андӯхт, ҳолате муставлии (истилогари) аҳволи мо гардид, ки робитаи сози қуво сарриштаи тоқат ба як бор аз даст дод ва аҷзои нусхаи ҳавос дар шерозабандии ҳуҷуми беходӣ афтод, рамақи имтиёзи огоҳӣ дарси видои мутлақ хонд ва бастани мижгон тӯмори беҳиссии нигоҳ ба мӯҳр расонд (яъне хоб бурд). Хуши рангбохта он қадар фарши бисоти беҳиссӣ буд, ки (яъне он қадар сахт хоб рабуда буд, ки) ҷамъияти лашкари кавокиб ба тафриқаи (ба парокандагии) ҳазимат расид ва ханҷари гудози офтоб бар сипоҳи арсаи уфуқ найзаи баланде кашид, то таноби шуоъ аз ҳар тараф шӯри кашокаш наянгехт, бахьяи захми мижгонҳо силсилаи рабти ҳам нагусихт (яъне чашм накушодем) ва то рашаҳоти (қатраҳои) гудози арақ бар саропои мо гулоб наяфшонд, саргаронии хоб аз музоҳамати шуур паҳлу нагардонд (бедор нашудем).

Даври ҳангомаи бехабариҳо гузашт ва замони ғайбати хуш ба ҳузури огаҳӣ муқтарин (наздик) гашт, чун дуд аз димоғи Маҷнун ҷастем ва чун губор саропои худ дарҳам шикастем, ҳарчанд чашм ба ҳам молидем, он нақш аз назар маҳв гардида буд ва ҳар қадар бар таамул печидем, он шакл аз муқобил рамида; аспу одам ҳама замингири ғунудан (хобидан) ва дидаҳо то дари хона маҳви мижгон накушудан. Хонаи дарбастааш, чун садо, монеи хиром нагардида (яъне баста будани дари хона ба баромада рафтани он паризод монеъ нашуда) ва пардаи фонусаш чу фурӯғи шамъ инони ваҳшат нагардонида; аз шӯълаоҳангиҳои он қальён дуде дарнаёфтем ва аз ибратнавоиҳои он най (наи қальён) асари суруде во нашикофтем.

Чанде гарди дару девор ба ғирболи дидаҳо бехтем, гавҳари муддао ба ҳусул напайваст; муддате обрӯи ҷустуҷӯ ба хок рехтем, ғубори яъс аз по нанишаст.

**Рубоӣ:**

Фарьёд ки он тилисми найранг шикаст,
Сози тараби таҳайюроҳанг шикаст.
Фурсат чамане дар назар ороста буд,
Мижгон бар ҳам задему он ранг шикаст.

...То гӯш бар садои пое бардорем, дастҳои барҳамсуда овоз медод, ки дигар ба губори он ваҳшӣ наметавон расид ва то ҳуш бар тааммули нақши қадам гуморем, чашми ҳайратзада сари роҳ мегирифт, ки беш аз ин ба гарди суроғ набояд печид...

**Рубоӣ:**

Бедил, дигар он фурсати бадмаст куҷост?
В-он шишаю соғаре ки бишкаст, куҷост?
Гирам пурхун кунӣ каф аз суданҳо,
Он ранги ҳино ки рафт аз даст, куҷост?

... Мирзо Абдуаллатифро, ки рафъи шубҳаи биёбонмаргии мо роҳи яқин кушода буд (яъне ӯ яқин мекард, ки мо биёбонмарг шудаем) ҷунуни беихтиёрӣ дарьёфта, ба газидани пушти даст дарҳои захм мекушод ва ба чакиданҳои ашки надомат шӯри таассуф берун медод, ки „хуни ноҳаққи он бекасшаҳидон ба домани саҳрои нокомӣ чакид ва оби бақои ин ватановорагон тӯъмаи хоки ғурбат гардид“. Ҷамъеро чун гирдбод ба сомони саргаштагӣ фиристода буд ва фирқаеро чун нигоҳи ваҳшиён ба дашту дар сардода, ки шояд аз гарди рафта паи суроғе бардоранд... Ҳар чанд як куруҳ[1] беш дур набудем, пас аз талоши якшабонарӯз ҷустуҷӯ аз гумгаштагиҳои мо вошикофтанд ва инони оворагардиҳои моро аз он водӣ бартофтанд. То ба лашкар расидан асло хабар надоштем, ки маҳмили мо бесарупоёнро кӣ мекашид ва ғубори болбурдаи моро боз ба ҷаргаи (ба сафи) ёрон кӣ расонид?

**Рубоӣ:**

Будем ҳавасхироми кӯҳу ҳомун,
Ногоҳ хаёли чашми ӯ хонд фусун.
Пеш омад бехудимақоме, к-он ҷо,
Рафтем шууру бозгаштем ҷунун.

---

[1] Куруҳ—4 ҳазор газ масофат аст, ки тахминан аз дуним километр зиёдтар меояд ва ҳар се куруҳ як фарсах—ҳашт километр аст.

Дӯстони мушфиқ рангҳои рафта аз адам бозгардониданд ва ба шукуфтагиҳои баҳор таҳнияти истиқбол расониданд. Ҳангоми мулоқот ҳарчанд аз ҳақиқати ҳол мепурсиданд, ғайри он байт чизе аз мо намешуниданд...

## Дар боран як сафари иниёдан худ ва ёрии як шахси номаълум

(*Аз саҳифаи 124-и „Чорунсур" сар мешавад*)

Дар санаи 1070 ҳиҷрӣ (1660 милодӣ—дар вақти 16-солагии муаллиф) Мирзо Қаландар ба сафари ясоқи (ҳарбии) Бангола таваҷҷӯҳ гумошта буд ва асбоби алоиқ дар қасабаи Маҳатсӣ, ки бист куруҳ аз Патна он тарафи дарьёи Ганг воқеъ аст, гузошта.

Ин ҳамон айёмест, ки бинои шавкати Шоҳшуҷоъ[1] ба овораги-ҳои олами идбор (бадбахтӣ) расида ва иқтидори давлати подшоҳ Оламгир (Аврангзеб) бар ҷиҳоти мамлакати Ҳинд сафи иқбол кашида буд. Шавореи (роҳҳои) атроф ва акноф, ба тангии дилҳои ҳазин хароши офате дошт, ки ҳаракатпешаҳои олами асбоб ҷуз теша бар пои тараддуд задан осори саломат намешумурданд ва ҷамъияти аҳволи халоиқ ба тафриқаи (парокандагии) димоғи Маҷнун гарди ваҳшате анбошта, ки тадбирандешагони туруқи маош ғайр аз қадам дар домани таътил шикастан сарфаи офият пеш намебурданд. Хосса роҳ-ҳои убури деҳот ба он саубат (душворӣ) буд, ки шоҳбозони нишемани кудрат дар он фазоҳо ба мулоҳизаи ғораткаминии зоғу заған матои болу пар аз ошьён беруи намеоварданд ва шерони каноми (лонаи) ғайрат аз ҳароси ғолибоҳангии сагу хук ҷинси нохуну дандон ҷуз дар чанголу даҳон маҳфуз намедоштанд.

---

[1] Чунон ки дар саргузашти пештаран муаллиф гузашт, дар соли 1068 Аврангзеб ва Шуҷоъ ҳар ду ҳам аз дасти падар тахтро гирифтан мехостанд. Аммо Оламгир пешдастӣ карда ба пойтахт даромад, падарро ҳабс карда худро подшоҳ эълон кард ва дар натиҷаи ду-сесола ҷанг Дорошукӯҳ (бародари бузургаш)-ро кушт; Муродбахш (бародари хурдаш)-ро ҳабс кард ва Шуҷоъро, чунонки муаллиф мегӯяд, овора кард.

## Қитъа:

Даври ҷонкоҳе, ки дар дашту дар аз ноэминӣ,
Печу тоби ҷодаҳо шамшери ҷавҳардор буд.
Нола бармеомад аз дил то нафас мезад қадам,
Тангии раҳ яккалам чун най хиромафшор буд.
Баски меболид ҳар сӯ гарди дилҳои хароб,
Гар ҳавое пеш меомад, сари девор буд.
Дар чунин вақте ки раҳравро зи оҳанги фузул
Сар ба роҳ андохтан чун шӯъла по бар хор буд,

фақирро ҳукми зарурате ба азми қасабаи мазкур мусаммиминогузерӣ сохт ва наъли ҷамъият дар оташи саъи беихтиёрӣ андохт.

Рафоқати як ходимро ба аламкашии лашкари тадбир кифоят дида ва ихтиёри пиёдагиро аз саворони арсаи маслиҳат андешида, инони ҷаҳд ба ҳукми тақдир вогузоштам ва таваккулро бадрақаи (роҳбари) роҳи таслим ангоштам.

Аз он ҷо ки иттифоқи (тасодуфи) пиёдагардӣ гоҳе даст ба ҳам надода буд ва бори бараҳнапоӣ ҳеҷ вақте бар сар наафтода, рӯзи аввал он сӯи дарьё се куруҳ қатъ нокарда, саъи рафтор ба пул бастанҳои осори обила танид ва истиқомати қадам ба ҷодапаймоии андози лағзидан (лағжидан) кашид. Дидам ҷабини саҷдамоили ҳар гом (ҳар қадам) дасти манъе дар пеши по мегузорад ва облаи болиданоҳанг аз сари хокам (ба сабаби баланд дамиданаш) мебардорад, ба завқи нафасороӣ (дамгирӣ) пои дарахте ихтиёр намудам ва ба илтифоти замингирӣ аз заҳмати рафтор осудам.

Чун соате чанд ба вазъи орамидагӣ саромад, фарьёди ходим аз сари таъкид даромад, ки „баҳри вомондагӣ ҳиммате бар саъй гумоштан аст ва рахти афсурдагӣ аз ин макон бардоштан, то пагоҳтар ҷамъияти манзил истиқбол намояд ва табиат аз тафриқаи (парешонии) васвоси ин роҳ барояд. Вагарна насиме, ки дар ин мавозеъ (ҷоҳо) пар мезанад, мактуби офат дар бағал дорад ва ғуборе, ки аз ин навоҳ (ноҳияҳо) баланд мегардад, бе муқаддимаи қиёмате сар бар намеорад!“

Хостам таҳияи бархостан намоям, дасту поҳо ба қисме хобида буд, ки ба оташи дӯзах магар гарм намоянд, то аз аъсоби (асабҳои) барҳам печида укдаи ташаннуҷ (рагкашӣ) кушояд ва ба сайҳаи сур (сури Исрофил) овоз диҳанд, то узвҳое, ки ҳар як ба олами дигар расида-

аст, фароҳам оянд. Ҳар чанд талош мекардам, тавоной он тарафи тоқат мебохт ва мақдури ҳаракат ҳамон алами бедаступой меафрохт.

Рӯз ба охир норасида шоми надомат ҳуҷуми нокомӣ овард ва бо тимсоли мақсад дучор ногардида, оина дар зангор ошьён кард. Шабехуни ғурбат (ғарибӣ) бар қалби ҷаворех рехта буд ва қиёмате аҷиб тӯфони укубат ангехта...

Шикастагиҳои дасти норасо бори тазаллум (додхоҳӣ) наметавонист бардошт, то ба хаёли фарьёдрасе боли тазаррӯъ тавон кушуд ва сангиниҳои пои бесубот сар ба хати фармон намегузошт, то ба ҳавои ҷода тамҳиди лағзише тавон намуд. Эҳтимоли боз гардидан чун умри рафта аз ӯмури маҳол ва эътимоди бар ҷо мондан чун сипанди дар оташнишаста маҳзи вубол. Ҳар тараф назар меандохтам, ғубори яъс (ноумедӣ) сиёҳӣ мекард ва ҳар куҷо по мегузоштам, шикасти дил бар нола зӯр меовард... Ба қуввати асокашони нола сипандворе аз ҷо бармехостам ва ҳамон дар хок менишастам, ба ҷаҳди аҷзпаймоёни гирья қадами ашке бармедоштам ва ҳамчунон бар замин нақш мебастам.

**Рубоӣ:**

Он роҳ ки саъи норасоям паймуд,
Ҳар чанд қадам шумурд, ҷуз даст насуд.
Чун обилаи шикаста бо дидаи тар
Ҳар ҷо по мегузоштам, оташ буд.

Аз нисфи рӯз то як поси шаб нафаси сард бармеовардам ва ҳаракати бисмилие сар мекардам, то ба сарои Чаманопур, ки аз он ҷо ду куруҳ фосила дошт, расидам ва чун узви даррафта ба ҷое, ки надоштам орамидам.

Дар тайи он мароҳил (марҳалаҳо), ки ба лағзишҳои ҷонкоҳ қатъ гардид, асрори ин қудрат ба маъразн имтиҳон расид, ки ҷаҳди нотавонӣ ҳам маҳмилкашиҳо дорад ва саъи бедаступой низ аз манзил бармеорад.

**Назм:**

Мавҷро з-ин баҳр натвон ёфт навмеди канор,
Бетакаллуф, саъи бисмил ҳам ба ҷое мерасад.
Соя мемолад ҷабин бар хоку меболад ба хеш,
Яъне ин миқдор кӯшиш ҳам ба пое мерасад.

Корвони ранчу роҳатҳо каминтози ҳаманд,
Ҳар кучо дарде расид, аз пай давое мерасад.

Боре сиёҳии шаб бар шикасти устухонҳо таблаи (сандукчаи) мӯмиёй кушуд ва аъзои кӯфтаро порае бар равғани қир андуд, то тафриқапаймоёни мижгон ба муонақаи ҳам (ба ҳамоғӯшӣ) оғӯши улфате гарм намуданд ва ғунчачинони чаворeҳ сар дар канори фориғболӣ осуданд. Субҳдам, ки беморони шикастахоб ба афсуни нафаси субҳ саҳеҳ аз бистар бархостанд ва пунба-багӯшони корвони ғунудан ба ғулғули дарои меҳр (зангӯлаи офтоб) маҳмили огоҳӣ оростанд, замингири қофилаи бедаступой (яъне худаш) то чашм бар тааммули аҳвол кушуд—асаре аз он кӯфтагиҳо маҳсуси табиат набуд. Пеш аз он ки ба имтиҳон қадам кушоям, забон ба шукр кушодам ва ба мулоҳизаи эҳтиёт дар фикри маркаби кироя афтодам.

Ба иллати хатари роҳ кироякашон иқбол нанамуданд (қабул накарданд) ва ба узрҳои ланг забони муболиға кушуданд. Балки ҳар яке ба таъкиди фасхи азимат (аз роҳ баргаштан) расми мувоазат (ваъзу насиҳат) ба чо меовард ва ба таълими ихтиёри иқомат дафтари иршод во мекард...

Ба ҳукми беихтиёрӣ ҳамон эътимод бар таваккул гумоштам ва қадами таслим ба роҳ гузоштам. Чун се куруҳи дигар пайсипари шавқи бепарво гардид, ғайр аз эҳсоси тавоной пеш-пеши марҳалаи азм надид. Суруре тамом истиқболи қосиди хаёл дошт ва димоғ қадами сархушӣ бар рӯи ҳаво мегузошт; расоиҳои нашъаи шавқ бар қудрати ҳол менозид, ки „агар сомони тоқат ин аст, ҳеч чо дар роҳ набояд осуд ва ба вусъи (гунчоиши) имкон камар чуз ба манзил нашояд кушуд".

Дар шуғли эҳтизози (чунбиши хушҳолонаи) ин андеша чун имтидоди фурсат ба нисфуннаҳор (нимрӯзӣ) кашид, гармнигоҳиҳои офтоби оламтоб ташти (лагани) оташ бар фарқи чиҳот рехт ва барқтози ламъаи анвор дуд аз хирмани офоқ барангехт. Аз тофтагиҳои кӯраи хок чои нишастан бар нақши по тангӣ кард ва ҳароратангезии табиати ҳаво шӯъла аз мағзи ғубор бадар овард. Нигоҳ то паҳлу аз синони (найзаи) шуоъ дуздад, дар қафои девори мижгон мехазид ва мижгон то аз соя сипар андозад, алам бар дари чашм мехобонид. Ҳар чанд чӯши арақ аз чашмаҳои масомагудози аъзо об бар рӯи кор ме-

овард, бар оташи дил имдоди равган мекард ва ҳар қадар бисмилоҳангии изтироб аз ҳар сари мӯ мирваҳа (бодбезак) мегардонид, бар ямину ясор (росту чап) ҳамон домани шарор меафшонд.

Ногоҳ абри раҳмате аз дур сиёҳи намуд ва дасти ҳимояте аз ғайб сари остин кушуд ва он тӯбисиришт дарахте буд, ки барг—баргаш ба шафақатгустарии аҳволи бараҳнасарон панчаи раъфат (меҳрубонӣ) афрохта ва дастгоҳи бузургиаш ба салои даъвати нафассухтагон хони утуфат пардохта. Ба осудагиҳои домани илтифоташ маҳди роҳат хоби фаромӯш ва ба меҳрпарварии сояи улфаташ канори доя номаҳрамоғӯш.

Қадаме чанд бо рақси сипанд ҳаминон гардидем, то маҳмили бетобӣ ба он чамъиятобод кашидем, роҳаторзуҳои табиат аз ташвиши тараддуд орамид ва офиятэҳтиёҷии мизоҷ ба насибаи итминони куллӣ (оромии пурра) фоиз гардид...

Ба ҳар ҳол нафасе оростем, то офтоб аз қадди завол даргузашт ва гармии ҳаво ба кайфияти эътидол муқорин гашт; аз он мақом рахти вадоъ барбастем ва ба азми эҳроми мақсад пайвастем. Ба мучарради қоматоройи тоқати бархостан асо шикаст ва то қадами ҷуръат гардан афрозад, тавоноӣ аз по дарнишаст, ҳамон киёмати де (дирӯза) дубора сар аз камини бадар овард ва он шадоид (сахтиҳо) башиддаттар аз собиқ зиёрати аъзо кард. Нашъаи ҳайрат ҳазор боло гардид ва кайфияти изтирор ба ҷунунҳо анҷомид.

Сурати ҳол ба ходим вонамудам ва камари маслиҳат ба шикастагӣ кушудам, ки „ҳарҷи бодобод, имшаб муқими ҳамин сояи дарахтем; ҳар чанд тӯфон ғубор ангезад, сар ба домани ин хок ниҳодаем ва агар ҳамаи замин аз ҷо бархезад, нақши поем дар ҳамин роҳ афтода. Тасаввур пеш аз марг тоби ҳавли қиёмат намеорад ва таҳаммул қабл аз ҳашр азоби гузаштани сирот бар намедорад; дар муқобили ин тааб зери теғ хобидан муфти офиятшуморист ва дар баробари ин уқубат бар бистари оташ вокашидан—ғанимати роҳатшикорӣ".

Ходими бечора низ ба ҳукми табаият ногузири таслим буд ва аз ҷодаи ризо инҳироф натавонист намуд... Ба нияти замингирӣ ридое[1] густурдем ва паҳлу ба хоки яъс афшурдем.

---

[1] Ридо – дар ин ҷо лунгиест, ки ҳиндустониён дар тобистон ба ҷои либос ба бадан мепечонанд.

Дар он саводи вахшие, ки гарданда ҷуз ғубори назар набуд ва мутараддиде (равандае), ки ба назар дарояд, ғайр аз нафаси музтариб наменамуд, талвосаи ташнагӣ ба умеди чашми тар соғари тасаллӣ дошт ва изтироби гуруснагӣ ба бӯи кабоби ҷигар заллан таскин меанбошт, дидаи бе хоб интизори вуруди шом мекашид, то сиёҳии шабро мижгон пиндорад ва чашме ба хаёли осудагӣ ба ҳам орад; ҳар нафас чун ашк ба паҳлуи дигар меғалтидам ва авроқи фурсат мегардонидам, то пасе аз рӯз боқӣ монда, садамае ба гӯшам хӯрд, дидам пири мунҳание (хамидақомате) бар модиёни саманди бачадор тохта меояд ва кӯдаке асо дарканор ҳамчунон ба рикобаш инон андохта.

Чун наздик расид, ба гармии тамом саломам кард ва забон ба хитоби шафқат баровард, ки „дар чунин авқот пиёда сафар кардан ба мустаиддони дастгоҳи шуур (бар соҳибақлон) ҳайф меояд ва ба танҳоӣ дар ин роҳҳо қадам гузоштан—аз фикри соиб (дуруст) дур менамояд. Ҳусули ҳеҷ муроде ба қабули ин миқдор тааб намеарзад ва вусули ҳеҷ мақсаде ба илтизоми ин ҳама заҳмат киро намекунад...“

Гуфтам: „Ранги ин ахлоқ мушъири бӯи ошноист ва ибораги ин ишфоқ (шафқаткунӣ) мухбири маънии шиносоӣ. Аммо ба ҳукми нисьёни табиат (фаромӯшӣ) ҳар чанд бар тааммул таваҷҷӯҳ мегуморам, сарриштаи таҳқиқ ба ҷо намеорам (ҳар чанд фикр мекунам, шуморо дар куҷо диданам ба хотир намеояд“).

Табассумеро сархати вузӯҳ карду гуфт: „Ман Ҷонмуҳаммадам—аз тобиони Хоҷа Шоҳмуҳаммад, ки дар Маҳатсӣ бо Мирзо Қаландараш нисбати ҳамсоягии девор ба девор аст... Ба амри Хоҷа маъмур будам, то ба канори дарьёи Ганг мушоявати ошное ба ҷо орам, алҳол муовадат намудаам ва азми ҳузури Хоҷа дорам“.

Пас фуруд омада ба бисотороии меҳрубонӣ нишаст ва ба муроoти ақсоми илтифот пайваст. Аҳволи Мирзо (Мирзо Қаландар) мепурсид, сабаби эҳроми ин сафар аз фақир вомекашид.

Бо ҳама пурсуҷӯ ранге аз кудурати ҳол бар сафҳаи изҳор нанигоштам ва бо шукуфтагиҳои сохта сӯҳбати бетакаллуфе доштам.

Баъд аз соате бархост ва модиён пеш овард, ки „қадам дар рикоб гузоред ва маро аз ҷанибаткашон (ҷиловдорон) шуморед“.

Таammули инсоф раво надошт, ки пире ба он заъф ва инҳино (ҳамидагии қомат) пиёда мушоҳада намоям ва бо вуҷуди ҷавонӣ дар баробараш савора бароям.

**Рубоӣ:**

Бедил, агарат касби шуур аст зи шарм,
Илму амали ту носабур аст зи шарм.
То ҳаст зинофитодае дар назарат,
Қоматорони ту дур аст зи шарм.

Ҳар чанд ба саъи муболиға пардохт табиати мунфаил (табъи шармгин) ҷуз тарҳи тағофул наяндохт. Гуфтам: „Замоне сояи ин дарахт муғтанами (ғаниматӣ) фурсат аст. Инони таклиф баргардонед ва маро ҳамқадами худ расида донед“.

Аз он ҷо ба баҳонаи истинҷо худро дур кашидам ва пас аз дере мутаваҷҷеҳи он маком шудам. Кӯдак бо модиён мултамиси (илтимоскунандаи) қабули саворӣ истода буд ва пири бодпо сар ба роҳи мутлақинонӣ ниҳода. Ба сози таваққуф ҳар қадар тааммул кардам, сар аз маслиҳати кор барнаёвардам. Ночор савор шудам ва таоқуб намудам, то ҳар ҷо дар роҳаш биёбам, инон аз вазъи пиёдаравиҳояш бартобам. Талоши ҷунунтозиҳо инфиоли (шарми) норасой кашид, аммо ҳарифи болодавиҳои қадами ҳимматаш нагардид.

Наздики намози шом ба сарои Бекулӣ, ки аз он макон се куруҳ маҳсуби тафовут буд, дидам—он завраки шикаста қабл аз тараддуди мавҷи мо ба соҳил орамидааст ва он камони зеҳгусихта пештар аз тири мо ба нишона расида.

**Қитъа:**

Арсаи офоқ ҷавлонгоҳи истеъдодхост,
Ҳар киро дидем—рахши ҳиммате ҳай мекунад.
Он яке бар барқ метозад савори қудраташ,
Дигаре аз заъф сози домани най мекунад.
Он қадар роҳе ки шабро то саҳар бояд бурид,
Субҳ то пар мезанад, дар як нафас тай мекунад
Дар ҳақиқат қуввати дил дасту пои дигар аст,
Корҳои ғайрати пирон ҷавон кай мекунад?

Маъзаратҳо намудам ва ба эҳсони куллиаш восутудам. Гуфт: „Бо ходимон чӣ ҷои узр аст? Агар шуморо ба ҳоли худ мутааммил (андешаманд) намедидам, ба ифтихори ғошиядорӣ (зинпӯшбардорӣ) миннатҳо мекашидам. Билфеъл шаб дар ин саро бояд осуд, ман ҳам маконе ихтиёр кардаам, аз ҷумлаи ҳозирон хоҳам буд".

Пас аз ҳусули ҷамъияти маком ва таҳияи асбоби таом ходимро ба эҳзораш таъкид кардам. Ҳар чанд дар он хаволӣ (атроф) ба тафаҳхус (куфтуков) шитофт, фарьёди суроғ гарди асаре нашикофт.

Касали табиат ба муктазои торикиҳои шаб хамӯшии чароғи ҷустуҷӯро ғанимати роҳат дид ва ғалабаи хоб ҳамон фароҳам овардани мижгонро виҷдони (дарьёфти) матлаб фаҳмид...

Ҳангоми саҳар ки гармтозиҳои хинги фалак ишкели шуоъ мегусихт ва аз тавилаи ҷамъияти собиту сайёр (ситораҳо) гарди ваҳшат меангехт, чашми умеде ба ғубори ҷавлони хаёл об медодам ва оғӯши мижгон ба арсаи ҳайрати бедаступой мекушодам, ба як бор ҳамон кӯдак бо пешкаши саворӣ ҳозир гардид ва муждаи икболи футӯҳ расонид, яъне „шаб дар карияе, ки ин саро мутааллики музофоти ӯст, меҳмон будем ва бо ҳама ишғоли хоб чашм бар тасаввури шумо мекушудем. Ҳанӯз ридои субҳ таллуки таноби каҳкашон дошт, ки шайх аз он ҷо эҳроми максад баст ва гилеми шаб аз дӯши уфук фуруд наёмада, домони азм баршикаст. Алҳол шитобу даранг марҳуни ихтиёр фаҳмиданаст ва ҷаҳду тағофул маҳкуми иктидор андешидан. Лекин ба оҳанги мулокот дар ин роҳ набояд шитофт, ки суроғи эшон ҷуз ба манзил наметавон ёфт".

Оинаи ҳуш дар тасаввури ахлоки он бузург ба ҳайрат печид ва токати ҷавонӣ дар мукобили ғайрати пириаш соғари инфиол (шарм) кашид.

**Назм:**

Мардон зи бас риояти аҳбоб мекунанд,
Эҳсон ба сад таҳияи одоб мекунанд.
То гарди миннате нашавад аз садо баланд
Гоҳи салои ҷуд нафас об мекунанд.
Пӯшидатар ба чашми тааммул ба ранги хоб
Роҳат ниёзи дидаи бехоб мекунанд...
Тоби нигоҳи аҷз надоранд, аз ин сабаб
Дар парда кори олами асбоб мекунанд.

Алкисса нӯҳ куруҳи дигар, ки анчоми сафар мавкуфи қатъи он буд, бе ташвиши мавонеъ тай гардид ва ҳангоми намози аср маҳмили тараддуд ба саводи маъмураи Маҳатси расид. Пири раъфаттахмир бар дарвозаи Хоҷа Шоҳмуҳаммад истода буд ва чашм дар роҳи интизори мо ниҳода.

Асп ҳаволаи кӯдак кардам ва раҳоварди маротиби ниёз пеш овардам. Чандон, ки забони шукр мекушудам, ба арзи инкисор (шикастагӣ) меафзуд ва ҳарчанд ба таслими аҷз муболиға менамудам, кӯчакдилиҳояш дар камоли бузургӣ буд; ба тарике ки саъи қадам худро ба гарди рафтораш натвонист расонд, кӯшиши забон низ ба пешоҳангии сози ахлоқаш узрхоҳ монд...

Охируламр табиати мағрурро марҳуни миннати абадӣ вогузоштам ва ба истирзои (талаби ризои) ишораи вадоаш роҳи хона бардоштам.

Фардои он рӯз, ки писарони Хоҷа (Шоҳмуҳаммад) ба расми қадим сӯҳбати фақир дарьёфтанд, ба иншои эҳсони пир тӯморҳои ситоиш вокардам ва ба тавсифи ахлоқи он офтобзамир ба қадри хутути шуоъ забонҳо баровардам.

Ба муҷаррради самоъ (шунидан) қасам ёд карданд, ки ба ин ном касе аз руфақои мо нест, то муаммои тааюне бояд шикофт ва ҳамчунон дирӯз омадани хеҷ кас аз ҳеҷ ҷо ба хонаи мо сурат набастааст, то суроғи таҳқиқ тавон ёфт...

## Дар бораи сафари худ аз Митҳаро ба Деҳлӣ ва ихтилоли аҳолии музофоти Деҳлӣ

*(Аз саҳифаи 128 „Чорунсур").*

... Айёме, ки подшоҳ Оламгир (Аврангзеб) ба хаёли тасхири Дакан пардохта буд ва барки бекасӣ бар саводи мамолики Ҳинд[1] тохта, раоёи навоҳи Деҳлӣ ва Акбаробод... силсилаи инқиёд гусихта буданд ва ба даъвии тасаллут ва хукумат тӯфони иттифоқ ангехта; аксарии парганоти (деҳоти) ҳаволии Митҳаро ба забти тааддӣ доштанд ва ба тохту тороҷи шавореъ (роҳҳо) аламӣ худсарӣ ва бебокӣ меаф-

[1] Дар замони пеш назар ба истилоҳи аҳолии Ҳиндустон—„Ҳиндустон" байни дарьёҳои „Синд" ва „Ганг" буда, Дакан, Бангола, Биҳор ва тамоми вилоятҳои шаркӣ ва ҷанубии Ҳиндустони имрӯза аз Ҳиндустони онрӯза берун буд. Максади муаллиф ҳам аз калимаи „Ҳиндустон" байни Синду Ганг аст, ки Деҳлӣ пойтахти вай аст.

бояд кашид ва ба теғ якояк сар ниҳодан—маъмунтар аз он ки ҳар рӯз узве аз худ бояд бурид. Кашокаши силсилаи анфос ҳам он қадар имтидоди эътимод надорад (яъне бар зиндагӣ эътимоде нест), агар замони инкитои ин силсила қариб аст, тааммул абас фурсат мешуморад...

Қудратдастгоҳоне, ки иститоати (иқтидори) ҳазор ранг муованат доштанд, дар ин маслиҳат ҷуз манъ (монеъ омадан) мадад намефармуданд ва ошноравишоне, ки ба чандин турук оғӯши шафқат мепардохтанд, дар ин ҳолат ғайр аз дари бегонагӣ намекушуданд. Охири кор беасариҳои қабули насоеҳашон моддаи озурдагӣ ба ҷӯш овард ва камтаваҷҷӯҳии афсуни мавоиз мизоҷи илтифоташонро мунҳариф кард. Муболиғанавоии сози гуфтугӯҳо ба оҳанги истеҳзо кашид ва мубоҳасаороии муомалаи забонҳо ба мунокашаи тамасхур анҷомид, ки „тасмими ин азм агар ба эътимоди хавориқ (каромот—мӯъҷиза) аст, пас аз имтиҳони саломатӣ имон оварданист ва агар ба тадбири шуҷоат мутааллиқ бошад, баъд аз вуқӯи фатҳ ҳаққи муборакбод адо кардани. Пайдост, ки аз чунин тӯфонгоҳ завраки мӯр ба ҷӣ истионат (ёриталабӣ) рахти халосӣ хоҳад бастан ва аз ин шӯълазор рақси сипанди бепару бол ба кадом афсун бадар метавон ҷастан?“.

Алҳосил ба ҳар бекасӣ ва бедастгоҳӣ таслимсиришти умури беихтиёрӣ (киноя аз муаллиф) баҳле (аробае) чанд кироя намуд ва бо як фалак асбоби ташвиш боли ҳавои Деҳлӣ кушуд.

### Қитъа:

Маҳмилкаши осори хаёл аст гузаштан,
Ранҷу ғами ин марҳила пайваста намонад...
Бар нохуни имдод шикастан магуморед,
Э бехабарон, кори касе баста намонад.

Рӯзи аввал ба Азимобод, ки бо саводи шаҳр қурби иттисол дошт, аҷзи қудрат раъяти (байрақи) нузул афрошт, қариб панҷоҳ баҳл мутараддидин (равандагон) дар он мақом замингири интизори бадрақа (роҳбари мусаллаҳ) ёфт, ки аз муддати як моҳ чун ашкҳои ба мижгон танида мутаҳайири андози чакидан буданд ва чун нафасҳои барлабрасида ба сабҳашумории замони фурсат мефарсуданд...

Фардои он рӯз, ки маҳмили азми бедилӣ пешоҳанги ҳаракат гар-

дид, ҳамаро наъл дар оташи шавқи хиром гардонид (яъне ҳама ба ҳаракат омаданд, ки ба роҳ дароянд).

Саканаи (бошандагони) он ҷо ба инонгирӣ таваққӯҳ гумоштанд (ба боздоштан кӯшиш карданд) ва ба шури мунодӣ (ҷарчӣ) алами таъкид афроштанд, ки „фавҷдорони маъзул (сардорони аз кор гирифташуда) сояи девори сипар андохтанро ҳисори саломат андешидаанд ва гарди овозаи мансуб (ба кор таинкардашуда) ҳанӯз аз арсаи Дакан ба Ҳиндустон нарасида; дар ин вақт ҳар ки бебадрака пой дар роҳ мегузорад, ҳамон ба хуни худ қадам меафшорад. Агар муддао эминист, ҷанде дигар ба сабр бояд пардохтан ва тарики офият муғтанам (ғанимат) шинохтан...“

Ночор мақсадоҳангони ҷодаи талош инонҳои азм баргардониданд ва ороиши бисоти таваққуф муфти ҷамъияти ҳол фаҳмиданд.

Фақир бо ду ходим, ки якеро имтидоди беморӣ ба нози махдумӣ парварда буд, ва дигареро узри нотавонӣ аз силсилаи таклифи хизмат озод карда, фасхи азимат ҷоиз надошт ва таваққӯҳ ба бадрақаи таваккул гумошт.

Қадаме чанд ба ҳаракат наёмада дарвеше қафаси тӯтӣ дар даст ба оинадории шавқи тамом ламҳае муқобили фақир омаду бистод. Пас рӯ ба ҷониби осмон кард ва бо овози баланд сало дардод, ки „офтоби олами иқбол ҳамсафари мост, ба мулоҳизаи зулмати авҳом рӯ набояд гардонд ва шамшери зафар алами иқтидори мо кардаанд, гарди шикаст аз хотирҳо берун бояд ронд!“

Ба муҷаррадн ин овоз идбори (пуштгардонии) оламе ба иқбол (ба рӯоварӣ) гароид ва сафҳои баргашта мутлақинони пештозӣ гардид.

**Рубоӣ:**

Бедил, ба ҷаҳони эътибори ману ту,
Маҳмилкаши ваҳмест далели такупӯ.
Шохини тарозуе, ки мо месанҷем
Бармегардад ба ҷунбиши як сари мӯ.

Боре сози ҷаҳдҳо ба оҳанги „ҳарчи бодо бод“ кӯки (ҷӯри) иттифоқ гардид ва ғубори афсурдагиҳо ба парвози „таваккалту алоллоҳ“ бар худ болид; афтону хезон ба роҳ афтода буданд, то вомондагӣ

кучо манзил ороянд ва пошикастагӣ дар чи маком маҳмил кушояд? Бо вуҷуди офтоби тамуз ва нафассӯхтагиҳои тараддуди бараҳнасари хеч кас ба хаёли сояи дарахт намеафтод, ки пеш аз хоб сиёҳешон зер мекард ва аз фарти (ниҳояти) ташнагӣ забонҳо беруни ком „алаташ мезад“, аммо ҳеҷ яке номи чоҳ ва толоб намебурд, ки чун саггазида ба муҷарради тасаввури об каф бар лаби ҳуҷум меовард.

Ба ин тааб чун ду-се куруҳ пайсипари иттифоқ гардид, замини обкане (обкандае) пеш омад муваҳҳиштар аз ақаботи водии киёмат ва дилафшортар аз тангиҳои кӯчаи надомат, ки роҳравро ҳазор ҷо чун ашк бояд ба сар дарафтодан, то қадаме ба лағзиш кушояд ва чун нафас дар най ба сад чоҳ фурӯ рафтан, то садоворе аз пастӣ барояд.

Мухотараи диққати роҳ ҳавсалаҳоро ба изтироб афшурд ва беихтиёрии зарурати убур инони ҳар яке ба саъи тақаддум супурд (яъне ҳар кас мехост, ки пештар гузарад). Аз ҳуҷуми анбӯҳӣ дари якдигар мешикастанд ва бар сару дӯши хам пули бедод мебастанд.

Дар талотуми шӯри ин тӯфон баҳли саворин фақир мили оҳанаш (тираш), ки маркази паргори гардунак (чарх) мебошад, ба ҳукми шикаст паҳлуи истиқомат тиҳӣ кард ва ба хок ғалтид ва ҳамчунон гардунаки баҳласбоб бар пои гов хӯрд ва хастагии сум ба иллати маъзуриаш бар замин хобонид.

### Қитъа:

Оламе маҳмил ба дӯши ранҷу роҳат меравад,
Лек помоле надорад ҷуз ғубори бедилон.
Дар биёбоне ки тоқат бори офат мекашад,
Мезанад фарсудагӣ бар дӯшҳои нотавон.
Шӯъла ҳар ҷо мешавад ҷавҳарнамои сӯхтан,
Аввал аз хошок мегирад иёри[1] имтиҳон.
Нармии дил офати чандин дуруштӣ мекашад,
Бештар бар мағз меафтад шикасти устухон.
Мо заифон имтиҳонгоҳи ду олам ибратем,
Сози ин маҳфил ҳамон бар тор мебандад фиғон.

---

[1] Иёр—холисияти зару сим аст, ки бо маҳак имтиҳон карда мефаҳманд; зару сими холисро комилиёр ва ғишдорро ноқисиёр мегӯянд.

Ибрати ин вокеа аз буньёди аҳли қофила гарди ваҳшат ангехт ва сабҳаи ҷамъияташон яккалам ба мутлақинонӣ ришта гусихт, то замингирии ин баҳлҳо ки салои ғорати ом дорад, мабодо рафти қофиларо заллаи моидаи тороҷ барорад (яъне „дуздон барои тороҷи аробаҳои дар роҳмонда омада, мабодо ҳамаи моро тороҷ кунанд“ гӯён аҳли қофила ба шитоб ронданд)...

Пас ҳар киро боли токате буд сарфи кӯшиши парвоз кард ва ҳар ки пои рафторе дошт, бар саъи ҷавлон зӯр овард. То тааммул дарюзаи (гадоии) имдоде ба тасаввур орад, ҳар яке аз дигаре пеш тохта буд ва то нигоҳ ба сармояи ионате тавассул (наздикӣ) ҷӯяд, ғубори рафтагон низ ранги асар бохта буд (яъне пеш аз он ки ман аз аҳли қофила ёрӣ пурсам, онҳо шитобкорона рафтанд).

**Н а з м:**

Корвон бигзашту рахти мо ҳамон дар роҳ монд,
Ресмон бигсисту далви[1] норасо дар чоҳ монд.
Ҳамчу он шамъе, ки гардад маҳви дуди шӯълааш,
Ҳамраҳон рафтанду доғи ибрати ҷонкоҳ монд.

Дар он ҳолат ба мушоҳада пайваст, ки шӯълаи ваҳми биёбонмаргӣ бар хирмани хушивомондаҳо хокистари яъс (ноумедӣ) бехтааст ва изтироби ваҳшати бекасӣ рабти силсилаи умедашон аз ҳам гусихта. Пеш аз он ки ғоратгари аҷал даст аз остин барорад, қолабҳо тиҳист ва бе он ки саъи марг панҷаи кашокаш ёзад, риштаи нафасҳо таслими кӯтаҳӣ.

... Ба тафтиши назари тааммул нисфи ҷаве аз нӯги мил намудор гардид, гуфтам бар ин „гардунакро банд намоянд!...“ Ҳукм ба ҷо оварданд... Ба ҳамон қадар тааллуқ (вобастагӣ) баҳл равон гардид. Баъд аз соате дидам гови захмӣ низ ба тавоноии тамом аз ақиб меояд...

Аз он ҷо то манзили Шеркада, ки агар таҳқиқи назар тахмин мегумошт, ҳафт куруҳ беш масофат дошт ва дар зимни роҳ бар чанд деҳи мақоҳир[2], ки ғубори он сарзамин ҷуз фитна барнамехост ва хоки он савод ғайр аз фасод намеорост, ба ҳукми таслим аз убур ҷора

---

[1] Д а л в—зарфи аз чоҳ обкашӣ.

[2] М а қ о ҳ и р—назар ба истилоҳи Ҳиндустон „душманони тороҷгар“

набуд. Хар гоҳ аз дур намудор мешудем, ҷамъе чун гирдбод ба девонагӣ ба истиқбол медавиданд, чун наздик мерасиданд мутаҳайирона нигоҳе бар ин баҳлҳо мекарданд ва аз ҳам мепошиданд...

Охири рӯз, ки ба Шеркада расидем, издиҳоми халқ чун хишти бар рӯиҳам деворҳо бароварда буд ва фароҳам чидани асқол (борҳо) ҳар тараф қалъаи дигар эҳдос (эҷод) карда... Беихтиёр канори дарьё, ки ғайр аз вайронӣ аз буньёди тасаввураш сурат намебаст ва умеди саломат ҷуз ба ғубори таҳияи ғорат намепайваст, гӯшаи таслиме ихтиёр намудем ва камари таваккул ба роҳи сели безинҳор (беамон) кушудем.

Ходимҳо... хизмати замингирӣ доштанд ва ба бистаророии нақши қадам паҳлу гузоштанд (яъне аз дасташон ҷуз хобидан коре намеомад ва хокро бистар карда хобиданд); на тоқате ки ба дастҳои ногиро бори ҳаракат бардоранд ва на машияте (хоҳише), ки бар доманҳои фурӯҳишта чине аз азм гуморанд. Ҳамон кироякашон мумиёи тараҳхуме ба кор бурданд, то шикасти милро ба дурустӣ расониданд ва сомони баҳласбоб ба таҷриди кироя муҷаддад (нав) гардониданд.

Чун хотир аз ин махмасаҳо андаке ҷамъ гардид, ғубори шом хаймаи воҳима барпо гардонид. Ба муқтазои бепарубол̣ӣ табхоле чанд бар лаби дарьё нақш баста будем ва чун киштишикастагон ба канори об дар оташ нишаста... То дами субҳ дидаҳои ғунуданбохтаро ба таҳрири вазъи ҳубоб вогузоштем ва ба чароғони чашми моҳӣ шабе дар интизори марг зинда доштем.

**Н а з м:**

Роҳати мо дӯш дар андешаи офат гузашт,
Он чи маҳсуби тамошо буд, дар ибрат гузашт.
Зиндагӣ кардем сарфи имтиёзи хайру шар,
Фурсати огоҳии мо ҷумла дар ғафлат гузашт.
Ваҳми мустақбал халалпардози ҳоли кас мабод,
Субҳ то равшан шавад ҷамъияти зулмат гузашт.

Ҳанӯз посбонони ҳисори гардун (ситораҳо) чашм аз камини дидбонӣ нобаста ва калиддорони қуфли уфуқ дари машриқ нашикаста (субҳ надамида) баҳлбонон фарьёд бароварданд, ки „қофила муҳайёи

бор бастанаст ва моро ба ҳукми иттифоқ ба силки рафоқат пайвастан. Як ду соат ба шабгир бояд пардохт, то худро мулҳақи аҳли корвон тавон сохт. Вагарна то маҳмили мо ба дари қалъа мерасад, гарди ҳамроҳон ба манзили дигар расидааст ва ҳамон ошуби таҳлукаи де (дирӯза) имрӯз низ дар назарҳо саф кашида".

Гуфтам: „Инонгири шитоб кист ва боиси даранг чист?"... Ҳамон замон азми равонӣ камар ба чустӣ орост ва зафъи тааммул аз бистари таваккуф бархост.

Муддаои ибратбаёниҳо ин аст, ки ба фосилаи як куруҳ (дуним километр зиёдатар) муқобили ин қалъа деҳе буд дар гарди вайронии оламе тарҳи ободӣ андохта ва ба торочи рахти чаҳоне бисоти маъмурӣ пардохта. Рӯзе набуд, ки қазоқонаш (яккатозони гуреза) из ин музофот ғанимате нарабоянд ва одаму ҳайвони ин навоҳ (ноҳияҳо)-ро ба қатлу ғорат пеш наёянд. Аҳли қалъа аз садамоти офоташон чун нафас дар дил хазида буданд ва ба ҳою ҳуи тиру туфанги беасар аз қафоҳои девор дари саломатӣ мекушуданд. Ин ба баҳлбонон бо он кутоуттарик (роҳзанон) микроз (қайчӣ) вор тавъамии қаробат доштанд ва захираҳои ҳаромтӯшагӣ аз паҳлуи ғадр ва фиреби якдигар меанбоштанд.

**Рубоӣ:**

Ҳар чо посу муруввати якдигар аст,
Аз ачзи фасурдатоқати якдигар аст.
Мухтор шаванд, бин ки ин шарму адаб
Масруфи камину ғорати якдигар аст.[1]

Чун шубаҳоти баъзе таваҳҳумашон ба имтиҳон муртафеъ гардид ҳам дар он шаб маслиҳатҳо бисоти иттифоқ чид ки „дар ин қофила аз ин чанд кас бекастаре нест, фарьёдрасе мутасаввар намегардад, то саъи тазаллум ба чое тавонанд расонид ва муовине дар назар намеояд, ки бори заҳмати бедодашон тавонад кашид; ғайр аз ин ду одами бемор, ки дар ҳаракат ва рафтор низ чун туфанг мӯҳточи дӯши ди-

[1] Мазмуни ин рубоӣ: хоси хотир ва муруввват ҳар вакт дар байни очизон—факирон мешавад. Аммо одамоне ки иктидор ва дорой пайдо карданд, дар паи торочи якдигар меафтанд.

ғаронанд, ҳар чанд, ба фарзи маҳол, ҷуръати туфанг дошта бошанд ҳам, ҷуз он ки ба овоз қолаб тиҳӣ кунанд, чӣ метавонанд? Халвон бедуде ба ин саҳулат (осонӣ) ба даст наметавон овард ва луқмаи беустухоне ба ин осонӣ ҳосил наметавон кард. Муфт аст агар ин луқмаҳоро сарбаста назри коми деҳ намоем ва пасафкандаи нешҳоре насибаи худ ҳам аз миён рабоем".

**Рубоӣ:**

Бедил, ба ғаним касри шон нанмоӣ!
То тир тавон шудан, камон нанмоӣ!
Хосияти ин маърака оҷизкушӣ аст,
Ин ҷо, зинҳор, нотавон нанмоӣ!

Бе таҳошӣ (бо қатъият) роҳи муддаои ботил сар карда буданд ва аз камонхонаи хаёли каҷандешӣ чун тир пар бароварда. Дар сиёҳии шаб ба нафассӯзии овоз дар сурма тохтанӣ доштанд (овоз набаровар-да) ва дар пардаи зангор пайдуздидатар аз тимсоли дар оина қадам мегузоштанд, то чашми ҳидояте ба садои по бедор нагардад ва акси кирдорҳо ба сайқали равшанӣ намудор нашавад.

Чун субҳ афсуни зиё бар зулматкадаи ҷиҳот дардамид ва асаре аз гарди қофила маҳсуси тааммул нагардид, гуфтам:

— Ба ин миқдор фурсати такудав албатта аз корвон пеш тохтаем ё ғубори оворагардиҳо роҳи саломати мо дар ин биёбон бохта (яъне роҳро гум кардаем) вагарна чӣ маънӣ дорад, ки дерест ба ҷаҳд мешитобем ва суроғи ба ҷое расидан намеёбем?"

Ҷавоб доданд, ки „ҷодаи ақрабвусул (роҳи наздик) дар ин тариқ печу тоби саргаштагиҳо дорад, тафовути қадаме чанд ба ҳамворӣ қатъ менамоем, то риштаи саъй сар аз силки муддао барорад".

Ба ин афсун ҳангомаи мавъизат гарм буд ва сози барқтозӣ ҳамон оҳанги суръат месуруд, то он ки канори маҳмил бар сари деҳ расид ва заврақ муқобили коми наҳанг гардид, сурати нигорониҳо занги оинаи таҳқиқ зудуд ва ҳақиқати ғадр (хиёнат) ғубори шубҳаро муртафеъ намуд.

Ҳарчанд ба таъкид мурочиат (бозгашт)-ро илҳоҳ менамудем, инон барнамегардониданд ва ба оҳанги навоҳои „ҳай!" говонро ҷониби деҳ бе муҳобо меронданд.

Фавҷе аз саворони ғораткамин намудор шуд, ки беруни маъмура (ободӣ) аспонро чапу рост ҷавлон медоданд ва ба ҳавои сайди матлаб ҳар тараф боли имтиҳон мекушоданд..

Ғубори ин фитна субҳи зиндагиро дар чашми умед шом кард ва шӯри қиёмат аз шаш ҷиҳат ҳуҷум овард. На инони бозгаштан дар панҷаи ихтиёр ва на зимоми истиқомат дар қабзаи иқтидор. То ранги бохта таҳияи гардидан пардозад, фавҷи бехудӣ аз қафо мерасид ва то ашки бедасту по гоми (қадами) талош пеш гузорад, саъи қадам ба саркӯбӣ меанҷомид. Садоро аз офати баландӣ рӯ ба гиребон нолиданӣ буд ва нигоҳро аз ҳароси муқобил дар сояи мижгон хазиданӣ...

Дар ҳолате ки сафи ҷамъияти ҳавоси руфақо як қалам ба ҳисори тафриқа (парокандагӣ) гурехта буд ва лашкари истиқомати қуво (қувватҳо) яксар силсилаи ҷуръати худдорӣ гусихта савори мусаллаҳе дидем бар аспе кабуд аз майсараи (аз тарафи чапи) он гурӯҳ рӯ ба ҷониби мо тохт ва чун тӯфони Нил зилзила дар Мисри тоқате, ки надоштем, андохт. Гоҳе дар ниқоби талотуми гард, чун барқи дар абр, ниҳон мегардид ва гоҳе, чун ламъаи теғи меҳр (офтоб) аз пардаи наёми субҳ, берун медурахшид.

Чун наздики мо расид. мусулмоне зоҳир гардид, ки ҳузури саодати шайб (пирӣ) дарьёфта ва рамзи асрори думӯӣ (мошубиринҷришӣ) вошикофта... ба таҳдиди тозиёнаи ҳайбат бонг бар баҳлбонон зад, ки „эй бадбахтон, кадом кӯрӣ хок дар дидаи шумо анбошт, ки бо маҳбубони суродиқи (саропардаи) ризои роҳи беадабӣ сар кардед ва чӣ куфрон (ношукрӣ) касоват (сахтдилӣ) дар дилҳои шумо гумошт, ки бо мақбулони ҷанобӣ таслим онҳо бебокӣ ба ҷо овардед?..

Ба муҷарради хитоб ранг аз рӯҳошон парвоз кард ва ларза бар аъзои ҳар яке ҳуҷум овард. Ҳама фарьёди „ал-амон!“ бароварданд, ки „фузулии андешаи шабгир (шабонагардӣ) моро ба водии залолат (роҳгумкунӣ) андохтааст ва аз пайравии саҳархезони корвони наҷот (ситораҳои саҳарӣ) маҳрум сохта. Аз аҳли ин деҳ таваққӯи баладӣ (роҳ нишондиҳӣ) доштем, то саррриштаи роҳе ки гум кардаем, ба даст орем ва аз қадамҳои мунҳариф (каҷрафта) оҳанги заҳмати лағзиш бардорем. Алҳол ба ҳар роҳе ки ҳидоят фармоед, сари таслим ҳақгузорист ва ба ҳар ҷонибе, ки ишора намоед, рӯи ниёз—мустақбили (истиқболкунандаи) таваҷҷӯҳгуморӣ“.

Соате бар ҳоли бекасии мо лаби тараҳҳумнаво дасти таассуф бар

ҳам суд (афсӯс хӯрд) ва лахте ба нафрини он манкубон (нагбатиён) забони ғайратбаён ламъаи барқ во намуд. Пас инон баргардонд ва ба паъраи қудратоҳанг ҳукми таъкид расонд, ки „ба ваҳми ямину ясор (росту чап) ҳарза чашм макушоед ва пай бар паи ман сар ба по афканда биёед!...“

Ба жӯлидагиҳои мӯи Маҷнун (яъне ҳаму печдор) роҳе сар кард, ки андешаи вошикофтанаш устухони хирадро шикаста мекард... қоиди (асокаши) ҳидояташ дар он тангно баҳлҳоро ба ғалтоние меронд, ки мавҷ дар гавҳар ба он бепарвоӣ нағалтад ва соя роҳе ба он ҳамворӣ дар хоб набинад. Осудатар аз акс дар фазои оина метохтем ва белағзиштар аз садо дар соҳати ҳаво инон меандохтем, то ба андак тараддуде худро дар миёни қофила дидем ва аз вартаи ҳалок ба соҳили наҷот орамидем...

## НОРЧАҲО АЗ ТАЪЛИМОТИ АХЛОҚИ ВА ҶАМЪИЯТИИ БЕДИЛ

### Дар бораи фазилати карам

*(Аз „Чорунсур“, с. 68 дуюм)*

Камоли маънии инсонӣ футувват (ҷавонмардӣ) аст, яъне уруҷи мартабаи ахлоқ ва нуқси он хиссат (хасисӣ), яъне адами муруввват ва ишфоқ. Шоҳиди зиндагиро агар хироми нозиштист, қадам бар ҷодаи исор[1] супурданаст ва муҳосиби нафасро, агар фароғи усратест (тангиест), нақд аз киса берун шумурдан.

Шеваи ахлоқ[2] ҳар чанд шоистаи аҳволи урафо (соҳибмаърифатон) аст, аммо ин, ки ҷамии урафо соҳибфутувват бошанд—андешаи хато. Зеро ки маърифат касбист ва футувват зотӣ... Ҷамъе дарси маориф ва сулук мегӯянду бӯе аз маънии шафқат бар димоғи эшон навазидааст, нусхаҳо аз оламӣ ахлоқ навиштаанду мадди эҳсоне аз килки истеъдодашон наболида.

Шахси беилму фазлро, агар мавсуфи ҳақиқати карам дарьёбӣ, бе-

[1] Исор—аз барои нафъи дигарон аз манфиати худ гузаштан.

[2] Бедил „ахлоқ“ ва „хулқ“-ро умуман ба маънии ахлоқи нек ва хулқи хуш, хусусан ба маънии соҳибкарамӣ ва саховатпешагӣ кор мефармояд.

сохта оинаи фазли раҳмонӣ боядаш фаҳмид ва соҳиби касби камолро, агар мансуби осори бухл (бахилӣ) мушоҳада намоӣ, бешубҳа муаллими дарсгоҳи шайтонӣ бояд андешид.

Илм дар мизоҷи хасис ҷуз бар хиссаташ намеафзояд ва фазл дар табъи лаин (нокас) ғайр аз ҷоми имсоқ (мумсикӣ) намепаймояд.

### Ҳикоят ба тариқи мисол

Дарвеше ки сафрои ҷӯъ (гуруснагӣ)-аш дуд аз димоғ бароварда буд ва аз ҳуҷуми заъф гардиши ранг дар чашмаш ошьён карда, ба кайфияти мастон ҳар қадам лағзише менаймуд, ба таври девонагон ҳар тараф дасти бетоқатӣ баланд менамуд, ба муллое чанд илтиҷо бурд, ки аз зарҳои товонии закот пурии кисаи ғино (бой) мешумурданд ва ба нонҳои бенамаки танӯри садақот моидаи серие, ки надоштанд, мегустурданд. Забонҳо ба иттифоқи бехурматӣ кушуданд ва бастаниҳои чашми мурувватро мӯҳри маҳзари беинсофӣ намуданд, ки „аз ранги ҳоли ин шахс бӯи хамр меояд. Зинҳор риояти ҳаммор (майхӯр) маписандед, то ҷаримаи каффора[1] набояд кашед ва ба ионати масту бангӣ мапардозед, то зарфи хуморҳои уқубат набояд гардед!"...

...Хулқ аз маърифат афзал аст ва карим аз ориф акмал. Ин ҷо ҷавҳари зотӣ манзур аст, на аворизи касбии илму шуур.

Агар табиат аз лаззати ҷуд (бахшиш) ғофил аст, ба ҷаҳди исор кӯш, шояд бухл оризӣ бошад ва агар ба эҳсон моил аст, аз афзунӣ имдод хоҳ, мабодо домани ҳимататро хори ғафлате бихарошад.

Абре, ки аз тарашшуҳ (қатрапошӣ) орист—хокест бар ҳаво бехта ва дасте, ки аз карам тиҳист—вуболе ба гардан овехта. Бетакаллуф фирдавс (ҷаннат) ишорат аст ба дилҳои мурувватгтахмир ва ҷаҳаннам—иборат аз табоеи хиссаттаъсир. Дар олами зуҳур (дуньё) ҳеҷ фазое ба вусъати дилу даст натвон ёфт ва ҳамчунон ҳеҷ зиндоне ба тангии ин ду мақом наметавон шикофт...

* * *

Маънии карам дар ҷамъи аҳвол ба сурури табоеъ (ба хурсандии табъҳо) кушиданаст ва дар ҳамаи авқот (вақтҳо) ба ризои дилҳо

---

[1] Каффора – садақаест, ки диндорон барои „пок кардани" гуноҳи худ медиханд.

чӯшидан. Бенавоёнро ба дирҳаму динор (бо тангаю тилло) навохтан ва беморонро ба аёдату мудово (беморбинӣ ва даводиҳӣ) хурсанд сохтан; имдоди нобиноён ба дастгирии асое ва ионати гумгаштагон ба таҳрики дарое (бо зангӯланавозӣ); облапоёнро таклифи рафтор нанамудан ва бедимоғонро ба сӯҳбат даъват нафармудан; пеши нотавонон тарки изҳори тавоноӣ ва дар чашми муфлисон (камбағалон) тағофул аз авзои худнамоӣ; дар заминҳои хушк об пошидан ва ниҳол нишондан; ғоибонро ба некӣ ёде ва ҳозиронро ба мадоро имдоде; алқисса ба қадри тоқат забон ҷуз ба арзи фавоид наёростан ва ба вусъи имкон аз ҳеҷ кас ғайри узр нахостан ва аз ин олам (аз ин қабил) бо ҳар чи пардозанд, аз шӯъбаҳои ҷуду сахост ва аз ин даст (аз монанди ҳаминҳо) ончи аз даст ояд—аз шеваҳои мурувввату вафо.

**Рубоӣ:**

1

Гар дастрасаст, зар мадоред дареғ!
Аз бесамарон самар мадоред дареғ!
То тӯҳмати хиссат накашад ҳимматҳо,
Ахлоқ зи якдигар мадоред дареғ!

2

Бедил, дорад зи табъи аҳли ҳиммат
Осори сахо ҷилва ба чандин сурат:
Бар бехабарон—панду ба мӯҳтоҷон—сим,
Бар хурдон—лутфу бар бузургон—хидмат.

Ҷамии халоиқ ба ҳукми маслиҳати табиӣ мӯҳтоҷи ҳаманд ва комравои ҳама. Ҳақиқати кароме ки аз оинаи ҳар фарде ба зӯҳур пайвастааст, ба завқи ишғоли шавқ дар камини имдоди дигаре нишаста. Забони матлаби мӯҳтоҷ ба ҳавои вусули ҷибиллати худ соил ва саъи эҳсони мунъим (иномкунанда) ба мавқеи вуқӯи хосияти худ моил. Сангу гил мӯҳтоҷи офтоб дар касби камолоти обу ранг ва офтоб дар арзи ҷавҳари тарбият муштоқи гилу санг... Яъне то ба кори дигаре наёӣ, чашм бар ҳусули муроди худ накушоӣ! Пас карим дар ҷуд ночор аст ва мӯҳтоҷ дар талаб беихтиёр...

Ҷамъе, ки тинаташон аз вазъи якдигар мутаассир (асаргиранда) аст, гӯн зиндагӣ бурдаанд ва гурӯҳе, ки аз ин кайфиёт бун асаре надоранд—беҳиссанду мурда. Таассур дар табоеи арбоби карам чун мавҷ бар об печидааст ва аз тинати аҳли хиссат, чун мулоямат аз санг, рамида...

* * *

...Моддаи исор ҳаёст ва ҳаё аломати чашми бино. Бухл аз осори беҳаёист ва беҳаёи—далели нобиной. Хонаи чашме ки ҳаё чароғаш афрӯхт, аз ҷилваи асбоб ҷуз паргави ибрат наяндӯхт ва ҳар кучо ибрат ба оинадории шахсе пардохт, сурати ҳоли худ аз дигарон мумтоз нашинохт.

**Рубоӣ:**

Андешаи бухл аз яқин маҳҷурист,
Бо халқ ҳасад—зи файзи маънӣ дурист.
Бар хеш ситам раво мадор, эй ғофил!
Чашме во кун, ки тангчашмӣ кӯрист!

Агар хасисон кур намебуданд, бо вуҷуди иститоат (иқтидори молӣ) қадри эҳтиёҷи мисли худе мешинохтанд ва агар ҳаё медоштанд, аз инфиоли (шарми) навои соил арақвор мегудохтанд.

Кайфияти сахо ба назокате сириштаанд ки то карим соилро мамнун (миннатдор) тасаввур намояд, ҷавҳари мурувват гудохтааст ва то бозил (бахшанда) худро масдари эҳсон гумон барад, маънии ҳаё—рангбохта...

**Рубоӣ:**

Шахси карам азбаски ҳаёкештар аст,
З-андешаи оби рухи дарвеш тар аст.
Расвоии эҳтиёҷи кас натвон дид,
Онро, ки ҳаё беш—сахо бештар аст.

...Файзи азал шомили дарьёдилоне, ки рашҳаи карам чун абр аз сафҳаи ҷабинашон пайдост ва ҷавҳари исор—чун мавҷ аз шикани остинашон ҳувайдо...

Аз наводири иттифоқ (аз қабили тасодуфҳои кам вокеъшаванда) агар гоҳе мизоҷи лаим ба оризаи (бемории) тӯҳмати муруввват мубтало гардад, моддан надоматест мустаидди ҷӯшидан ва агар димоғи хасисро савдои эҳсон ба харош орад, сози расвоиест муҳайёи хурӯшидан. Тарашшӯҳи (қатрапошии) ҳезуми хомсӯз дӯкони нола кушуданаст ва арақ берун додани санг—чеҳра ба қир андудан.

## Ҳикоя ба тариқи мисол

Бараҳнапое—чун ашки мастон қатразани ҳавои шавқ ва чун нигоҳи бениёзон болафшони кайфиёти завқ—ҷодаи хаёле ба қадами бемуддаой мепаймуд ва дасти савдой ба коми бематлабӣ мефарсуд. Аз имтиёзи пасту баланд ба ворастагиҳои насим пеши пое намедид ва аз мавонеи (монеаҳои) хору хошок ба бепарвоиҳои шӯъла домане намекашид.

Ба ҳасаби (ба ҷиҳати) иттифоқи ҳамсафарӣ бозургоне обилавор чашм ба пояш дӯхта буд ва чароғи ҳайрате дар роҳи тамошо афрӯхта. Ҳар ҷо хоре маҳрами домони урьёнаш медид, ғайрати рафоқат гиребони ҳиммати хоҷа (бозургон) медарид ва ҳар куҷо обла сар аз пояш бармеовард, қатраи хуне дар дили хоҷа гирд мекард. Хорхори эҳсони мижгонҳо дар чашми муруввват шикаст ва иқтизои муруввват тӯҳмати имдоде ба дӯши тағофул барбаст—ба ҳукми зарурат кӯҳнакафше ба дарвеш дод ва бори миннати ҳазор аммома бар сараш ниҳод.

### Рубоӣ:

Сад нола ба хун кашад алампарварде,
То бар сари инсоф равад бедарде.
Мино чӣ қадар арза диҳад ранги шикаст,
То санг ба рӯи худ фишонад гарде.

Пас аз вуқӯи ин эҳсони ғариб ҳар гоҳ дарвеш қадам бар замин мегузошт, саропои хоҷа чун кафши нав фарьёд мебардошт, ки „соликони (равандагони) тариқи саломатро ба забти инон пардохтан (бо эҳтиёт қадам мондан) далели манозили қабул аст ва раҳнавардони водии наҷотро нафас шумурда задан—шоҳиди завобити (зобитаҳои) вусул", яъне бахьяи кафш чун хайри муқайядаш (некии башарташ) хандафу-

рӯши расвой нашавад ва чун эҳсони пушаймониунвонаш тухми надомат надаравад.

Дарвеш хар кадар раҳи эҳтиёт месупурд, хоча дар андеша ҳамон хуни бетоқати мехӯрд. Гоме (қадаме) чанд ба такаллуф нашумурда шаш чиҳаташ як кафши танг гардид ва чавлони шавқ ба вомондагии хоби по анчомид. То кафш ҳаволааш нанамуд (яъне то баргашта надод) аз заҳмати забонаш наёсуд.

**Рубоӣ:**

Эй раҳзани факрат мадади душману дӯст,
Миннат дами теғ аст, ҳама гар сари мӯст.
Бар шӯъла қадам зану мабар ҳасрати кафш,
К-ин облаат зи по бурун орад пӯст!

* * *

Сахо—нашъаест аз саҳбои хумистони мурувват, маҳол аст димоғи хушкмағзон судои хиссатро (дарди сари хасисиро) тарафи нисбат писандад ва карам ниҳолест аз ҳадиқаи (боғчаи) баҳористони футувват, мушкил ки дар шӯразори тинати бухл бори вуқӯъ бандад...

Ҳиммати арбоби сахо бо вучуди гаронбории асбоб поя ба пастӣ нарасонда, ки абр ҳар чанд шикам андозад, сина бар хок натвонад молид ва фитрати асҳоби бухл бо камоли касби озодӣ доман бар таалуқ наяфшонда, ки девор, агар ҳама сар ба гардун суда бошад, паҳлу аз замин натвонад дуздид... Тасаввури чин бар чабҳаи карим сурат набандад ва хаёли шукуфтагӣ бар рӯи лаим ҳаргиз наханлад...

**Назм:**

Зи табъи лаиомон карам хостан
Бувад чун вучуд аз адам хостан.
Зи оинаи абртимсоли гард
Тариҳои хуш аст нам хостан.
Зару киса ин чо ба ҳам дӯхтаст,
Зи моҳӣ нашояд дирам хостан.

Нони ин сахтикашон курси фӯлодест дандоншикан ва оби ин талхисириштон фишори назъе—заҳр дар гулӯафкан; тухме ки дар

мазраашон коранд, обилаест помоли ғубори берешагӣ ва сабзае, ки аз заминашон рӯяд—наштаре дар хуннишастаи юбусатпешагӣ; ҳарчанд нусхаи абр кушоянд, тарашшӯҳи сатрест ба ҷо афсурда ва агар ҳама ба чашмагӣ бароянд, таровиши (заҳиши) мавҷест хокхӯрда...

...Зиндагӣ дар ин табоеъ чун нумӯ дар санг помоли гаронҷонист ва сабукрӯҳӣ дар ин амзиҷа чун нашъа дар ток зермашқи саргаронӣ... Наштарро аз хуни афсурдаи ин бадрагон пой дар гил ва пайконро аз устухони мурдаи ин сахтҷонон обила дар дил. Аз ин муаззинён (озоррасонандагон) ба ҳаваси ҳаловат расидан—тирьёқ аз коми афъӣ кашиданаст ва аз ин хушкмазраон умеди сарсабзӣ доштан—пунба дар оташ коштан...

...То дар хасис асари муе пайдост, хор-хори ҳирс доми беихтиёрӣ чидааст, ва то дар панҷаи лаим гиреҳи ангуште боқист, умед аз кушоиш бурида... Аз ниҳояти дунҳимматӣ дуди оташи ин хонадон соявор фарши замингирист (яъне чизе дар хонаи худ намепазанд) ва аз ғояти тирадилӣ партави чароғи ин дудамон чун занги оина доғи зулматтаъмирӣ (яъне чароғ дарнамегиронанд). Чун санг оташ аз конун барнаёранд, то сарҳо ба оҳан накӯбанд ва чун шишаи соат (соати ригӣ) гарде берун надиҳанд, то хона ба вайронӣ нарӯбанд. Ба сифати занбӯр хар чи қай кунанд, захира шуморанд ва, ба кисвати кирми пилла, он чи пас афгананд, пеши рӯ бароранд...

Агар бар худ бибо634нд, яксар чун мӯ арзи касофати бадананд ва агар сар аз ҷайб бароранд—яккалам чун нохун боби гардан задан. То хоки ин тоифа аз бод асо нагирад, гарде аз эътибор наянгезанд ва то сари ин фирқа аз дор гардан вом накунад, ба нашъаи уруҷе (болоравӣ) наёвезад. Осори улвӣ хок гардид, то ин сифлаҳо ҷӯшиданд ва нашъаи фитрат (хилқат) ба дард анҷомид, то ин судоъҳо (дарди сарҳо) хурӯшиданд...

Агар сӯҳбатро муассир фаҳмидай, аз ин муханнасон (номардон) бигурез ва агар исматро (покиро) муғтанам (ғанимат) шинохтай, аз ин қаҳбагон бупарҳез. Хар чанд мӯҳтоҷ нестӣ, зиёрати каримонро эҳтиёҷи куллӣ шумор ва бо он ки сӯҳбати лаим зарур афтад, эҳтирозро (канорагириро) заруртар ангор, ки саодати назар бар рӯҳои шукуфта боз гардиданаст ва шақовати биниш—ранҷи чабинҳои турш кашидан.

Гуле ки ҳар соат ба ранги дигар шукуфад, панҷаи карим аст ва қуфле ки ҷуз ба шикастан рӯи кушоиш набинад—пешонии лаим...

**Маснави:**

...Нест дар иклими асрори тамиз,
Хуштар аз вазъи саховат ҳеҷ чиз.
Ҳамчунон ҷуз бухл, гоҳи имтиёз
Хиҷлатоҳангӣ надорад ҳеҷ соз.
Шаш ҷиҳат фарш аст меҳру кинаат,
То куҷо рӯ оварад оинаат:
Сӯи хиссат гар руҷӯъ овардаваст,
Бо ҳама некӣ бадат гул кардааст;
В-ар мукобил бо каримон гаштай,
Гар ҳама ғайрӣ, аз эшон гаштай.
То тавон аз сайри гулшан ранг бурд,
Пой дар гулхан чаро бояд фушурд?..

* * *

Мо дар охири намунаи асарҳои шоир, бар хилофи тартиби китоб, як ғазалеро, ки шоир дар вай ба тарзи мисол масъалаи аз маймун расида баромадани одамро кайд кардааст, накл мекунем.

Як-ду дам ҳангомаи ташвиши меҳру кина буд,
Ҳар чи дидам меҳмони хонаи оина буд.
Ибтизоли[1] боги имкон ранги гардидан надошт,
Ҳар гуле к-имсол омад дар назар—порина буд.
Хеҷ шакле бе ҳаюло кобили сурат нашуд.
Одамӣ ҳам пеш аз он к-одам шавад бӯзина буд.
Имтиҳон аҷноси бозори риё медод арз,
Ришҳо дидем бокиматтар аз пашмина буд.
Ҳар куҷо дидем сӯҳбатҳои гарми зоҳидон
Чун никоҳи духтари раз[2] дар шаби одина буд.
Хок шуд фитрат ба пастӣ, лек мижгон барнадошт,
В-арна аз мо то ба боми осмон як зина буд.

---

[1] Ибтизол—дар ин ҷо ба маънои нигоҳдорӣ.
[2] Духтари раз—шароб.

Тахтаи машқи ҳаводис кард моро оҷизи,
Захми дандон бештар вақфи лаби зерина буд.
Ҳар куҷо рафтем, Бедил, дарди мо пинҳон намонд,
Хиркаи дарвеши моро лахте аз дил пина буд[1].

*(„Ғазалиёт“, саҳифаи 160)*

---

[1] Пина — порчаи чизе ки дар ямоқи чизи даридае ба кор баранд.

# ХОТИМА

*„Ба хизматҳои таърихӣ на аз рӯи он баҳо дода мешавад, ки арбобони таърихӣ нисбат ба талаботи замони худ чӣ чизҳо надодаанд, балки аз рӯи он баҳо дода мешавад, ки онҳо нисбат ба пешгузаштагони худ чӣ чизҳои нав додаанд".*

*В. И. ЛЕНИН, Асарҳо, нашри 4, ҷилди II, саҳ. 166.*

Мо дар бобҳои гузаштаи ин китоб ба эҷодиёти Бедил хеле баҳои баланд додем, лекин ҳаминро бояд фаромӯш накард, ки баланд-мазмунии эҷодиёти Бедил нисбат ба замони худаш—нисбат ба Ҳиндустони нимаи дуюми асри XVII ва аввалҳои асри XVIII мебошад. Дар ҳақиқат шоир дар охирҳои умраш аз ҷиҳати нуқтаи назараш ба дин ва хурофотҳои динӣ, аз ҷиҳати муқобил истоданаш ба таклид, ҳал кардан хостанаш ҳар масъаларо аз нуқтаи назари ақл ва таҳқиқ, дар масъалаҳои хилқати олам ҳамаи рольро ба қувваҳои табиӣ супурданаш ва дар монанди ингуна масъалаҳои фалсафавӣ ба ҳаёт—ба ҳақиқат наздик шуда, аз ҳамватанони ҳамзамони худаш ва аз мутафаккирони олами Шарқи он замон бисьёр пеш рафтааст.

Инчунин ӯ аз ҷиҳати баҳо додан ба подшоҳон, ба синфи ҳоким ва ба уламои расмии мадрасаҳо хеле пеш рафтааст, ки мо дар қисми таҳлили эҷодиёт ва намунаҳои асарҳояш дар ин бора мисолҳои равшан ва сатираҳои пур аз захрхандаро дида гузаштем.

Бедил ба Ҳиндустони аз тарафи истисморгарон харобгардида ва аҳолиаш гадошудаи замони худаш низ баҳои бисьёр кӯтоҳ ва равшани ҳамафаҳм додааст. Ва ҳол он ки ҳамзамонони шоир Ҳиндустонро хазинаи сарват ва сомон медонистанд ва барои насиба гирифтан аз он „дастархони пурнеъмат" аз ҳар тарафи олами ислом ба он ҷо сафар мекарданд. Шоир дар достони таҳқиқкунандагони сарчашмаи оби Ганг („Ирфон" саҳифаҳои 83—94) бо киштӣ сафар кардани он таҳқиқкунандагонро тасвир мекунад. Вақте ки онҳо аз об ба хуш-

кӣ мебароянд, мардуми маҳаллӣ аз куҷо омаданашонро пурсуков мекунанд. Шоир он саволу ҷавобро чунон ифода мекунад, ки нуқтаи назараш ба Ҳиндустони онрӯза равшан маълум мегардад:

.... Ҳар ки пурсид:" „Аз куҷо пурсем?
В-аз чӣ шаҳру диёр вопурсем?"
Гирья гуфт: „Аз диёри бахтсиёҳ,
Яъне аз Ҳинд, дарди сар кӯтоҳ!"

Бо ҳамаи ин Бедил дар як қатор хусусиятҳо вобаста ба шароити таърихӣ ва фарзанди замони худ шуда мондааст. Мо дар ин бора аз эҷодиёти аввалиумрӣ ва ҷавониаш мисол намеорем, зеро, чунон ки дар қисмҳои тарҷимаи ҳол ва эҷодиёташ ботафсил баён карда шуд, шоир дар он вақт аз диндорӣ, аз дарвешӣ, маҷзубӣ ва аз маслаки суфизм ҳанӯз дур нарафта буд. Дар эҷодиёти худ аз ҷиҳати идея як қатор унсурҳои зидди якдигарро нигоҳ дошта мондани ӯ аз асари охириумриаш—„Ирфон" ҳам маълум аст.

Шоир дар ин достон мазмунҳои хеле баланди ҷамъиятӣ ва фалсафавиро бо истилоҳоти маълум ва машҳури суфизм баён мекунад ва дар баъзе ҷоҳо дар роҳи татбиқ кардани масъалаҳои хилқат ва табииёт бо асосҳои суфизм кӯшиш доштанаш маълум шуда меистад. Албатта ин ҳол аз муҳит ва замони худ тамоман берун рафта натавонистани муаллифро нишон медиҳад. Натиҷаи ҳамин ҳол аст, ки мо дар фикрҳои ӯ зиддиятҳоро мушоҳида мекунем.

Инчунин шоир дар масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ бо иборaҳои барҷаста ва образҳои равшан синфҳои ҳукмрон ва табақаҳои ҳокимро фош мекунад. Аммо дар қатори онгуна байтҳои олӣ байтеро ҳам менависад, ки дар вай ақидаи суфизм ифода меёбад. Чунончи, дар достони „Комде ва Мудан" дар вақти аз якдигар ҷудо шудани ин ду дилдода аз забони Мудан дар ҳаққи табақаи ҳукмрон мегӯяд:

... Ин чунунфитратони ғарраи ҷоҳ
Аз ҳавас бар ҳаво фиканда кулоҳ,
Ҳамчу шамъ аз димоғи пучхаёл
Огаҳӣ нестшон зи доғи маол;
Ба ғурури „сарӣ" дар ин бозор
Ғафлат аз халқашон кашида қанор;
Рӯзи эшон сиёҳ то нашавад,
Дида огоҳи пеши по нашавад,

Шамъро то садар намесоид,
Пеши по дар назар намеояд...“

Дар катори ин байтҳо мо байти зеринро ҳам мехонем:

„.. Мағз ку, то саре фуруд оранд?
Пеши иқболи дил сучуд оранд?“

Маънии ин байт ҳамин мешавад, ки агар он золимон ба дил рӯ меоварданд ва хоҳиши дилро мефаҳмиданд, гӯё он ҳама зулмро намекарданд. Ин байт аҳамияти мазмуни олии байтҳои болоро кам мекунад.

Инчунин шоир хеле ташбеҳҳои нав эҷод кардааст. Чунончи, печу тоби роҳҳоро ба шамшери ҷавҳардор монанд карда „... Печу тоби ҷодаҳо шамшери ҷавҳардор буд“ мегӯяд. Аммо дар ҷои дигар як образҳаро, ки ба роҳаш рост омадааст, ба „ақбаҳои қиёмат“ монанд карда: „...замини обкане рост омад—муваҳҳиштар (ваҳшатангезтар) аз ақаботи водии қиёмат“ мегӯяд, ки ин аз ақидаҳои динӣ тамоман канда нашуданашро нишон медиҳад. Ҳол он ки дар рубоиёт фикри худро дар бораи қиёмат бо мисъраҳои зерин ифода мекунад:

„Э мурдаи интизори маҳшар бурдан!
Ҳайф аст ба ҳар фасонаат хун хӯрдан!
Дар сурати офоқ назар кун, к-ин ҷо
Ҳар рӯз қиёмат асту ҳар шаб мурдан“.

Ин зиддият аст, лекин зиддиятест, ки аз шароити таърихӣ ба вуҷуд омадааст ва дар замони худ ингуна камбудиҳои худро барҳам додани шоир мумкин ҳам набуд.

Бедил дар бобати забон ҳам фарзанди содиқи замони худаш шуда мондааст. Маълум аст, ки аз охирҳои асри XV сар карда, дар наср ва баъдҳо дар назм иборахо ва ташбеҳҳои каснофаҳм ва ё душворфаҳм „санъат“ шуда монда буд. Адабиётшиносони феодалии он замонҳо баландии санъатро ба нисбати муғлақии тарзи ифодааш муайян мекарданд. Дар назм намояндагони ин тарз Урфии шерозӣ, Шавкати бухорой ва Носиралии сирҳиндӣ мебошанд.

Бедил, ки соҳибиктидортарини замони худ буд, услуби душвор-

аҳми забон, киноя ва истиораҳои печ дар печ, муболағаҳои аз ақл ируи ва монанди ин унсурҳои „санъати суханвари“-и замонашро ба чи аъло расонид. Азбаски ин услуб аз халқ дур буд, чунон ки дар исми эҷодиёташ қайд шуд, бо вуҷуди бисьёрии пайравон ва тақлид-оронаш умумӣ нашуд ва қобилияти умумӣ шудан надошт.

Ин нуктаро барои ҷавонон махсусан қайд кардан лозим аст, ки баъзе таъбирҳои сеҳркоронаи Бедил фирефта шуда, дар паи так-иди ӯ наафтанд ва забонро аз омма дур накунанд.

Бо ҳамаи ин осори Бедил аз ҷиҳати луғатҳои ҷудогона, ки му-офиқи лаҳҷаи оммаи тоҷикон аст, инчунин аз ҷиҳати баъзе калима-озиҳои мувофиқи қоида ва соддаи оммафаҳмаш қобили истифода ва абономӯзӣ мебошад.

Ин нуктаро ҳам қайд кардан лозим аст, ки дар плани таҳрири авалии ин китоб аз порчаҳои фалсафавии Бедил намунае додан ба азар гирифта шуда буд, аммо, аз он ҷо ки фаҳмидани масъалаҳои алсафавӣ тахассуси ҷудогона талаб мекард ва ин китоб барои омма шр мешавад, дар ин ҷо овардани онҳо муносиб дида нашуд.

— Дар охир ҳаминро гуфтан даркор аст, ки эҷодиёти Бедил монан-и як баҳр аст. Ин кори мо дар роҳи тадқиқи вай монанди он аст, касе бо завраке канорҳои осонгузари баҳрро сайр карда бошад. уруст тадқиқ намудан ва бо назари танқиди марксистӣ таҳлил карда ромадани эҷодиёти ин шоир ба монда нашуда меҳнат кардани ҷа-онони пурмаълумоти марксист мунтазир аст. Худи Бедил ҳам тадқиқ-унандагони эҷодиёти худро аз мушкилии ин кор бо байти зерин ешакӣ огоҳонидааст:

„Маънии баланди ~~ман~~ фаҳми тунд мехоҳад,
Сайри фикрам осон нест, кӯҳаму кӯтал дорам“.

*С. АЙНӢ.*

## МУНДАРИҶА

### *Қисми якум*

Муқаддима . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 5

I. Маълумоти мухтасар дар бораи замони Бедил . . . . . . . 9
II. Тарҷимаи ҳоли Бедил . . . . . . . . . . 25
III. Эҷодиёти Бедил . . . . . . . . . . . . 59
Муносибати эҷодиёт ва тафаккуроти Бедил ба давраҳои ҳаёташ. 97
Забон, услуб ва санъати шеърии Бедил . . . . . . 98
Мактаби Бедил дар услуби адабӣ . . . . . . . 107
Таъсири Бедил дар Осиёи Миёна . . . . . . 108
Нусхаи аслии куллиёти Бедил ва таҳрифи вай . . 110

### *Қисми дуюм*

(Намунаи асарҳои Бедил)

I. Аз „Ирфон“ . . . . . . . . . . . . 117
Достони Комде ва Мудан . . . . . . . . . . 117
Достони тафтиши манбаи оби Ганг ва „чашмаи чаннаг“ . . 155
Қиссаи подшоҳи золим, зани бордор ва марди бемор . . . 162
Ҳикоя дар бораи фазилати кор ва мазаммати бекорӣ . . . 175
Ҳикояи манзума дар бораи биҳишт ва деҳқонӣ (дар асоси мусоҳибаи подшоҳ ва вазир) . . . . . . . . . . 180
Дар хусуси пайдоиши ҷамъияти деҳқонӣ ва ташаккули салтанати феодалӣ . . . . . . . . . . . . . . 183
II. Аз ғазалиёт . . . . . . . . . . . . . 192
1. Эй хаёли қоматат оҳи заифонро асо . . . . . . —
2. Гаҳ аз мӯи миён шӯҳрат диҳад нозукхаёлиро . . . . 193

4. Агар ба гулшан зи ноз гардад қади баланди ту ҷилвафармо 193
5. Ҳусни шарм оина дорад рӯи тобони туро . . . . . . 194
6. Ҳар куҷо лаъли ту ранги ханда мастона рехт . . . —
7. Дорам зи нафас нола ки ҷаллоди ман ин аст . . . . 195
8. Зи ҳар мӯ дом бардӯшам, гирифтор инчунин бояд . . . 196
9. Хаёли хушнигоҳон боз бо шӯхӣ саре дорад . . . . —
10. Шаб ки тӯфонҷӯшии чашми тарам омад ба ёд . . . . 197
11. То машраби муҳаббат ранги вафо набошад . . . . —
12. Барои хотирам ғам офариданд , . . . . . . 198
13. Араҷолуд ҷамоле зи назар мегузарад . . . . . —
14. Баҳори умр ба субҳи дамида мемонад . . . . . . 199
15. Зи баъди мо на ғазал, на қасида мемонад . . . . . —
16. Рамзошнои маънӣ ҳар ҳирасар набошад . . . . . 200
17. Чашми ту ба ҳоли ман гар нимназар хандад . . . . 201
18. Наргисаш во мекунад тӯмори истиғнои ноз . . . . . —
19. Зиндагӣ маҳруми такрор асту бас . . . . . . . 202
20. Ба ранге яъс ҷӯшидаст бо дил . . . . . . . —
21. Қиёмат кард гул, дар пераҳан болиданат нозам . . . . 203
22. Далели корвони ашкам—оҳи сардро монам . . . . . —
23. Эй ҳузури мақдамат дар зиндагӣ бурҳони ман . . . . 204
24. Чунин куштаи ҳасрати кистам ман . . . . . . 205
25. Мавҷи хунам ҳар қадар тӯфоннамо хоҳад шудан . . . . —
26. Ба ту нақши суҳбати мо чӣ қадар баҷо нишаста . . . 206
27. Ба гулзоре ки он шӯхи чаманпайкар кунад бозӣ . . . . —
28. Ёд бод он к-аз табассум файзи оме доштӣ! . . . . . 207
29. Баҳор он дил, ки хун гардад ба савдои гули рӯе . . . 208
30. Фиғон доғдил шуд зи бедаступоӣ . . . . . . . —
31. Қадаҳ аз шавқи лаъли чашми беxоб аст пиндорӣ . . . 209
III. Аз мухаммасҳои Бедил . . . . . . . . . . 210
1. Ёрон, ҳаваси ишқи фусункор намонад . . . . . . —
2. Ҳайф аст гӯямат раҳи хуршеду моҳ гир . . . . . . 211
3. Не заргарӣ, на пешаи ҳаддод мекунам . . . . . . 212
IV. Аз рубоиёт . . . . . . . . . . . . . 214
V. Аз қасидаҳо . . . . . . . . . . . . . 235
1. Дар тасвири тулӯи офтоб, манзараи баҳор ва гулзор . . —
2. Дар радифи гул . . . . . . . . . . . . 238
3. Саводи аъзам . . . . . . . . . . . . . 239
4. Дар бораи инсон, натиҷа дар бораи эҷодиёти худ ва таъна бар шоирони тамаъкор . . . . . . . . . . . . . 242
5. Дар шикоят аз зулму бедоди замони худ . . . . . 245
6. Ба тарзи ғазал. Дар аёдати яке аз дӯстони бемори худ . . 247

7. Ба тарзи ғазал. Дар мавриди аз сафар бозомадани яке аз дӯстонаш 248
8. Боз дар ҳамон мавзӯъ . . . . . . . . . . . . —
VI. Аз қитъаҳо ва порчаҳои гуногунмавзӯъ . . . . . . . 250
1. Дар таърихи таваллуди худ . . . . . . . . . —
2. Дар таърихи вафоти Мирзо Қаландар . . . . . . . —
3. Дар ёди кишвари Биҳор . . . . . . . . . . 251
4. Дар шикоят аз баъзе ҳамзамонони худ . . . . . —
5. Дар таърихи вафоти Мирзо Зариф . . . . . . 252
6. Қитъа ба тарзи ғазал. Дар ёди рафиқони вафотьёфта. . . —
7. Маснавӣ дар тасвири шамшер . . . . . . . . 253
8. Маснавӣ дар мазаммат ва сарзаниши кимьёгарони хаёлӣ. . 254
9. Маснавӣ дар тасвири фил . . . . . . . . . . 255
10. Дар бораи нигоҳ доштани шарафи қавли худ . . . . 257
11. Дар ҳаҷви зоҳид . . . . . . . . . . . —
12. Дар ҳаҷви зоҳиди ришкалон . . . . . . . . . 258
13. Дар бораи ин ки инсони комил табъан шоир аст . . . 259
14. Дар бораи шоирони шоҳпараст . . . . . . . . 260
15. Қитъа дар бораи шоирони таммоъ . . . . . . . 261
16. Қитъа дар бораи зарур будани қобилият барои ҳар ҳунар. —
17. Қитъа дар бораи нагартофтани бори худ ба гардани дигарон. 262
18. Дар маросими ҳинобандии арӯс . . . . . . . . —
19. Маснавӣ дар тасвири сухан ва шеър . . . . . . 263
20. Қитъа дар бораи Атуб Чату ном рассом, ки расми шоирро кашида будааст . . . . . . . . . . . . —
21. Қитъа дар бораи ин ки инкишофи илм бе донишдӯстон мумкин нест . . . . . . . . . . . . . —
22. Рубоӣ дар бораи ин ки одами зинда бояд дар байни халқ бошад 264
23. Ҳикояи манзума . . . . . . . . . . . . —
24. Маснавӣ дар тасвири баҳор . . . . . . . . . 265
25. Маснавӣ дар бораи ишқ ва ошиқии замони худаш . . . 266
VII. Порчаҳо аз асарҳои насри Бедил . . . . . . . . 268
Ба диққати хонандагон . . . . . . . . . . —
1. Порчаҳое ки ба тарҷимаи ҳол ва ёддоштҳои муаллиф оиданд 269
Ёддошти муаллиф дар бораи амаки худ Мирзо Қаландар . . . 272
Дар бораи аввалин бор шеър гуфтани худ . . . . . . 278
Тасвири ҳавзи Рони Согир ва бадеҳагӯии шоир дар як ҷашни Мирзо Қаландар . . . . . . . . . . . . . 281
Зикри баъзе мулоқотҳои муаллиф . . . . . . . . 384
Дар бораи чандин рӯз гуруснагӣ кашидани худ . . . . 290
Дар бораи ба як сафари аскарӣ ҳамроҳӣ кардани худаш . . 292
Дар бораи як сафари пиёдаи худ ва ёни як шахси номаълум . 305
Дар бораи сафари худ аз Митҳаро ба Деҳлӣ ва иҳтилоли аҳолии музофоти Деҳлӣ . . . . . . . . . . . 313

Порчаҳо аз таълимоти ахлоқӣ ва ҷамъиятии Бедил . . . 324
Дар бораи фазилати карам . . . . . . . . . . —
Ҳикоят ба тариқи мисол . . . . . . . . . . 325
Ҳикоя ба тариқи мисол . . . . . . . . . 328
Хотима. . . . . . . . . . . . . 333

---

180117

*С. Айни*

**МИРЗО АБДУЛКАДЫР БЕДИЛЬ**

**(на таджикском языке)**

Муҳаррирон *А. Мирзоев* ва *А. Деҳотӣ*

Муҳаррири техникӣ *С. Девятов*

Корректор *Ҳ. Аминов*

Ба чопаш имзо карда шуд 20|XI-1953. КЛ 02840. Ҷузъи чопӣ 24,86.
Формати коғаз 70X92|$_{16}$ Тираж 5000. Заказ № 214.
**Нархаш [redacted] бо муқоваи ледеринӣ [redacted]**

Сталинобод. Комбинати полиграфӣ.

| Сахифа | Сатр | Чоп шудааст | Хонда шавад |
|---|---|---|---|
| 23 | 8 аз боло | мустамликачи-ён, | мустамликачиё-ни |
| 33 | 2 аз поён | нукта | нукта |
| 34 | 1 аз боло | махсусан | махсуси |
| 46 | 7 „ | маовинати | муовинати |
| 47 | 15 аз поён | машхур | махшур |
| 48 | 9 аз поён | амин | амим |
| „ | 7 „ | фирка | фикра |
| 49 | 6 аз боло | махфилиорз ўро | махфили орзуро |
| 93 | 3 аз поён | назария | афсона |
| 123 | 20 аз боло | Чунбони анйа | Чун найанбон |
| 123 | 7 аз поён | чалочули | чалочили |
| 127 | 2 аз поён | чанг | чанг |
| 138 | 11 „ | надонат | надомат |
| 142 | 16 „ | ууюре | туюре |
| 143 | 17 „ | ахди | ахли |
| 144 | 4 аз боло | бехудоён | бехудон |
| „ | 5 „ | обод | олоб |
| 147 | 23 „ | пар | сипар |
| 160 | 15 аз поён | одам | адам |
| 162 | 2 аз боло | нозиктар | нозуктар |
| 181 | 19 аз боло | анфуси | анфусу |
| 184 | 13 аз боло | кишгзор | киштзори |
| 190 | 6 аз поён | даст | дасти |
| 202 | 14 „ | бо | ба |
| 217 | 9 аз боло | номи ту | нони ту |
| 240 | 17 аз поён | паркор | паргор |
| 253 | 18 аз боло | зи гардан | ба гардан |
| 271 | 1 „ | чидди чахд | чидду чахд |
| 276 | 8 „ | илму дабистони | илми адабистони |
| 279 | 12 аз поён | ин бисоти | инбисот |
| 279 | 7 аз боло | ба домани | доман ба |
| 280 | 4 „ | шамъи | шамъу |
| 285 | 19 „ | камом | камон |
| 289 | 3 „ | камол маънав-шумор | камоли маъна-вй шумор |
| 297 | 5 аз поён | хомдими | ходими |
| 299 | 12 аз боло | тахкир | тахкики |
| 323 | 14 аз поён | ризои | ризо |
| 325 | 5 аз боло | лаин | лаим |
| 335 | 2 аз поён | сирхиндй | сархиндй |

№ 214–5000.